ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

А Б Д У Ғ А Н Ӣ   М А М А Д А З И М О В

# ҶАҲОНИ ТОҶИКОН
# КИТОБИ ЯКУМ
# СТРАТЕГИЯИ СОМОНИЁН

Зери назари
профессор Қобилҷон Хушвахтзода

ДУШАНБЕ-2022

ББК 63,3 (тадж) = 63,5 92 тадж)+26,89 92 тадж)+ 92 Я 2
М-22
УДК Тадж:9 (575,3) + 39 +008+398 (575,3)

Монография аз ҷониби Шӯрои илмию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои нашр тавсия дода мешавад (ҷаласа аз 26.02.2022 № 5/4)

Муқарризон: профессори ДМТ Дилшод Ҳомидов
досенти ДДОТ Сайнак Сайнаков
досенти ДМТ Фарҳод Розиқов

Муҳаррири масъул – фарҳангшинос Шамсиддин Орумбекзода

**Абдуғанӣ Мамадазимов. Ҷаҳони Тоҷикон. Китоби I. Стратегияи Сомониён**.– Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022– 384. с. (бо харитаҳо)

Дар монография раванди таҳияи стратегияи Сомониён «Ҷаҳони Тоҷикон», накш ва ҷойгоҳи фарзандони халқи тоҷик (аз Бармакиён то Сомониён) дар коркарди он, инчунин сохтори ин стратегия ва ҷузъҳои ҳамбастагии қисмҳои таркибии он бо якдигар таҳлил гардидааст. Он раванди паҳн кардани ин стратегияро дар саросари ҷаҳон аз ҷониби давлатҳои ворисi давлати Сомониён то замони Нав низ баррасӣ мекунад. Монография барои доираи васеъ, ки ба таърихи пурифтихору бостонӣ, фарҳанги ғании халқи тоҷик ва гузаштагони пуршарафи онҳо марок доранд, пешниҳод мегардад.

ISBN 978-99985-969-1-7

**© Мамадазимов А., 2022**

Мундариҷа

Пешгуфтор……………………………………………………...........…4
Муқаддима………………………………………………….........…9
**Боби I. Омода намудани замина барои таҳияи стратегияи Сомониён**
1.1.Абумуслим – ҷанговари дин ва меҳанпарасти Хуросон................21
1. 2. Бармакиён дар Бағдод......…………………………….................31
1.3. Муқовимати Суғд……………………………………… .........41
1.4. Академияи халифа Маъмун дар Марв ……………………...........57
1.5. Тоҳириён: аз дастгирии хилофат то истиқлолият.........................61
1.6. Фаъолияти амирони Сомониён оид ба коркарди стратегия…......70
1.7. Этногенези халқи тоҷик дар таркиби давлати Сомониён……....93
**Боби II. Сохтори стратегияи Сомониён**
2.1. Мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони расмии давлат…..........109
2.2. Тақвияти ҳокимияти дунявии амир (султон) дар ҷаҳони ислом122
2.3. Тақвияти мақоми вазири бузург ва «девони вазирон» ҳамчун шакли мувофиқи идоракунии ҳукумат.......................................132
2.4. Паҳн кардани мазҳаби ҳанафии исломи суннитабор дар ҷаҳони ислом.........................................................................................148
2.5. Пешбурди сиёсати «синтези тоҷику турк» аз ҷониби давлати Сомониён ..........................................................................................164
2.6.Такмили амалияи сарпарастӣ аз болои «аҳли қалам».................176
2.7. Сарпарасти Сомониён ба Шоҳроҳи  Абрешим…………….....…203
**Боби III. Паҳнкунии стратегияи Сомониён дар саросари ҷаҳон**
3.1. Стратегияи Сомониён аз Гурганҷ то Гургон…………………..… 221
3.2. Ғазнавиён ва Қарахониён – пайравони содиқи Сомониён........…226
3.3. Салчуқиён – шогирдони серғайрати Сомониён..........................250
3.4. Ғӯриён – «шарикони хурд»-и Сомониён дар паҳн намудани стратегияи «Ҷаҳони Тоҷикон» .................................................277
3.5. Салтанати Бангола ва Қуния ҳамчун ду қутби ҳавзаи паҳншавии «Ҷаҳони Тоҷикон" ……………………………...................……298
3.6. Чингизиёни бодиянишин зери таъсири стратегияи Сомониён....312
3.7.Темуриён ҳамчун ворисони маърифатноки стратегияи Сомониён.........................................................................................343
Хулоса.................................................................................................358
Адабиёт..............................................................................................364

# ПЕШГУФТОР

Дар Паёми пурмуҳтавои соли 2019 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати омӯзиши ҳаматарафаи мероси фарҳангиву илмиро алоҳида таъкид намуданд. Ин Паёми Сарвари давлат дастуру сармашқи кулли зиёиёни кишвар буда, моро водор менамояд, ки дар ин самт фаъолияти худро дучандон тақвият бахшем.

Дар радифи ҳамин сиёсати тамаддунофари роҳбари давлат олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси машварати илмии роҳбарияти Вазорати маориф ва илми кишвар ва донишгоҳ як силсила лоиҳаҳои илмиро амалӣ карда истодаанд. Яке аз лоиҳаҳои илмии умедбахши донишгоҳ ва вазорат ин ҷустуҷӯ ва ҷобаҷо гузоштани мероси хаттии ниёгон буда, аз халиҷи Бангола то гулугоҳи Босфорро фаро гирифтааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар давраи давлати Сомониён халқи тоҷик раванди ташаккулёбии худро бо мувофаққият ба итмом расонида, дар адабиёт ва илмҳои гуногуни ҷаҳон ба дастовардҳои беназир ноил шуд. Ин дастовардҳо на танҳо ҷаҳони исломро фаро гирифт, балки ба тамаддуни ҷаҳонӣ низ ҳиссаи назарраси худро гузошт. Имрӯзҳо ин омил чун «ренессанси исломӣ» ба ҷаҳониён маълуму машҳур мебошад. Таҳқиқотҳои солҳои охири олимони ҷаҳон нишон дод, ки ҳиссаи бузурги ин «эҳёи тамаддуни исломӣ»-ро намояндагони минтақаи Вароруд ва Хуросон, ки аксарашон тоҷикон буданд, бунёд гузоштанд.

Ин раванди тамаддунофарӣ аз вазирони бузурги хилофати Аббосиён -Бармакиён оғоз ёфта, дар давраи даҳ амирони соҳибтамуддуни Сомониён ба нуқтаи олии худ расид. Ин гуфтаҳо дар ғояи «Буи ҷуи Мулиён»-и устод Рудакӣ, «Ал-Қонун»-и Ибн Сино, «Шоҳнома»-и безаволи устод Фирдавсӣ, алгебраи Хоразмӣ, ихтирои астролябияи Абу Маҳмуд Хуҷандӣ, «Таърихи Табарӣ», асари

«Ҳиндустон»-и Берунӣ ва садҳо беҳтарин намунаҳои илму фанҳои гуногунро дарбар мегиранд, бо ифтихор номбар кардан мумкин.

Таҳлилҳои таърихиву муқоисавӣ ва мундараҷавии (контент-анализ) мо нишон дод, ки дар ин «ренессанси исломӣ», хишти аввалини онро сулолаи бузурги вазирони Бармакиён гузошта ва девори бузурги онро амирони Оли Сомон бардоштанд, ки он дар фаъолияти фарҳангии ҳар як сулолаи баъдӣ (аз Ғазнавиён то Манғитиён) мояи ифтихор будааст. Албатта, ин машғулияти тамаддунофари Бармакиён-Тоҳириён-Сомониён бенизом набуда, балки дар асоси як ғояи хеле қавӣ дар таи 200 сол амалӣ гардидааст, ки маҳсули он то оғози асри XX ҳифз шудааст. Меҳвари ин ғояи бунёдӣ - ҳифзи забони модарӣ- тоҷикӣ аз фишори забонҳои арабӣ ва туркӣ буда, онро Сомониён ва пешрафтагони онҳо муваффақона иҷро намуданд. Амалигардонидани ин сиёсат бе коркарди як стратегияи қавӣ ғайриимкон буд.

Баъди давлати Сомониён ин стратегияи мушаххас, асосан, анъанаҳои хуби дастгирии аҳли илму маърифат аз тарафи меросхурони наздик ва дури онҳо (Ғазнавиён, Салҷуқиён, Ғуриён, султонҳои Деҳлӣ ва Бангола, Темуриён, Усмониён ва дигарон) идома ёфтанд. Сабаби асосии садсолаҳо идома ёфтани ин таҷрибаи беназири тамаддуни ҷаҳонӣ дар идома ёфтани истифодаи забони тоҷикӣ дар забони идораи он давлатҳо ба шумор меравад. Ин анъанаҳои фарҳангдӯстӣ дар баъзе аз давлатҳои Осиё то замони нав идома ёфт. Ворид гардидани аврупоиён ба кишварҳои Осиё ба давом ёфтани ин анъана монеъгии сахт эҷод намуданд ва анъанаҳои тоҷикӣ бо сиёсати русҳо ва англисҳо иваз карда шуд.

Вазъият то ба он ҷо расид, ки олимони Аврупо имрӯз оиди фарҳанги гумшудаи Осиёи Марказӣ, ки ҳазор сол яке аз пешқадамтарин минтақаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафт, сухан меронанд. Яке аз пешқадамтарин мутахассисони муосири Амрико оид ба Осиёи Марказӣ профессор Фредерик Старр дар китоби нави худ «Маорифи

гумшуда. Давраи тиллои Осиёи Марказӣ аз истилои араб то давраи Темуриён» (Москва, 2017) дастовардҳои ин давраи дар ҳақиқат беҳтарини минтақаи моро холисона таҳқиқ менамояд. Лекин ин олими амрикоӣ дар фишурдаи (аннотатсияи) ин китоби илмиву таҳлилии худ бо таассуф таъкид менамояд, ки «имрӯзҳо Осиёи Марказӣ дар назари ҷаҳониён- якчанд ҷумҳуриҳои камбизоати дар як гушаи замини аз назари Офаридгор дурмонда, ки фарҳанги камранг доранд». Албатта, чунин баҳогузорӣ ба минтақаи мо, ки асоси фарҳангдории онро, асосан, ниёгони мо таъмин менамуданд, ба ҳақиқати таърих рост намеояд.

Барои амалӣ гардонидани нуктаҳои Паём ва дастурҳои Пешвои миллат олимони кафедраи минтақашиносии хориҷӣ дар дохили дигар сохторҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ саҳми муносиб доранд. Дар хориҷи кишвар, асосан, дар Ҳиндустон, Туркия, кишварҳои Кафқоз, Муғулистон, Чин ва дигар кишварҳои ҷаҳон намунаҳои адабиёти бисёрсоҳаи ниёгони мо (бо забони тоҷикӣ) хеле зиёд буда, мавриди омӯзиши ҳаматарафаи онҳо, баргардонидани нусхаҳои онҳо ва ба манзури хонандаи тоҷик гузоштани онҳо фаро расидааст. Олимони тоҷик ба назари профессор Фредерик Старр оид «маорифи гумшуда»- и кишвар ва минтақа розӣ шуда наметавонанд, танҳо «парокандагии» онро дар қаламрави кишварҳои гуногуни ҷаҳон эътироф намуда, ба баргардонидан ва шиносоӣ бо мундариҷаи пурмуҳтавои он шурӯъ намуданд.

Як гуруҳ олимони тоҷик аз Донишгоҳи миллӣ, Академияи миллии илмҳои кишвар ва Донишгоҳи санъат ва фарҳанг дар оғози соли 2020 ба марказҳои илмии Ҳиндустон сафар намуда, бо китобхона ва ганҷинаҳои китобдории он шинос шуданд. Нахустин натиҷаҳои таҳқиқотҳои саҳроии мо бениҳоят ҷолиб буд. Маълум гардид, ки миқдори дастхатҳои тоҷикии ниёгони мо дар ин кишвари бузург, аз назари мо, аз маҷмуи дастхатҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон чанд маротиба бештар мебошад. Барои ҳамин мо дар

асоси сарчашмаҳои таърихиву фарҳангӣ ҳавзаи эҷодии ниёгонро, ки барои идораи давлатҳои гуногуни Ҳиндустон аз Вароруд омаданд, ба се ҳавза: ҳавзаи Деҳлӣ, Бангола ва Панҷоб тақсим намуда, омӯзиши худро аз дуртарин ҳавзаи эҷодии ниёгон - Бангола, ки дар соҳили халиҷи Бангола ҷойгир аст, шурӯъ намудем. Ҳар як таҳқиқоти мо натиҷаи ғайричашмдошту пурмаҳсул буд:

1. Аз соли 1204 то соли 1837 дар қаламрави салтанати Бангола забони тоҷикӣ қариб 635 сол вазифаи забони давлатиро иҷро менамуд. Танҳо соли 1837 аз тарафи англисҳо, ки аллакай 70 сол (аз с. 1757) ин вилояти пешрафтаи Ҳиндустонро идора мекарданд, забони тоҷикӣ ба забони онҳо иваз карда шуд. Барои ҳамин асарҳои забони тоҷикӣ дар ин ҷо хеле зиёд аст, лекин ҳолати нигаҳдории онҳо беҳбудии ҷиддиро тақозо мекунад;
2. Аввалин чопи сангии дастхатҳои тоҷикӣ (дарӣ-форсӣ) дар чопхонаҳои муосири шаҳри Калкутта амалӣ шуда, ба китобхонаҳои ҷаҳон паҳн шудааст;
3. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар ҷаҳон дар шаҳри Калкутта аз тарафи маорифпарвари ҳиндутабор Раҷа Ром ба номи «Мират- ал-ахбор» солҳои 1823-1824 аз чоп баромада, ба мавзуоти мубрами онвақтаи Ҳиндустон бахшида шудааст;
4. Дар шаҳри Калкутта ду маркази илмӣ фаъолияти пурмаҳсул доранд, ки яке –“Ҷамъиятӣ Осиёгӣ” (Asiatic Society), ки аз с. 1787 фаъолият дорад, дар баробари ҳифзи дастхатҳои нодир (хатти Канишка, шоҳаншоҳи Кушониён) боз дорои дастхатҳои нодир ба забони тоҷикӣ мебошад. Дуюмин марказ- «Ҷамъияти эронӣ» (Iranian Society), ки аз с. 1944 фаъолият дошта, дорои китобхонаи нодири дастхатҳои тоҷикӣ ва маҷаллаи илмӣ «Индо-ираника» мебошад.
5. Шумораи шоирон ва мутафаккирони тоҷик дар Бангола ва тамоми Ҳиндустон ҳамон қадар зиёд шудааст, ки коршиноси

ҳиндутабор Дас бо тахаллуси «Хушгӯ» китоби сеҷилдии худро «Сафинаи Хушгӯ» бо феҳристи ному насаби зиёда аз 1400 нафари онҳо бо намунаи ашъорашон таълиф кардааст. Ҳолатҳое зиёданд, ки зиёиёни ҳиндутабор аз назми тоҷик ба ваҷд омада, ҳатто ба ин забон шеърҳо эҷод намудаанд.

Ҳайати гуруҳи илмии Донишгоҳи миллӣ ва Академияи миллии илмҳо бо натиҷаҳои назаррас аз Ҳиндустон бо нусхаҳои 43 дастхатҳои нодир, ки аз он 10 номгуи адабиёти авастоӣ ва номгуи 9 852 дастхатти тоҷикӣ, ки дар 20 феҳристи донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ ҷамъоварӣ шудааст, баргашт.

Имрӯзҳо тибқи дастгирии роҳбарияти Вазорати маориф ва илм ва Донишгоҳи миллӣ бунёди «Китобхонаи дастхатҳои ниёгони бурунмарзӣ» ба анҷом расидааст. Аллакай як қисми дастхатҳоро чун корҳои пажӯҳишӣ муҳаққиқони марказҳои илмии кишвар омӯхта истодаанд.

Нахустин таҳқиқотҳои саҳроии мо нишон дод, ки амирони дурандеши Сомониён як стратегияи мукаммалро коркард ва васеъ паҳн кардаанд, ки насли муосир онро бояд ҳаматарафа омӯхта, ба ҷаҳониён пешкаш намояд.

Ин китоби досенти ДМТ Абдуғанӣ Мамадазимов «Ҷаҳони тоҷикон. Китоби I. Стратегияи Сомониён» натиҷагирии нахустин аз ҳамин таҳқиқотҳои устодони Донишгоҳи миллӣ буда, шуморо ба шиносоии консепсияи «Ҷаҳони бози тоҷикон» даъват менамояд.

**Қобилҷон Хушвахтзода,**
**профессор, ректори ДМТ**

# МУҚАДДИМА

Яке аз қадимтарин халқҳои на танҳо Шарқ, балки тамоми ҷаҳон, миллати тоҷик ва гузаштагони он дар ташаккул ва рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Ин ҳолат масъалаи бозгашти доимӣ ва хастанопазир ба ин мавзуъ барои пайдо кардани ҷанбаи нави ин саҳм ё бознигарии ин ё он ҷанбаи омӯхташудаи таърих ва фарҳанги чандинасраи халқи тоҷикро аз назари муносибати нав ё методологияи нав тақозо дорад.

Пешрафти босуръати илм ва техника дар охири асри XX ва аввали асри XXI бардоштани пардаи норавшаниро аз баъзе «нуқтаҳои» таърих, ки дар гузашта омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳоро намегузоштанд, тақозо менамояд. Зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи мероси бузурги таърихиву фарҳангии халқи тоҷик ва гузаштагони он низ ба андозаи зиёд аз ба даст овардани истиқлоли сиёсии он вобаста аст. Соҳибихтиёрии давлатии халқи тоҷик, ки ба даст овардани он пас аз танаффуси ҳазорсола, аз ҷумла масъалаи бозгашт ба ташаккулли муҳимтарин пояҳои бунёдии давлатдории этникии тоҷикон, ки дастовардҳои гузаштагонашон дар сиёсат, муносибатҳои байналмилалӣ (дипломатия), иқтисод ва соҳаи маънавиро дар бар мегирад, боз муҳимтар менамояд.

Таъсисёбии панҷ ҷумҳурии мустақили минтақа на танҳо симои геополитикӣ ва геоиқтисодии Осиёи Марказӣ, балки тамоми Авруосиёи паҳноварро ба куллӣ тағйир дод. Дар таҳкурсии пурқудрати шимоли Авруосиёи муосир (аз замонҳои қадим) нахустин қабати мустаҳками онро, бешубҳа, ниёгони мо (ориёиҳо) – сакоиҳо, суғдиён, бохтариён, хоразмиён ва монанди инҳо ташкил медиҳанд, ки дар охири ҳазораи II пеш аз милод аз меҳвари ҳиндуаврупоии худ ҷудо шуда, ба ҷанубу шарқ кӯч бастанд.

«Достони ҷуғрофӣ»-и Авасто бори аввал дар ҷаҳони қадим тасвири ташаккулёбии «минтақабандии воҳагӣ» на танҳо халқҳои Осиёи Марказӣ, балки минтақаҳои ҳамсояи Авруосиёро низ тасвир намудааст, ки бо баъзе тағйиру дигаргуниҳо то замони мо расидааст.

Ҳамосаи «Шоҳнома» бошад, на танҳо муқовимати афсонавии Эрону Турон (Осиёи Марказии қадим), балки ташаккули давлатҳои пешрафтаи минтақаро, тарз ва соҳаҳои зиндагии хонаводаҳои ҳам бодиянишин ва ҳам бумиро хуб тасвир менамояд.

Геродот дар «Таърих»-и худ аз тамоми дунёи қадим на танҳо дар бораи Эрон, ки ба самти баҳри Миёназамин ҳаракати пурқудрати худро оғоз карда буд, хабар медиҳад, инчунин доир ба минтақаҳои шарқии он (Суғд, Бохтар, Хоразм ва дигарон), ки он замон бо Ҳиндустону Чин робитаҳои бисёрҷониба доштанд, иттилоъ медиҳад.

Юришҳои шарқии Искандари Мақдунӣ ва оғози фаъолияти Шоҳроҳи Абрешим (охири асри II пеш аз милод) ниҳоят Турон-Варорӯд (Байнннаҳрайни Осиёи Марказӣ)-ро аз «соя»-и таърихи ҷаҳонӣ берун овард.

Ба андешаи мо, яке аз омилҳои асосии дар кунҷи таърихи ҷаҳонӣ мондани Варорӯд (арабӣ «Мовароуннаҳр»- «он сӯйи дарё») на мавқеи ҷуғрофии он (Осиёи Марказӣ–“Хартланди” Авруосиё), балки анъанаи зардуштӣ дар бораи «моҳияти аҳриманӣ (бад)»-и хат ва интиқоли шифоҳии иттилоот мебошад.

Маълум аст, ки таърихи хат (навиштаҷот) бо таърихи халқҳо ва тамаддунҳо пайванди ногусастанӣ дорад. Маҳз дараҷаи рушди хат муайян карда метавонад, ки кадоме аз халқҳо ба тамаддунҳои қадимӣ мубаддал гаштанд ва кадомашон ба фаромӯшӣ рафта, дар уқёнуси таърихи ҷаҳонӣ ғарқ шуданд, чунки натавонистанд генофонди фарҳангии худро ҳифз намоянд ва маъбади маънавию тамаддуни худро ба наслҳои оянда интиқол диҳанд.

Ихтирои хат яке аз кашфиётҳои муҳимтарини бунёдӣ дар роҳи дарозмуддати тадриҷии (эволютсияи) башарият ба ҳисоб меравад. Дар робита бо ин аҳамияти таърихии ҷаҳонии хатро бо ихтирои оташ ё ихтирои чарх муқоиса кардан  мумкин аст. Бо вуҷуди ин, гузаштагони пуршарафи мо (ориёиҳо), ки ба  ихтирои чарх даъво доранд, дар ин соҳаи муҳимтарини ҳаёти инсон (нақши хат) роҳи ғайрифаъол, яъне интиқоли шифоҳии иттилоотро интихоб карданд. Маздоизм ва шохаи ислоҳшудаи он – анъанаи зардуштия ба хат ҳамчун «офариниши шариронаи аҳриманӣ» муроҷиат карда, ҳифз, дарҷ ва интиқоли тамоми бағоҷи азими ин тамаддуни асилро барои интиқоли шифоҳии он ба наслҳои баъдӣ вогузор кардааст. Бешубҳа, интиқоли шифоҳии иттилоот бартариҳои (мазҳабӣ ва маросимӣ) дошт, аммо тавсифи ҳам ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳам корҳои давлатҳои ҷаҳони зардуштӣ, дар интиқоли шифоҳӣ барои наслҳои баъдӣ мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд овард.

Ин  мушкилоти асосии зардуштия бо пайдоиши дини нав – дини Ислом дар Арабистон ва интиқоли он ба минтақаи мо бардошта шуд, ки он ба ҳама «халқҳои китоб»-и ҷаҳон, аз ҷумла ба гузаштагони халқи тоҷик (дорандаи «Авесто»-и муқаддас) рабт дорад ва паҳншавии он дар тамоми Хуросон ва Варорӯд, намуди маънавии онҳоро ба куллӣ тағйир дод.

Гузаштагони халқи тоҷик ва қабилаҳои гуногуни туркӣ, ки бо онҳо ҳамзистӣ доштанд, қабл  аз Ислом динҳо ва ақидаҳои гуногунро, ки дар Турон ва Хуросон пайдо ё дар масири Шоҳроҳи Абрешим паҳн шуда буд, аз худ карданд. Онҳо дар ҳар ду ҳолат бо дину оинҳои нав бо шавқ шинос мешуданд ё онҳоро ҳамаҷониба меомӯхтанд. Дар ин ҷо, дар муқоиса бо Эрони сосонӣ, ки ба зардуштия мақоми дини давлатӣ дода буд, гуногуншаклии (плюрализми) динӣ ҳукмфармо буд.

Гузаштагони тоҷикон, ба монанди дигар халқҳои Осиёи Марказӣ, барои ҷаҳоне, ки онҳоро иҳота мекард, боз  буданд ва ҳама

чизи навро бидуни ҳарос истиқбол мегирифтанд, зеро тиҷорати байналмилалӣ ва гуногуншаклии динӣ онҳоро ҷонибдори озодиву мубодилаи ошкорои ғояҳо ва арзишҳои нав гардонида буд. Онҳо зирак буданд ва ҳама гуна тағйиротро як чизи муқаррарӣ меҳисобиданд ва интихоби эътиқоди муносиб дошта, ҷабҳаҳои ҷолиби динҳои гуногунро ба синкретизми ғайричашмдошт ва аслӣ омезиш медоданд.

Бо мақсади мутобиқ сохтани динҳои гуногун ё ғояҳои нав, ки ба соҳаи дидгоҳи онҳо дохил мешаванд, гузаштагони халқи тоҷик устодони рамзгузорӣ, таҳлил, таҳрир ва шарҳи китобҳои муқаддаси ҳар як дини наве шуданд, ки дар Варорӯд, Хуросон ё дар хатсайрҳои Шоҳроҳи Абрешим (зардуштия, буддоӣ, масеҳӣ, мония, яҳудия, тенгриёнӣ ва ғ.) паҳн шуда буд.

Зардуштия дар муҳити худи ниёгони мо ба вуҷуд омадааст, ки нуктаҳои асосии онро худи зиёиён, ки аз байни ин халқ баромадаанд, таҳия намудаанд. Онҳо, инчунин, бо матнҳо ва дастхатҳои юнонӣ дар бораи дин, фалсафа пас аз лашкаркашии Искандари Мақдунӣ дар давраи ба истилоҳ эллинистӣ сару кор гирифта, хатти бохтарӣ-юнониро эҷод карданд. Дар мавриди дини буддоӣ тоҷирони буддоии суғдӣ, интиқолдиҳандагони асосии матнҳои муқаддаси онҳо аз Ҳиндустон ба Чин буданд ва ҳамзамон асарҳои асосии онҳоро таҳрир ва тарҷума мекарданд.

Ҳамин тариқ, ҳаёти мазҳабӣ ва фалсафии ниёгони халқи тоҷик ба дараҷае пур ва дар пояи баланде буд, ки онҳо дар раванди ҷорӣ ва паҳн кардани дини нав – ислом на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар ҷаҳони исломӣ (аз ҷумла Шарқи Наздик) бе ягон мушкилӣ ва фаъолона шомил шуданд. Худи раванди ҷамъоварии гуфтаҳо ва аъмол (ҳадисҳо)-и Паёмбари аъзами Ислом аз ҷониби фарзандони беҳтарини халқи тоҷик аз анъанаҳои ғании ин мардум дар рамзгузорӣ ва ба низом даровардани ақидаҳои динию фалсафӣ ва ба ҳаёти воқеӣ мутобиқ шудани онҳо шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ,

онҳо на танҳо дар ташаккул ва таҳкими ислом ва фарҳанги мусулмонӣ дар ҳудудҳои васеъ саҳми назаррас гузоштанд, балки роҳи инкишофи худро дар қалби ин дин дар шакли ҳисси амалии ҳанафии суннитабор низ таҳия карданд.

Дар мундариҷаи ин монография бояд ду вижагии муҳимро таъкид кард:

Якум, дар муқоиса бо бисёре аз таҳқиқот дар бораи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик, ки дар равиши форматсионӣ (марксистӣ) истода буданд, вақте давраи таърихи инсоният тавассути ивазкунии бешубҳа ва зиддияти оштинопазири намудҳои муносибатҳои истеҳсолӣ тавсиф карда мешавад (сохти ибтидоӣ-ғуломдорӣ-феодалӣ-капиталистӣ-коммунистӣ), ин монография ба равияи тамаддунӣ (зардуштия-ислом-дунявият) барои тавсифи таърихи чандинасраи халқи тоҷик асос ёфтааст.

Ба ҳама маълум аст, ки ҳатто асосгузори марксизм Карл Маркс аз номувофиқии муносибати худ барои таърихи Шарқ, тавсифи равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ барои Шарқ огоҳ буд ва барои таҳқиқи равандҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ аз консепсияи норавшани «тарзи истеҳсолоти осиёгӣ» истифода мекард[1]. Баъдтар, барои ҷомеаҳои шарқӣ, муҳаққиқи рус Л.С.Василев мафҳуми «ҳокимият-моликият»-ро таҳия кард, ки моҳияти тағйиротҳоро дар ҷомеаҳои шарқӣ пурратар тавсиф мекард[2]. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, барои омӯзиши мукаммали таърихи халқи тоҷик на равиши форматсионӣ, балки тамаддунсозона мувофиқтар аст, ки тарҳҳои он тамоми паҳлуҳои ҳаёти халқи тоҷик ва гузаштагони бостонии онро фаро гирифтааст.

---

[1] Алаев Л.Б. Азиатский способ производства. // Большая российская энциклопедия. М. : Большая российская энциклопедия, 2004—2017. https://bigenc.ru/world_history/text/1803582 санаи муроҷиат 20.07.2020.

[2] Васильев Л.С. Феномен восточного деспотизма: структура управления и власти.-М. Наука, 1993,-390.

Манъи ғуломдорӣ ва тиҷорати ғуломон дар замони нав (солҳои 60-уми асри XIX) дар аморати Бухоро бо дархости мақомоти Русия, ки ҳамчун амлокдори (сюзерен) он амал мекарданд, низ ба мантиқ ва қонуниятҳои муносибатҳои форматсионӣ мувофиқат намекунад. Инчунин, мавҷуд набудани амалияи васеи ғуломдорӣ дар ҷомеаҳои бодиянишин, ки ба Варорӯд пайваста фишор меовард, моро дар бораи интихоби роҳи алтернативии рушди ҷомеаҳои шарқӣ сафарбар менамояд.

Хусусияти дуюми равиши тамаддунии мо аз он иборат аст, ки дар шароити патернализми шарқӣ, ки ҳамаи бисту ҳафт давлати ташаккулёфтаи марказонидашудаи тоҷикон ва гузаштагони пуршарафи онҳоро дар бар мегирифт, мавқеи ҳукмронии қудрати олӣ ҷойи махсусро дорост. Ҳукумати олӣ соҳаҳои асосии ҳаёти одамонро ба андозае муайян намуда, онро назорат менамояд. Дар ин шароит ҳамаи динҳо, аз ҷумла, масеҳият (несторианӣ), мавқеъ ва дурнамои худро аз вазъи муносибатҳо бо қудрати олӣ муайян месозад.

Барои тавсифи дақиқтари минтақаҳои паҳншавии ниёгони халқи тоҷик, мо истилоҳҳоро бо забони тоҷикӣ истифода кардем, ки аз қаъри қарнҳо дар он ҷо мезистанд ва луғати халқҳои хориҷиро ба асос нагирифтем. Ин одилонатар аст, зеро ин истилоҳҳо маънои пурратарро доро буда, мафҳуми ҷуғрофиро пурратар ифода мекунанд:

*Турон* – як минтақаи паҳновари Авруосиё мебошад, ки дар шарқ то биёбонҳои Муғулистон, дар ғарб то дарёи Урал, дар шимол аз даштҳои Қазоқистон ва кӯҳҳои Олтой иборат буда, дар ҷануб аз кӯҳҳои Кунлуни Чини имрӯза, Помир, дарёи Амударё ва Копетдог ба соҳили шарқии баҳри Каспий мебароянд. Бояд тазаккур дод, ки дар ғарби баҳри Хоразм (ҳоло Арал) дар давраи қадим Сарматия ҷойгир буд, сарзамини яке аз се писари шоҳаншоҳи Пешдодиён Фаридун (Салм, бародари Тур ва Эраҷ) ҳисобида мешуд. Дар он

минтақа қисми зиёди қабилаҳои эронии шимолӣ (аланҳо, пешгузаштагони осетинҳои имрӯза), ки баъдтар онҳо ба ғарб (ба соҳили дигари Волга) муҳоҷират карданд ва қисми дигари онҳо бо қабилаҳои туронӣ (Эрони шарқӣ) омехтанд. Аз ин рӯ, баъдтар Турон дар шимолу ғарб ба ҳавзаи дарёҳои Волга ва Урал баромад.

Ин минтақаи бузург дар навбати худ ба қисмҳои таркибии зерин ҷудо мешавад:

*Варорӯд* – (тоҷ. «байни ду рӯди Амударё ва Сирдарё»), қалби Турон, воқеъ дар ҳавзаи ду дарёи бузурги Осиёи Марказӣ, дар шарқ баландкӯҳи Помир, дар ғарб бошад воҳаи Хоразм ҷойгир аст.

*Дашти Бузург* – (Даштҳои бузурги Қазоқистон), дар шарқ ба дарвозаи Ҷунгар ва водии Илӣ мерасад ва дар ғарб ба баҳри Каспий ва ҳавзаи дарёҳои Волга ва Яик (Урал) мепайванд. Дар шимол ба ҷангалҳои Сибир ва дар ҷануб ба Ҳафтрӯд ва Сирдарё мерасад. То асри XX бо истилоҳи дигари «Дашти Қипчоқ» (муаллиф Носири Хисрави Қубодиёнӣ) маъруф буд.

*Ҳавзаи Тарим*, ки ҳамчун қисми шарқии Турон دониста мешавад, дар самти шарқ (Турфон) бо даштҳои Муғулистон ҳамсарҳад аст, дар шимол қаторкӯҳҳои Олтой-Тиёншон ва дар ҷануб қаторкӯҳҳои Кунлун- Қароқорум ва дар Ғарб он ба Помир пайванд мешавад;

*Ҳафтрӯд,* ҳудудҳои шимолии Қирғизистон ва ҷанубу шарқии Қазоқистон, ки, асосан, аз тарафи муҳоҷирони суғдӣ азхуд гардида, маскан гирифта буданд.

*Хуросон* ((минтақае), ки аз он «ҷой, хуршед (офтоб) мебарояд, яъне офтобрӯя») дуюмин минтақаи бузургест, ки макони қадимаи тоҷикон ва гузаштагони онҳо дониста мешавад. Дар шарқи он Бадахшони Афғонистон воқеъ буда, дар ҷанубу шарқ ба Ҳиндукуш такя карда, дар шимолу ғарб ба баҳри Каспий мепайвандад. Минтақа дар ҷанубу ғарб ба минтақаи мустақили таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон – Систон мепайвандад ва дар ҷанубу шарқи он

минтақаи васеи Кобул бо гирду атрофи ҷойгир аст. Хуросон вилоятҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, чун  Марв, Ҳирот, Нишопур, Балх ва Бадахшонро фаро мегирад.

Ба андешаи мо, бо дарназардошти ин ду хусусият (муносибати тамаддунсозона ба таърих ва истифодаи истилоҳоти суннатии тоҷикӣ)  монографияи мазкур андешаҳоеро, ки мехоҳем ба хонандаи хушзавқ расонем, пурратар инъикос менамояд.

# БОБИ I. ОМОДАГИИ ЗАМИНА БАРОИ КОРКАРДИ СТРАТЕГИЯИ СОМОНИЁН

Дар миёнаи асри VII, вақте ки дини нави ислом дар тамоми ҷаҳон босуръат паҳн мешуд, минтақаҳои анъанавии тоҷикон (Турон, Варорӯд ва Хуросон) дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи худ қарор доштанд. Қисми ғарбии Хуросон то Марв як қисми давлати Сосониён буд, ки рӯзҳои душворро аз сар мегузаронд. Қисми шарқии Хуросон, пас аз фурӯпошии қудрати ҳайтолиён, дар парокандагии сиёсӣ қарор дошт. Варорӯд, ки зери суғдиён ва даҳҳо вилоятҳои ниммустақил дар шарқи он қарор дошт, равандҳои марказгурезро аз сар мегузаронд. Дар ҳавзаи Тарим ва Ҳафтрӯд, пас аз таъсиси Ҳоқонии Турк ва тақсимшавии он, таркиби этникии аҳолӣ тадриҷан ба фоидаи халқҳо ва қабилаҳои гуногуни туркзабон тағйир меёбад. Ҳамзамон, дар мустамликаҳои сершумори суғдӣ, ки дар тамоми масири шарқии Шоҳроҳи абрешим (аз Амударё то канори ҷанубу шарқии ҳавзаи Тарим) пароканда буданд, ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ дар дасти тоҷирони моҳири суғдҳо буд. Ҳокими Суғд кӯшиш мекард, ки ҳаёти тиҷоративу иқтисодӣ ва иҷтимоии ин мустамликаҳо, ки аз марказ дар масофаи то 3-4 ҳазор км. дур ҷойгир буданд, назорат кунад.

Унвонҳои гуногуни ҳокимони маҳаллӣ – Ихшиди суғдӣ, Хатлоншоҳ (ё шери Хатлон)[1], Тирмизшоҳ (шоҳи Термиз), Афшини Уструшан[2], Тутуки Фарғона[3], Тудуни Чоч[4], Балххудот,

[1] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. К.I. –Душанбе, «Ирфон», 1998, с.304.

[2] Ҳамон ҷо, с.446.

[3] Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. Юридические документы и письма. Чтение. Перевод и комментарии В.А. Лившица. -М.: Изд-во Восточной литературы, 1962, с. 75.

[4] Ғафуров Б. Ғ . Тоҷикон. с.419; Согдийские документы с горы Муг. с.75.

Бухорхудот[1], Варданхудот, Сомонхудот ва бисёр ҳокимони дигари хурд буҳрони шадиди сиёсиро нишон дода, аз парокандагии ҳокимияти олӣ дар минтақаҳои таърихӣ ва фарҳангии ниёгони тоҷикон шаҳодат медиҳад. Дар шимолу шарқи минтақаҳои ба ҳам пайвастаи Варорӯду Хуросон дар ҳолати ҳам шарикӣ ва ҳам муқовимат бо ворисони Ҳоқони Турк қарор доштанд ва аз ҷанубу ғарб Сосониён мунтазам ба истиқлоли онҳо таҳдид менамуданд.

Дере нагузашта, хилофати араб аз пойтахтҳои кӯҳнаи худ Мадина, Куфа ва Димишқ давлати пурқудрати Сосониёнро аз байн бурда, барои Хуросон ва Варорӯд таҳдиди навро эҷод кард. Ду омили асосии ҳавасмандгардонӣ: иштироки боғайратона дар ҷиҳоди муқаддас ҳамчун ғозӣ ва беҳтар намудани вазъи молиявии онҳо ба ҷараёни кӯч бастани шумораи зиёди қабилаҳои араб (асосан, аз ҷануби Ироқ) ба канори шарқии давлати Сосониён мусоидат кард. Шоҳаншоҳи охирини Сосониён Яздигурди III, ки беш аз понздаҳ сол ба ҳуҷуми арабҳо муқовимат нишон дода буд, аз аввалин набард бо арабҳо дар Қадисия (с. 636) то соли 651 ба музофоти шарқии худ – шаҳри Марв ақибнишинӣ кард. Дар ин ҷо вай тақдири охирин шоҳаншоҳи Дорои III Ҳахоманиширо, ки ҳазор сол пеш (с. 330 пеш аз милод) рух дода буд, такрор намуд. Марзбон (ҳокими вилояти сарҳадӣ) Маҳувайх ба осиёбон фармуд, ки шоҳаншоҳро бикушад[2]. Дар ҳар ду сюжет, таъсири таълимоти зардуштия «хварна/фарр» дида мешавад, яъне, вақте ки шоҳаншоҳи ҳукмрон, ки як силсила (зиёда аз се маротиба) шикаст мехӯрад, ӯ неъмати илоҳиро (аз Аҳура-Маздо) ва даъвои худро ба тахт аз даст медиҳад. Дар мавриди аввал (аз Ҳахоманишиҳо) ҳукумат ба

---

[1]Ҳамон ҷо, с.435.

[2]Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асримиёна. К.I. –Душанбе, «Ирфон», 1998, с.407-409.

Искандари Мақдунӣ ва дар ҳолати дуюм (аз Сосониён) ба халифа Алӣ мегузарад. Дар таълимоти арабӣ-исломӣ «хварна/харизма»-и зардуштӣ ба таълимоти «баракат» (аз Офаридгор) мубаддал мегардад.

Барҳам додани охирин шоҳаншоҳи Сосонӣ боиси аз байн рафтани омилҳои (ҷиҳод ва ғанимати ҷанг) ҳавасмандии арабҳо нагардид, баръакс, дар давоми ин ду даҳсолаи аввал қабилаҳои бадавӣ, ки одатан аз ҳисоби истилогарӣ, тороҷгарӣ ва ғасб намудани сарватҳои кишварҳои бумӣ зиндагӣ мекарданд, шавқи онҳоро боз боло бурд. Барои ин ғоратҳо онҳо акнун дуо ва фотиҳаҳои халифаҳои худро мегирифтанд, ки онҳо аз тарафи худ барои гирифтани 1/5 қисми ғанимат майл доштанд. Ғаниматҳои ҷангӣ то ворид гаштани андозҳо даромади асосии давлати навтаъсиси хилофати араб буд. Ғайр аз ин, қабилаҳои арабии бодиянишин, ки дар тӯли солҳо дар биёбонҳо дар хаймаҳо умри қашшоқона ба сар мебурданд, акнун ҳамарӯза бо зиндагии шоистаи шаҳрии эрониҳо рӯ ба рӯ ва ба ғаниматҳои ҳангуфт соҳиб шуда, намехостанд аз соҳили Амударё ба ватан баргарданд. Бараъкс, онҳо мустақиман ба масири шарқии Шоҳроҳи абрешим баромаданд, ки арабҳо аз ин минтақа (Турон) низ ба монанди ғанимати Эрон боигарии сершумори навро умедвор буданд.

Ҳамзамон аз ҳад васеъ гардидани ҳудуди давлати нави арабӣ-исломӣ-хилофат, мушкилоти ташкили сохтори маъмурӣ ва бюрократии онро ба миён гузошт. Шаҳрҳои муқаддаси мусулмонон Макка ва Мадина на таҷриба ва на анъанаҳои ҳокимияти давлатии мутамарказ доштанд, ки он бо суннат ва анъанаҳои қабилавии даштӣ маҳдуд буданд. Пойтахти давлати Умавиён, шаҳри бостонии Димишқ, танҳо таҷрибаи идоракунии як кишвари маҳдудро дошт, ки барои идораи хилофати азим, ки дар се қитъа (Осиё, Африқо ва Аврупо) паҳн шуда буд, кофӣ набуд. Тибқи гуфтаи коршиносон, пас аз суқути Сосониён дар

Хилофати Араб, забони форсӣ нақши расмӣ (маъмурӣ)-ро нигаҳ дошта, то ислоҳоти волии машҳури хилофат дар шарқи он ал-Ҳаҷҷоҷ б. Юсуф (с. 726) дар идораҳои вилоятҳои пешини Сосониён васеъ истифода мешуд[1].

Табиист, ки мубориза барои қудрат ва фоидаи зиёд боиси задухӯрд дар байни қабилаҳои арабӣ ва кам гардидани шумораи онҳо дар шарқи хилофат гардид. Ин омил ба воридшавии одамоне, ки нав дини исломро қабул карданд (мавлоӣ ё неофитҳо), ба муборизаи байниарабӣ сабаб гардид. Мавлоии Хуросон, ки ба онҳо Абумуслим роҳбарӣ менамуд, аз мавлоиҳои дигар кишварҳои хилофат тафовут доштанд, чунки онҳо ҳангоми қабул кардани дини нав (ислом) ба забони модарии худ содиқ монданд. Аз ин рӯ, дар артиши Абумуслим арабҳо дар баробари хуросониҳо бо забони тоҷикӣ сӯҳбат карданро ёд гирифтанд.

Ба ин мавлоиҳо муяссар гардид, ки як давлати абарқудрати арабиро ба як империяи ҷаҳонии сермиллат мубаддал гардонанд. Баъди он дар пеши онҳо масъалаи таъҷилии таъсиси як маркази нави сиёсӣ қарор гирифт. Ин мушкилот, мисли мушкилоти қаблӣ (забони расмӣ) низ бо иштироки фаъоли халқҳои эронӣ, пеш аз ҳама, хуросониён ва варорӯдиён ҳалли худро ёфт.

Ба идораи маркази олии сиёсии хилофати исломӣ Бармакиёни хирадманд ворид шуда, бо ислоҳоти дарозмуддати худ барои ташаккулёбиҳои минбаъдаи давлати этносулолавии тоҷикон – Тоҳириён, Саффориён ва алалхусус Сомониён поя мегузоранд. Баъдан аз дохили давлатҳои нахустини этникии тоҷикӣ, асосан Сомониён, тавонистанд на танҳо ҳамчун ворисси фаъолияти Бармакиён – Тоҳириён – Саффориён амал кунанд, балки ҳамчун асосгузори стратегияи қавии худ бароммад намоянд.

[1] Хуршудян Э.Ш. Государственные институты парфянского и сасанидского Ирана.- Алматы: изд-во «Институт Азиатских исследований», 2015, с. 229.

## 1.1. Абумуслим – ҷанговари дин ва меҳанпарасти Хуросон

Муборизаи шадиди арабҳо дар ду сатҳ: муборизаи қабилаҳои ҷанубӣ ва шимолии араб дар шарқи хилофат (дар Хуросон) ва байни Умавиён ва Аббосиён барои ҳокимияти олии хилофат оғоз ёфта, оҳиста-оҳиста дигар халқу миллатҳои онро низ фаро гирифт. Бо назардошти далели таърихии ба Димишқ кӯчонидани пойтахти хилофати Умавиён, ки ҷойгузини чаҳор «халифаи рошиддин» буд, мухолифони мафкуравии онҳо (Аббосиён) ба ҷустуҷӯи пуштибонони худ аз пойтахт дур, яъне дар музофотҳои шарқии он шурӯъ карданд. Абумуслими Хуросонӣ, мавлоӣ (ғулом), ки дар Марв таваллуд шуда буд[1], ба ин ҷо фиристода шуд. Дере нагузашта, дар миёнаи асри VIII, ӯ дар амал саркардаи ҷунбиши зидди Умавиён аз тарафи Аббосиён дар Хуросон гардид. Дар ин ҷой қайд кардан муҳим аст, ки ҳамзамон ӯ натанҳо эҳтиромро ба забони модарӣ ва урфу одатҳои мардумаш нигоҳ дошт, балки ба арабҳо низ ин суннатҳоро таълим дод. Вазъи онвақтаи Хуросонро муҳаққиқи олмонӣ ин гуна тавсиф менамояд: «Дар Хуросон тақрибан 50 ҳазор сарбози араб буд ва азбаски хидмати ҳатмии ҳарбӣ тақрибан нисфи аҳолии мардро ташкил медод, ба эҳтимол 200 ҳазор араб дар минтақа мезистанд. Арабҳо ба суннатҳои хуросонӣ одат карда буданд; дар музофоти умумӣ онҳо ҳис мекарданд, ки бо сокинони маҳаллӣ муттаҳид шудаанд. Онҳо шимро ба тариқи эронӣ ба бар мекарданд, шароб менӯшиданд, идҳои Наврӯз ва Меҳргонро ҷашн мегирифтанд ва ашрофонашон мисли марзбон (сардори минтақаҳои наздисарҳадии Сосониён. – М.А.) рафтор мекарданд. Фаъолияти умумии тиҷоратӣ ва савдо боиси ҳамдигарфаҳмӣ бо арониён гардид. Ҳатто дар бозорҳои Куфа ва Басра (шаҳрҳои Ироқ – М. А), ҳадди аққал забони форсиро ба андозаи арабӣ шунидан мумкин

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение: Золотой век Центральной Азии от арабского завоевания до времен Тамерлана. — Пер. с англ. — М .: Альпина Паблишер, 2017,с. 138.

буд. Ба назар чунин менамуд, ки Абу Саид (волии арабҳо – М. А.) танҳо бо забони арабӣ ҳарф мезад ва, аз ин рӯ, барои суғдиён, ки танҳо форсӣ (аниқтараш, тоҷикии пешин – М. А.)-ро медонистанд, мубаллиғи (миссионери) мувофиқ набуд. Дар лашкари Абумуслим ҳатто арабҳо асосан ба форсӣ (тоҷикӣ. – М.А.) ҳарф мезаданд»[1]. Тавре ки аз ин порча бармеояд, дар ғарби минтақаи муқимии тоҷикон – Хуросон, паҳнкунандагони дини нав ба забони аҳолии маҳаллӣ фишор наоварда, онро бо забони муқаддаси Қуръон иваз накарданд, балки, баръакс, худашон барои гузаштан ба забони шоиронаи тоҷикӣ шуруъ карданд. Маҳз лашкари Абумуслим буд, ба гуфтаи муҳаққиқ, «асосан, бо забони форсӣ ҳарф мезад», ҳамчун нерӯи асосии пешбарандаи табдил додани ислом аз дини сирф арабӣ ба дини фаромиллӣ (ҷаҳонӣ) баромад намуд. Онҳо тавассути тағйири сулолаи Умавиён, барандагони арзишҳои маҳдуди арабӣ, ба сулолаи Аббосиён, ки ба ҳамаи халқу қабилаҳо, ки дини исломро қабул намуданд, хушмуомила буданд, ин динро ҷаҳонӣ намуданд. Нақши калидии Абумуслим ва хуросониҳо бо сарварии ӯ дар он аст, ки онҳо ба монанди мисриҳо, суриягиҳо ва дигарон дар ин раванд забони модарии худро гум накарда, забони арабиро ҳамчун забони дин қабул намуда, дар як вақт забони модарии худро ҳамагуна ҳифз карданд ва дар артиши хилофат дар шарқи он забони тоҷикӣ васеъ истифода мешуд.

Ба Абумуслим дар тӯли ду сол (с.747-749) муяссар гашт, ки тамоми норозиён (ҳам арабҳои яманӣ ва ҳам тоҷикон) аз давлати Умавиёнро дар Хуросон гирди худ ҷамъ оварда, волии (қоиммақоми) онҳо Насрро пеш кард ва дарвоқеъ ба манфиати Аббосиён табаддулоти ҳарбӣ ба амал овард. Сарлашкарони араби ӯ ҳатто дар чунин як минтақаи дурдасте, чун Хуталон артиши Умавиёнро шикаст доданд[2]. Ҳамин тариқ, Абумуслим на танҳо дар нақши аввалин сарлашкари ғайриараб баромад карда, яке аз

[1]Велльхаузен Юлиус. Арабский халифат. Золотой век ислама./ Пер. с англ. Т.М. Шуликовой.- М.: Центрполиграф, 2018, с. 308.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинение. Т.I.- М.: Восточная литература, 1963,с. 252.

гурӯҳи ҳарбии арабро маҷбур кард, ки ба итоати ӯ гузарад, балки бо истифодаи неруи ҳарбӣ волии қонунии халифаи дар (Хуросон) бударо низ дар вазифа иваз кард. Ин корнамоии асосии Абумуслим набуд, балки қадами аввалини ӯ дар силсилаи корномаҳои боз ҳам шуҳратмандтари ӯ дониста мешуд.

Аз ҳокимият барканор кардани волии онвақтаи хилофат Наср, ки бо бисёр шаҳрҳо созишномаи ҳамзистии осоишта баста буд, таъсири худро гум кард, зеро Абумуслим ҳанӯз қудрати қонунӣ надошта, танҳо ба лашкари вафодор, ки асосан аз хуросониҳо ва қабилаҳои маҳалии араб иборат буд, такя менамуд. Дар вазъи холигии ҳукумат дар Варорӯд ба зудӣ ошӯбҳои маҳалӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Агар Қутайба ибни Муслим дар ин минтақа ҳамчун паҳнкунандаи дини нав эътироф гардида бошад, пас Абумуслим ҳамчун мубориз алайҳи бидъат ва дур шудан аз дини ҳақ амал намуда, ҳама намудҳои сарпечӣ ва исёнро қатъиян хомӯш мекард. Маҳз дар аҳди Абумуслим буд, ки гуногуншаклии ҳанӯз ҳифзшавандаи дину оинҳои Варорӯд ба зудӣ ба таҳкими арзишҳо ва асосҳои исломӣ анҷом ёфт. Ҷолиби диққат аст, ки як қисми аҳолии Бухоро дар раванди ором кардани Варорӯд аз ҷониби артиши Абумуслим фаъолона ширкат варзиданд[1].

Имомони Аббосӣ аз муваффақиятҳои низомии Абумуслим дар Хуросон ва Варорӯд илҳом гирифта, ӯро ба «қалби» хилофат (ба Ироқ) даъват кардаанд. Абумуслим пас аз як ҷаҳиши ҳарбии ғарбӣ тавассути Эрон амал карда, аввали соли 749 бо лашкари Умавиён дар соҳили дарёи Зоби Калон (Ироқ) дар муҳорибаи сахт рӯ ба рӯ шуд. Душманро мағлуб карда, боқимондаҳои худро ҷамъ намуда, ӯ зуд ба Димишқ рафт ва дар он ҷо охирин халифаҳои Умавиёнро низ аз ҳокимият сарнагун намуд[2]. Олими олмонӣ тағйири сулолаи ҳукмронро дар олами ислом ин гуна шарҳ медиҳад: «Дар айни замон, ҳукмронии арабҳо, ки ба Умавиён ва суриягиҳо такя мекард, қатъиян хотима ёфт. Ватани пешини арабҳо ба як

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 139.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 253.

макони ваҳшиёна табдил ёфта буд, ки дигар дар он ҷо бехатар ҳаҷ кардан имконнопазир буд. Қабилаҳои араб дигар асоси давлати рӯҳониён набуданд, онҳо имтиёзҳои худро комилан аз даст доданд. Мавлоӣ озод карда шуд, фарқияти байни арабҳо ва мусулмонон – ғайриарабҳо аз байн рафт. Арабизм аз мавқеи истисноии худ, ки аслан, бар қонуни ҷанг асос ёфта буд, барканор шуд ва ба майдони осоиштаи шаҳрвандӣ гузашт ва як парастиши байналмилалӣ гардид, ки дар он ҳамаи мусулмонон ширкат варзиданд. Дин қисми бунёдии мазҳаб буд ва дини араб ҳамроҳи мардуми араб фурӯ нарафт, балки қувваташро идома дод. Забони арабӣ забони ислом боқӣ монд ва забонҳои муҳимтарин халқҳои масеҳии Осиёи Хурд ва Африқоро фурӯ бурд. Забони арабӣ дар якҷоягӣ бо илм ва адабиёт, гӯё ҳатто ба забони эрониён низ дохил шуд, аммо назм забони модарии (тоҷикӣ- М.А.) худро нигоҳ дошта, онро ба ҷойи фахрии худ баргардонд»[1]. Нақши сипаҳсолор Абумуслим ва хуросониҳои содиқаш дар он аст, ки дар тафовут бо Мағриби Ислом, ки дар он забону фарҳанги арабӣ тамоми марказҳои қадимии тамаддунҳои кӯҳнаи Осиёи Ғарбӣ ва Африқои Шимолӣ (Сурия, Миср ва ғ.)-ро фурӯ бурд, онҳо ҳамчун муҳофизи устувори суннатҳои бостонӣ дар ин минтақа, аз ҷумла забони модариаш, яъне забони тоҷикӣ баромад карданд.

Мутаассифона, то имрӯз паҳншавии ислом, ба таври расмӣ, аз ғарб (Арабистон) ба шарқ (Хуросон ва Варорӯд) то ҳол ба таври анъанавӣ яктарафа баррасӣ мегардад. Дар ин ҷо, далели таърихӣ, ки лашкари Хуросон бо Абумуслим, ки аз шарқ ба ғарб (ба Димишқ) ҳаракат карда, баръакс, қудрати худро тақвият дода, як сулолаи сирф арабиро (Умавиён) аз сари қудрат дур карда, онро бо сулолаи умумимусулмонӣ (Аббосиён) иваз намуд, аз таҳлил берун мондааст. Ин корнамоии онҳоро ворисони маънавии онҳо – Бармакиён, созандагони Бағдоди достонзеб (ба ҷойи Димишқи афсонавӣ) ба хотимаи мантиқӣ расониданд.

Барқарор гардонидани сулҳу субот, оромӣ ва паҳн гардидани тартибот дар Варорӯд боиси амалишавии рисолати асосии таърихии

---

[1]Велльхаузен Юлиус. Арабский халифат, с. 345.

Абумуслим, аз байн бурдани таҳдиди тамаддунии дар пешистодаи Чин гардид. Ҳамзамон, вақте ки Абумуслим фаъолияти худро дар Хуросон оғоз намуд (с.747), чиниҳо ҳавзаи Таримро ба даст оварда, ба Ҳафтрӯд таҳдид мекарданд. Пас аз пешгирии паҳншавии босуръати ислом ба Аврупо (муҳорибаи Пуате дар ҷануби Фаронса), аз тарафи ритсарҳои Карл Мартелл (с. 732), ин дафъа дар шарқи хилофат на туркҳо, балки чиниёни шуҳратпарасти империяи Тан фишори худро афзун намуданд. Абумуслим дар наздикии Самарқанд истода бо фурӯ нишондани ошӯби маҳаллӣ машғул буд, писари ҳокими Шош (Тошканди муосир ва номи қадимиаш Чоч)-ро, ки чиниҳо падарашро ба қатл расонида буданд, бар зидди чиниҳо мадад пурсид. Сипаҳсолори дурандеш таҳдиди воқеии душмани то ҳол номаълумро, ки тавассути заминҳои беканори туркон гузашта, ба ин минтақа амиқ ворид шуда буд, дуруст муайян намуда, қисми беҳтарини артиши қавии сермиллати худро бар зидди рақиби нав сафарбар намуд.  Қабл аз ин, ӯ қотеъона дар Варорӯд бо қабилаҳои гуногуни турк ҷангида, баъзе аз қабилаҳои онҳоро аллакай ба тобеияти худ даровarда, онҳо ба вай хизмат мекарданд. Ду нерӯи пурқудрат, асосан, лашкари Хуросон (Абумуслим), ки бо саворaҳои туркӣ пурқувват гардида буд, таҳти сарварии фармондеҳи араби он Зиёд б. Солеҳ ва артиши Тан (Чин) таҳти сарфармондеҳи Гао Сян-тсзи (миллаташ кореягӣ) соли 751 дар водии Талас бархурд карданд. Аз нигоҳи таърихӣ, ин дуюмин муҳорибаи Талас буд, зеро аввалинаш дар ҳамин ҷой тақрибан 800 сол пеш (соли 36 пеш аз милод), вақте ки артиши Чин бо қабилаҳои хуннҳои бодиянишин меҷангид, ба вуқӯъ пайваста буд. Бо тафовути ҷанги якум дар ин муҳориба чиниҳо, бо матонати сарбозони Абумуслим торумор карда шуданд. Дар қисми хотимавии ҷанг қабилаи бодиянишини қарлуқҳо, ки то ҳол аз тарафи чиниҳо меҷангиданд, ба тарафи артиши исломии Абумуслим гузаштанд[1].

[1] Большаков О.Г. К истории Таласской битвы (751 г.).// Страны и народы Востока. Вып. XXII. -М.: 1980. с. 132-135; Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинение. Т.I.- М.: Из-во Восточной литературы, 1963,с. 253-254.


ХИЛОФАТИ АРАБ
асрҳои VII - VIII
АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ
Давлати Муҳаммад (с) дар с. 632
Ҳудуди фатҳшуда аз тарафи чор халифаи аввалини Араб (632 - 661)
Ҳудуди Хилофати Умавиён фатҳкарда (661-750)
Ҳудудҳои Хилофати Аббосиҳо фатҳкарда (баъди с. 750)
Марзи Хилофати Араб дар с. 750
Марзи ҳудуди Осиё, Африқо ва Рум то фатӯҳоти Араб
Марзи давлати Сосониён то фатӯҳоти Араб
Самт ва соли лашкаркашии Араб
СОСОНИЁН
Давлатҳое, ки Хилофати Араб барҳам дод
Шаҳрҳое, ки арабҳо сохтанд
ДИМИШҚ 661 - 750 Дарбори халифаҳо
Минтақаҳои шӯришҳои зидди истилои араб дар асрҳои VII - VIII
Маъракаҳо ва солҳои задухӯрдҳои шадид

Ин ғалабаи нобиғаи ҳарбии Абумуслим оқибатҳои фарогир дошт:

Пас аз ин пирӯзӣ ҳокимони маҳаллӣ дигар бар муқобили ислом ҳимояи неруҳои беруна (дар симои туркҳо ё чиниҳо)-ро наҷуста, ба вазъи ба вуҷудомада воқеъбинона баҳо дода, сиёсати мутамарказгардонии Абумуслимро эътироф карданд. Тафовути куллии ҷанги Талас аз дигар ҷангҳои мусалмонон дар он буд, ки он на ҷиҳод барои ғанимат, балки ҳифзи минтақаи исломгардида аз душманони беруна буд. Агар ин ҷиҳод барои ғанимат мебуд, пас лашкари Абумуслим аз пушти душмани ақибнишининамуда рафта шаҳрҳои сершумори сарватманди Ҳафтрӯд ва ҳавзаи Таримро, ки дар масири Шоҳроҳи абрешим ҷойгир буданд, ғорат менамуд. Ӯ вазифаи стратегиро ҳал намуда, ба Варорӯд баргашт. Таҳаввулоти дидгоҳҳои Абумуслим пас аз ин ҷанги ҳалкунанда аз ходими содиқи Аббосиён ба муҳофизи воқеии минтақа табдил ёфтани ӯ аз тарафи муҳаққиқон, махсусан, қайд карда мешавад[1]. Мувофиқи ин, таҳти таъсири ҳокимияти ӯ дар Варорӯд, таносуби равандҳои марказгурез ба сӯйи равандҳои марказгаро оҳиста-оҳиста тағйир меёбанд, ки дар тӯли зиёда аз сад сол (дар аҳди Сомониён) хусусияти устуворӣ пайдо мекунанд.

Тамаддуни исломӣ, ки дар хоки маҳал реша давонда буд, аз туфони пурқудрат аз тарафи Тан (Чин) тавассути неруҳои маҳаллӣ наҷот дода шуд. Дар воқеъ, таҳдиди воқеӣ ба ҷаҳони ислом аз Чин то соли 754 боқӣ монда, баъди исёни азими дар сарҳади шимолу шарқии Чин бо сардории фармондеҳи артиши чинии суғдитабор Ан Лушан хотима ёфт[2]. Ӯ бо ҳамлаҳои мусаллаҳонааш императори Танро маҷбур сохт, ки саросемавор тамоми неруҳояшро аз Осиёи Марказӣ баргардонад. Ин вазъ минтақаро аз таҷовузи Чин комилан наҷот дод ва бо ин мавқеи тарафдорони Абумуслимро тақвият

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 140.
[2] Ҳамон ҷо, с. 140.

бахшид. Ҳамин тариқ, Абумуслим, ки зодаи Хуросон (Марв) ва Ан Лушан, аз насли суғдӣ буд, на араб, дар ин муқовимати тақдирсоз ҳамчун муҳофизи воқеии тамаддуни исломӣ мубориза бурданд.

Далели он, ки хизмати воқеӣ дар шикасти стратегии артиши Чин ба Абумуслим тааллуқ дораду на ба зердасти ӯ Зиёд бин Солеҳ, дар рӯйдоди таърихии баъд аз муҳориба мушоҳида мегардад. Ин фармондеҳи арабтабор аз сабаби фитнаи халифаҳои Бағдод ба муқобили Абумуслим рӯ овард, лашкараш пурра аз ӯ рӯй гардонд, пас ӯ ба ҳимояи як деҳқони (ашрофзодаи тоҷикӣ) маҳаллӣ фирор намуд, ки ин деҳқон сари ӯро бурида ба Абумуслим фиристод[1]. Илова бар ин, як қатор манбаъҳои асримиёнагӣ иттилоъ медиҳанд, ки на Зиёд б. Солеҳ, балки дигар зердастони Абумуслим (ҳокими Самарқанд Исмоил б. Субайх дар як асар ва сардори лагери Тароз Саид б. Ҳумайд дар дигар) бар чиниҳо пирӯз шуданд[2].

Пеш нигариста, қайд менамоем, ки маҳз водии Талас баъд аз дусад сол, ба макони муқаддас табдил ёфт, ки қабилаҳо ва қавмҳои туркӣ таҳти сарпарастии Сомониён ба таври оммавӣ дини исломро қабул карданд. Ин интихоби тамаддунии онҳо (қабули дини ислом аз дасти Сомониён) чунин имконият ва қобилияти ҳарбӣ ва хизмати ғайратмандона барои дини ислом фароҳам овард, ки он аз соҳили халиҷи Бангола то гулугоҳи Босфорро фаро гирифт.

Мутаассифона, шикасти стратегии Чин дар водии Талас то ҳол ҳамчун пирӯзии арабҳо ва мусулмонон арзёбӣ мешавад, аммо далели таърихии он, ки он ғолибан тантанаи пирузии тоҷикони Варорӯд, Хуросон ва туркҳои Ҳафтрӯд буд, нодида гирифта мешавад. Тавре мутахассиси таҳқиқи минтақа дуруст қайд кардааст, ки «урдуҳои ба ном арабӣ акнун асосан аз осиёимарказиҳои эронитабор ва ҳам турктабор иборат буданд»[3]. Пайдоиши таҳқиқоти нав ин ҳодисаи мушаххаси таърихиро бодиққат омӯхта, бо пайдоиши як шахсияти

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 254.
[2] Большаков О.Г. К истории Таласской битвы (751 г.), с. 132-135;
[3] Старр Ф. Маърифати гумшуда, с. 162.

қавии мутамарказ (Абумуслим), аҳолии минтақа пас аз каме муқовимат дар лаҳзаи таҳдиди воқеӣ барои бартараф кардани ин мушкилот дар атрофи он муттаҳид шуданд. Ҳам таҳқиқотчиёни асрҳои миёна ва ҳам маҳаллӣ аз афзоиши бесобиқаи ҳокимияти Абумуслим хабар медиҳанд, ки «Қасре, ки барои худаш дар Марв сохта, тахти ҳокимро дар маркази хонаи чоргунбаза ҷойгир карда буд, гӯё мегуфта бошад, ки дар чор қисмати олам ҳукмрон аст»[1].

Аввалин халифаҳои Аббосӣ, ки ба чашидани неъматҳои ҳокимият дар империяи азим шуруъ карда буданд, барои мустаҳкам кардани қудрати худ аз «сарпарастон»-и номувофиқ ба мисли Абумуслим озод шуданро сар карданд. Пас аз нокомии кӯшиши ҷисмонӣ аз байн бурдани ӯ тавассути ташкили исёни зердастони араб (Зайд б. Солеҳ ва дигарон), халифаи Бағдод Абумуслимро ба вазифаи баланд дар Сурия таъйин кард, ки то ӯро аз як пойгоҳи пурқудрати иҷтимоиаш дар Хуросон ва Варорӯд дур созад. Пас аз чанде Абумуслимро барои куштори хиёнаткорона ба пойтахт даъват карданд (с.755), ки ин на ба суст шудани мавқеи хуросониён, балки, баръакс, ба тақвияти нерӯи онҳо оварда расонд[2].

Мероси бузурги таърихии фарзанди халқи тоҷик Абумуслим (сарфи назар аз баъзе ақидаҳои шиагияш) дар ҷаҳони ислом дар он аст, ки ӯ, дар ҳақиқат, бо як ҷунбиши пурқудрат дини нав (ислом)-ро аз маҳдудияти бадавӣ (ҷиҳод барои ғанимат) наҷот додан сарварӣ намуд. Бо ин тариқ, ба дин ва тамаддуни ислом заминаи васеи иҷтимоӣ фароҳам овард, ки он аз миллатгароии маҳдуди арабӣ боло рафта, анъанаҳо ва арзишҳои халқҳои нав исломро қабулнамуда ба назар гирифт. Маҳрум кардани инҳисори араб аз қудрати имтиёзноки ҳарбӣ ва маъмурӣ дар шарқ ва тадриҷан иваз кардани онҳо бо фармондеҳон ва амалдорони боистеъдоди маҳаллӣ боиси ба дини ислом гузаштани қабилаҳо ва қавмҳои сершумори Турон ва Хуросон

[1] Ҳамон ҷо, с. 163.
[2] Велльхаузен Юлиус. Арабский халифат, с. 349.

гардид. Тавре ки муҳаққиқ таъкид мекунад: «вобастагии Аббосиён аз Осиёи Марказии форсӣ ва туркӣ ҳатто қавитар шуд. Бар хилофи эрониён, осиёимарказиҳо дар давраи Абумуслим лашкари минтақавиии абарқудратеро созмон дода буданд ва онро барои бартараф кардани ду хатари асосӣ, ки ба Аббосиён таҳдид мекарданд- яъне урдуҳои Умавиён ва Чин истифода карданд. Вобастагии режими Аббосиён аз нерӯҳои Осиёи Марказӣ ва кормандони он идома меёфт. Вобастагии халифа аз Осиёи Марказию осиёимарказиҳо ба минтақа имконият дод, ки танҳо дар сарзаминҳои забткардаи арабҳо, низоми иҷтимоӣ ва иқтисодии худро комилан дастнозада нигоҳ доранд. Ин амал аз он итминон медод, ки фарҳанги Осиёи Марказӣ ҳам нашъунамо карданро давом медод ва он аксари қудрат ва хусусиятҳои худро нигоҳ медошт ва оқибат ба худи хилофат таъсир мерасонд. Мисли он, ки фарҳанги юнонӣ Римро тасарруф карда буд, фарҳанги Осиёи Марказӣ акнун дар мавқее қарор дошт, ки Аббосиён ва пойтахти навашон Бағдодро ишғол намоянд»[1].

Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки забони тоҷикӣ, ки дар артиши Абумуслим (аз ҷумла сарбозони арабитабор) ҷорӣ ва ба таври васеъ истифода мешуд, баъдтар дар этногенези халқи тоҷик (дар даврони Сомониён) яке аз нақшҳои калидӣ бозид.

[1] Старр Ф. Маърифати гумшуда, с. 166.

## 1.2. Бармакиён дар Бағдод

Намояндаи дигари машҳури халқи тоҷик Холиди Бармакӣ, маъруфтарин  аз вазирони тоҷиктабори хилофати Аббосиён мебошад, ки аз миёни лашкари  хуросонии Абумуслим ба майдон омада буд[1].

Агар аввалин намояндаи барҷастаи халқи тоҷик Абумуслим дар тағйир додани сулолаи ҳукмрони хилофати араб ва ислом бо силоҳ дар даст нақши ҳалкунанда дошта ва бо ин васила заминаи иҷтимоӣ ва қавмии пайравони дини исломро васеъ карда бошад, пас Холиди Бармакӣ рисолати худро ҳамчун асосгузори воқеии маъмурияти давлатӣ дар сулолаи Аббосиён тавассути пурзӯр намудани девони вазирони халифа ва бунёди пойтахти нав идома дод. Ӯ инчунин дар таъсиси маъмурияти коршоями вилоятҳои гуногуни империяи (хилофати) васеъгардидаистода низ ҳиссаи бузург гузошт.

Холид писари Бармак, саркоҳини маъбади буддоии Навбаҳори назди Балх ва яке аз маликаҳои ҳокими Чағониён (минтақаи таърихӣ дар марзи муосири ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон. – М.А.) буд. Чун хабар дода мешавад, ки «ӯ бо халифа чунон наздикӣ дошт, ки (халифа Абулаббос, с. 749-754- М. А.),  духтари Холид аз ҳамсари халифа шир макида ва духтари халифа ҳамсари Холид буд. Аз соли 132 (ҳиҷрӣ) /с.749-750, ӯ дар сари девони хироҷ меистод. Дар баъзе маъхазҳо ӯро вазир низ меноманд. Холид, шояд, ки якумин «котиб» буд, ки дар ин мақом аз рӯйи ин рутба  ба вазир баробар буд»[2].

---

[1]Бартольд В. В.Бармакиды // Бартольд В.В. Сочинения. - М.: Наука, 1966. - Т. VI: Работы по истории ислама и арабского халифата. - С. 669-674.

[2]Ҳамон ҷо, с. 670.

Ал-Мансур, асосгузори пойтахти нави сулолаи Аббосиён, дар ҳоле ки дар давраи мубориза бо Умавиён ба сари қудрат наомада буд, ба Марв барои гуфтушунид бо Абумуслим ташриф овард ва дар он ҷо марди сарватманд ва пешрафтаи Холиди Бармакиро дид, ки мебоист ӯро ба тарафи худ кашад. Сипас, ӯ бо духтари халифаи аввал Аббосиён издивоҷ карда, ба мартабаи баланд мерасад ва вазири бузурги халифаи дуюм мешавад.

Пас аз торумори Умавиён дар Димишқ аз ҷониби артиши хуросонии Абумуслим, дар пеши сулолаи нави Аббосиён, зарурати интихоби ҷои бунёди пойтахти нав ба миён омад, ки он бояд дар самти шарқ сохта мешуд. Пас аз интихоби шаҳри Анбар ҳамчун пойтахти муваққатии Аббосиён, халифаи нав Ал-Мансур ҷойи навро (тобистони соли 762) дар наздикии пойтахти қадимаи Форсу Сосонӣ Тайсафун (Ктесифон) барои сохтани пойтахти нави ҷаҳони мусулмонон – Бағдод интихоб кард[1]. Ба гуфтаи муҳаққиқон, интихоби пойтахти нав, ки онро халифа «Мадинат ал-Салом» («Шаҳри ҷаҳон») номид, ба гурӯҳи мунаҷҷимон таҳти сарварии як донишманд аз Марв Наубахт Аҳвази Форсӣ вогузор шуд ва сад ҳазор бинокорон таҳти роҳбарии косибон ва ҳунармандони баландихтисос аз минтақаи шарқии хилофат кор мекарданд. Ба гуфтаи муаллифони китоби «Таърихи умумии санъат»: «Бағдод ҳамчун шаҳр нақшаи аслии даврашакл сохта шуда, бо ду ҳалқаи деворҳо ва дар маркази он як майдони васеъ мавҷуд буд. Дар майдон қасри халифа, масҷиди асосӣ, идораҳои давлатӣ – девонҳо, устохона, силоҳ ва истиқоматгоҳи аскарон барои сарбозон ҷойгир карда шуда буд. Аз маҳалҳои истиқоматии шаҳр, ки дар байни деворҳо ҷойгир буданд, ба

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение: Золотой век Центральной Азии от арабского завоевания до времен Тамерлана. - Пер. с англ. - М .: Альпина Паблишер, 2017. С. 144-145.

марказ мустақиман дастрасӣ надоштанд ва чор дарвоза аз ҷониби посбонони қавӣ муҳофизат карда мешуданд»[1].

Нақши истисноӣ дар бунёди пойтахти нав (шаҳри гирд)-и зодагони Марв аз он шаҳодат медиҳад, ки ба он маҳаллаи алоҳида дар пойтахти нав ҷудо карда шуда, кӯчаи асосии он номи Марвро дошт, ки ин ягона шаҳр дар империя буд, ки ба он чунин шарофати баланд дода шуда буд[2].

Муҳаққиқони яке аз нусхаҳои пешакии сохтани нақшаи даврии пойтахти хилофати нав, ки дар афсонаи машҳури шарқ («Ҳазору як шаб») ҷойи асосӣ будааст, қалъаи дар шаҳри Марв ё дайрҳои Бармакиён (Буддоӣ)-и Балх маҳсуб ёфта, ҳар ду ривоят аз таъсири пурқудрати Холиди Бармакӣ дар банақшагирӣ ва сохтмони Бағдод шаҳодат медиҳанд[3]. Ҳамин тариқ, Аббосиён, ки бо зарби шамшери хуросониҳо ба қудрат омаданд, нисфи оламро аз як шаҳри боҳашамат ҳукмронӣ мекарданд, ки аслан бо услуби Хуросон сохта шуда буд ва симои оқилонаи Бармакиён ноаён дар он ҷой гирифтааст.

Мувофиқи маълумоти «Геродоти араб»-и ал-Масъудӣ (с. 896-956), ягон кас аз авлоди Холиди Бармакӣ бо ӯ дар «ташкилотчигии» пурқуввати хилофат дар пойтахти нав (Бағдод) дар ҷиҳати барҷастагӣ баробар шуда наметавонист[4]. Пойтахтҳои хилофатро аз оғӯши ҷаҳони араб (Димишқ ва Куфа) ба ҷаҳони Эрон наздиктар ба Тайсафун (пойтахти қадимии Порти Бузург) кӯчонидан ва бунёди пойтахти нав (Бағдод), ба назари мо, пеш аз ҳама, омодагии сулолаи нави ҳукмрон ба қабули анъанаҳо ва

[1] Глава «Искусство Аравии, Сирии, Палестины и Ирака». // Всеобщая история искусств. Том II. Искусство Средних веков. Книга II. Авторы: Б.В. Веймарн, Т.П. Каптерева, А.Г. Подольский. М. : «Искусство», 1961. http://totalarch.ru/art_history/middleages/arab/arabia_syria_palestine_iraq санаи мурочиат 12.08.2020.

[2] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 145.

[3] Ҳамон ҷо, с. 146-147.

[4] Ниг. Бартольд В.В. Бармакиды. Сочинение Т. VI. Работы по истории ислама и арабского халифата. -М.: Наука, 1966, с. 671.

таҷрибаҳои олии эронии идораи давлатии як империяи азим (хилофат) буд. Тавре ки муҳаққиқ менависад: «Бағдод дар асл на ҳамчун пойтахти империя, балки ҳамчун иқоматгоҳи хуросониён дур аз Куфа, ки халифа дар он зиндагӣ кардан мехост, таъсис ёфтааст. Вале дар ин урдугоҳ онҳо муоширатро бо ватани худ нигоҳ медоштанд ва он мавқеи ҳукмрон дар ҳизб ва артиш, ки онҳо дар хидмати Аббосиён ба даст оварданд, ба халқ ва музофоти онҳо, Шарқи Эрон паҳн шуданд. Дар зери ниқоби исломи байналмилалӣ эронпарастӣ бар арабҳо ғолиб омад»[1].

Агар халифа Ал-Мансур ҳамчун бунёдгузори Бағдод амал мекард, пас писари ӯ ал-Маҳдӣ дар бораи ҷорӣ кардани мансаби олии давлатӣ – вазир (вазири якум), ки дастгоҳи мансабдориро сарварӣ мекард ва мустақиман ба халифа ҳисобот медод, анъанаи Бохтару Сосониёнро нишон медод. Соли 758, ал-Мансур писари хурдии худро ҳокими Хуросон таъин кард, ки марказаш он вақт шаҳри Рай (наздикии Теҳрони муосир) буд. Мушовири асосии ӯ Яҳё писари Холиди Бармакӣ буд, ки дар тулии тамоми ҳаёташ ҳамсафи содиқи ал-Маҳдӣ шуд. Ал-Маҳдӣ ҳангоми иваз намудани стратегияи ҷангӣ бо Византия, лашкари азиме барои ҷанг бар зидди он омода кард, ки дар сари он писараш Ҳорун ар-Рашидро гузошт, вале пешвои асосӣ Яҳё писари Холид буд. Соли 780 сарбозони хилофат Осиёи Хурдро убур карда, ба деворҳои Константинопол расид. Маликаи Византия (Рум) Ирина қудрати ҷангро надошт ва маҷбур шуд сулҳ бандад. Дар ин ҷо, мо боз як паҳлӯи дигари фаъолияти сулолаи Бармакиёнро мушоҳида мекунем, ки онҳо, инчунин, дар фаъолияти омода намудани юриши калони ҳарбӣ ва дар пешбурди гуфтушунид тафовут доштанд.

[1] Велльхаузен Юлиус. Арабский халифат. Золотой век ислама./ Пер. с англ. Т.М. Шуликовой.- М.: Центрполиграф, 2018, с.346.

Писари халифа Ал-Маҳдӣ ва набераи Мансур - халифа Ҳорун ар-Рашид (с.786-809) гулгулшукуфии Бағдод, аз рӯйи баъзе баҳогузориҳо «асри тиллоӣ»-и ин шаҳр ва хилофатро таъмин кард[1]. Ба андешаи мо, ҳукмронии чорякасраи ин халифаро ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст:

1) Солҳои 786-803 ҳамчун салтанати муваффақ бо такя ба вазирони бузурги Бармакиён;

2) Солҳои 803-809 чораҳои ҷазо алайҳи «сутуни тахт», яъне Бармакиён, шӯришҳо ва нишонаҳои таназзули хилофат.

Дар солҳои ҷавонӣ, халифаи оянда – Ҳорун аз тарафи падараш ба вазири барҷаста, бомаърифату дурандеши Яҳё писари Холиди Бармакӣ дода шуда, раванди омӯзиши ӯ аз омӯхтани матнҳои қадим, муосир ва машқҳои амалӣ иборат буд. Дар баробари таълими классикӣ Яҳё Холид Бармакӣ метавонист доир ба хидмати вазирӣ бо халифаи якум мубодилаи таҷриба намояд. Муҳаққиқон дар як ақидаанд, ки асри тиллоии Бағдод, дар солҳои аввали бунёд ва ривоҷ ёфтани он, асосан, бо номи Ҳорун ар-Рашид алоқаманд аст[2]. Аммо, далелҳои таърихӣ мавҷуданд, ки халифа маҷбур буд, ки солҳои дароз (10 сол) берун аз пойтахти хилофат бимонад, аввал дар шаҳри Ракка (Сурия) зиндагӣ кунад ва пас барои омодагии гузаронидани амалиётҳои ҷангӣ рӯзгорро дар қаламрави империяи Византия ба сар барад.

Ӯ корнамоиҳои ҳарбиро дӯст медошт, анъанаи (ҷиҳод) халифаҳои пешинаро (ҳам Умавиён ва ҳам Аббосиён) идома дода, ба империяи масеҳӣ муқобилият мекард. Аз ин рӯ, дарвоқеъ, пойтахти як империяи бузурги мусулмононро Бармакиён идора мекарданд, ки онҳо натанҳо барои ба сари қудрат омадани Ҳорун (барои дур кардани бародараш аз қудрат кӯмак карда буданд) мусоидат намуданд, балки баъдан бо сабаби

---
[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение,с. 148.
[2] Ҳамон ҷо, с. 148.

дурудароз ҳузур надоштани халифа дар Бағдод, шаҳр бевосита дар дасти онҳо буд. Дар замони се халифаи аввал Бармакиён вазирону машваратчии онҳо буданд ва ин корро дар давраи Ҳорун, ки худашон ба воя расониданд, идома доданд. Ҳамин тариқ, муҳоҷирон аз Осиёи Марказӣ (Бохтар) ҳокимони воқеии хилофат буданд. Робитаҳои наздик бо ҳукумат Бармакиёнро бениҳоят бою ғанӣ гардонд, ки дар ниҳояти кор барои бисёре аз аъзои оила фалокатбор гардид. Сарвати афсонавии ин хонадони пурқувват, ҳатто дар афсонаи «Ҳазору як шаб» (дар қисми «зиёфати Бармакиён») инъикос ёфтааст. Бо эҳтимоли зиёд, таъмини сулҳу субот дар набудани халифаи ҳукмрон дар пойтахти хилофат ва ҳукмронии Бармакиён сабаби пайдоиши як зарбулмасали ҷолиб гардид: «Дар Бағдод ҳама ором аст» ё мактубҳои мунтазами вазирони бузурги Бармакиён ба халифа, ки ӯро дар бораи ором будани вазъият дар дили хилофат (пойтахт) огоҳ мекарданд.

Шарқшиноси машҳури рус В.В. Бартолд дар мақолаи худ, ки махсус ба таърихи ин сулолаи «вазирони бузург» бахшида шудааст, ба маъхазҳои ибтидоии арабӣ-эронӣ такя карда, хабар медиҳад, ки вазири бузург Яҳё Холиди Бармакӣ дар ҳукмронӣ дар Бағдод аз падари худ монданӣ надошт. Ҳамчун халифа Ҳорун ар-Рашид, ки ӯро (Яҳё Бармакӣ) «падари» худ номида буд, пас аз халифа шуданаш ӯро ба мансаби вазир бо салоҳиятҳои номаҳдуд таъин кард, ки ӯ дар тӯли 17 сол (солҳои 786-803) давлатро бо кумаки писаронаш Фазл ва Ҷаъфар идора мекард[1]. Марҳилаи аввали ҳукмронии ин халифаи Бағдод, ки ба сулолаи вазирони бузурги Бармакиён такя мекард, бо шукуфоӣ дар соҳаҳои назм ва мусиқӣ, савдо ва иқтисод шӯҳрат ёфт. Хизмати асосии таърихии ин оилаи бузурги вазирон на дар таъмини

[1] Бартольд В.В. Бармакиды // Бартольд В.В. Сочинения. - М.: Наука, 1966. - Т. VI: Работы по истории ислама и арабского халифата. - С. 671.

оромии дарозмуддат дар пойтахти империяи ҷаҳонӣ, балки дар ташкилу идомаи муттаассили (эстафетаи) донишҳои илмӣ аз ҷаҳони қадим то асрҳои миёна (аз ҷаҳони юнонӣ-римӣ ба ҷаҳони ислом) ёд карда мешавад.

Ин оилаи шариф робитаи худро бо Осиёи Марказӣ қатъ накард. Вақте ки дар минтақа боз авҷи ноором сар шуд, худи Яҳё Бармакӣ ҳамчун ҳокими тамоми Осиёи Миёна (аз ҷумла «ватани хурд» дар Балх) ба он ҷо баргашт. Ин волӣ мушкилоти аҳолии маҳаллиро дарк намуда, тамоми даромадҳои андозро дар минтақа монд, ки баробар ба амали саркашӣ ба Бағдод буд, ки ин боиси сабукдӯш ва иваз шудани ӯ бо шахсе дигар гардида, минтақаро ба доираи ғуломӣ ва шӯришҳои кӯҳна баргардонд[1]. Тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд, олимони Осиёи Марказӣ меҳмонони зудои шабнишиниҳои зиёди ташкил кардаи ин оилаи сарпарастони Бағдод буданд[2].

Шогирди Бармакиён Ҳорун ар-Рашид, ки ба сӯйи ҷиҳод ҷаззоб буд, ба шоирон ва навозандагони араб афзалият медод. Худи Бармакиён ба илмҳои табиӣ ва гуманитарӣ диққати ҷиддӣ медоданд, ки дар он ҷо мардуми Хуросон ва Варорӯд дар ҷаҳони илми ислом ҷойгоҳи махсус пайдо мекарданд.

Ба гуфтаи коршиносон, муҳимтарин саҳми ин сулолаи бузурги вазирони Бағдод дар тамаддуни ҷаҳонӣ дар он аст, ки онҳо ташаббускори тарҷумаи дастнависҳои юнони қадим ба забони арабӣ буданд. Донишманди амрикоӣ Фредерик Старр чунин мешуморад, ки «дар муддати асрҳо Бармакиёни буддоӣ ҳамчун миёнаравҳои фарҳангӣ байни Ҳинд ва Осиёи Марказӣ хидмат мекарданд. Дар баробари марказҳои дигар дар Суғд ва Хуросон, ҷамоати дайрнишинон дар Навбаҳор маркази тарҷума ва таҳрири матнҳо аз Ҳинд ва интиқол додани онҳо ба тарафи

[1] Бартольд В.В. Бармакиды, с. 672.
[2] Старр Ф. Утраченное Просвещение,с. 148.

шарқ, ба Чин буданд. Акнун Бармакиён ин анъанаро ҳамчун мусулмонон давом медоданд ва бо ин робитаро байни афкори шарқӣ ва Бағдод шакл медоданд. Маҳз Яҳё ибни Бармак буд, ки тарҷумаҳои матнҳои осори ҳиндиро дар соҳаи тиб назорат ва баъдан ҳамчун ҳомии фанҳои тиб дар Бағдод хидмат мекард»[1].

Ба андешаи мо, гарави татбиқи бомуваффақияти амалияи буддоӣ (ҳиндӣ) дар тарҷумаи Бармакиён дар пойтахти нав, ки ин мутахассис нишон додааст, мавҷудияти як таҷрибаи пурқудрати маҳаллӣ – анъанаи тарҷумаи Сосониён дар «Гунде Шопур» буд. Дар ин ҷо дар асри III Сосониён маркази тарҷума ва омӯзиши матнҳои қадимаро, асосан, аз забонҳои юнонӣ ва қадимаи Сурия таъсис доданд, ки дар он, асосан, мутафаккирони масеҳӣ, ки бо сабабҳои гуногун империяи Византияро тарк карда буданд, фаъолият мекарданд[2]. Акнун бо шарофати Бармакиён анъанаҳои хуросонӣ ва варорӯдӣ дар интиқоли афкори буддоӣ аз Ҳиндустон ба Шарқи Дур барои эҳёи суннати Сосониён оид ба интиқоли афкори қадим ба муосирон бомуваффақият истифода мешуданд.

Бешубҳа, муқовимати тӯлонии низомӣ бо Рум (Византия) аз як тараф ва аз тарафи дигар, васеъшавии Бағдод ва сарпарастии аҳли илм, фарҳанг ва санъат, бори вазнини андозро бар дӯши аҳолии хилофат бор кард. Халифа Ҳорун ар-Рашид, ки муддати тӯлонӣ, бинобар идомаи ҷанги муқаддас бо Византия дар пойтахт набуд, тибқи анъанаи Аббосиён, оилаи Бармакиёнро дар ҳама гуноҳҳо, ки такягоҳи қудрати халифа дар пойтахт буданд, айбдор кард. Ӯ пас аз қариб ду даҳсолаи гулгулшукуфии хилофат, соли 803 аз афзудани мавқеъю қудрати Бармакиён, ки тамоми ҳокимияти давлатии империяи бузург дар дасташон буд, ба ташвиш омада, ба ҷазодиҳии пайравони содиқи худ сар кард. Тибқи гуфтаи В.В. Бартолд фурӯ афтидани ин оилаи бузург пурра набуд, вақте ки Ҷаъфар замоне

[1] Старр Ф. Маърифати гумшуда, с. 176.
[2] История таджикской философии. — Т. 2. — с. 39

назди Ҳорун ар-Рашид буд, қатл карда шуд ва падари ӯ- Яҳё Бармакӣ, ки як вақт вазири бузург буд ва бародарони ӯ (Фазл, Мухаммад ва Мӯсо) ба зиндон партофта шуданд. Бародари Яҳё Муҳаммад  ва хонаводаи ӯ бошад бе ташвиш монданд. Набераҳои Яҳё низ дар озодӣ монданд. Тибқи баъзе хабарҳо, Яҳёи пирсол ва писари ӯ Фазл дар зиндони шаҳри Раккаи Сурия ҷон доданд, писарони дигари Муҳаммад ва Мӯсо аз ҷониби вориси Ҳорун аз зиндон раҳо шуда, ба ҳаёти фаъоли сиёсӣ баргаштанд. Пас аз ин, онҳо тарафдори Маъмун, писари дуюми Ҳорун, ки аз зани эронияш буд, шуданд ва дар хизмати артишу давлатии онҳо ҷойи намоён доштанд. Аз набераҳои Яҳё писари Мӯсо Имрон, ёвари волии музофоти дури Синд шуд[1].

Дере нагузашта, халифа, ки дастгирии оилаи пурқудрати Бармакиёнро, ки марказ ва шарқи хилофати азимро дар тобеияти худ нигоҳ медошт, аз даст дод, он вақте ки халифа дар ғарб дар марзҳои империяи Византия солҳои дароз меҷангид, ҳоло мехост ошӯбҳои дар қаламравҳои аз Сурия то Суғд саршударо ором кунад. Дар маъракаи ҷангии зидди Суғд дар соли 809 халифа, ки дар бисёр афсонаҳои халқӣ оварда шуда буд, бо марг рӯ ба рӯ шуд.

Шарқшиноси рус В.В. Бартолд ҳукмронии пуршарафи Бармакиёнро бо суханони зерин ҷамъбаст менамояд: «Далели муҳим ба манфиати сифатҳои барҷастаи ин форсҳо (аниқтараш, тоҷикон. – М. А.) чунин аст, ки Бармакиёнро ҳатто арабҳои ватандӯст эҳтиром менамуданд, чун  муаллифи Китоб ал-Оғонӣ навиштааст, ки онҳо тавонистанд дар як вилояти араб, ба монанди Сурия, тартибот барқарор кунанд». Бо назардошти он, ки Сурия бо пойтахти бостонияш Димишқ такягоҳи сулолаи Умавиён, рақибони Аббосиён буд, акнун чи намуд муносибат лозим буд, ки муносибати душманонаи оммаро бо ҳукумати нав иваз намояд?!

---

[1] Бартольд В.В. Бармакиды // Бартольд В.В. Сочинения. - М.: Наука, 1966. - Т. VI: Работы по истории ислама и арабского халифата. - С. 673.

Ба андешаи мо, нақши асосии таърихии як қатор сулолаи «вазирони кабир»-и сулолаи Бармакиён дар он аст, ки дар тӯли зиёда аз 50 сол (749-803) дар сари қудрат будани онҳо таҷриба ва суннатҳои намуди ҳукмронии Эрони Шарқиро (вазири кабир бо девони вазирон) ба давлати навтаъсиси хилофати Аббосиён оварданд. Ин анъанаҳо, ки аз давраи вазири нимафсонавии бохтарӣ Гуштосп (Ҷамосп) сарчашма гирифтааст, дар синаи ислом як қабати «аҳли қалам», асоси бюрократияи як давлати фарохро ба вуҷуд овард. Дар шароити нав (ба итмом расидани марҳилаи истилоҳҳои васеъ), ин қабати бонуфузи ҳукмронон ҳамчун такягоҳи асосии давлати азим амал карда, ашрофони ҳарбиро дар маъмурияти хилофат танг кард. Ин хизмати ворисони саркоҳини маъбади буддоиёни Навбаҳори Балх дар он аст, ки онҳо муҳри «лаънати хатт»-ро аз ниёгони халқи тоҷик бардоштанд, ки тибқи анъанаи зардуштӣ эътимоди комил доштанд, ки навиштаҷот «офариниши Аҳриман аст» ва тамоми бағоҷи таърихӣ ва фарҳангии ниёгонро ба таври шифоҳӣ интиқол медоданд.

Бармакиёни хирадманд барои ба «халқи китобӣ (хаттӣ)» табдил ёфтани гузаштагони халқи тоҷик заминаи мустаҳкам гузоштанд, ки он пас аз як аср самараи фаровони эҷодиёти зеҳнӣ доданро оғоз намуд.

Шарқшиноси маъруф В.В.Бартолд ба Гардезӣ такя намуда, ба воқеияти таърихӣ ишора мекунад, ки яке аз охирин вазирони Сомониён Абулқосим Аббос бин Муҳаммад Бармакӣ[1] буд, гарчанде ки ӯ робитаи ин вазири султонро бо вазирони бузурги халифаҳо тасдиқ намекунад, аммо ин аён аст, ки халқи тоҷик аз чунин хонаводаҳои боҳашамати вазирони бузург ғанӣ аст, ки дар он рӯйхат хонаводаи бузурги Бармакиёни тавоно дар сафи пеш меистанд.

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 327.

## 1.3. Муқовимати Суғд

Дар яке аз ҳуҷҷатҳои таърихии дар кӯҳи Муғ ёфтшуда (Зарафшони Тоҷикистон), яке аз фиристодаи ҳокими Суғд (Деваштич) – Фатуфарн, ба ӯ дар бораи вазъи ҳаракати зиддиарабии халқҳои Турон (Варорӯд), Ҳафтрӯд ва Дашти Бузург, ки дар даҳсолаҳои аввали асри VIII, вақте ки арабҳо ҳамлаҳои худро ба соҳили рости Амударё шадидтар карданд, хабар медиҳад[1]. Ин номаи таърихӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки «қалб»-и муқовимати зидди арабҳоро дар Варорӯд ва ҳудудҳои ҳамсоя Суғди кӯчак, вале хеле ғанӣ роҳбарӣ менамуд.

Қадимтарин матнҳои суғдӣ (с. 313), ки 30 сол қабл аз ҳуҷҷатҳои кӯҳи Муғ, аз «Ҳазор ғори Буддо»и Могао, дар наздикии «Дарвозаи Чин» (Дунхуан), пайдо шуда буданд, дар бораи мавҷудияти робитаи устувори муносибат (яъне тиҷоративу иқтисодӣ) байни Самарқанд ва мустамликаҳои дурдасти суғдиён на танҳо дар ҳавзаи Тарим, балки дар Долони Гансу (шаҳрҳои муосири Ланчжоу, Увей ва ғ.) шаҳодат медиҳанд. Чор мактуби суғдӣ, ки ҷузъи коллексияи бузурги сайёҳи машҳури британиёӣ Аурел Стейн мебошад, ки ӯро аз як роҳиби маҳаллӣ ба даст овардааст ва онро як олими дигари машҳури британиёӣ, профессор Николас Симс-Уилямс кушодааст, оид ба равобити наздик ва мунтазами Суғдиён ва Чини дур ахборот медиҳад. Дар ду мактуб (№ 1, 3) дар бораи вазъияти вазнини зане хабар дода мешавад, ки аз паси шавҳараш аз Самарқанд ба Дунхуани Чин сафари дурударозе (бо модараш) кардааст ва бинобар набудани молия ва дӯстони наздик дар вазъияти душвор қарор дорад. Ду мактуби дигар (№2, 5) намунаҳоеро аз фаъолияти тиҷоратӣ ва молиявии муаллифони нома

[1] Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. Юридические документы и письма. Чтение. Перевод и комментарии В.А. Лившица.-М.: Изд-во Восточной литературы, 1962, с.77-91.

овардаанд, ки бинобар ҳолатҳои ҳарбӣ-сиёсӣ (ҳамлаи хуннҳо дар шаҳрҳои Чин) маҷбур буданд, ки манбаъҳои молиявии худро дар ин минтақаи дур аз пойтахти Суғд ҷойгиршуда аз нав тақсим кунанд[1].

Инҳо ду маҷмӯаи алоҳидаи мактубҳои суғдӣ (аз кӯҳи Муғи Зарафшон ва  мавзеи Могаои Чин) мебошанд, ки аз якдигар дар масофаи 2000 км. дур ҷойгир буда, равшан нишон медиҳанд, ки то замони ҳамлаи арабҳо ба ғанитарин минтақаи тоҷикон – Суғд, он дар сари бисёр шаҳрҳо-шоҳигариҳои воҳави, ки бо робитаҳои наздики иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва молиявӣ дар тӯли беш аз ҳазор солҳо (аз аввали асри V то милод - то аввали асри VII) истода буд.

Барои фаҳмидани ангезаи муқовимати якравии Суғдиён алайҳи арабҳо, ки дар навбати худ, ҳатто аз муқовимати қаблии худ бар зидди машҳуртарин истилогари Ғарб Искандари Мақдунӣ ҳам шадидтар буд, дар сиёсати мустамликадории  ӯ як сайри таърихӣ мекунем.

Бояд гуфт, ки муҳоҷирати шарқии суғдиён (ҳамроҳи бохтариён) беш аз ҳазор сол пеш аз омадани арабҳо ба Варорӯд оғоз ёфта буд. Мутахассисони рус исбот кардаанд, ки сокинони ду сатрапия (Суғд ва Бохтар), ки ба давлати Ҳахоманишиён дохил буданд (сатрапияҳои XII ва XVI) маҷбур буданд, ки аз сабаби зери ислоҳоти динии шоҳони Ҳахоманишӣ (дар асри V пеш аз милод) ба шарқ (ба Фарғона, ҳавзаи Тарим ва Тибет) кӯч бананд[2].

Онҳо дар ҷойи нав (ҳавзаи Тарим), ки дар он дигар халқҳои қадимаи эронӣ (усунҳо, сакоиҳо) ва халқҳои қадимаи аврупоӣ (тахорҳо) зиндагӣ мекарданд ва асосан тарзи зиндагии

---

[1]The Sogdian Ancient Letters. Translated by Prof. Nicholas Sims-Williams. School of Oriental and African Studies University of London // http://depts.washington.edu/silkroad/texts/sogdlet.html санаи мурочиат 06.01.2021.

[2] Кузнецов Б. И. Древний Иран и Тибет. (История религии бон).-СПб. Изд-во «Евразия», 1998, с. 206-222.

бодиянишиниро пеш мебурданд, ҳаёти иҷтимоию иқтисодии он ҷойро андозае эҳё карданд.

Таъсиси кишоварзии воҳа аз ҷониби суғдиён ва бохтариён, ки дар кишоварзӣ таҷрибаи бой доштанд, аз тарафи дигар, малакаҳои савдо ва ҳунармандии онҳо ва қобилияти сохтани асбобҳои кишоварзӣ мебоист ба зиндагии ҳавзаи Тарим нафаси нав биёрад. Малакаҳои тиҷоратии бохтариён, ки ҳангоми мубодилаи молҳо дар канори Шоҳроҳи Абрешим ва роҳ ба Ҳиндустон ба даст омада буд, тиҷорати наздисарҳадии суғдиён бо қабилаҳои гуногуни бодиянишин дар ҷойи нав барои таҳкими «Роҳи Яшмӣ (нефрит)» лозим буд[1].

Натиҷаҳои корҳои саҳроии бостонӣ дар наздикиҳои Тарим муҳоҷирати шарқии деҳқононро аз Варорӯд, ки бо асбобҳои кишоварзии худ (омоч, бел, каланд ва ғайра) ба ин ҷо омадаанд ва ба мутахассисон асос медиҳад, ки «дар равобити ин минтақа бо Чин, кишоварзӣ на аз ҷониби сокинони маҳаллӣ ҳамчун дода истода, баръакс, ки қабулкунда ҳисоб карда шавад»[2].

Маълумотҳои бостоншиносӣ, ки таъсири ғарбии маҳалли ибтидоии ҳавзаи Таримро нишон медиҳад ва инчунин тахмин меравад, ки яке аз вариантҳои номи кишвари воҳаи Хотан (дар ҷанубии Шоҳроҳи абрешим) эронӣ буд. Тавре ки коршиноси рус қайд мекунад: «Шумораи бештари гурӯҳҳо эрониён буданд, ки бо забони шарқии эронӣ ҳарф мезаданд, ки онро шартан хотану-сакоӣ меномиданд. Кай онҳо дар Хотан мавқеи роҳбариро ишғол карданд, ҳанӯз маълум нашудааст»[3].

Номи яке аз кишварҳои воҳаи ҳавзаи Тарим, ки дар матнҳои хотану-сакоӣ тақрибан 700 сол (асрҳои III-X) сабт шуда буд, баъзе

---

[1] Мамадазимов А. Великий шелковый путь. История становления, расцвета и распада. - Душанбе, «Сино», 2014, с. 15-20

[2] Антонова Е. В. Сельское хозяйство. // Восточный Туркестан в древности и раннем средневековье.- М. Вост. лит., 1995, с. 103-105.

[3] Воробьева- Десятовская М. И. Хотано- саки // Восточный Туркестан в древности и раннем средневековье. Т.2. –М.: «Наука», 1992, с. 41.

тағйироти фонетикӣ дошт. Дар матнҳои аввал матнҳо Хотанро (Хватана) меноманд. Дар забони фарҳангии санскрит номи расмии Хотан Гостана буд. Аз ин рӯ, яке аз коршиносони варзидаи рус қайд мекунад: «Инчунин ба назар бояд гирифт, ки дар забони қадимаи эронӣ (авастоӣ) «гава» маънои на танҳо «зист»-ро дошта; боз ба як минтақаи муайян тааллуқ дошт (масалан, дар Суғд)»[1]. Бо эҳтимоли зиёд тахмин кардан мумкин аст, ки дар масканҳои ибтидоии ин минтақаи бостонии ҳавзаи Тарим акси садои дури иштироки суғдиён дар якҷоягӣ бо қабилаҳои сакоиҳо ва тахорӣ, ки тадриҷан ба тарзи ҳаёти муқимӣ мегузаранд, ба мушоҳида мерасад.

Тавре ки маълум шуд, суғдиён дар ин ҷойи нав аввалин набуданд, зеро пеш аз онҳо ба ин ҷо дигар халқҳои эронии шарқӣ (усунҳо, сакоиҳо(юэчжиҳо) ва ғайра) муҳоҷират кардаанд, ки инро таҳқиқоти як коршиноси варзидаи рус тасдиқ мекунад: «Маълумот дар бораи юэчжиҳо, усунҳо ва сэҳо (сакоиҳо) шаҳодат медиҳад, ки ин қабилаҳо хеле пеш, дар асри III пеш аз милод ба эҳтимоли зиёд асрҳои VII-VI пеш аз милод ба сӯи шарқ (юэчжи то музофоти Гансу) рафтаанд"[2]. Чиншиноси маъруфи дигари рус М. Е. Кравтсова ба навиштаҷоти қадимаи чинӣ "Биографияи Писари Осмон Му («Му тянцзы жуан»), ки дар қабри Хуай-ван (316-296 то милод) ёфт шудааст, такя карда мегӯяд, ки чини қадим то асри IV пеш аз милод аллакай дар бораи мавҷудияти кишвари Юйшан («кӯҳи яшмӣ (нефрит)») ва аҳолии хориҷии он хабар доштанд[3].

Яке аз лаҳзаҳои баҳсбарангез ҳаммонандии этнолингвистии сакоӣ-кушониҳо (яъне «юэчжиҳо», соҳибони «кӯҳи яшмӣ») мебошад, ки қабл аз суғдиҳо ба ҳавзаи Тарим ва минтақаҳои ҳамсоя (Гансу) омада буданд. Аксари муҳаққиқон онҳоро, бешубҳа, ба

---

[1] Ҳамон ҷо, с. 42.

[2] Грантовский Э. А. Иран и иранцы до Ахеменидов. –М.: «Восточная литература» 1998,с. 80.

[3] Кравцова М. Е. «Жизнеописание Сына неба Му». Вопросы и ответы. // Петербургское востоковедение. Вып. 2, 1992. С. 375.

оилаи забонҳои скифӣ-сакоӣ нисбат медиҳанд, дигарон бошанд, онҳоро дорои забони тахорӣ (ҳиндуаврупоӣ) мешуморанд. Тавре ки туркологи маъруф С. Г. Кляшторний таъкид мекунад: «Чунин як муҳаққиқи бузурги қадимаи Осиёи Миёна, ба монанди Намио Эгами ва Кадзуо Енокӣ, дар пайравӣ аз Г. Хэллоун, юэчжиҳоро қатъиян бо ҷомеаи этнофарҳангии скифу-сакоиҳо пайваст мекунад»[1].

То замони ибтидои муҳоҷирати суғдиён ба ҳавзаи Тарим ва рушди тадриҷии он дар канораҳои шарқӣ ва ҳудуди он (Наншан, Гансу), аввалин империяи бодиянишини қадимии сакои-кушониҳо («юэчжи») ҳукмрон буд, ки муаллифи «Ёддоштҳои таърихӣ (Ши-тсзи)» Сима Сян дар бораи он дар ибтидои асри I то милод навишта буд, ки: «қабилаҳои юэчжиҳо ба авҷи худ расидаанд[2]». Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби сакои-кушониҳо таъсис додани як империяи бодиянишин, ки бо халқҳои суғдӣ алоқаманданд, ба мустамликадории васеи шарқии онҳо дар ҳавзаи Тарим ва минтақаҳои ҳаммарзи он монеа эҷод накарда, аниқтараш онро ташвиқ кард. Аз тарафи дигар, бунёди шаҳрҳои сершумори воҳавӣ на танҳо бо тарзи зиндагии бодиянишинони ин созандагони империя рақобат намекарданд, балки, баръакс, тарзи ҳаёти онҳоро тавассути истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳунармандӣ пурра менамуд. Дар ҳайати ин империяи кӯҳнашудаи бодиянишин дар ибтидо хуннҳо, инчунин ҳамчун мутеъ (вассал) мавҷуд буданд, ки садоқати онҳоро ба ҳокимияти олӣ дар амалияи гаравгонии аъзои оилаи пешвоёни қабилаҳои онҳо нишон медод. Дар ин бора «Ёддоштҳои таърихӣ»-и чинӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар он омадааст: «ӯ (роҳбари хуннҳо Тоуман-М.А.) Маодунро (писари

[1] Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей. – СПб, «Петербургское востоковедение» 2004, с. 63.
[2] Сыма Цянь. Исторические записки (Ши цзи).Т.VIII.-М.: «Восточная литература», 2002, с. 327.

калониашро. - М. А.) ба юэчжиҳо ҳамчун гаравгон фиристод[1]». Ин паёми пурарзиши таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки империяи бодиянишини сакои-кушониҳо нақши аввалин монеаро дар роҳи тавсеаи сиёсати ғосибонаи минбаъдаи пурқуввати хуннҳо ба заминҳои муқимии (Чин ва ҳавзаи Тарим, ки дар онҳо мардуми муқимии Эрони шарқӣ– суғдиён зиндагӣ мекарданд), бозӣ мекарданд, ки ҳамчун як иттифоқчии табиии муқимии Чин амал карда, инчунин раванди зуд муттаҳидшавиро аз сар мегузаронд.

Дар марҳилаи ибтидоии ин муқовимат ташаббуси ҳарбӣ-сиёсӣ дар тарафи сакои-кушониён буд. Тавре ки Сима Сян менависад, ки онҳо «ба сюнну (хуннҳо – М. А.) бо чашми нафрат менигаристанд», ин аз он шаҳодат медиҳад, ки афзалият дар идоракунии давлатӣ дар дасти сакоиҳо буд. Тавре ки мутахассиси рус менависад: «Онҳо аввалинҳое буданд, ки дар даштҳои Осиёи Миёна як империяи бодиянишини қадимӣ, бо сарварии ҳокими ягона, ки лашкари то 100 ҳазор савора дошт, ташкил карданд»[2].

Пас аз пурқувват гардидани хуннҳо ва зарбаҳои вазнин зидди амлокдорони дирӯзаи худ сакои- кушониҳо ( юэчжиҳо) ва муҳоҷирати маҷбурии онҳо ба ғарби дур (ба болооби ҳавзаи дарёи Вахш) ва радди бозгашти онҳо ба ватани таърихии худ (Гансу) вазъият куллан тағйир ёфт. Суғдиҳое, ки аз соҳилҳои Сир то канори ғарбии Девори Бузурги Чин шабакаи васеи ҳудудҳои мустамликадорӣ эҷод карда буданд, бо чиниҳои қадим муштарак дар ташаккулли Шоҳроҳи абрешим фаъолиятро сар намуданд.

Пас аз муҳоҷирати халқҳои ба ҳам наздик сакои-кушониҳо, суғдиён дар ҳавзаи Тарим ва минтақаҳои ҳамсоя бо чиниҳо, ки тавассути долони Гансу ба самти шимолу ғарб ҳаракат карда буданд ва хуннҳо, ки бо Чин барои бартарӣ доштан дар ин минтақа рақобат мекарданд, ҳамкорӣ менамуданд. Пас аз пирӯзии чиниҳо бар

---

[1]Сыма Цянь. Исторические записки (Ши цзи).Т.VIII. , с. 327.
[2] Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей. – СПб, «Петербургское востоковедение» 2004, с. 83.

хуннҳо, робитаҳои суғдиён бо чиниҳо мунтазам ва устувортар гардид, зеро назорати сиёсӣ ва маъмурии чиниҳоро қабул карда, фаъолияти худмухтории тиҷоратӣ ва иқтисодии худро нигоҳ доштанд.

Дар асрҳои минбаъда, ҳукмронии тиҷоратӣ-иқтисодии худро дар минтақа васеъ карда, забони суғдиро ба забони асосии (lingua franca) Шоҳроҳи Абрешим табдил дода, онҳо дар сари «гаҳвора»-и пайдоиши Ҳоқонии Турк истоданд.

Туркшиноси машҳури рус С.Г.Кляшторний дар асоси ривояти қадимаи туркҳо (асри VI), ки таърихнигорони Чин сабт кардаанд, менависад, ки туркҳои қадим чун саравлоди худ модаргургро мешуморанд, ки тибқи ин ривоят даҳ писар таваллуд кардааст; ин писарон бо занони Турфон издивоҷ мекунанд; яке аз писарон – Ашина (номи суғдӣ), номи худро ба қабилаи навзоди худ медиҳад; баъдтар роҳбарони авлоди Ашина хешовандони худро ба Олтой мебаранд ва дар он ҷо онҳо қабилаҳои маҳаллиро сарварӣ намуда, номи суғдӣ «турк»-ро мегиранд[1].

Тавре ки дар ҳавзаи Тарим маълум гардид, дар вақти пайдоиши Ҳоқони турк, аҳолии суғди ва тахориён бартарӣ доштанд, ки ин дар этногенези халқҳои турк нақши муҳим бозида (тавре ки аз гуфтаи боло бармеояд, туркҳо бо занони суғдӣ оила барпо карданд), бешубҳа, ба анъанаҳои фарҳангӣ ва забони қабилаи навташаккулёфта таъсир расонд ва ба гуфтаи муҳаққиқ, "маҳз дар ҳамин ҷо равобити наздики туркӣ-суғдӣ оғоз ёфт, ки ба тамоми фарҳанг ва давлатдории туркҳои қадим таъсири бебаҳо гузошт. Дар Олтой қабилаи ашина қабилаҳои маҳаллиро тадриҷан дар атрофи худ муттаҳид кард, ки иттиҳоди нави қабилавӣ номи «турк»-ро гирифт[2].

---
[1] Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей., с. 87.
[2] Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей., с. 87.

Соли 534 пешвои туркҳо Бумин таъин гардида, унвони «Ябғуи бузург»-ро гирифт. Аз рад намудани мағруронаи хостгории ҳоқони жожҳо Бумин ба хашм омада, бар зидди сюзеренҳои (амлокдорони) худ лашкар кашида, онҳоро мағлуб кард. Дар тӯли се даҳсола, онҳо давлати азимеро бо ҳудудҳои аз Манҷурия то халиҷи Керч ва аз болооби Енисей то болооби Амударё бунёд карданд. Аз ҳамин давра ба ҷойи калимаи «ашина» (суғд. «кабуд») истилоҳи «турк» васеъ паҳн шуд. Баъзан ибораи ҳар дуи -«туркҳои кабуд» истифода мешуд. Суғдиён созандагони империяи навро турк ва дар ҷамъ-туркут-«туркҳо» номиданд. Ин шакли номи суғдиро аввал чиниҳо (туҷжэ) ва баъдтар Византия иқтибос карданд, зеро муносибатҳои дипломатӣ, аз ҷумла мукотибаҳои дипломатии байни туркҳо ва чиниҳо ва туркҳою румиҳо бо миёнаравии фаъоли суғдиён ва хатти суғдӣ амалӣ мегардид. Баъдтар ин ном дар байни халқҳои дигар (эрониён, арабҳо, тибетҳо ва ғ.) паҳн шудан гирифт.

Таъсиси як империяи азим (Ҳоқони турк) ба воридшавии он ба робитаҳои ҷаҳонии сиёсӣ ва иқтисодии асрҳои миёна, пеш аз ҳама, бо ҷаҳони атроф – Чин, Эрон ва Рум (Византия) боис гардид. Дар муносибатҳои байналмилалии он замон, яке аз вазифаҳои асосӣ, ин мубориза барои назорати нуқтаҳои Шоҳроҳи Абрешим буд.

Дар охири асри VI Ҳоқони Турк соҳиби ҳавзаи Тарим, Ҳафтрӯд ва Варорӯд гашт ва ду давлати Чини шимолро хироҷсупори худ кард. Суғдиён дар тиҷорати абрешим ба майдон баромаданд ва назорати худро аз шаҳри Пайканд (соҳили рости Амударё) то Чанъан (пойтахти давлати Суй) дар масири асосӣ ва аз соҳилҳои Волга то Дунхуан дар масири шимолӣ паҳн карданд. Эрониҳо Шоҳроҳи абрешимро аз Пайканд то шаҳрҳои Сурия назорат мекарданд. Ба ибораи дигар, дар ин замон назорат аз болои Шоҳроҳи абрешим ба халқҳои эронӣ (суғдиён ва форсҳо) тааллуқ дошт, аммо дар афзоиши ихтилофи байни Сосониён ва Ҳоқони

турк барои мероси ҳайтолиён суғдиҳо дар тарафи иттифоқчиёни нав (туркҳо) буданд.

Аз ин рӯ, масъала дар бораи ба роҳ мондани робитаҳои тиҷоратӣ ва дипломатӣ бо Рум (Византия), харидори асосии матоъҳои абрешим ба миён омад. Дар он ҷо бояд на танҳо маҳсулоти абрешимбофии худи суғдӣ, балки миқдори зиёди ашёи абрешимӣ аз Ҳоқони Турк ҷамъшуда, ки дар шакли ҷуброни низомӣ ва андозҳои нав аз кишварҳои забтшуда ба даст оварда шуда буд, ба фурӯш бароварда мешуд[1].

Эътибори савдогарони суғдӣ, ки аз ибтидои пайдоиши Шоҳроҳи Абрешим васеъ паҳн шуда буд, ин вақт шуҳрати суғдиён боз афзунтар шудан гирифт. Солҳои 60-уми асри гузашта дар калисои шаҳраки Юи Белгия, ки дар он навъи матоъ бо навиштаҷоти суғдӣ пайдо шуд, ки дар он номи «занданечи»-аз номи деҳаи Зандана дар наздикии шаҳри Бухоро пайдо гардид. Ӯ ба яке аз коршиносони барҷастаи Эрмитажи Русия А.А. Иерусалимская имконият дод, ки гурӯҳи калони абрешимҳои дар Аврупо ва Туркистони шарқиро ҳамчун суғдӣ муайян кунад. Ин матоъҳо, бино ба маълумоти манбаъҳои хаттӣ, ба Ғарб ба таври васеъ содир карда мешуданд, ки ин имкон медод раванди ташаккул ва таҳаввули бофандагии абрешими суғдӣ дар асрҳои VII-IX маълум гардад»[2].

Мавҷуд будани сатҳи баланди истеҳсоли бофандагӣ (абрешим)-ро дар Суғд боз як муҳаққиқи дигар тасдиқ мекунад ва менависад, ки: «Тибқи маълумотҳои бостоншиносӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки матоъҳои абрешимӣ дар Суғд, Самарқанд, Фарғона, Бухоро, дар ҳавзаи дарёи Тарим истеҳсол карда мешуданд. Намунаҳои абрешими суғдӣ то Донг Хуан (шаҳри Дунхуани Чин. – М.А.) расидаанд ва дар наздикии Девори Бузурги

---

[1] Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей. – СПб, «Петербургское востоковедение» 2004, с. 100.

[2]Иерусалимская А.А. Кавказ на шелковом пути. Каталог выставки.- Л.Эрмитаж, 1992, с. 13.

Чин бисёр дастнависҳои суғдӣ ёфт шудааст. Истеҳсоли бофандагии Суғдӣ пурқудрат буд ва молҳои истеҳсолшуда ба ҳудудҳои хеле дур аз он содир карда мешуданд[1].

Шукуфоии иқтисодии Варорӯд ва минтақаи асосии он – Суғд, ки дар асоси тиҷорати миёнаравии байналмилалӣ ва истеҳсоли абарқудрати бофандагӣ таъсис ёфта буд, инчунин ба бозори хориҷӣ нигаронида шуда, дар якҷоягӣ бо фарҳанги баланде, ки ба хатти худ асос ёфта буд, имкон дод, ки дар сатҳи муносибатҳои байналмилалии он давра нақши намоён бозанд[2].

Ҳамин тариқ, дар нимаи дуюми асри VI зарурати фаврии фурӯши абрешими коргоҳҳои худ, транзити абрешимҳои чинӣ (ва таримӣ), инчунин абрешими дар ҳампаймонҳои нави худ – туркҳо ҷамъшуда дар шакли хироҷ ва ғаниматҳо, суғдиёнро водор сохт, ки бо кишварҳои пурқудрати тавонои он замон - Эрони Сосониён ва Византия ба муносибатҳои дипломатӣ бароянд. Маниах – савдогари суғдӣ, ки аз Истеми Хоқон иҷозатнома гирифта буд, ба Эрон рафт, ки абрешими суғдӣ-туркиро дар империяи Сосониҳо фурӯшад, вале шоҳаншоҳи Сосонӣ, дар ҳузури намояндагии дипломатии Маниах абрешимҳои овардашударо сӯзонд[3].

Дар ин ҷо, бори аввал як далели таърихӣ на дар бораи ҳамкории ду халқи ба ҳам дӯсту бародар (суғдиҳо ва форсҳо), балки рақобати шадиди байни онҳо ба мушоҳида мерасад.

Ба андешаи мо, роҳбарии сафорат ба давлати дуюми ҷаҳонӣ (Византия) аз ҷониби Маниах нишон медиҳад, ки Суғд дар дохили Ҳоқони турк мухторияти васеъ дошт ва суғдиён дар дарбори хоқон мавқеи хосса доштанд.

Туркҳои қадим, ки дар «давлати нимкӯчманчӣ» буданд ва муносибати қадимии мукаммали мусбат бо суғдиён доштанд,

---
[1] Пигулевская Н. В. Византийская дипломатия и торговля шелком в V-VII вв. // Византийский Временник, Т. I (XXVI),-М., . Изд. АН СССР, 1947, с.207-208.
[2] Ҳамон ҷо, с.208.
[3] Ҳамон ҷо, с.209.

ҷиҳати таҷрибаи бойи фаъолияти тиҷоратию дипломатӣ доштан, ин вазифаи муҳимро ба онҳо бовар карданд.

Ин сафорати Маниах, ки бо як «мактуби скифӣ»[1] ва «абрешими беарзиш» ба Константинопол фиристода шуд, ҳадафи дутарафа дошт. Аввалан, дар шахсияти императори Рум шарики боэътимоди ҳарбӣ пайдо карда, муқобили Сосониён дар якҷоягӣ муқобилат кунад, дувум, дар шахси дарбори бойи Византия харидор барои абрешими суғдӣ пайдо намояд.

Рум (Византия) на танҳо аз имзои шартномаи сулҳ қаноат намуд, балки аз сафорати суғдии Маниах, ки соли 568 сафорати мутақобиларо бо роҳбарии Земарх, «стратег» (фармондеҳ.-М.А.)-и шаҳрҳои шарқӣ»-и империя фиристод, то ки, эҳтимол, ба қудрати давлати туркҳо ва фаровонии он кишвар боварӣ ҳосил кунад[2]. Масири сафорати Маниах ва сафорати мутақобилаи Византия характери зиддисосонӣ дошт, аз ин рӯ роҳи шимолии Роҳи Абрешим (шимоли баҳри Каспий - Кавкази Шимолӣ - Баҳри Сиёҳ) интихоб карда шуд, ки онро муҳаққиқони рус бо диққати том тавсиф кардаанд[3].

Ҳамин тариқ, муносибатҳои румӣ-суғдӣ-туркӣ бо сафоратҳои Маниах, Земарх ва Тағма (писари Маниах) ба анҷом нарасида, баръакс, саҳифаи нави дипломатияи ҷаҳонӣ кушода шуд. Дипломатияи «даст дарози»-и суғдиҳо дипломатияи асрҳои миёнаро пурра мекард.

То замони юриши ҳарбии ҳокими машҳури араб Қутайба ибни Муслим зидди Варорӯд, суғдиён на танҳо дар муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ, балки дар муносибатҳои сиёсию дипломатӣ бо Дашти Бузург ва Чин низ робитаи наздик доштанд. Аз ин рӯ, вуруди Суғд ва тамоми Варорӯд ба синаи ҷаҳони арабу ислом бе

---

[1] Кляшторный С. Г. Древнетюркские рунические памятники – М.: «Наука»,1964, с.169.
[2] Пигулевская Н. В. Византийская дипломатия и торговля шелком в V-VII вв. // Византийский Временник, Т. I (XXVI),-М., Изд. АН СССР, 1947, с.211.
[3] Артамонов М. И. История хазар. –Л. Изд. Гос. Эрмитажа. 1962. С. 360

дард набуда, балки ҳамроҳ бо як ҳаракати муқовимат, инчунин харобиҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ вобаста ба рафтори арабҳо ва ҳам рафтори иттифоқчиён (пеш аз ҳама, аз қабилаҳои туркӣ) буд.

Қайд кардан хуш аст, ки равандҳои сиёсии ибтидои асри VII дар Вароруд бо маводи маҳаллӣ – «Ҳуҷҷатҳои суғдӣ аз кӯҳи Муғ» баён карда шудааст[1]. Мувофиқи ин ҳуҷҷатҳои суғдӣ, пеш аз болоравии Деваштич дар Суғд созишномаи Қутайба ибн Муслим бо шоҳи суғдӣ Ғурак (соли 712) имзо шуда буд, вақте ки ба арабҳо фидияи калон супурда, подшоҳ (ихшид) аз Самарқанд ба ҷойи нав – Фаранкас (шаҳрак дар минтақаи муосири Иштихони Ӯзбекистон) рафт. Шояд сокинон аз сиёсати таслимкунии Ғурак қонеъ набуданд ва Деваштич, ки парастори фарзандони ҳокими пешинаи суғдӣ Тархун буд, (эҳтимолан, дар қисмати шарқии кишвар) ба қудрат расид. Ин сарчашмаи пурарзиш инчунин ба мо иттилоъ медиҳад, ки Деваштич, на танҳо бо давлатҳои ҳамсоя, балки бо давлатҳои қавӣ – Ҳоқони турк ва императори Чин ва дар сарзамини ғарбӣ низ муносибатҳои наздик дошта, солҳои зиёд муқовимати зиддиарабиро дар канораҳои шарқии ҷаҳони ислом мебурд[2].

Суғдиён на танҳо малакаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, балки малакаҳои ҷавонмардии асрҳои миёнаро низ доштанд, зеро Табарӣ мегӯяд, ки сокинони Суғд анъанае доштанд, ки тибқи он онҳо «барои беҳтарин ҷанговари Суғд дастархоне мекушоданд, ки дар он гӯшт, нон ва кӯзаи шароб монда мешуд, ва ҷуз ӯ касе ба миз нишаста наметавонист. Агар ғайр аз ӯ каси дигаре бо ӯ хӯрок хӯрад, ҷанговар ӯро ба мубориза даъват мекард ва мизи хӯрокдор ба касе мегузашт, ки дар муборизаи як ба як ғолиб меомад"[3].

---

[1] Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. Юридические документы и письма. Чтение. Перевод и комментарии В.А. Лившица.-М.: Изд-во Восточной литературы, 1962, 224 с.

[2] Ҳамон ҷо, с. 75-132.

[3] «История» ат-Табари. Избранные отрывки. Перевод с арабского В.И. Беляева с дополнениями О. Г. Большакова и А. Б. Халидова. II, 1146.

Сарфи назар аз ин омилҳои мусбат суғдиён, шабакаи васеи мустамликаҳои суғдӣ, иттифоқи наздик бо туркҳо, урфу одатҳои ҷавонмардӣ ва ҳамарӯза доштани силоҳ, алалхусус дар Варорӯд, дар маҷмуъ, дар шароити парокандагӣ қарор доштанд, ки арабҳо аз он моҳирона истифода мебурданд.

То ин вақт, яке аз халифаҳои парҳезгори Умавиён Умари II (с. 717-720) фармонҳо қабул кард, ки ситонидани андоз аз онҳое, ки дини исломро қабул кардаанд, манъ карда шаванд; имтиҳон накардани мусофирон бо талаби хатна; сохтани меҳмонхонаҳо (нигоҳубини савдои корвон) ва дигар сохторҳои умуман муфид[1], ки тавонистанд нуфузи исломро дар минтақа афзоиш диҳанд. Илова бар ин, пас аз истилои Қутайба, дар солҳои ҳукмронии волиёни минбаъдаи Хуросон, Суғди сарватманд дар байни арабҳо номи нав- «Боғи амири содиқон»-ро доштанд[2]. Ҳамаи ин омилҳо бо суст шудани минбаъдаи ворисони Ҳоқони турк (тургешҳо) ва парокандашавии давомноки сарзаминҳои таърихии тоҷикон - Варорӯд, сарфи назар аз муқовимати шадиди суғдиён ба пирӯзии арабҳо бо дини нав оварда расонд.

Ба андешаи мо, ба ҷунбиши зиддиарабӣ дар минтақа сарварӣ кардан ё бо ба арабҳо наздик шудан, Деваштич ва Ғурак, пеш аз ҳама, мехостанд, ки ҳукмронии тиҷоративу иқтисодии суғдӣ дар воҳаҳои Шоҳроҳи Абрешимро аз соҳилҳои Амударё ба шаҳри Дунхуан (дарвозаи ҳамвории Чин) муҳофизат кунанд.

Қисми хотимавии ғалабаи ибтидоии арабҳо дар Суғд, дар давраи ҳукмронии волии Хуросон Насри ибни Сайёр (738-748), ки дар сиёсати дохилӣ як қаторислоҳот гузаронидааст, ки тибқи он ӯ андозро аз мусулмонон ба ғайримусулмононе, ки аз онҳо нодуруст

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. Т.I.-М.: Восточная литература, 1963.с. 246.

[2] «История» ат-Табари. Избранные отрывки. Перевод с арабского В.И. Беляева с дополнениями О. Г. Большакова и А. Б. Халидова. II, 1128

озод карда шудаанд[1], интиқол дод. Ба бозгашти суғдиҳое, ки қаблан дар кишвар буданд, баъдан ба сарпарастии Ҳоқони турк гузаштанд, ки пас аз маргаш тасмим гирифт, ки ба Ватан баргарданд, розӣ шуд [2]. Далели шадиди ӯ алайҳи мухолифони ин сиёсат суханони зерини ӯ буданд: «Агар шумо худатон қудрати онҳоро медидед ва онҳо ба мусулмонон чӣ гуна зарар расонидаанд, чунон ки ман дидам, шумо ба ин [шартнома] бе ризоият муносибат намекардед», ки ин аз далерии суғдиён шаҳодат медиҳад. Худи ҳамин баҳс ба фиристодаи ӯ кӯмак кард, ки розигии халифа Ҳошимро ба даст орад, ки дар ибтидо намехост амалҳои волии хуросони худро нисбат ба суғдиён тасдиқ кунад[3]. Табарӣ 30 ҳазор мусулмон ва 80 ҳазор ғайримусулмони аҳолии Суғд нишон медиҳад, ки миқдори мусулмонон аз ғайримусалмони ин кишвар тақрибан се маротиба камтар будааст[4].

Дар сиёсати хориҷӣ ба сабаби пароканда шудани давлати Туркони Ғарбӣ ба ин ҳокими араб муяссар гардид, ки дар Уструшон, Шош ва Фарғона ҳукмронии исломро ба роҳ монад, сарвари ҳарбии тургешҳоро дастгир ва ба қатл расонад ва бо ин муваққатан таҳдидҳоро аз тарафи Дашти Бузург бартараф кунад[5].

Дар тӯли даҳ сол ба ин ҳокими ҳайратангези Умавиён Наср ибни Сайёр муяссар шуд, ки ҳамаи довталабони пурқудрат дар Хуросонро безарар гардонад (Ҳарис, Кирмонӣ ва ғ.) ва тавонад субот ва шукуфоии онро таъмин кунад. Табарӣ мегӯяд, ки «ӯ ба чунин шукуфоӣ ноил гашт, ки ҳеҷ гоҳ ба он ноил нашуда буд. Ӯ хироҷ таъин карда, маъмурият ва ситонидани андозро амр дод»[6]. Дар фарҷоми ҳукмронии худ, ин волии тавонои Умавиён бо як

---

[1] Ҳамон ҷо, II, 1689.

[2] Ҳамон ҷо, II, 1717-1718.

[3] «История» ат-Табари. II, 1718.

[4] Ҳамон ҷо, II, 1689.

[5] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. Т.I.-М.: Восточная литература, 1963.с. 249.

[6] «История» ат-Табари. II, 1664-1665.

рақиби ҷиддӣ дар симои Абумуслим, фиристодаи Аббосиён дар Хуросон, ки дар қатори дигар сифатҳо ба қадри кофӣ мардуми тоҷикро дар маъмурияти муҳими минтақаҳои хилофат чун яке аз пешвоён арзанда намояндагӣ мекард, вохӯрд.

Ҷунбиши минбаъдаи зидди Умавиён дар хилофат, ки хуросониён дар он ҷо афзалият доштанд, наметавонист ба равандҳои низомӣ-сиёсии Варорӯд, аз ҷумла суғдиён, таъсир нарасонад. Умедвориҳои калон барои тағйирёбии қудрат дар хилофат чашмдошти суғдиён, алалхусус хуросониён, дар маҷмуъ, иҷро нашуданд, ба ҷуз аз он ки ислом «пардаи арабӣ»-и худро рахна карда, як дини фавқулмиллӣ шуд. Аз ин рӯ, ба ҳокими Аббосиён Абумуслим лозим омад, ки шӯришҳои мардумиро бо аҳолии араб ва ғайриараб пахш кунад. Ҳамзамон, ба ӯ муяссар шуд, ки таҳдидҳои нави ғосибонаро аз ҷониби мухолифони нави чинии сулолаи Тан ба Суғд бартараф кунад. Дар давраи ҳукмронии халифа Маъмун, вақте ки писарони Асад, писари Сомонхудот, дар мубориза барои қудрат ба ӯ кӯмак карданд ва ҳокимияти онро дар Варорӯд, аз ҷумла дар шаҳрҳои Суғд ба даст овард, дар таърихи сиёсии он тағйироти ҷиддӣ ба амал омаданд.

Дар ин ҷо, мо, метавонем дар муқоиса баъзе рафторҳои ҳокимони шаҳрҳои Макка ва Самарқандро пайгирӣ кунем. Ҳокими воқеии Макка Абусуфён, ки дар ибтидо дар кори таблиғотии Паёмбари ислом таҳдид ба мавқеи шаҳри бутҳоро медид, баъдтар аҳамияти бениҳоят зиёди исломро дарк кард ва Маккаро «пойтахти дини муқаддас» интихоб кард. Ҳамин тавр, болонишинони шаҳри Самарқанд, дар солҳои аввали ҳукмронии Сомониён, хилофат, ки манфиатҳои сиёсати мутамаркази қудрати этносулолавиро дарк карданд, ҳамчун пуштибони он амал кардан гирифтанд.

Мероси тиҷоратии савдои суғдӣ, ки Сомониён пас аз сад соли муқовимат ба даст оварданд, тадриҷан на танҳо ҳифз карда шуд,

балки такмил ёфта то ба Ғарб, ба соҳили Уқёнуси Атлантика (дар Испанияи мусулмонӣ) расид[1].

Забони суғдӣ (яке аз забонҳои эронӣ), дар Шоҳроҳи Абрешим нақши забони байналмиллалӣ (lingua franca) ро мебозид, ба забони саросарии тоҷикӣ (дарӣ-форсӣ) иваз карда шуд, ки онро Сомониён ба нақши Персофония[2] (аниқтараш Тоҷикофония) баровarданд.

Дар садсолаҳои минбаъда забони тоҷикӣ ба забони давлативу идоракунии бисёр давлатҳо табдил ёфт.

[1] Подробно Коковцев П. К. Еврейско-хазарская переписка в X веке – Л., Изд. АНСССР, 1932, -134 с.

[2] Фрагнер, Берт Г. «Персофония». Региональность, идентичность, языковые контакты в истории Азии. [пер. с нем.Э. Н. Сагетдинова; науч. ред. П.В. Башарин]. — М.: Фонд Марджани, 2018. — 136 с.

## 1.4. Академияи халифа Маъмун дар Марв

Пас аз бо кӯмаки тоҷикони Хуросон ба сари қудрат омадан, Аббосиён ба ин минтақа ва намояндагони он эътибори махсус додан гирифтанд. Аз як тараф, бисёр шахсони қобилиятноки Хуросон ва Варорӯд ба девонҳои нашъунамоёбандаи давлатии хилофат ва лашкари он даъват шуда буданд ва аз тарафи дигар, халифаҳо намояндагони қобилиятноки худро дар ин минтақа таъин карданд. Халиф Ҳорун ар-Рашид, ки дар муҳити фарҳангии вазирони хирадманди Бармакиён тарбия гирифта буд, писари дуюми боистеъдоди худ Маъмунро, ки аз модари тоҷик таваллуд шуда буд (вилояти Бодғис, дар наздикии Ҳирот), ҳокими Хуросон бо марказ дар Марв таъйин кард.

Агар ба назар гирем, ки пеш аз он халифа Ҳорун ар- Рашид аз писаронаш (калонӣ Амин ва Маъмуни хурдӣ) савганд қабул карда буд, ки баъд аз ӯ онҳо бо навбат дар хилофат ҳукмронӣ мекунанд, пас мо эҳёи анъанаҳои ҳахоманишӣ ва сосонӣ таъини ҳокимони ояндаро чун волӣ дар шарқи империя мушоҳида мекунем. Пеш аз он, ҳеҷ яке аз волиён, ки ба волии Басра (Ироқ) тобеъ буданд, ба қудрати олӣ дар хилофат талабгор набуданд. Ҳамин тариқ, аз соли 809 (соли марги халифа Ҳорун ар-Рашид) ва соҳиб шудани халифаи нав Амин ба тахт, Марв ба як қароргоҳи тавоно мубаддал гашт. Шаҳр аз соли 811, вақте ки халифа Амин савганди худро вайрон кард, ба шаҳри давталаби нав мансаби халифа ва аз 813 то 819 пойтахти воқеии тамоми хилофати Аббосиён буд. Аз ин рӯ, халифаи оянда (Маъмун) пас аз кӯчидан аз Бағдод ба Марв ба муҷаҳҳазгардонии пойтахти нав ва дарбори боҳашамати он шуруъ кард[1].

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 183.

Бояд қайд намуд, ки дар байни волиёни Хуросони хилофати Аббосиён пас аз Абумуслим (с. 748-755) намояндаи хонаводаи Бармакиён Фазли Бармакӣ (с. 794-795) фарқ мекард, ки дар давраи ҳукмронии ӯ Варорӯд ором карда шуд. Тибқи гуфтаи Табарӣ: «ӯ ба таври беҳтарин ҳукмронӣ мекард», вақте ки ҳатто ҳокими (афшин) дурдасти Уструшон Ҳарахара, ки пештар ба касе тобеъ набуд, итоати худро изҳор дошт[1]. Ин манбаи асримиёнагӣ инчунин хабар медиҳад, ки волӣ Фазл Бармакӣ тавонистааст дар сафи артиши Аббосиён 500 000 нафар лашкарро ҷамъ кунад, ки 200 000 нафари онҳо ба Бағдод фиристода шуданд[2]. Сарфи назар аз муболиғаи аёнии шумораи ин наваскарон, мо эътироф мекунем, ки эҳёи анъанаҳои империяҳои Ҳахоманишиён, Аршакиён ва Сосониён низ вуҷуд дорад, вақте ки онҳо дар юришҳои ғарбии худ, аз ҷумла, ба захираҳои бузурги инсонии минтақаҳои шарқии худ такя мекарданд. Ёдовар мешавем, ки дар тӯли ин солҳо халифа Ҳорун ар- Рашид зидди Рум ҳамасола юришҳо мекард.

Оромсозии нисбии Варорӯд ва Хуросон аз ҷониби Фазли Бармакӣ, аз ҷумла, барои халифаи оянда низ мусоидат мекард, ки ҳокимияти васеъро (бо бисёр минтақаҳои пароканда ва кишварҳои мустақил) дар итоат на танҳо бо ёрии нерӯҳо нигоҳ дорад, балки инчунин, асосан, ба туфайли фаъолияти дипломатӣ (фиристодани сафоратҳои сершумор)[3] устувор кунад.

Устувории нисбӣ, дурусткории ашрофони маҳаллӣ ба халифаи оянда Маъмун имкон дод, ки барои устувории қудрати худ мубориза муваффақона барад ва вақте ки хуросониён бори дуюм дар хилофат ҳукуматро ба даст оварданд, акнун қудрат на

---

[1] История ат-Табари. III, 631; Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.260.
[2] История ат-Табари. III, 634.
[3] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. Т.I.- М.:«Восточная литература», 1963,с.260-261.

аз як хонадони араб ба хонадони дигар, балки аз бародари калонӣ ба бародари хурдӣ (хафашуда) аз хонаводаи халифаҳои ҳоким дода мешуд. Инчунин, хароб кардани Бағдод пас аз муҳосираи яксолаи артиши хуросониёни Маъмун бо сардории фармондеҳи боистеъдоди Тоҳир, асосгузори сулолаи Тоҳириён, мавқеи Марвро ҳамчун пойтахти хилофат тақвият бахшид.

Дар ин солҳои вазнин, ба ин халифаи муваффақ, бо тафовут аз пешгузаштагони худ, муяссар гардид, ки ба таҳқиқоти илмӣ ба таври ҷиддӣ машғул шавад, вақте ки як қатор олимони барҷастаю боистеъдоди миқёси ҷаҳонӣ дар атрофаш ҷамъ шуда буданд.

Хушбахтона, пеш аз ташкили академияи илмӣ дар пойтахти нави муваққатии хилофат дар Марв, фаъолияти густардаи тарҷумонии олимон таҳти сарпарастии хонаводаи вазирони бузурги Бармакиён, асосан, ба итмом расид. Қабл аз ин дар Бағдод, дар идомаи анъанаи илмии сосониён Гунди Шопур, тарҷумаи васеъи асарҳои мутафаккирони қадим (Юнони қадим) ва ҳиндӣ дар соҳаи фалсафа, тиб, илмҳои сиёсӣ ва ғайра ба роҳ монда шуда буд. Дар ин фаъолияти Бармакиён, мутахассисон идомаи анъанаи ниёгони онҳоро пайгирӣ мекарданд, зеро Бармакиёни пешина, ҳамчун мураббиёни буддоии маъбади машҳури Навбаҳор (вихараи нав – «дайраи нав») ба тарҷумаи забонҳои дигари минтақаи паҳншавии ин дин (дар Хуросон, ҳавзаи Тарим, Варорӯд, Тибет, Чин ва ғ.) маъхазҳои ибтидоии буддоии Ҳиндустон машғул буданд[1].

Акнун олимони ислом, ки дар Марв ба таҳқиқоти илмӣ машғул буданд, дастовардҳои халқҳои ҷаҳон пеш аз давраи исломро дар даст доштанд, ки ин дар таҳқиқи онҳо кӯмаки қавӣ буд.

Ҳангоми будубош дар Марв, Маъмун нисбат ба падараш Ҳорун ар-Рашид ба илм таваҷҷӯҳи хеле васеътар зоҳир мекунад.

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 149-150.

Расадхонаи қадими маҳаллӣ таҳти сарпарастии ӯ рушд мекард ва ӯ таҳқиқотро дар як қатор дигар соҳаҳо, аз ҷумла муҳандисӣ ва пневматика дастгирӣ кард. Яке аз асбобҳое, ки бо дастгирии халифа Маъмун сохта шуда буд, то пайдоиши автоматизатсияи пневматикӣ дар асри XX бемисл буд. Дар Марв, ӯ инчунин фаъолияти тарҷумониро, ки аз замони таъсиси Бағдод дар он ҷо пеш бурда мешуд, равнақ дод. Ба ин муносибат, бисёре аз тарҷумаҳои даврии асарҳои илмии ба Бағдод мутааллиқ, бояд ки дар асл ба доираи илмии Марв мансуб дониста шаванд. Дарвоқеъ, тавре ки баъдтар Де Лейси О'Лирӣ дар асоси ҳама далелҳои маълум тасдиқ кард, «Хуросон канале буд, ки тавассути он маводи астрономӣ ва математикӣ ба Бағдод ворид мешуд». Халифа Маъмун оқибат дарк кард, ки агар ба Бағдод кӯч набандад, ба ӯ хатари аз даст додани тамоми империя таҳдид мекунад. Вақте ки ӯ ба роҳ баромад, бисёр олимон ва муҳаққиқони Осиёи Марказиро ба ҳайати ҳамроҳонаш шомил намуд.

## 1. 5. Тоҳириён: аз дастгирии хилофат то истиқлолият

Агар халифаҳои нахустини аббосӣ пас аз ҳалли вазифаҳои мушаххас ва ниятҳои худ, саркӯбиҳоро зидди намояндагони барҷастаи халқи тоҷик (Абумуслим ва Бармакиён) истифода мебурданд, аммо ворисони баъдии онҳо бинобар мавқеи ҳукмрон дар халифат пайдо намудани хуросониён ва варорӯдиён дигар наметавонистанд ҷойгоҳ ва хизматҳои онҳоро нодида гиранд. Дар мисоли муносибати халифа Маъмун (модараш эронӣ) нисбат ба Тоҳириён, мо ин сиёсати нави халифаҳоро дар амал мушоҳида менамоем. Онҳо таҷрибаи ҷазо додани ошкоро алайҳи мардуми Хуросонро бо амалҳои маккоронаи пинҳонӣ (заҳрдиҳӣ, фиристодани қотилон ва ғ.) иваз карданд.

Тибқи маълумоти В.В. Бартолд, аҷдоди Тоҳириён Розиқ маволии волии Систон Абумуҳаммад Талҳӣ б. Абдаллоҳи Хузоӣ буд, ки ӯ дар навбати худ ба ҳокими Хуросон Салм б. Зиёд (681-683) тобеият дошт. Писари ӯ Мусъаб соҳиби шаҳри Фушанҷи Ҳирот буд ва дар таблиғи Аббосиён алайҳи Умавиён, ки котиби яке аз шарикони Абумуслим буд, фаъолона ширкат меварзид. Пас аз ӯ, ин шаҳр бо навбат ба писараш Ҳусайн (814-815) ва набераaш Тоҳир мутааллиқ будааст.

Тоҳир на ҳамчун ҳокими ботаҷриба, балки мисли Абумуслим дар майдони ҷанг шуҳрат пайдо кард. Ӯ дар ҷанг зидди набераи собиқ волии Хуросон Рофеъ ибни Лайс, ки бар зидди халифаи Бағдод исён бардошта буд, ҷасорат ва роҳбарии ҳарбӣ нишон додааст. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки ӯро соли 811 сарлашкари артиши хурди волии Хуросон Маъмун таъйин карданд, ки бояд ҳуҷуми артиши халифаро ба Хуросон пешгирӣ кунад. Дар он замон, қароргоҳи ҳокими Хуросон шаҳри Марв буд, ки аз он ҷо ӯ бо халифа, ки савганди интиқоли қудратро ба

бародари хурдии худ Маъмун ба фоидаи писараш Мӯсо шикаста буд, мубориза мебурд. Пештар, воли Маъмун бозгашти артиши бағдодии халифаро бо сарварии Ҳарсама, ки бар зидди шӯриши Рофеъ ибни Лайс равона шуда буд, ба итоати худ гирифта буд. Бар зидди ҳокими саркаш (додараш), халифа лашкари зиёд (50 ҳазор нафара)ро фиристод. Дар сари ин лашкари калон Алӣ ибни Исо ибни Маҳан аз оилаи ҳокимони собиқи Хуросон буд, ки ният дошт бародари халифаро занҷир баста, ба Бағдод фиристонад ва бо ин васила роҳро барои ба даст овардани ҳокимият дар ин минтақаи бойи хилофат кушояд.

Тибқи иттилои «Таърихи Кембриҷи Эрон», бар асоси хабарҳои маъхазҳои асримиёнагӣ, Тоҳир, ки фармондеҳии артиши хурди ҳокимро ба ӯҳда гирифт, на танҳо қудрати ҷисмонӣ (бо шамшер бо дасти чапи худ дошта метавон як нафарро ду тақсим кардан) дошт, балки инчунин маҳорати ҷойгиркунии қӯшунҳо дар майдони ҷанг ва истифодаи моҳиронаи маълумотҳои фаврӣ ва зеҳни ҳарбӣ дошт. Ин сифатҳо ба ӯ имконият доданд, ки бар лашкари халифа Амин бо роҳбарии фармондеҳи машҳур Алӣ ибни Исо ибни Маҳан, аз оилаи нафратангези ҳокимони дар Хуросон буда, ғолиб барояд. Ғалабаи Тоҳир инчунин маънои ғалабаи Хуросон бар Ироқи нафратангезро дошт, ки қабилаҳои он дар тӯли зиёда аз якуним аср сарзамини тоҷикон – Хуросон ва Варорӯдро ғорат мекарданд. Ба тахт нишастани писари дигари Ҳорун ар- Рашид, халифа Маъмун, хуросонӣ аз тарафи модарӣ, низ мавқеи хуросониёнро боз тақвият бахшид. Аммо, дертар халифаи нав Тоҳирро ба куштори бародари худ айбдор кард, зеро сарбозони Хуросониаш халифа Аминро, ки дар Бағдод асир афтода буд, кушта буданд[1].

---

[1] The Cambridge History of Iran. T.4. The Tahirids and Saffarids, edited by R.N. Frye, 1999, s. 92.


Давлати Тоҳириён (821-873)
Кобул
Балх
Самарқанд
Ҳирот
Заранч
Урганч
Бухоро
Марв
НИШОПУР
Исфахон
Шероз
Теҳрон
Табриз
Марога

Тибқи иттилои муҳаққиқи амрикоӣ Ф. Старр, пирӯзии Маъмун ва Тоҳир на танҳо боиси тағйирот дар пойтахти хилофат, балки алахусус дар қисми шарқии он низ гардид: «аввалан, Маъмун марзи Хуросонро тавассути ба он ҳамроҳ кардани қариб тамоми Осиёи Марказӣ, ба ҷуз кишвари шимолии дашту биёбонҳо ва Синсзян васеъ кард. Ӯ андеша мекард, ки шаҳрҳои асосӣ, мисли Самарқанду Бухороро дар зери назорати дигарон мондан хуб нахоҳад буд, зеро ҳар ҳодисае, ки дар Марв ва Нишопур рух медиҳад, ба тамоми минтақа таъсир мерасонад ва баръакс. Аз ҳамин сабаб ӯ як воҳиди бузургеро таъсис дод, ки тамоми Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт ва аз тарафи як ҳоким, то ба дашту биёбонҳои шимолӣ ва бар тарафи шарқ, то ба водии Фарғона тӯл мекашид, идора карда мешуд. Дуюм, ӯ Марв ва баъдан Нишопурро пойтахти ин музофоти нав ё беҳтараш, як давлати нав- Осиёи Марказӣ муайян кард. Сеюм, назоратро аз болои ин «давлат дар дохили давлат» ба роҳбари абарқудрат ва самаранок, ки ӯро пешвоёни маҳаллӣ хоҳанд пазируфт – Тоҳир ибни Ҳусайн, сарфармондеҳи қӯшунҳо, ки пеш аз ҳама Маъмунро ба сари қудрат оварда буд, таъйин кард. Ниҳоят, азбаски Тоҳир ҳамчун ҳокими Хуросон, дуюмин абарқудраттарин шахс дар тамоми хилофат хоҳад шуд, Маъмун бояд ба ӯ ҳокимияти воқеӣ диҳад ва ӯ ин корро амалан анҷом дод»[1].

Пас аз ҳамроҳ шудани халифа Маъмун Тоҳир волии Байнаннаҳрайн, фармондеҳи низомии пойтахт (Бағдод) ва сардори хадамоти андоз дар Савад (Ироқ) таъин шуд. Соли 821 ӯ волии яке аз музофотҳои асосии хилофат – Хуросон таъин шуд. Пас аз 1 сол, тирамоҳи соли (822) ӯ пас аз он, ки ҳангоми хондани намоз (хутба) номи халифа Маъмунро нахонд, ногаҳон вафот кард. Аз ин рӯ, гумон ба миён омад, ки халифа аз амали мустақилонаи ӯ хашмгин шуда, амр додааст, ки пинҳонӣ ӯро заҳр диҳанд. Бо вуҷуди ин, халифа писари ӯ Талҳаро ба ин вазифаи калидӣ таъин кард, ки ӯ

[1] Старр Ф. Маърифати гумшуда, с. 236.

шаш сол ҳукмронӣ кард (с.822-828). Ворисӣ ӯ Абулаббоси Абдуллоҳ, ки ба Нишопур, маркази он вақтаи Хуросон омад, ҳамчун ҳокими мустақил ба ҳукмронӣ шуруъ кард[1]. Халифаи нав Мӯътасим (833-842) анъанаҳои номардонаи ҳалифахои Аббосиро идома дод, ки ба гуфтаи Гардезӣ, ба ӯ канизак ва саллаи (заҳролудшуда)-ро ҳамчун туҳфа фиристод. Ба назди Абдуллоҳ омада, ин канизак, ки ба ӯ ҳоким маъқул омад ва асрори ин салларо ошкор кард[2].

Чунин аст, ки «Таърихи Кембриҷи Эрон» дар бораи нақши Тоҳириён дар хилофати Аббосиён менависад: «Дар давоми 3 аср (ислом– М.А.) чор насли хонаводаи Тоҳириён аз ҳамдигар ҳокимиро (Хуросон– М.А.) аз халифаҳои Аббосӣ (205-59/821-73) мерос гирифтанд. Ҳамин тариқ, одатан ин хонаводаро аввалин сулола дар шарқ мешуморанд, ки аз халифаҳо дар Ироқ мустақил шуда буд; тибқи ин дидгоҳ, нақши онҳо дар парокандагии ягонагии сиёсии хилофати исломӣ ба нақши ҳокимони Ағлабии Ифрикия ё Тунис дар ғарби дур ва Тулуниён дар Миср ва Сурия мувофиқ мебуд. Тавре ки дар поён мебинем, ҳам аз ҷиҳати назарияи конститутсионӣ ва ҳам рафтори воқеии Тоҳириён ба ин нуқтаи назар эътирозҳои ҷиддӣ мавҷуданд; аз бисёр ҷиҳат, ин таҳлили иштибоҳӣ ва сатҳии парвандаҳо мебошад. Аммо, шояд дуруст бошад, ки пайдарпайии қудрати Тоҳириён, воқеан ба оғози эҳёи ҳувият ва фарҳанги миллии форсӣ (тоҷикӣ– М.А.) мусоидат кард, гарчанде ки Спулер қайд кардааст, ки ворисии ҳокимияти аввали Тоҳириён дар ҳукмронии Эрон «дар назария, ҳеҷ чизи муҳимме тағйир наёфтааст, аммо дар амал аввалин сулолаи мустақили мусулмонон дар хоки Эрон бунёд ёфтааст; эҳёи сиёсии миллати форс (тоҷикӣ. – М.А.) оғоз ёфт»[3].

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 265-266.
[2] Ниг. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 266
[3] The Cambridge History of Iran. T.4. The Tahirids and Saffarids, edited by R.N. Frye, 1999, s. 90.

Ба андешаи мо, чунин мавқеи дутарафаи Тоҳириёнро чунин шарҳ додан мумкин аст: дар воқеъ, аввалин давлати этносулолавии тоҷикон аст, ки қудрати маънавии (руҳонии) Аббосиён (хилофат)-ро эътироф намуда, дар амал тавре рафтор кардааст, ки гӯё воҳиди мустақили давлатӣ (аморат) буд. Ба тариқи дигар, Тоҳириён бинобар мавқеи кунунии хилофат (муқовиматҳо, шӯришҳо ва муборизаҳои қудратӣ байни гурӯҳҳои мухталиф дар нимаи аввали асри IX), нақши «*амир-ал-муминин*»-ро ба ӯҳда гирифтанд, ки қаблан ба халифаҳо тааллуқ дошт. Хилофати Аббосиён, меросхури Умавиён, бо ҷараёни васеъ гардиданаш то нимҷазираи Иберия дар Аврупо ва ба ҳудудҳои Дашти Бузург дар шарқ ба мамлакати ҷаҳонӣ табдил ёфта, гурӯҳҳо ё қабилаҳои муваффақ барои хидматҳои махсус ба қудрати олӣ ҳудудҳои калонро мегирифтанд. Дар ин қаламравҳо, ки гурӯҳҳои этникии худ ва / ё гурӯҳҳои хешовандон марбут ба он зиндагӣ мекарданд, онҳо амалан ба ташкили сохторҳои этникии давлатӣ шуруъ мекарданд, ки қудрати дунявии ӯро аз худ намуда, қудрати маънавиро ба ихтиёри халифаҳои Бағдод вогузор мекарданд.

То ҳамин давра, вақте ки писарони Ҳорун ар- Рашид ба ҷойи эҳё кардани сарпарастии илм ва назм, бо ихтилофоти дохилӣ ва юришҳои ҳарбӣ банд буданд, эстафетаи фарҳангӣ аз Бағдод ба шаҳри Нишопур, пойтахти Тоҳириёни мустакил гузашт. Гарчанде ки кӯшиши бунёди “Хонаи ҳикмат” (академия) аз ҷониби халифа Маъмун, ки бо китобхона ва фаъолияти тарҷумонӣ маъруф буд, аз дигарон фарқ мекард, аммо завқи ӯ ба юришҳои ҳарбӣ дар Миср ва бунёди пойтахти нав аз тарафи ворили халифа Мутасим дар Самарра ва кӯчидан ба он ҷо бо гвардияи туркӣ боиси аз байн рафтани шукӯҳи фарҳангии Бағдод гардид.

Бисёре аз олимони “Хонаи ҳикмат”, тавре ки дар боло гуфта шуд, аз Хуросон, Варорӯд ва минтақаҳои ҳамшафати хилофати шарқӣ буданд, аз ин рӯ, кӯчидан ба Марв ва баъдтар ба Нишопур

барои онҳо осонтар шуд. Бузургии ин шаҳр дар замони ҳукмронии писари Тоҳир Абдуллоҳ ба даст омадааст, ки халифа Маъмун ӯро чун «яке аз писарони худ мешуморид ва нуфузи ӯро ба боло мебурд». Дар аввал халифа мехост ӯро ба ҷойи падари фавтидааш волии Хуросон таъин кунад. Аммо шуғли ӯ дар ғарби Хилофат: саркӯб кардани исёни Наср б. Шабат дар Ракка, исёни Абуллоҳ б. ал-Сари дар Миср ва Бобаки Озарбойҷон ин таъинотро ғайривоқеӣ гардонданд. Аз ин рӯ, ӯ бародари худ Талҳаро намояндаи худ дар Хуросон таъин кард. Вақте ки соли 828 бародари ӯ Талҳа даргузашт, пас бародари дигараш Алӣ, ки дар ҷойи ӯ ду сол ба ҳайси муовини ҳоким хидмат кард. Баъди омаданаш дар соли 830 ба Нишопур амир Абдуллоҳ онро пойтахти давлати худ кард[1].

Ҳукмронии 15-солаи ӯ дар маркази Хуросон (аз ҷумла Варорӯд) ба давраи мутлақияти равшанфикр табдил ёфт. Шарқшиноси маъруф В.В. Бартолд менависад: «Ин хусусиятҳо бо возеҳии кофӣ аллакай дар аҳди аввалин ташкилотчии Хуросон Абдуллоҳ б. Тоҳир, ки ба гуфтаи Яъқубӣ, Хуросонро ба гунае соҳибӣ мекард, ки касе накарда буд. Абдуллоҳ, пеш аз ҳама, манфиати деҳқононро ҳимоя мекард. Аксар вақт байни сокинон оид ба истифодаи об барои обёрии сунъӣ ихтилофҳо ба миён меомаданд; дар китобҳои ҳуқуқшиносони мусулмон дар ин бора дастуре набуд; бинобар ин Абдуллоҳ фақеҳони Хуросонро даъват карда, ба онҳо супориш дод, ки бо иштироки баъзе фақеҳон аз Ироқ, қоидаҳои истифодаи обро таҳия кунанд. «Китоби ҷуборҳо» (Китоб ал-кунӣ), ки дар таҳқиқи чунин ҳолатҳо чун дастурамал тартиб дода шудааст, ки баъд аз ду аср, дар давраи Гардезӣ низ амал мекард. Дар фармоне, ки Абдуллоҳ ба мансабдорон барои ҳимояи манфиатҳои деҳқонон амр додааст, мулоҳизаҳои ахлоқӣ ба манфиати ин мулк дода мешуданд: «Офаридгор моро бо дасти онҳо мехӯронад, бо

[1] The Cambridge History of Iran. T.4. The Tahirids and Saffarids, edited by R.N. Frye, 1999, s. 97.

лабонашон ба мо салом медиҳад ва озор додани онҳоро манъ мекунад». Ғамхорӣ ба синфҳои поёнӣ Абдуллоҳро ба идеяи таълими умумиҷаҳонӣ овард, ки бо калимаҳои муайянтарин ифода ёфтааст: «Илм бояд ба шоистагон ва ношоистагон дода шавад; илм метавонад худашро нигоҳубин кунад, то дар байни одамони нолоиқ намонад". Ва, дар ҳақиқат, аллакай дар ин давра ҳатто фарзандони деҳқонони камбизоат барои таҳсил ба шаҳрҳо омада буданд»[1].

Тавре ки аз ин маълумот бармеояд, дар давраи ҳукмронии Тоҳириён унсурҳои монархияи мунаввар берун аз маркази хилофат (Бағдод) дар минтақаҳои шарқии он ташаккул ёфтанд, ки дар он авлавияти фарҳангӣ аз марказ интиқол меёфт. Тавре ки мебинем, ба ин, чорабиниҳои ҳамаҷонибаи яке аз равшантарин намояндагони Тоҳириён, ки аз ғамхории деҳқонон, танзими истифодаи об то ҷалби фарзандони деҳқонон бо таҳсилоти умумӣ фаро мегиранд, мусоидат намуданд. Дере нагузашта ин тадбирҳо самараи фаровон доданд.

Дар давраи тақсимоти тадриҷии *аморат/салтанат* (ташаккулли давлати дунявии этносулолавӣ) дар оғӯши хилофати азим (то ҳол қудрати рӯҳонӣ-*имомат*ро нигоҳ медорад), давлати Сомониён дар арсаи баланди иҷтимоӣ-сиёсии шарқи исломӣ намудор мегардад. Вай на танҳо давомдиҳандаи анъанаҳои беҳтарини Бармакиён, Тоҳириён ва Саффориён гардид, балки онҳоро ба чунин баландиҳое расонд, ки онҳо то ибтидои асри XX (Замони нав) дар Шарқ дар ин мавқеъ монданд.

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия.// Сочинения Т.I.-М.: Восточная литература, 1963, с. 271.


Давлати Саффориён
Маҳалли зуҳури хонадони Саффорӣ
Лашкаркашиҳои Яъқуби Лайс
Муҳорибаҳо
Ҳудуде, ки ибтидо бо давлати Саффориён як буд
Ҳудуди давлати Саффориён
СОМОНИЁН
САФФОРИЁН
Самарқанд
Бухоро
Балх
Кобул
Марв
Нишопур
Хирот
Пушанг
Буст
Заранг
Бам
Кирмон
Истахр
Шероз
Рай
ТАБАРИСТОН
Бағдод
Мултон
БАХРИ АРАЛ
БАХРИ ХАЗАР
БАХРИ АРАБ
ХАЛИЧИ ФОРС
Сайҳун
Ҷайҳун
Ҳарируд
Фурот
873
875
879

## 1.6. Фаъолияти амирони Сомониён оид ба коркарди стратегия

Мавқеи хонадони Сомониён, ба монанди Тоҳириён дар Хуросон, бо шарофати хидмат ба халифа Маъмун дар Варорӯд баланд гардид. Сомонхудот, аз ниёгони султонҳои шуҳратманди Сомониён, дар деҳаи Сомони минтақаи Балхи Хуросон як деҳқони бонуфуз (заминдор) буд, ки худро аз авлоди фармондеҳи достонӣ Баҳроми Чӯбин меҳисобид, ки Ҳоқони туркро саркӯб карда буд. Тибқи маълумоти В. В. Бартолд, ӯ аз сарпарастии ҳокими Асад ибн Абдуллоҳ ал-Кушейрӣ (вафоташ 738) бархурдор буд, дини исломро қабул кард ва ба писараш ба шарафи сарпарасти худ Асад ном гузошт. Писаронин Асад Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс дар торумор кардани исёни Рофеъ ибни Лайс иштирок карда, боварии халифа Маъмунро ба даст оварда, ба хидмати ӯ гузаштанд. Бо хоҳиши ин халифа ҳокими Хуросон Ҳасан ибни Аббод (819-821) Нӯҳро ҳокими Самарқанд, Аҳмадро ҳокими Фарғона, Яҳёро ҳокими Шош ва Уструшан ва Илёсро ҳокими Ҳирот таъин кард[1]. Сикка задани тангаҳои мисии аввалини Сомониён аз нахустин талошҳои марказонидашудаи ин сулолаи ҳукмдор шаҳодат медиҳад, зеро дар шаҳри Бинокант дар қаламрави Яҳё на номи ҳокими маҳаллӣ, балки бародари калонӣ – Нӯҳро, ки дар Варорӯд сарвар ба ҳисоб мерафт, гирифта мешуд[2].

Тибқи гуфтаи муаллифони асрҳои миёна, Сомониён, ки дар Варорӯд мустаҳкам шуда буданд, натавонистанд шаҳри бузурги Хуросон Ҳиротро ҳифз кунанд, зеро дар асари Киндӣ «Ҳокимон ва қозиҳои Миср» гузориш дода мешавад, ки Илёс писари Асад

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 267.

[2] Гафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. К.I., с. 450.

соли 827 ҳокими Искандария (Миср) таъин шудааст, ки соли 857 дар Ҳирот вафот кард ва аз худ меросхур нагузоштааст[1]. Дар ҳамин даврон, Сомониён ба ҳокимони меросии Вароруд табдил ёфтанд, вақте ки пас аз марги бародари калонӣ – Нӯҳ, бартарият ба оилаи Аҳмад писари Асад, ҳокими Фарғона гузашт. Ӯ дар шаҳри худ монд ва писараш Насрро ба Самарқанд фиристод ва ӯ ба таҳкими ҳокимият дар атрофи худ шуруъ кард.

Ҳамин тариқ, дар тӯли зиёда аз ним аср нахустин ҳокимони Сомониён ба таъсиси як навъ қудрат дар минтақаҳои калидии Вароруд шуруъ карданд, ки дар ин ҷо равандҳои марказшитоб нисбати тамоюлҳои марказгурез афзалият доштанд. Далели аҷиби таърихӣ ин аст, ки бо таъсиси қудрати Сомониён дар Вароруд, ниҳоят ислом дар минтақа устувор гардид. Акнун қабилаҳои бутпарасти туркӣ, ба мисли давраи муқовимати суғдӣ наметавонистанд ба корҳои минтақа дахолат кунанд, ки амалияи онҳо бо дахолати охирини онҳо (с. 893) ба корҳои Уструшани мустақил фаромӯш шуд. Акнун худи Сомониён вуруди худро ба Дашти Бузург барои паҳн кардани ислом ва фарҳанги мусулмонон, инчунин ба роҳ мондани назорати қатъӣ аз болои Шоҳроҳи Абрешим оғоз намуданд.

1. **Амир Насри Аҳмад (875-892).** Пас аз вафоти Аҳмад, воқеан «ҷамъкунандаи заминҳои Сомониён» дар соли 864, қудрати олии Вароруд ба писари калонии ӯ Наср, ҳокими Самарқанд гузашт. Дар мероси падараш, бародараш Абула’шас дар Фарғона ҳукмронӣ карданро оғоз намуд. Ба Наср муяссар шуд, ки на танҳо ҳокимиятро дар шаҳрҳои Вароруд ба авлоди Сомониён, ки аслан бо ризояти халифа ба онҳо дода шудааст, нигоҳ дорад, балки қудрати худро дар тамоми маҷрои байнисарҳадӣ низ густариш диҳад. Баъдтар Бухоро, ки яке аз шаҳрҳои калидии Вароруд буд, низ таҳти ҳукмронии Сомониён

[1] Ниг. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 267-268.

гузашт. Пас аз даҳ соли таҳкими қудрат дар Варорӯд, вақте ки Бухоро зери ҳукмронии онҳо буд (соли 874), кӯшишҳои ӯ дар Бағдод ба назар мерасиданд. Соли 875  Наср Сомонӣ аз халифа Мӯътамид барои идораи тамоми Варорӯд иҷозатнома гирифт[1].

Аз ҳамин даврон марҳилаи шукуфоии ҳукмронии даҳ амири сулолаи Сомониён оғоз меёбад, зеро он натанҳо диққати халифаҳои Бағдод, балки тамоми ҷаҳони мусулмонро ба худ ҷалб кард, ки он замон дар авҷи шукӯҳи олам буд.

Хидмати асосии амири якуми тамоми Варорӯд Наср дар он аст, ки сарфи назар аз равандҳои марказгурез дар давлат, ки мақоми ниммустақил (аз хилофат) дошт, ба ӯ муяссар шуд, ки амали падари худро дар ҷамъкунӣ ва нигоҳ доштани заминҳои Варорӯд идома диҳад. Сулҳи дарозмуддат ва набудани ҳуҷуми беруна боиси оғози шукуфоии иҷтимоию иқтисодӣ ва мутаносибан болоравии фарҳанги ин қисмати шарқии ҷаҳони ислом гардид. Дар ин таҳкурсии мустаҳкам, дар тӯли зиёда аз сад сол ташаккул ва сайқал додани стратегияи бузурги Сомониён сурат гирифт, ки натанҳо барои ҷаҳони ислом, балки барои тамоми инсоният кушода буд, ки то имрӯз пурра ошкор ва таҳқиқ нашудааст.

**2. Амир Исмоили Сомонӣ  (с. 892- 907).** Амир Исмоил бародари амир Наср баҳори соли 849 дар Фарғона (ё Уструшан), дар макони ҳукмронии падараш ба дунё омадааст, ки эҳтимол дар он ҷо ба воя расидааст. Пас аз марги падараш дар соли 864, ӯ шояд ба тарбияи бародари калониаш Наср гузашт, ки минбаъд роҳбарӣ ба хонадон ва ҳукмронии мамлакат буд. Соли 874 бахт ба рӯи  Исмоили 25-сола  хандид, вақте ки бухороиҳо аз мунокишаҳои дохилӣ ва тез-тез иваз шудани ҳукумат дар шаҳр хаста шуда буданд, барои намояндаи худро барои  идоракунии

[1] Гафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. К.I. – Душанбе, «Ирфон»,1998, с. 450

шаҳр фиристодан ба Наср муроҷиат карданд. Исмоилро ба ин шаҳр бидуни лашкар фиристоданд, ки ӯ то соли 892 ноиби бародари худ Наср дар Бухоро буд. Даъвати Исмоил ба ҳукмронӣ кардани шаҳр аз ҷониби аҳолии он бо сардории садрҳои Бухоро (сарони рӯҳонии шаҳр) ва ба сари ҳокимият омадани ӯ бе хунрезӣ ба шаҳр минбаъд дар баланд шудани мавқеи ин табақа(садрҳо) нақши калидӣ бозида, тамоми сулолаҳои баъдӣ, ки то замони муосир дар Варорӯд ҳукмронӣ мекарданд, мавқеи онҳоро эҳтиром мекарданд.

Ин асосгузори воқеии қудрати сулолаи Сомониён Амир Исмоил маркази идоракунии Варорӯдро аз Самарқанд, ки калони хонадон Наср нишаста буд, пас аз муқовимати мусаллаҳона ба Бухоро кӯчонд. Тафовути ӯ аз Наср дар он буд, ки агар бародараш ҳамчун ватандӯсти Варорӯд амал мекард, пас доираи назари Исмоил боз ҳам васеътар ба назар мерасид, зеро ӯ ваҳдати фарҳангии ин кишварро (Варорӯд) дар ваҳдати ҷудонопазир бо Хуросон дарк карда буд. Вай вазифаи таърихии худро дар расидан ба ягонагии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Варорӯд ва Хуросон медид. Ин минтақаи дуранга, дар гузашта ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам фарҳангӣ ба қисматҳои зардуштӣ, буддоӣ, масеҳӣ ва бутпарастӣ тақсим шуда, мунтазири соати ягонагии бузурги худ буд, ки пас аз он ба тамоми ҷаҳон самараи беназир дод, ки дар ҷаҳон бо номи «Эҳёи исломӣ» (Ренессанси мусулмонӣ) маълум гашт. Аз ин рӯ, муқобил истиҳои ӯ бо бародараш Насрро бояд на аз нуқтаи назари баҳсҳо дар бораи андозбандӣ, балки ба маънои васеътар, дар омода кардани заминаҳои муттаҳид кардани Хуросон ба Варорӯд, ки аз Бухоро татбиқ карданаш қулайтар буд, баррасӣ кард. Ин ақида ба таври ғайримустақим тасдиқ кардани ҳақиқати таърихист, ки пас аз пирӯзӣ дар майдони ҷанг бар ҳокими Самарқанд ба ӯ на ҳамчун маҳбус, балки ба хокими худ муносибат

намуд[1]. Ҳамин тариқ, вай бародарашро дар маркази Варорӯд сари қудрат монда, барои қонунигардонии қудрати худ (Наср ӯро ворисн худ эътироф карда буд) ва ҳам барои болоравии ояндаи Бухоро замина гузошт. Агар Самарқанд ҳамчун қалби Варорӯд маҳсуб гардад, пас Бухоро баъдтар нақши маркази фарҳангии тамоми шарқи исломиро иҷро мекард.

Пас аз марги бародари худ Наср дар соли 892, ки то дами марг мувофиқи фармони халифа амири тамоми Варорӯд буд, Исмоил, воқеан, ҳокими кишвар шуд ва пас аз як сол халифа ӯро дар ин мартаба тасдиқ кард. Худи ҳамон сол, ӯ ба соҳили рости Сирдарё юриши ҳарбӣ гузаронида, ба шаҳри Тароз расид. Пас аз забти ин шаҳри аз ҳама шимолтарини кишвараш, ӯ калисои асосии онро ба масҷид табдил дод[2]. Ба андешаи мо, ин юриши низомӣ, ки дар соли аввали пас аз ба даст овардани унвони амирии тамоми давлат гузаронида шуда буд, ҳадди ақал чор ҳадаф дошт:

1. Комилан бартараф кардани таҳдиди эҳтимолии ҳамлаи бодиянишинони Дашти Бузург ба Варорӯд, ки таҳти ҳукмронии Сомониён ба як воҳиди ягона муттаҳид гардидааст;

2. Паҳн кардани ислом ва фарҳанги мусулмонон дар заминҳои нав дар байни бодиянишинон-бутпарастон, ҳамчун амри хайрияи амир;

3.Таъсис додани назорат аз болои масири шимолии Шоҳроҳи Абрешим ва бо ин фарогирии тамоми хатсайрҳои роҳи тиҷорати заминии қитъаи Авросиё дар қисми марказии он;

4. Таъсис додани як навъи нави савдои сердаромади ғуломони турк, ки дар бозорҳои мусулмонӣ аз дарбори халифаҳои Бағдод то бозорҳои моликияти Миср ба он талаботи зиёд дошт.

Ҳамин тариқ, аввалин юриши амир Исмоили Сомонӣ, ки ӯро на танҳо ҳамчун бартарафкунандаи таҳдид аз шимол, балки ҳамчун

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия.// Сочинения Т.I.-М.: Восточная литература, 1963, с. 282.

[2] Ҳамон ҷо, с. 282.

паҳнкунандаи фаъоли ислом ба заминҳои нав, инчунин ғамхори пур кардани хазинаи давлат нишон дод, фавран нуфузашро на танҳо дар байни аҳолии маҳаллӣ, балки дар тамоми олами ислом баланд бардошт. Акнун гурӯҳҳои мухталифи ҷанговарони имон (ғозӣ) ба сӯйи ӯ, ки иншоотҳои мудофиавӣ сохта, марзҳои давлатро дар гӯшаҳои дурдасти шарқ, шимолу шарқ ва шимолу ғарб дифоъ мекарданд, ҷамъ шудан гирифтанд.

Бешубҳа, болоравии сулолаи дигари ғайриарабӣ дар шарқи хилофат халифаҳои Бағдодро ба ташвиш наоварда наметавонист ва онҳо, ки ки ҳоло аз қатли мустақими намояндагони барҷастаи онҳо ва амалиёти пинҳонӣ алайҳи онҳо (несткунии пинҳонӣ ва ғ.) истифода мебурданд, ба сиёсати бар зидди ҳамдигар мондани онҳо рӯ оварданд. Ба ин, инчунин тавсеаи мулки Саффориён мусоидат мекард, ки онҳо қудратро дар маркази хилофат ва дар Хуросон аз Тоҳириён гирифта, акнун аз халифа қудрати Варорӯдро талаб мекарданд. Аз ин рӯ, дар назди ҳоҷиёни минтақа, халифаи Бағдод дар феврали соли 898 аз мансаби волии Мовароуннаҳр (Варорӯд) истеъфо додани амир Исмоили Сомонӣ ва ба Амри Саффорӣ додани ҳокимият дар минтақаро эълон кард. Ҳатто рақиби нави Исмоили Сомонӣ – Амри Саффорӣ аз устувории ҳукумат ва қудрати амир Исмоили Сомонӣ дар Варорӯд огоҳ буд, ки тибқи маълумоти таърихӣ, ба сафирони халифа, ки ба ӯ туҳфаҳо ва мактуб барои идораи давлати нав меовардаанд, гуфтааст: «ин вилоятро аз Исмоил гирифтан мумкин нест магар бо кӯмаки сад ҳазор шамшери бараҳнашуда», ки ба ин сафири халифа посух додааст: «ту инро орзу мекардӣ, акнун худат беҳтар медонӣ, ки чӣ бояд кард»[1].

Дар ҷанги зидди амири Саффорӣ Амр, Амир Исмоил на танҳо малакаҳои роҳбарии худ, балки сифатҳои инсонпарварона ва ҳадафҳои стратегии худро низ нишон дод. Дар ибтидо амир Исмоил

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия.// Сочинения Т.I.-М.: Восточная литература, 1963, с. 283.

бо Амр муроҷиат кард, то аз нияти худ даст кашад ва ӯро ҳамчун ҳокими Варорӯд гузорад, ки Амр рад кард. Вай оғози юриши ҳарбии Амрро ба Варорӯд интизор нашуда, ба соҳили чапи Амударё гузашта, минтақаҳои давлати худро аз нобудшавӣ ва маҳрумият наҷот дод. Исмоил инчунин пас аз шикасти яке аз қушунҳои Амр ҳамаи асирони ҳарбиро бидуни пардохти фидия раҳо кард ва маҳз саховатмандии ӯ боис шуд, ки афкори ҷамъиятӣ ба фоидаи ӯ тағйир ёфт. Аз ин рӯ, дар ҷанги ҳалкунандаи назди Балх баҳори соли 900 як қисми қушунҳои амир Амр ба тарафи амир Исмоили Сомонӣ гузашта, ҳокими Хуросон дастгир ва ба Бағдод фиристода шуд. Ғалабаи амир Исмоил, сарфи назар аз духурагӣ, зеро ӯ ба ҳокими қонунии халифа муқобил баромад ва ӯро сарнагун кард, дар ҳоле ки ғасби ҳокимият дар назди Бағдод таъсири ҳайратангез дошт. Халифа ин масъаларо зуд ислоҳ кард ва натанҳо ӯро дубора ҳокими Варорӯд тасдиқ кард, балки дар он ҳудуди ҳокими мағлубшуда Амрро (тамоми шарқи хилофат)[1] низ дохил кард. Аз ҷониби Амир Исмоил ба даст овардани тамоми шарқи хилофат ва ба Бағдод равон кардани ҳокими асирафтода Амр маънои эътирофи ҳокимияти олии халифаҳо бар амирони мусулмонро дошт. Вай то охири умраш ба ин сиёсат содиқ монд.

Акнун Бухоро, ки дар наздикии Амударё ҷойгир буд, пас аз мутеъ кардани заминҳои нав ба ҷануб ва ғарби ин дарё аз ҷониби Амир Исмоили Сомонӣ, ба маркази идоракунии на танҳо Варорӯд, балки Хуросон табдил ёфта, эстафетаи фарҳангиро аз маркази он дар Нишопур гирифт. Агар Тоҳириён эстафетаи фарҳангиро аз Бағдод гирифта бошанд, акнун на танҳо маркази сиёсӣ, балки фарҳангии тамоми шарқи олами паҳнои мусулмонон аз Нишопур ба ин шаҳри муборак (Бухоро) гузашт.

[1]Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 283-284.

Мувофиқи маълумоти муаррихон, баъди тасарруфи мулки Саффориён аз тарафи Сомониён ҳокими Табаристон Муҳаммад ибни Зоҳид даъвогар шуд. Фармондеҳи амир Исмоил Муҳаммад ибни Ҳорун, ки бар зидди ин исёнгар фиристода шуда буд, тавонист моликияти ӯро ғасб кунад. Аммо, ин фармондеҳ бар зидди амири худ шӯриш бардошт ва ҳатто илова бар ин Табаристон ва минтақаи Райро забт кард. Амир Исмоил маҷбур шуд худаш лашкарро роҳбарӣ карда, на танҳо фармондеҳи саркашро ором кунад, балки Рай ва Қазвинро забт карда, ҳудуди ғарбии кишвари азими худро шахсан муқаррар намояд[1].

Пас аз бозгашт аз юришҳои тӯлонии низомӣ, ки боиси барқарор шудани марзҳои давлати ӯ, ки такягоҳи он Варорӯд ва Хуросон буд, вай ба рушди робитаҳои мустаҳками дохилии худ оғоз кард ва ба таҳияи чунин стратегияе шуруъ намуд, ки минбаъд амирон ва вазирони барҷастаи хонадони Сомониён идома доданд.

Муаллифони «Таърихи Кембриҷи Эрон» дар асоси санги тарозуи бо номи Амир Исмоили Сомонӣ ёфтшуда эътироф мекунанд, ки ӯ ченакҳоро дар минтақаҳои худ ягона кардааст ва инчунин бо назардошти пешгирии тамоюлҳои ҷудоихоҳӣ аз амалияи мустаҳкам кардани девори атрофи шаҳрҳои калон (Бухоро ва ғ.) дар доираи давлати азимаш даст кашид[2]. Маълум аст, ки ягона сохтани вазн ва чораҳое, ки дар қаламрави тамоми давлатҳои навтаъсис татбиқ карда мешаванд, масалан, дар Чини қадим дар замони императори аввал Ши Хуандӣ ё империяи Рим дар саҳми таърихии онҳо доир ба таҳкими қувваҳои марказшитобу муттаҳидкунанда яке аз нақшҳои асосиро мебозад.

Низомулмулки машҳур дар асари маъруфи худ «Сиёсатнома» одати аҷиби Исмоили Сомониро қайд мекунад, ки

[1] Бартольд В.В. Исмаил б. Ахмед.// Сочинения Т.II. часть II -М.: Восточная литература, 1964, с. 522.
[2] The Cambridge History of Iran. T.4. The Samanids, edited by R.N. Frye, 1999, s. 140.

дар фасли зимистон пас аз намози пешин дар рӯзҳои ҳавои номусоид (вақте барфи зиёд меборид), савора аз ҳавлӣ баромада, одамонеро, истиқбол мекард, ки барои муроҷиат ба наздаш омада буданд ва ҷиҳати ҳалли шикояту хоҳишҳои онҳо мусоидат менамуд[1]. Чунин ғамхории аз ҳад беш, ки нисбати фуқарои кишвар дар ибтидои асри X дар Варорӯд зоҳир мегардид, на танҳо барои сарони давлатҳои минтақа, балки барои тамоми ҷаҳон намунаи ибрат аст.

Бояд қайд намуд, ки агар амирони Сомонӣ худро ворисони сарлашкари машҳури эронитабор (сосонӣ) Баҳром Чӯбина шуморанд, нахустин вазири бузурги ин сулола Абубакр Муҳаммад Ҳомид аз хонаводаи охирин марзбони (ҳокими вилояти сарҳади) давлати Сосониён дар вилояти Марв Маҳувайх ба ҳисоб меравад. Ин вазири тадбиркор на танҳо вазири бузурги амир Исмоил, балки вазири писари он Аҳмад буда, танҳо дар солҳои аввали набераи Исмоил Насри II мақоми худро ба яке аз вазирони машҳури ин сулола- Балъамӣ додаст. Ба ибораи дигар, таҷрибаи дарёфт ва ба вазифаи муҳими давлатӣ мондани вазирони соҳибтаҷрибаи замона, ки девони вазирони кишварро моҳирона идора мекард, низ аз амир Исмоил оғоз меёбад[2].

Амир Исмоили Сомонӣ 24 ноябри соли 907 вафот кард ва дар мақбарааш, ки то имрӯз боқӣ мондааст, дар маркази шаҳри Бухоро дафн карда шуд. Ин мақбараи Амир Исмоили Сомонӣ, бо вуҷуди хурд буданаш, на танҳо таҷассумгари бузургии меъмории Варорӯду-исломӣ, балки баръало ёди воқеии давраи тиллоии минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

---

[1]Низомулмулк Сиёсатнома (Ба чоп тайёркунанда А. Девонақулов). - Душанбе: «Адиб», 1989, с. 49.

[2] Абу Са’д ‘Абд ал-Карим ас- Сам’ани и его труд «Китаб ал-ансаб». Важный источник по истории и истории культуры Средней Азии./ Подготовил Шамсиддин Камолиддин. Lambert Ac. Pub. RU, 2018, с.23


ДАВЛАТИ СОМОНИЁН
БАХРИ МОЗАНДАРОН
(Баҳри Хазар)
БАХРИ ХОРАЗМ
(Арал)
БАХРИ ФОРС
(Халиҷи Форс)
Дашти Лут
Рӯди Сир
Рӯди Ому
Ҳарируд
Ҳилманд
Ёрканд
Бозордара
Баласогун
Тироз
Исфиҷоб
Бенокат
Косон
АХСИКАТ
Хуҷанд
Буниҷкат
Фороб
САМАРҚАНД
БУХОРО
Шумон
Жошт
Карон
Ишкошим
Қубодиён
Тирмиз
БАЛХ
Бомиён
Кобул
Пешовар
ҒАЗНА
Қандаҳор
Фирӯзкӯҳ
Замм
Омул
Марверуд
МАРВ
Сарахс
ҲИРОТ
Исфизор
ЗАРАНГ
Бам
Зоҳидон
Тоҳирия
Гурганҷ
Миздахкон
Нисо
Тус
НИШОПУР
Сабзвор
Фарова
Гургон
Рай
Қум
Исфаҳон
Абхар
Занҷон
Ҳамадон
Кирмоншоҳ
Кирмон

**3. Амир Аҳмади Сомонӣ (с.907- 914).** Пас аз марги падари бузургаш, амир Аҳмади Сомонӣ ба тахт нишаст ва ӯ дар муддати ҳукмронии кӯтоҳаш барои мустаҳкам намудани қудрати сулолаи пуршарафи худ кӯшиш ба харҷ дод. Ба ӯ зарур буд, ки корҳои падари худро дар мубориза бо хонадони Саффориён ба анҷом расонад, зеро амири Саффориён Амр аз тарафи амир Исмоил мағлуб гардида, заминҳои дар шарқи хилофат будааш ба хонадони Сомониён дохил шуд, аммо намояндагони дигари ин хонадон дар ватани хурди худ – Систон ҳукмрониро идома медоданд. Аз ин рӯ, ӯ тамоми диққаташро ба пайвастани ин минтақаи қадимаи таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон ба давлати Сомониён равона кард, то амнияти давлатро аз ҷанубу ғарб, ки дар он ҷо яке аз таҳдидҳои асосӣ дар солҳои аввали ташаккулёбии он ба амал омада буданд, таъмин намояд. Соли 911, ӯ ин минтақаро, ки  ба уқёнуси Ҳинд мебаромад, комилан забт карда, таҳти тобеияти худ намояндагони ин оилаи тавоноро ҳамчун қудрат боқӣ гузошт[1].

Дар ин вақт, минтақаи ғарбии Табаристон бори дуюм аз дасти Сомониён аз сабаби исёни зайдитӣ (шиагӣ) бо сарварии Насри Кабир ҷудо шуд. Дар давраи омодагӣ ба пахш кардани исён бар зидди амир Аҳмад Сомонӣ, ходими ӯ нисбаташ сӯиқасд кард. Ин ходими равшанфикри амир, аз бозгашти амалияи истифодаи забони арабӣ ба ҷойи забони тоҷикӣ, ки падари амир ҷорӣ карда буд, норозӣ буда моҳи январи соли 914 ҳангоми хоб дар урдугоҳ  дар наздикии Бухоро сарашро аз тан ҷудо кард. Чунин ҷинояти фавқулода алайҳи хоҷаи худ, аз ҷумла, аз он шаҳодат медиҳад, ки мансабдорони маҳаллӣ, ба эҳтимоли зиёд, аз ҷорӣ намудани амалияи васеи истифодаи забони модарӣ (тоҷикӣ) дар кори идораи як давлати бузург аз тарафи Исмоили Сомонӣ чунон рӯҳбаланд гардидаанд, ки бозгаштан аз ин анъана

[1] The Cambridge History of Iran. T.4. The Samanids, edited by R.N. Frye, 1999,  s. 141.

метавонад ҳатто шоҳкуширо ба бор орад. Ҳамин тариқ, Амир Аҳмад амалияи падари худро дар ҷамъкунии заминҳо ва тақвияти қудрати Сомониён идома дода, ба хатогии марговар (забони модарии худро аз забони арабӣ, гарчанде ки забони муқаддаси дин бошад ҳам, афзалтар донист) ва онро бо нархи ҷони худ пардохт.

**4. Амир Насри II Сомонӣ (с. 914-943).** Дар лаҳзаи марги падари худ, амири оянда Насри II ҳамагӣ ҳаштсола буд. Толеи ӯ танҳо дар он баландӣ кард, ки дар сари идоракунии давлат вазири бузург Абуабдуллоҳ Ҷайҳонӣ меистод, ки на танҳо маъмури ботаҷриба, балки ҷуғрофидони маъруф ва шахси баландмаълумот низ дониста мешуд[1]. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки эҷоди як қудрати азим аз ҷониби аввалин амирони шарифи Сомониён масъалаи ташаккулли як шохаи амудии қудратро, ки аз ҳокимиятҳои минтақавӣ то идоракунии қаламравҳои мулкҳои зертобеъро дар бар мегирифт, ба миён овард. Тавре ки мо аз таҷрибаи ҳамоҳангшудаи идоракунии давлати васеъ дар солҳои аввали ҳукмронии амири ҷавон мебинем, ин вазифаро низ Сомониён бомуваффақият ҳал карданд. Анъанаи ҳукмронии тавассути девонҳо, ки аз ҷониби вазирони хирадманди Бармакиён дар идоракунии маркази бузурги хилофат дар Бағдод ҷорӣ карда шуда буд, амирони Сомониён ба хона баргардонданд ва ба дараҷае (то даҳ девон) муосир карданд, ки он метавонист мустақилона бо сарварии вазирони қобилиятнок (бидуни дахолати амирон) фаъолият кунад. Як вазири ботаҷрибаи Сомониён метавонист давлати паҳноварро аз шӯришҳо ва муноқишаҳои дохилӣ, пеш аз ҳама, ба туфайли кори ҳамоҳангшудаи сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла артиш ва горди амир эмин нигоҳ дорад. Дар аввал исён ва саркашии бародарони

[1] The Cambridge History of Iran. T.4. The Samanids, edited by R.N. Frye, 1999, s. 141.

падараш, ки ҳатто тангаҳои худро ба сикка задан оғоз намуданд, пахш карда шуданд ва минбаъд бародарони саркаши амир торумор карда шуданд.

Кори бонизоми сохторҳои ҳукуматӣ дар шакли девонҳои давлатӣ бо сарварии вазирони соҳибмаърифат Ҷайҳунӣ (солҳои 914-922 ва 938-941) ва Абуфазли Балъамӣ (с.922-938) на танҳо ба фуру нишондан ошӯбҳои хешовандони амир ва дубора тобеъ кардани онҳое, ки аз минтақаҳои аз тобеият саркашикарда имкон дод ва аз ҳама муҳим, парвози фарҳанги мусулмононро ба қуллаҳои баланд тавассути дастгирии густурдаи «аҳли қалам» (мутаффакирон, шоирон, олимон ва диг.) таъмин карданд. Ин парвоз то имрӯз дастнорас боқӣ мондааст.

Ин фаъолияти хуби ҳамоҳангии девонҳои давлатӣ ва «асри тиллоӣ»-и ояндаи Сомониёнро худи амир Наср, ки ба ғояҳои карматӣ (шиагӣ) дода шуд, каме халалдор кард. Ин иштиёқмандии амир ба норозигии руҳониёни содиқ бо сардории садрҳои Бухоро ва муридҳои содиқи нави онҳо дар симои посбонони туркии горди амир гардид. Ҳукмронии тақрибан сисолаи амири чоруми Сомониён Насри II қариб бо табаддулоти ҳарбӣ ба охир мерасид. Писари амир Нӯҳ, соли 943 дар қаср дар қабули дарборӣ аз омодагии табаддулоти ҳарбӣ огоҳ шуда, барои бартараф кардани он чораҳои қатъӣ андешид ва ҳамзамон ба ҳозирон ваъда дод, ки таблиғоти шиаҳо дар давлат аз байн бурда хоҳад шуд. Ӯ падарашро, ки нуфузи худро аз даст дода, ба мафкураи бегонагон иштиёқманд шуда буд, барканор кард ва вай ба зудӣ вафот кард[1].

5. **Амир Нӯҳи Сомонӣ (943-954).** Амири нав Нӯҳ Сомонӣ 10 апрели соли 943 пас аз вафоти падараш ба тахт нишаст. Падараш

[1]Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 303-304; The Cambridge History of Iran. T.4. The Samanids, edited by R.N. Frye, 1999, s. 142.

ба ӯ мероси мураккабе гузошт, зеро иштиёқи ӯ ба карматия (ҷунбиши шиаҳо) механизми муҳимми ҳамоҳангии (гармонияи) ҷамъиятии байни ҳукумат ва аҳолӣ, бо роҳбарии руҳониёни анъанавиро вайрон кард. Акнун амири нав барои барқарор кардани ҳамоҳангии аздастрафта маҷбур буд, ки бар зарари як ходими давлатӣ бо тафаккури мулоҳизакорона намояндаи руҳониёнро ҳамчун вазири давлат таъйин кунад. Интихоб ба фақеҳи обрӯманд Абулфазл Муҳаммад ал-Суламӣ афтод, ки бо тақводории аз ҳад зиёди худ фарқ мекард ва машғулиятҳо диниро аз корҳои давлатӣ авлотар медонист. Ин вазъ, эътимоди руҳониёни қудратмандро ба мақомот ҷуброн карда, фаъолияти бонизоми девонҳои давлатиро ба роҳ монда наметавонист. Масъала боз аз он ҷиҳат мураккабтар шуд, ки як сол қабл аз ба тахти амири нав ворид шудан (с. 842), хазинаи амoратро ғорат карданд, ки ин боиси вайрон шудани пардохти мунтазами музди лашкари амир гардид. Пардохти номунтазам дар навбати худ ба афзоиши норозигии артиш оварда расонд, ки василаи асосии оромии ҷомеа ва ҳифзи марзҳои давлат буд. Вазири нав ал-Суламӣ, ки хидмати Худои қодири мутлақро нисбат ба хизмат ба халоиқ авлотар медонист, аз ин вазъи мураккаби давлатӣ ва сари вақт таъмини пардохти музди лашкар баромадан натавонист. Мушкилоти молиявии давлат дар навбати худ боиси афзоиши андозҳо ва хироҷ гардиданд. Барои ба эътидол овардани вазъи корҳо дар давлат, амир маҷбур шуд, ки ба кӯмаки гурӯҳи низомӣ муроҷиат кунад ва вазири парҳезгору беҳунар пас аз се соли ҳукумати бесамар бо намояндаи гурӯҳи низомӣ Алӣ ибни Хамуй иваз карда шуд. Аммо ин вазири парҳезгорро аз қатли хунини шӯришчиёни аз байни артиш наҷот надод. Солҳои минбаъдаи ҳукмронии ин амир ба ҳифзи қудрати мутамарказ тавассути ором кардани яке аз ҳокимони шуҳратпарасти худ (Хуросон) Абуалӣ Чағонӣ, ки на танҳо минтақаи худ, балки дигар минтақаҳои

Амударёи боло (Рашт, Хутал ва ғ.) ба даст гирифта буд, равона гардид. Бо роҳи созиш имконпазир шуд, ки ин волӣ ба вазифаи пешинааш дар Хуросон барқарор гардад ва ӯ он ҷо бо мухолифони нави Сомониён – Оли Бӯйя ҷангро оғоз кард. Аммо, амир аз бастани сулҳ бо ин сулолаи нав норозӣ шуда, дубора Абуалии Чағониро аз вазифа сабукдуш кард ва ба ҷои ӯ волии дигаре таъин кард. Дар ин рӯзҳои тағйири қудрат дар минтақаи ғарбии давлат 28 августи соли 954 амири панҷуми Сомониён Нӯҳ даргузашт[1]. Дар даврони ҳукмронии кӯтоҳмуддати ин амири Сомониён барои ҳифзи қудрати марказӣ ба ӯ лозим омад, ки бо рӯҳониёни норозӣ созиш кунад (бинобар иштиёқи амири собиқ ба ғояҳои бегона) ва баъдтар, бо такя ба нерӯҳои ҳарбии худ барои амалҳои ҷудоихоҳона бо ҳокимонаш мубориза барад.

**6. Амир Абдумалик Сомонӣ (954-961).** Амир Нуҳ панҷ писар дошт ва ӯ ба мисли халифа Ҳорун ар-Рашид аҳолиро маҷбур кард, ки ба шоҳзодаҳо байъат кунанд, ки бояд онҳо ба навбат ҳукмронӣ мекарданд. Аммо, ӯ бемулоҳиза ба сарпарастии се писари калонии худ сардорони низомиро вобаста кард (на ходимони давлатиро монанди Балъамиён ва ё Ҷайҳониён), ки ин аз болоравии нуфузи низомиён нисбати маъмурияти мулкӣ дар давлатдории амир шаҳодат медод. Аввалин нафар аз писарони Нуҳ Амир Абдумалик ба тахти Сомониён нишаст, ки охирин фармони падари худро дар бораи сарнагун кардани ҳокими пурқудрат Абуалӣ Чағонӣ ва ба ҷои вай таъин намудани Абусаид Бакр Фарғониро тасдиқ кард. Абуалӣ, сарфи назар аз кӯмаки мухолифони дирӯза Оли Бӯйя ва дастгирии халифаҳои Бағдод, натавонист мансаби худро нигоҳ дорад. Аммо, ҳокими нав Абусаид Фарғонӣ низ қудрати амирро дар Хуросон устувор карда

[1]Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия.// СочиненияТ.I.-М.: Восточная литература, 1963, с. 308-309;

натавонист. Асосан, бинобар беэътиноӣ нисбати талаботи артиш, ӯ декабри соли 956 аз ҷониби фармондеҳи горди амир Алптегин дар назди дарвозаи кохи амир Абдумалик кушта шуд. Баъдтар вазири амир, Абумансур б.Узайр, ки мансаби ӯ ба Абӯҷаъфари Утбӣ гузашта буд, сарнагун карда шуд. Волии Хуросон Абулҳасани Симҷурӣ таъин шуд. Ин мансабдорони воломақоми амир низ аз сабаби нотавонии идораи кишвар ва минтақаи ба онҳо супурдашуда, норозигии аҳолии амoратро зиёд карда, аз вазифаашон барканор карда шуданд. Дар соли 959 Абумансур ибни Исҳок вазири амир ва Абумансур Абдураззоқ (960) ҳокими Хуросон таъин гардид, ки дар ин вазифа худро ҳокими одил нишон дод[1].

Дар айни ҳол, мо саъйи амир Абдумалик ва вазири ӯро барои маҳдуд кардани даъвоҳои роҳбарони низомиёни горди амир  ва дахолат ба корҳои давлатии аморат мушоҳида мекунем. Ба амир муяссар гардид, ки як фармондеҳро ба қатл расонад ва фармондеҳи аз ӯ қавитар Алптегинро ба  ҳокимияти Хуросони дурдаст таин кунад. Аммо, ба  ин сарлашкар, пеш аз рафтан, муяссар мешавад, ки вазирро иваз карда, Абуалӣ Балъамиро, ки он нусхаи  заифи падари тавоно ва лухтаке дар дасти ин сарлашкари қавии муваққатӣ гардид, ба ин вазифаи олии давлатӣ таъин кунанд.

Бо кӯшиши маҳдуд кардани фишори сарлашкарон (горди туркӣ) ва ҳифзи ягонагии давлат, амири шашуми хонадони Сомониён тирамоҳи 961 ҳангоми чавгонбозӣ бо асп (варзиши ашрофони Шарқ) нобаҳангом ҷон дод[2].

**7. Амир Мансур Сомонӣ (с.961-976).** Пас аз марги амир Абдумалик, вазир Балъамӣ бо дархости фармондеҳ Алптегин

[1]Ҳамон ҷо, с. 310-311.
[2]Бартольд  В.В. Абд ал-мелик б. Нух. // Сочинения Т.I.-М.: «Наука», 1964, с. 485.

мехост писари хурдсоли амир Насрро ба тахти Сомониён шинонад. Аммо, аъзои хонадони Сомониён бо дастгирии сарлашкарони низомӣ бародари амир Абдулмалик Мансур (Абусолеҳ)ро ба тахт шинонданд. Аъзои хонадони ҳукмрон тавонистанд, мутафиққона, нақшаҳои фармондеҳи қавии муваққатиро вайрон кунанд ва Алптегин, зери фишори ҳукумати марказӣ, маҷбур шуд, ки қудрати худро дар ғарб ба собиқ волии одил Абумансур Абдураззоқ диҳад ва худ ба канори ҷанубу шарқии давлат ба истеъфо равад. Дар ин ҷо ба ӯ муяссар шуд, ки сулолаи маҳаллиро соли 962 сарнагун кунад ва давлати худро таъсис диҳад. Балъамӣ хирадмандона ба урдугоҳи амири нав рафт ва то дами маргаш (с. 974) вазифаи олии вазири амирро нигоҳ дошт. Аммо, ҳокими Хуросон Абдураззоқ, ки қаблан нуфузи ҳокими одилонаи Хуросонро ба даст оварда буд, пас аз бори дуюм дар ин минтақа ба қудрат омадан, бо иғвогарии Оли Бӯйя рафтори номувофиқро оғоз кард, ки сарбозонаш дар ғарби аморат бедодгарӣ мекарданд.

Амири нав Мансури Сомонӣ худро ҳамчун ҳокими дурандеш нишон дод, ки соли 962 алайҳи волии худписанди Хуросон Абдураззоқ Абулҳасан Симҷуриро фиристод, ки пешгузаштаи худро сарнагун карда, ҳокими нави ин минтақаи ғарбтарини аморат шуд. Вай то охири ҳукмронии амир Мансур ҳокими Хуросон боқӣ монд ва бар зидди Оли Бӯйя ва Зиёриён ҷангҳои муваффақона мебурд.

Амир Мансур инчунин дар идоракунии давлати Сомониён маҳорат нишон дода, дар баробари Балъамӣ Абӯҷаъфар Утбиро вазири нав таъин кард, ки ӯ низ бо оқилӣ ва боадолатӣ фарқ мекард. Оромию қудрати солҳои аввали аморат ба ин давлат дубора баргашт. Ҳатто Ғазна, пас аз марги асосгузори ин давлати мустақил Алптегин (с. 963), ба оғӯши давлати Сомониён баргашт, зеро писар ва вориси ӯ Исҳоқ мубориза барои қудратро ба

ҳокими пешини минтақа бохт ва ба Бухоро гурехт. Соли 965 бо дастгирии Сомониён ба ӯ муяссар шуд, ки қудратро бозпас гирад ва худро дар тобеияти онҳо эътироф кунад. Дар солҳои охири ҳукмронии амир Мансур набераи вазири машҳур Ҷайҳонӣ Абуабдуллоҳи Аҳмад Ҷайҳонӣ вазир таъин гардид. Амир Мансур моҳи июни соли 976 даргузашт[1].

Тавре ки солҳои ҳукмронии амир Мансур нишон дод, бо маъмурияти қавии мулкии давлат (бо вазирони қавӣ), дар қаламрави як давлати азим суботи дарозмуддат ба даст оварда шуд, ки дар солҳои минбаъдаи ҳукмронии Сомониён намерасид.

**8. Амир Абулқосим Нӯҳи II Сомонӣ (с.976-997).** То лаҳзаи марги падари худ амири оянда Абулқосим Нӯҳ, ки бо номи Нӯҳи II маъруфтар аст, 13-сола буд, аз ин рӯ аморатро модари ӯ ва вазири нави шуҳратпараст Абулҳусайн Утбӣ дар солҳои аввал идора мекарданд. Дар тӯли ин солҳо, вазири амири ноболиғ Утбӣ маҷбур шуд, ки ба садоқати гурӯҳи низомӣ такя кунад, алахусус Абулҳасани Симҷурӣ, волии пурқудрати Хуросон, ба ӯ илтифоти қудрати олиро нишон дод. Баъдтар, рафторашро иваз намуда, мехост афзалияти маъмурияти мулкиро бар пешвоёни низомӣ барқарор кунад. Дар аввали соли 982 вазир барои мустаҳкам кардани қудрати худаш дар аморат саъй намуд. Вай ба сарнагун кардани сипаҳсолори пурқудрати амир Абуҳасан Симҷурӣ муваффақ шуд ва ӯро бо ғуломи собиқи оилааш ва ҳоҷиби содиқи худ Тош иваз кард.

Манбаъҳои асримиёнагӣ ин ҳолатро чунин шарҳ медиҳанд, ки дар аввали ҳукмронии амир Нӯҳи II Абуҳасан ба амир тавсия додааст, ки вазир Ҷайҳонӣ ба сабаби ҷавонии Утбӣ дар вазифааш монад. Симҷурӣ маҷбур шуд муваққатан ба мулки худ ба

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия.// Сочинения Т.I.-М.: Восточная литература, 1963, с. 311-312.

Кӯҳистон баргардад ва дигар роҳбарони низомӣ, аз ҷумла мураббии собиқи падари амир Фоиқ маҷбур шуданд, ки бо мухолифони саркаши амир ба ғарб бар зидди Оли Бӯйя ба ҷанг раванд. Дар моҳи марти соли 982 лашкари хуросонии Сомониён аз Оли Бӯйя шикаст хӯрд, ки танҳо марги ҳокими ин давлат Хуросонро аз ҳуҷуми лашкари онҳо наҷот дод. Дере нагузашта дар Марв артиши нав сафарбар карда шуд, ки вазир Утбӣ ба он ҷо рафт, ки аз дасти қотилони Фоиқ кушта шуд. Мувофиқи маълумоти муаррихони асрҳои миёна, Утбӣ охирин намояндаи вазирони барҷастаи Сомониён (ба монанди Ҷайҳонӣ ва Балъамӣ) бо муносибати давлатӣ ба ҳалли корҳо буд. Дере нагузашта Абуҳасан Симҷурӣ ва Фоиқ беибоёна ба корҳои давлатӣ дахолат мекарданд. Баъдтар баҳори соли 989 Абулҳасани Симҷурӣ вафот карда, писараш Абуалӣ, ки аз падараш қобилиятноктар ва шуҳратпарасттар буд, меросашро соҳиб гардид. Вай аллакай бо сарлашкар Фоиқ барои бартарӣ дар аморат мубориза бурда, ӯро мағлуб карда, маҷбур кард ба Марврӯд ақибнишинӣ кунад. Барои хидматҳояш ӯ ба илова ба худ заминҳои васеъро дар соҳили рости Амударё гирифт[1]. Дар солҳои охири ҳукмронии Нӯҳ II давлати муқтадири Сомониён рӯ ба ба таназзул ниҳод. Амир Нӯҳи II 23 июни соли 997 даргузашт[2].

Ба сабаби набудани вазирони бомаҳорати давлат, ки ба фаъолияти тамоми дастгоҳи давлатӣ, аз ҷумла сарбозони он моҳирона назорат мекарданд, амирони нотавон тадриҷан сифатҳои пешгузаштагони худро дар ҳифзи ягонагии қудрати кишвари азим гум карда, вай ба майдони муқовимати байни сарлашкарони шуҳратпарасту ҷудоиҳох табдил ёфт.

[1]Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 313-314.
[2]Бартольд В.В. Мансур б. Нух.// Сочинения Т.II.Часть II-М.: Наука, 1964, с. 525.

**9. Амир Абулҳарис Мансури II Сомонӣ (с. 997-999).** Амир Мансури II дар мушкилтарин солҳои ҳукмронии амирони Сомониён ба сари қудрат омад, вақте ки пешвоёни ҳарбии як замон итоаткор ба ҳукумати марказӣ саркашӣ карда, бо ҳамдигар ва ҳукумати марказӣ барои ҳокимият ошкоро мубориза мебурданд. Бо вуҷуди чунин сифатҳо, ба монанди суханварӣ ва далерӣ, ки муаллифони асрҳои миёна ба ӯ нисбат додаанд, вай ягонагии қудрати кишвари замоне бузургро нигоҳ дошта натавонист. Солҳои охир вай кӯшиш мекард, ки масъалаи ҳокими Хуросонро, ки барои он якчанд гурӯҳҳои мусаллаҳ талош мекарданд, бо роҳи осоишта ҳал кунад. 1 феврали соли 999 ӯро фармондеҳонаш Фоиқ ва Бегтузун сарнагун карданд ва онҳо ӯро кӯр карда, ба Бухоро фиристоданд[1].

То он рӯз ҳеҷ як аз фармондеҳон нисбат ба ҳокими худ чунин разилӣ накардааст, ки он аз паст шудани нуфузи амирони Сомониён дар давлатро ифода мекард.

Бародари ӯ амир Абдумалики II, ки ба ҷойи бародари Мансур ба тахти Сомониён нишаста буд, ҳатто барои аз харобшавӣ нигоҳ доштани давлат баробари вай кӯшише накард. Пас аз се моҳ амир дар наздикии Марв аз султон Маҳмуди Ғазнавӣ мағлуб гардид, ки дар натиҷа Хуросон комилан аз Сомониён дур шуд. Дар тирамоҳи ҳамон сол, вақте ки Қарахониён аз шимол ба ин давлат ҳамла карданд, ҳатто натавонист тобеонашро барои бартараф кардани ин таҷовуз бардорад, дар ҳоле ки рӯҳониён дахолати аҳолиро ба корҳои дунявии ҳокимон манъ мекарданд. Артиши ғайримиллии хориҷӣ низ ба амирашон хиёнат кард. Ҳама ӯро партофта, ӯ рӯзи 23 октябр Бухороро бидуни ҷанг таслим кард ва бешарафона асир афтод[2]. Аз ин рӯ, мо ӯро ба рӯйхатти амирони шарафманди хонадони Сомониён дохил намекунем.

---

[1]Ҳамон ҷо, с. 525-526.

[2]Бартольд В.В. Абд ал-Мелик б. Нух.// Сочинение Т.II.Часть II, с.485-486.

**10. Исмоили II (Абу Иброҳими ал-Мунтасир) Сомонӣ (с.1000-1005).** Ин бародари амири охирин аз хонадони Сомониён ба тахти ин сулолаи пурҷалол нанишаста буд, вале бо шамшер дар даст беш аз панҷ сол барои барқарор кардани салтанати худ кӯшиш дошт. Дар ин саъй ба ӯ муяссар шуд, ки ба баъзе муваффақиятҳо, ба монанди шикасти лашкари Қарахониён ва ҳатто озод кардани Бухоро ноил гардад. Пас аз он, вай аз ҷониби нерӯҳои асосии ин сулолаи нав торумор шуд ва ба соҳили рости Амударё пас гашт ва дар он ҷо мехост барои идомаи мубориза барои мероси Сомониён нерӯе ҷамъ кунад, аммо хиёнаткорона аз ҷониби раҳбари яке аз қабилаҳои араб дар наздикии Марв[1] кушта шуд.

Аҷибаш он аст, ки ин охирин намояндаи сулолаи шарафманди Сомониён дар вақти фориғ аз ҷангҳо ва задухӯрдҳои зиёде бо душманон шеър эҷод мекард, ки хушбахтона, то ба мо расидаанд:

Гӯянд маро чун салаби хуб насозӣ
Маъвогаҳи ороставу фарши мулавван?
Бо наъраи гурдон чӣ кунам лаҳни муғаннӣ?
Бо пӯяи аспон чӣ кунам мачлиси гулшан?
ҷӯши майу нӯши лаби сокӣ ба чӣ кор аст?
ҷӯшидани хун бояд бар ғайбаву бар ҷавшан.
Асп асту силоҳ аст маро базмгаҳу боғ,
Тир асту камон аст маро лолаву савсан[2].

Бо даргузашти ин намояндаи далер ва равшанфикр аз амирони шарафманди Сомониён, ин хонадони ҳоким аз ҳаёти фаъоли ҷамъиятию сиёсӣ барканор гардид, намояндагони онҳо, ки аз сиёсати бузург дур буданд, дар тӯли асрҳои зиёд дар қатори дигар сокинони Варорӯд аз мероси бузурги онҳо бархурдор буданд.

Чун асари «Таварих-и гузида-йи нусрат-номе», ки муаллифаш номаълум, ки баъзе аз муҳаққиқон онро ба Муҳаммад Шайбонихон,

[1]Бартольд В.В. Исма'ил б. Нух.// Сочинение Т.II.Часть II-М.: Наука, 1964, с.523.
[2] Нигар ба Старр Ф. Маърифати гумшуда, с 308.

асосгузори давлати Шайбониён, тааълуқдошта меҳисобанд, омадааст, ҳамсари яке аз пешгузаштани ӯ хон Минг-Тимур духтари Чанди-бек аз авлоди Исмоили Сомонӣ будааст[1]. Яъне баъди се садсола аз таназзули давлати Сомониён шуҳрати онҳо на танҳо дар Варорӯд, балки дар Турони беканор (ҳатто дар байни кабилаҳои зиёди бадавӣ низ) боқи мондааст.

Дар ин давраи ҳукмронии амирони Сомониён Варорӯд ва Хуросон аз музофоти шарқии минтақаи муборизаи мусулмонон бо кофирон ("дар-ал-ҳарб") ба як минтақаи хеле фарҳангии хилофати азим мубаддал гаштанд, вақте ки маркази аморат, Бухорои шариф метавонист ҳатто ба Бағдоди афсонавӣ рақобат кунад. Пойтахти хилофат, ки болоравии бесобиқаи худро дар солҳои аввали ҳукмронии халифа Ҳорун ар-Рашид аз сар гузаронд, ба шарофати рисолати фарҳангии Бармакиён донишманд тадриҷан авлавияти фарҳангии худро ба шаҳрҳои шарқӣ, ба монанди Марв, Нишопур, супурд. Дар даврони Сомониён Бухоро ба яке аз марказҳои фарҳангии ҷаҳони мусулмон аз дашти Турфани чинӣ то Толедои испанӣ мубаддал гашт.

Бояд гуфт, ки давлати Сомониён аз ду давлати аввалини марказонидашудаи минтақа (Варорӯд ва Хуросон), Портии Кабир (Аршакиён) ва Кушониёни Бузург, ки қаблан ниёгони халқи тоҷик бунёд карда буданд, дар он тафовут дошт, ки садоқати он ба пойтахти аввал беандоза буд ва онро ба шаҳрҳои дигар набурд. Ба ҳамагон маълум аст, ки Аршакиён (пешвоёни қабилаи *даҳи* иттиҳодияи қабилаи массагетҳо) шаҳри Нисоро (дар наздикии шаҳри Ашқободи муосири Туркманистон) пойтахти аввалини худ интихоб карда, сипас онро ба Рай (наздикии Теҳрони муосир) интиқол доданд ва, дар ниҳоят, дар соҳили дарёи Фурот мавқеашонро устувор карда, пойтахти нав – Тайсафунро таъсис доданд. Кушониён бошанд,

[1] Материалы по истории казахских ханств XV—XVIII веков. (Извлечения из персидских и тюркских сочинений). Алма-Ата, 1969. С. 35

пойтахти аввалини худро дар шимоли Бохтар (қаламравҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) таъсис дода, сипас онро ба дохили Афғонистони муосир (Бағром ва Қандаҳор) интиқол доданд.

Садоқати амирони Сомониён ба ду шаҳри бузурги Варорӯд – Бухоро ва Самарқанд минбаъд омили тақлид ба ташаккулёбиҳои ояндаи давлатӣ гардид, ки дар байни онҳо амир Темур, асосгузори давлати Темуриён, ки дар оғози болоравии худ аз шаҳри Шаҳрисабз ба Самарқанд гузашт, ҷудо шуда меистод. Бозсозию такмили Самарқанд ва нигоҳ доштани муносибатҳои хуб бо садрҳои мағрури Бухоро омилҳои асосии сиёсати дохилии ин сулолаи шуҳратманд – «охирин бузургони беҳамто» буданд, ки пас аз он минтақа тадриҷан ба «гӯшаи дурдасти таърих» табдил ёфт.

## 1.7. Этногенези халқи тоҷик дар таркиби давлати Сомониён

Давлати абарқудрати мутамаркази Сомониён на танҳо ҳамчун давомдиҳандаи кори пешгузаштагони худ (Тоҳириён ва Саффориён) дар ташкили давлати мансуб ба як халқ, асосан дунявӣ (*аморат / салтанат*) дар паноҳи ҷаҳони ислом амал мекард, балки муҳимтар аз ҳама, ба ҳайси «ҷамъкунанда»-и тамоми сарзаминҳои ниёгони тоҷикон амал кардааст, ки аллакай ду ҳазор сол пеш аз онҳо дар «Достони ҷуғрофӣ»-ии «Авасто»-и афсонавӣ сабт шудаанд.

Якҷоя кардани тамоми минтақаҳои фарҳангию таърихии манзили суннатии сукунати халқи тоҷик ва гузаштагони онҳо аз ҷониби амирони Сомониён аҳамияти калидӣ дорад, зеро бори нахуст дар таърихи воқеӣ ҳудуди сукунати онҳо ба як кишвари (ба як давлат) бутун муттаҳид карда шуд. Ин макони зисти мардуми тоҷик ва аҷдодони шарифи онҳо бори аввал дар замонҳои қадим дар «Авасто»-и муқаддас зикр шуда буд, мутаассифона, солҳои тӯлонӣ аз насл ба насл, асосан, ба таври шифоҳӣ мегузашт. Ин ҳолат (интиқоли шифоҳии иттилоот) дар муайян кардани минтақаи ибтидоии сукунати ниёгони халқи тоҷик пас аз ҷудо шудани онҳо аз ҳудуди умумии ҳиндуаврупоӣ (аз даштҳои ҷанубии русӣ), муҳоҷират ба ҷанубу шарқ ва ҷудоии онҳо аз ориёиёни ведӣ ва инчунин ҳангоми муайян кардани ҷойи таваллуди пайғамбар Зардушт ва қаламравҳои равандҳои қиёсшавандаи таърихӣ ва минбаъдаи иҷтимоӣ-сиёсӣ шубҳаҳои зиёдро ба амал овардааст.

Таъсиси давлати мутамаркази Сомониён дар паҳнои Турон (Варорӯд ва Дашти Бузург) ва Хуросон, ки Эрони шарқӣ ва шимолу ғарби Ҳиндустонро фаро гирифтааст, тақрибан такрори

тарҳҳои ташаккулёфтаи давлатдории давраи пеш аз таърих – Пешдодиёни афсонавии Хванирата, шоҳони асотири Турон ва Кайёниёни таърихии Хуросон/Эрон мебошад[1].

Мавҷудияти давлати мутамаркази этносулолавӣ бори аввал ва охирин дар таърих тамоми минтақаҳои таърихӣ ва фарҳангии тоҷиконро фарогирифта, бо роҳи ягона ва инфрасохтори канори роҳ (корвонсаройҳо, работҳо, бозорҳо ва ғ.). ба муоширати наздики онҳо, ташаккулли анъанаҳои умумӣ ва тарзи ягонаи ҳаёт, намудҳои шабеҳи хоҷагидорӣ мусоидат кардааст. Ҳамаи ин ҳолатҳо боиси шукуфоии фарҳанги олии шаҳрӣ гардиданд, ки он ба шукуфоии давлати мутамарказ ва парвози баланди андешаҳои фарзандони барҷастаи халқи навзоди тоҷик ва ҳамсоягони наздики онҳо кӯмак расонданд.

Тавре ки дар боло дида баромада шуд, амирони Сомониён, ки аз беҳтарин намояндаи хонаводаи бостонии портӣ Меҳронон, фармондеҳи машҳур (сосонӣ) Баҳроми Чӯбин[2] авлодашон шурӯъ гардид, то ибтидои асри X ба шарофати намоёнтарин намояндаи ин хонавода, амир Исмоил, тавонистанд тамоми минтақаҳои бостонии тоҷиконро гирд оваранд.

Ҳоло ҳамаи минтақаҳои давлати Сомониёнро бо «Достони ҷуғрофии» Авесто (боби якуми Видевдод) ки дар он 16 «каршвар»-и беҳтарини офаридаи Аҳура Маздо тасвир ёфтаанд, муқоиса менамоем:

1. Суғд, дар «Авасто» бо номи «Гава, ки дар он суғдиён маскан гирифтааст» (авастоӣ- “Gāum yim suγδō. šaiianəm”- «Қароргоҳи сукунат, манзили суғдиён») ёд карда мешавад – минтақаи марказии Варорӯд;

---

[1] Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа.-Душанбе, «Дониш», с.17-39, с.133-145.

[2] Гумилев Л.Н. Подвиг Бахрама Чубины. Л., Изд-во Государственного Эрмитажа, 1962.// http://kulichki.com/~gumilev/articles/Article101.htm#Article101note_2 санаи мурочиат 19.07.2020

2. Марв, бо номи «Моуруи тавоно, одил» (авастоӣ-«Mourum sūrəm ašauuanəm») ёд карда шудааст;

3. Балх, дар Авасто «Баҳдӣ, хушнамо бо парчамҳои баланд бардошташуда» (авастоӣ –«Bāxδīm srīrąm ərəδβō.drafšąm»- («Кишвари хушбахтӣ»);

4. Нисо (собиқ пойтахти аслии Портӣ) – «Нисая, ки дар байни Моуру ва Баҳдӣ ҷойгир аст (авастоӣ –“ Nisāim yim aṇtarə Mourum-ca Bāxδīm-ca”);

5. Ҳирот- «Харою бо деҳаҳои партофташуда» - (авастоӣ – «Harōiiūm yim viš. harəzanəm»- «Хуруҷи обҳо») - водии Ҳарирӯд, воҳаи Ҳирот;

6. Кобул – «Ваекерета, ки хорпуштҳо «зиндагӣ мекунанд» (авастоӣ «Vaēkərətəm yim dužakō. šaiianəm»);

7. Ғазна – «Чарогоҳи сершумори Урва (авастоӣ- «Uruuąm pouru. vastrąm»);

8. Гиркания (дар ҷанубу шарқи баҳри Каспий) – «Хнента, ки дар он Верканҳо зиндагӣ мекунанд (авастоӣ –«Xnəṇtēm yim Vəhrkānō. šaiianəm»);

9. Арахозия, водии дарёи Арғандоб, шохоби Ҳилманд – «Харахваити хушнамо» (авастоӣ –«Haraxvaitīm srīrąm»- «Пур аз ҷӯйҳои об»);

10. Водии дарёи Ҳилманд – (авастоӣ – «Haētumaṇtəm raēvaṇtəm xvarenaŋuhaṇtəm»- «дарё бо сарбандҳои табиӣ»);

11. Минтақаи Рай (минтақаи муосири Теҳрон) - «Рагаи сеқабила (авастоӣ –«Rayąm θrizaṇtūm»). Одатан бо Рага дар шарқи Мидия, баъдтар Райи монанд карда мешавад;

12. Минтақаи Чарх (дар Хуросон ё Ғазна?) – (авастоӣ – «Caxrəm sūrəm ašauuanəm»- «Чарх»). Ниоли кишварро бо минтақаи Чархи вилояти Ғазна монанд мекунад.

13. Минтақаи Бунер байни Ҳинду Свот – (авастоӣ –“ Varənəm caθru. gaošəm»);

14. Панҷоб – «Ҳапта Хенду» (авастоӣ –“Yōi Hapta Həṇdu») – «Ҳафт дарё», «Sapta Sindhava” -и ведӣ;

15. Сарчашмаҳои баландкӯҳи Ҳиндустон (Ҳинди Боло, Куҳистон, Хунза, Вахон, Читрол) – «(Кишвар) дар сарчашмаҳои (дарё) Рангха (авастоӣ –“Upa Aodaēšu Raŋhaiiå»)[1];

Маълум аст, ки аввалин минтақаи Авасто «Ариана Вайҷа» ҳамчун «хонаи аҷдоди афсонавии ориёиҳо» буд, ки тадриҷан аз соҳили чапи Амударё дар асри Х ба Эрони муосир бо минтақаи марказиаш Форс кӯчид. Ба андешаи мо, аз ин рӯйхат се минтақаи охирин (Бунер, Панҷоб ва болооби Ҳиндустон) ҳанӯз ба ҳайати давлати Сомониён шомил набуданд ва ба зудӣ мавриди ҳуҷуми ворисӣ он, давлати Ғазнавиён гардиданд ва ҷойи онҳоро минтақаҳои нави ҳамсарҳади зерин ишғол карданд:

1. Хоразм, ки дар рӯйхатти дигари адабиёти авестоӣ («Меҳр-яшт») бо номи «Хваиризм» (авастои- «Xvâirizəm») ёд шудааст, низ пас аз пирӯзии Исмоили Сомонӣ бар Амр ибни Лайс (900) ба ҳайати давлат дохил шуд[2];

2. Фарғона, ки пас аз истилои Қутайба ибни Муслим ба шарқи исломӣ дохил шуд, ба яке аз музофотҳои аввалини ҳукмронии Сомониён табдил ёфт;

3. Исфиҷоб (ҳозира вилояти Чимкенти Қазоқистон), ки тавассути он масири шимолии Шоҳроҳи Абрешим, ки яке аз аввалин минтақаҳои навтаъсиси давлат буд, мегузашт;

4. Табаристон, зодгоҳи Муҳаммад ат-Табарӣ, минтақаи ғарбтарини давлат гардид, халифа иҷозатномаро барои салтанат пас аз пирӯзӣ бар Амри Саффорӣ ба Исмоили Сомонӣ супурд[3];

---

[1] Стеблин-Каменский И.М. Авеста.-Душанбе,1990,с. 56-57.
[2] Fray R.N. The Samanids.// The Cambridge History of Iran. T.4. The Cambridge University Press, 1999, s.138.
[3] Fray R.N. The Samanids.// The Cambridge History of Iran. T.4. The Cambridge University Press, 1999, s.138.

5. Исфаҳон, шаҳри калон дар ҷанубу ғарби Эрон, ки пас аз пирӯзӣ бар Амри Саффорӣ аз ҷониби халифа ба Сомониён ҳадя дода шудааст[1];

6. Систон (минтақа дар ҷанубу шарқи Эрон ва ҷанубу ғарби Афғонистон), зодгоҳи Рустами афсонавӣ ва пойтахти пешини давлати Саффориён, ҳамчун зертобеи Сомониён ба ҳайати давлат дохил шуд.

Инчунин бояд таъкид карда шавад, ки ҳокимони хурде, ки дар сарҳади Суғд ва Бохтар дар солҳои аввали ҳукмронии арабҳо вуҷуд доштанд – Ҷағониён (Сағониён), Аҳорун, Шумон, Вашгирд, Қубодиён, Хутталон, Рашт, Кумед, Ваҳон, Шикинан (Шуғнон), Бадахшон, Помир ва дигарон низ ба ҳайси давлати Сомониён ҳамчун мулки зертобеъ ё қаламрави ҳоким шомил шуданд[2].

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки яке аз хусусиятҳои тавсеаи қаламрави давлати Сомониён, ки яке аз аввалинҳо шуда минтақаи Исфиҷобро (бо шаҳри Тароз) дар шимол ишғол намуда, назоратро аз болои роҳи шимолии хушкии Шоҳроҳи Абрешим ҷорӣ намуд. Аммо ин қудрат пас аз забти давлати Саффориён, ки дар ҷануб (ба воситаи музофоти Макрон) ба соҳили уқёнуси Ҳинд расида буд, дар расидан ба баҳрҳои ҷаҳонӣ ғайрат накард. Ба андешаи мо, монеаи асосӣ барои дастрасии Сомониён ба бандарҳои ҷаҳонӣ, ки дар муқоиса бо роҳҳои шимолӣ, киштиронии шадиди баҳр (Шоҳроҳи абрешими баҳр) аз замони Кушониён хеле сермаҳсул буд,  на мавҷуд набудани стратегияи дурнамо, балки мероси тамаддуни зардуштӣ буд. Зардуштия, аз ҷумла, сафарро бо об манъ мекунад, ки дар замони Сомониён, ба назари мо, ҳанӯз ҳам осори рафтории мардум боқӣ гузоштааст[3]. Андаке пеш рафта мушоҳида

[1] Ҳамон ҷо, s.138.

[2] Бартольд В.В. Географический очерк Мавереннахра. // Сочинения. Т.I.-М.: Изд-во Восточной литературы, 1963, с. 114-237.

[3] Майтарчиян. М.Б. Погребальные обряды зороастрийцев.-М.; СПб.: Институт востоковедения РАН: Летний сад, 2001,с. 160.

карда метавонем, ки ворисони наздик ва дури Сомониён – Ғазнавиён, Салҷукиён, Темуриён ва дигарон, ки қаламрави худро ҳамчун Сомониён васеъ намуда буданд, дар фаъолияташон барои ба бандарҳои ҷаҳонӣ баромадан саъю ғайрат накардаанд. Ин қудратҳои тавоно, шаҳрҳои бузургеро, ки дар наздикии соҳили Халиҷи Форс, Баҳри Миёназамин ва Баҳри Сиёҳ ҷойгиранд, забт карда, нисбат ба иқтидори баҳриашон, асосан бетафовут монданд.

Давлати Сомониён аввалин империяи хушкии Турону Хуросон буд, ки мероси онро тамоми ворисони он дар тӯли асрҳо қатъиян риоя мекарданд.

Ҳамин тариқ, то ибтидои асри Х Сомониён тамоми заминҳоеро, ки гузаш- тагони халқи қадимаи тоҷик зиндагӣ мекарданд, аз ҷумла баъзе минтақаҳое, ки халқҳои наздики эронӣ (Табаристон, Рай ва Исфаҳон) маскун буданд, ҷамъ оварда, дар байни онҳо сохторҳои ягонаи ҳудудӣ ва маъмурии ба як шакл даровардашударо ба вуҷуд оварданд ва ба ин васила робитаҳои мунтазаму доимиашонро сода намуданд.

Сиёсати амир Исмоили Сомонӣ барои муттаҳид сохтани вазну андозаҳо дар тамоми қаламрави кишвари азим, инчунин барои ташаккулли ягонагии ҳамаи сокинони минтақаҳои гуногуни қудрат, ки қаблан ҳамчун минтақаҳои алоҳидаю мустақил амал мекарданд, дарк намудани умумият ва ба як халқ мансубият доштан мусоидат намуд.

Ҳамаи, амирони Сомонӣ, бидуни истисно, пеш аз ҳама, дар бораи мустаҳкам намудани ягонагии давлати азими худ ғамхорӣ мекарданд, ки он, тавре ки дар боло таъкид карда шуд, тамоми самтҳои таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷикро дар бар мегирад. Таъсиси низоми васеи ҳукумат дар шакли девонҳои давлатӣ, ки тамоми соҳаҳои аморатро дар бар мегирифт, аз он ҷумла, на танҳо мақомоти ҳокимӣ, балки ҳудудҳои зертобеъро низ фаро мегирифт. Девонҳои гуногунҷабҳа, ки вазифаҳои худро дар марказ ва маҳалҳо

такрор мекарданд, чун монеаи асосӣ дар таҳкими ғояҳо ва кӯшишҳои ҷудоихоҳонаи ҳокимони маҳаллӣ буданд. Бо фаъолияти онҳо ҳукумати марказӣ бо сарварии як вазири донишманд «набзи» ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии маҳаллиро назорат мекард.

Амирони Сомонӣ ягонагии ду қисмати бузурги як кишвари азимро, ки табиатан (аниқтараш тавассути ҳавзаи Амударё) ба Варорӯд ва Хуросон тақсим шуда буд, пурра дарк мекарданд, ки минтақаҳои дигари хурд низ ба он ҷалб гардида буданд. Онҳое, ки дар Варорӯд буданд, то рӯзҳои охири мавҷудияти аморат ба интихоби волии Хуросон ва некӯаҳволии минтақа диққати асосӣ медоданд. Ҳифзи субот дар ин ҳастаии дуҷонибаи макони зисти мардуми тоҷик ва ҳамсоягони наздики онҳо шукуфоии тамоми давлати Сомониёнро таъмин менамуд. Чунин нишона собит гардид, ки аз даст додани Хуросон аз ҷониби амири охирин Абдумалики II дар баҳори соли 999 боиси аз даст рафтани тамоми қудрату давлат дар тирамоҳи ҳамон сол гардид. Зарбулмасали машҳури «хонаи тақсимшуда, фурӯ мерезад» ба ин қазия хеле мувофиқ аст.

Муттаҳидсозии тамоми минтақаҳои тоҷикон дар давраи Сомониён дар доираи як давлати мутамарказ ва рӯзгори осоиштаи нисбатан тӯлонии онҳо дар тӯли зиёда аз як аср, дар якҷоягӣ бо ҷунбишҳои оммавии ҳаракатҳои муҳоҷиратии қаблӣ аз Хуросон, Эрон ва Ироқ ба Варорӯд (ватани аслии тоҷикон) заминаҳоеро ба вуҷуд оварданд, ки дар онҳо пайдоиши нисбатан зуд ва устувори халқи тоҷик имконпазир гардид. Ба ҷойи халқиятҳои гуногуни суғдиён, бохтариён (тохаристониҳо), бадахшониҳо, хуросониён, сакоиҳо, хоразмиён, фарғонагиҳо ва бисёр дигарон, як этноними ягона – тоҷик пайдо шуд.

Ба андешаи мо, раванди ташаккулли таркиби этникии халқи тоҷик ҳам аз рӯйи хусусиятҳои *ибтидоӣ* (аз лотинӣ primordialis – «ибтидоӣ») ва *конструктивӣ* (конструксиясозӣ*)* идома дошт, вақте

ки ин принсипҳои анъанавии антагонистӣ, дар ҳолати мо, баръакс, якдигарро пурра карданд. Ҳақиқат он аст, ки муносибати *ибтидоӣ* (назариявӣ ва методологӣ) ба равандҳо гурӯҳҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ ва иҷтимоӣ тафовутдоштаро (хусусан этникиро) ҳамчун як хислати ибтидоии ҳатмӣ ва гурӯҳии ягона мешуморад. Ин равиш ба дарк кардани ҷомеаи этникӣ ҳамчун иттиҳодияи қадимӣ ва устувори одамон (этнос) асос ёфтааст[1].

Тавре ки дар боло дида баромада шуд, қаламрави давлати Сомониён барои ҳамаи аҷдодони халқи тоҷик, ки аз қадимулайём дар он ҷо иқомат доштанд, ватани таърихӣ буд. Дар ин замина (*ибтидоӣ*) Сомониён барои ба вуҷуд овардани халқи ягонаи тоҷик шурӯъ карда, ба механизмҳои зерин, масалан, ба ҷойи якчанд лаҳҷа ё гурӯҳҳои забон (суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ, портӣ ва дигар забонҳо) ташаккул додани забони ягона (тоҷикӣ) бо додани мақоми забони давлатӣ (бо нигоҳ доштани забони арабӣ ҳамчун забони дин) муроҷиат карданд. Ин дастгирии давлатӣ ба забони модарии тоҷикӣ, ки дар тамоми гӯшаҳои қудрати азим фаҳмо буд, вақте ки мавҷудияти лаҳҷаҳои зиёде қаблан ба эҷоди як забони ягона монеъ мешуданд, дар навбати худ барои ташаккул ва гул-гулшукуфии босуръати адабиёти тоҷикӣ (дари-форсӣ) такони қавӣ гардид. Ва сардафтари адабиёти тоҷик (Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ) аз худи амирони ин сулолаи соҳибмаърифат ва вазирони бузурги онҳо (Балъамӣ ва дигарон) сарпарастии мустақим гирифтааст.

Рушди босуръати адабиёти тоҷик ва фарогирии ҳамаҷонибаи он дар тамоми соҳаҳои ин давлати соҳибмаърифат ба пайдоиши як зумраи дурахшони мутафаккирони бузурги тоҷик (Рӯдакӣ, Берунӣ, Сино, Фирдавсӣ ва садҳо дигарон) мусоидат кард, ки он «ҷомеаи

---

[1] Тишков В.И. Примордиализм. // Полупроводники — Пустыня. — М. : Большая российская энциклопедия, т. 27, 2015. — С. 498—499. https://bigenc.ru/ethnology/text/3167314 санаи мурочиат 20.07.2020.

тахайюлиро»-ро ба вуҷуд оварданд (Б. Андерсон)[1]. Ин «ҷомеаи тахайюлӣ» аз он раванди ягонагӣ ташаккул ёфт, вақте ки дар тамоми гӯшаҳои қудрати азим тамоми сокинон (бидуни истисно) на танҳо бо офаридаҳои ҷовидонии гузаштагони худ ошно буданд (алалхусус, «Хвадай-намак» – пешгузашта аз “Шоҳнома”), балки инчунин шабҳои эҷодӣ (назмӣ, фолклорӣ) ташкил карда, давраи қаҳрамонии пешазисломии ҳаёти гузаштагони шарифи худро якҷоя ситоиш мекарданд.

Чун мутахассиси ватанӣ С.С. Ятимов таъкид кардааст: «Чун дар натиҷаи мубориаҳои қаҳрамононаи халқи тоҷик дар Хуросон ва Мовароуннаҳр, дар нимаи дуюми асри IX салтанати аҷнабиён шикаст хӯрд, ҳамзамон ҷараёни давлатсозии миллати тоҷик, ки тавассути ғасби ин сарзамин қатъ гашта буд, дар асри X ҷамъбасти раванди дуру дарози он ба вуқӯъ пайваст. Адабиёти тоҷик бо тамоми неру барои пойдорӣ ва бардавомии ин давлат кӯшишҳои бесобиқа кард. Дар арсаи майдони адабӣ Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Абӯшакури Балхӣ, Хусравонӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Робиаи Балхӣ ва даҳҳо дигарон ворид гаштанд. Хизмати бузурги ин нобиғагон иборат аз он буд, ки ҳарчӣ зудтар забони ноби тоҷикиро бо тамоми имконоте, ки дар тӯли асрҳо захира карда буд, барқарор созанд. Ба он қувват бахшанд. Онро аз истилоҳоти бегона пок намоянд. Қудрати суханеро, ки миллатро ба истиқлолият, давлатдории мустақил расонид, дар намоиш гузоранд. Забони шевои тоҷикиро дар тамоми гӯшаву канор, дар миёни худиву бегона танинандоз кунанд.

Дар кулли давраҳои таърихӣ, дар адабиёти тоҷик назм бар наср бартарӣ дошт. Ин навъи бадеӣ арсаи ҳақиқии нишон додани

[1] Андерсон Б. Воображаемые сообщества. Размышления об истоках и распространения национализма./ Пер.с анг. В. Николаева.-М.: «КАНОН-пресс-Ц», 2001,-288с.

тавонмандии дарк, эҳсоси паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ва қудрати тасвири он гардид»[1].

Ин авҷи оммавии  ташаккулёбии мардуми тоҷик бо дастгирии қавии давлатӣ, бо муҳити аз ҷиҳати иқтисодӣ осудаҳолона ва заҳмати  монданашавандаи зиёиёни нав (ташаккулёбанда) он фазои гудозандаеро ба вуҷуд овард, ки дар он рӯҳияи олии шоирона ва майл ба хизмати баландихтисоси давлатӣ пухта шуда буд. Ба ин сифатҳо на танҳо дар давлати соҳибмаърифати  Сомониён, балки дар тамоми қаламрави ворисони он (баъзан минтақаи аз Осиёи Марказӣ берун ва минтақаҳои ҳамсарҳад) то оғози Замони Нав (то аввали асри XX) ниёз доштанд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти асосноки ибтидоии амирони Сомониён, ки ҳамчун як фишанги тавонои пайдоиши халқи тоҷик комилан мутобиқ  баромад карда, ба ин васила дар таҳия ва татбиқи яке аз ҷузъҳои сохтории Стратегияи онҳо «Кашфи ҷаҳони тоҷикон» нақши калидӣ бозид. Кушодии халқи тоҷик ба тамоми халқҳои атроф аз равандҳои ҳукмрони ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар шарқи ҷаҳони ислом вобаста буд:

Пайвастани (синтези) тоҷикӣ-туркӣ, ки аз давраи таъсиси Хоқони туркӣ (нимаи асри VI) сарчашма мегирад, шакли нави ҳамкориҳоро гирифт, зеро дар ин  даврон тоҷикон дар байни қабилаҳои сершумори туркӣ ҳамчун мубаллиғони дин ва фарҳанги ислом баромад карда, онҳоро аз ҳар ҷиҳат ба оғӯши ҷаҳони бузурги ислом ҷалб карданд. Қабилаҳо ва қавмҳои сершумори туркӣ, ки тадриҷан ба ҷаҳони мусулмон ворид мешуданд, ба зудӣ ба муҳофизони асосии он дар минтақаҳои гуногуни Авруосиёӣ васеъ табдил ёфтанд. Маҳз туркҳо бори нахуст тамоми мардуми муқимиро, ки исломро қабул кардаанд, «тоҷикон» номиданд.

---

[1] Ятимов С.С. АДАБИЁТ ВА ДИАЛЕКТИКАИ ҲАЁТ (масъалаҳои назариявӣ).// https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos/adabijot-va-dialektikai-ajot-mas-ala-oi-nazariyav.html санаи мурочиат 20.08. 2022

Дар даврони Сомониён, паҳншавӣ ва устувор гардидани равияи озодфикрона (ҳанафӣ)-и боимони ислом (суннӣ) дар тамоми минтақаҳои давлати азим ва берун аз ҳудудҳои он хотима ёфт. Гарчанде ки дар даврони Аббосиён, бо тафовут аз замони Умавиён, арабҳо ҷойгоҳи имтиёзноки худро дар уммати мусулмонӣ аз даст доданд, аммо намояндагони қабилаи Қурайш (авлоди  Пайғамбар Муҳаммад (с)) ва уламои мусулмон (саидҳо) ҷойгоҳи ифтихории худро нигоҳ доштанд. Ин вазъ дар якҷоягӣ бо арабҳои зиёди ғозиён (муборизони эътиқод), ки ба минтақаҳои гуногуни давлати Сомониён барои мубориза бо кофирон ҷалб шуда буданд, барои эҷоди издивоҷҳои байналмилалӣ шароит фароҳам оварданд. Ин ба мардуми тоҷик имкон надод, ки танҳо аз мардуми худ издивоҷ намуда, ҳамқавмиро нигоҳ доранд.

Намояндагони доимоҳаракаткунандаи халқи тоҷик ҳаракатро бо роҳҳои хушкигарди Шоҳроҳи абрешим идома дода, дар шарқ ба соҳили Уқёнуси Ором[1] ва ба соҳилҳои Уқёнуси Атлантик (тавассути Испанияи мусулмонӣ) мерасиданд[2].

---

[1] Таъин гаштани тоҷири сугдӣ аз тарафи императори Тани чинӣ ба музофоти Аннам (ҳозира Ветнам).

[2] Коковцев П. К. Еврейско-хазарская переписка в Х веке – Л., Изд. АН СССР,1932,134 с.

# БОБИ II. СОХТОРИ СТРАТЕГИЯИ СОМОНИЁН

Бидуни истисно, тамоми муҳаққиқони Варорӯд ва Хуросон, ки беш аз ҳазор сол ин ду минтақаи ягонаро (бо ҳавзаи дарёи бузурги Амударё як шудааст) таҳқиқ мекунанд, аз асрҳои миёна аз таҳқиқгарони тоҷикӣ-арабӣ сар карда то муҳаққиқони муосир (ҷаҳонӣ), эътироф мекунанд, ки давраи Сомониён бо пойтахташ Бухоро, даврони «асри тиллоӣ»-и Осиёи Марказӣ аст. Онҳо дастовардҳои баланди фарҳангии давлати Сомониёнро бо ташбеҳҳои баланд: «Бухоро гунбази фалак аст» (Рӯдакӣ), «Бухоро гунбази Ислом» (Ҷувайнӣ), «Нашъунамои забон ва адабиёти нави форсӣ[1]» (Ричард Фрай), «Гул-гулшукуфии Осиёи Марказӣ» (Фредерик Старр)[2], «Нашъунамои адабиёти бадеӣ ва илмӣ»[3] (Оранский Иосиф), «Фарҳанги Сомониён-алмос»[4] (Лев Гумилев) тасвир мекунанд.

Чӣ гуна онҳо дар тӯли каме бештар аз сад сол ба ин хулосаи якдилона ва ҳамаҷонибаи ҳам муаллифони асрҳои миёна ва ҳам муосир муваффақ гардиданд?

Дар таърихи Турон ва Хуросон як қатор рӯйдодҳои калидӣ («замони меҳварӣ») мавҷуданд, ки симои иҷтимоию сиёсии онҳоро ба куллӣ дигаргун карданд: нахустин рӯйдод муқовимати дарозмуддати Эрону Турон мебошад, ки овозаи он то замонҳои таърихӣ (забти минтақаи Варорӯд аз ҷониби Ҳахоманишиҳо) расида буданд, баъдтар ин ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ва эҷоди салтанатҳои Юнону Бохтар аст; ташаккулли давлатҳои бузурги Порти Кабир ва Кушониён, дуто аз панҷ империяи ҷаҳонӣ дар ибтидои қарни мо (ҳамроҳ бо Рим, Хан (Чин) ва империяи

---

1 Фрай Р.Н. Бухара в Средние века. На стыке персидских традиций и исламской культуры.
2 Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 227-262.
3 Оранский И.М. Введение в иранскую филологию.-М.: Изд-во Восточнойлитературы, 1960, с. 265.
4 Гумилев Л.Н. Древняя Русь и Великая Степь. –М.: 1992, с. 208.

бодиянишини хуннҳо), инчунин ҳуҷуми дар ибтидо Хокони туркӣ (аз нимаи дуюми асри VI) ва арабҳо (аз аввали асри VIII). Ба ин рӯйхат муҳорибаи ибтидои асри X (900) байни амир Исмоили Сомонӣ ва амир Амри Саффорӣ, намояндагони барҷастаи ду минтақаи таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик – Суғд ва Систон дохил мешаванд. Аввалӣ ватани нахустин пайғамбари (зардуштӣ) Зардушт[1] ва дувумӣ ватани қаҳрамони афсонавии тоҷик – Рустам (Сагзӣ) мебошад. Ин набард, ки аз нигоҳи тактикӣ ҳамчун мубориза байни ду сохтори давлатии тоҷикон барои иҷозатномагири аз халифаи Бағдод ҷиҳати қудрат дар Хуросон баррасӣ мешуд, оқибатҳои амиқтар дошт: кадоме аз ин минтақаҳои таърихию фарҳангӣ дар дурнамои таърихи халқи тоҷик дар таърихи шарқи босуръат инкишофёбанда афзалият хоҳад дошт. Саффориёни Систон, минтақаи ҷанубии канории тоҷикон, ки ташаббусро аз хонаводаи пурқудрати дигари Хуросон – Тоҳириён ба даст гирифта буданд, ба хонаводаи дигари абарқудрати Варорӯд (ва Бохтар) - Сомониён, ситезаҷӯӣ карда, нақши дуюмро дар шарқи ислом ҳаргиз таҳаммул карда наметавонистанд.

Ғалабаи Сомониён бо пойтахташ дар Бухоро дафъаи аввалу охир ин минтақаи бостониро дар таърихи минбаъдаи халқи тоҷик дар нақши аввал (асосӣ) гузошт. Агар, қаблан, ин ё он минтақа (Хоразми бостонӣ, Бохтари қадим, Порт, Кушониён ва дигарҳо) дар баъзе давраҳои таърихӣ ба минтақаҳои дигари тоҷикон ҳукмфармо буд, ҳоло якбора ва барои ҳама даврон Суғд дар аксарияти соҳаҳои фаъолияти мардум (аз назм то малакаи идоракунии ҳукумат) ташаббусро мустаҳкам ба дасти худ гирифт ва то замони муосир нигоҳ дошт.

Ҳангоми ба сари қудрат омадани сулолаи Сомониён вазъ дар шарқи ҷаҳони ислом: дар Турон ва Хуросон то андозае ба эътидол

[1] Пьянков И.В. Зороастр в истории Средней Азии. Проблема места и времени.// Вестник древней истории.1996, №6, с.11-16.

омад: ислом аз дини маҳдуди этникӣ ба ҷаҳонӣ гузашта, тадриҷан ва бебозгашт ақлҳо ва қалбҳои қавмҳо ва қабилаҳои маҳаллро ишғол кардан гирифт; пас аз муҳорибаи Талас (с.751), Чин ғубори хашмгинашро аз даст дод ва ба хонаш баргашт; Хоқони турки Дашти Бузург ба чанд қисмат ҷудо шуд ва таҳдиди эҳтимолӣ ба кишварҳои муқимӣ суст шуд; ва Шоҳроҳи Абрешим устуворона фаъолият намуда, минтақаро ба се самти роҳи хушкӣ убур карда, ҳам ба мардуми муқимӣ ва ҳам ба қабилаҳои бодиянишини ин минтақа шукуфоӣ ва сарват овард.

Акнун ба Сомониён, ки эстафетаи ҳукмронии Варорӯд ва Хуросонро аз сулолаҳои ҳамқавм (Тоҳириён/Саффориён) ба дасти худ гирифтанд, ҳалли вазифаи муҳими на танҳо тасдиқ кардан ва мустаҳкам кардани қудрати худ, балки дар муҳити нисбатан мусоиди байналмилалӣ сиёсати дарозмуддати фаъолияташонро таҳия ва ҷорӣ намудан зарур буд. Ин санъати роҳбарӣ, ки ба шакли мӯътадили идоракунии давлатӣ, таҳкими шарикии иҷтимоии ҳукумат ва ҷомеа, инчунин ризоияти байни миллатҳо ва шукуфоии иқтисодӣ асос ёфтааст, барои ташаккулли халқи нави тоҷик аҳамияти хеле муҳим дошт.

Тавре ки дар боло зикр кардем, даҳ амири шарифи давлати пуршарафи Сомониён, ки бешубҳа, дар байни онҳо ду нафар – Амир Исмоили Сомонӣ ва набераи ӯ Амир Насри II  махсус фарқ мекарданд, натанҳо барои пайдоиши халқи тоҷик заминаи хубе фароҳам оварданд, балки як силсила кӯшишҳои дурандешона карданд. Таҳлили бодиққати ин кӯшишҳо нишон дод, ки онҳо натанҳо намунаи классикии давлати мутамарказро дар ҷаҳони ислом ба вуҷуд оварданд, балки ба болоравии бесобиқаи афкори илмӣ ва маънавӣ мусоидат карданд, ки то ҳанӯз пурра омӯхта нашудаанд. Ин падидаи ин давра аз мавҷудияти сиёсати амиқи андешидашуда ва нозуки татбиқшудаи давлатӣ шаҳодат медиҳад, ки мо онро стратегияи Сомониён хоҳем номид. Ин чунин як стратегияи

пуршарафи давлати Сомониён буд, ки аз падарони бунёдгузори худ умри бештар дида, вақте ки ҳар як сулолае (аксаран бо забони хориҷӣ), ки ба ҷойи ӯ ё ворисонаш омада, ӯро иваз мекарданд, пас бо парҳезкорӣ на танҳо онро муҳофизат мекард, балки кӯшиш мекард ба он ҷараёни нав ё дурахши нав ворид кунанд, то ки ба таври беҳтар тақлид кунанд.

Ин мерос, ки аз ҷониби мо стратегияи Сомониён «Ҷаҳони Тоҷикон» ном гирифт, дар тӯли зиёда аз як аср ташаккул ва сайқал ёфтааст, натанҳо дар тамаддуни мусулмонӣ, балки дар тамоми Ховари Миёна низ фарқ карда меистад. Он ҳоло ҳам мунтазири муҳаққиқони худ мебошад. Маҳз кушодагии мардуми тоҷик буд, вақте ки қисматҳои таркибии он, то анҷоми пайдоиши миллати худ барои тамоюлҳои фарҳангии нав ба ҷомеаи ҷаҳонӣ намунаи нодири муколамаи кушодаи байни тамаддунҳоро доданд. Буддоиёни собиқи Бармакӣ ба қалби хилофат, ба пойтахти нави ҷаҳони ислом анъанаи ҳинду-буддоии дарки ҷаҳонро оварданд; хуросониҳои Абумуслим, ки бо қабилаҳои бесаводи араб паҳлӯ ба паҳлӯ барои паҳн кардани дини нав мубориза мебурданд, онҳоро бо забони тоҷикӣ ва маросиму суннатҳои худашон шинос карданд; хуросониён ва варорӯдиён, ки барои бунёди пойтахти нави давлати исломи (Бағдод) ва ороиши он даъват карда шуда буданд, ба фаъолияти тарҷумаи асарҳои қадимаи юнон ва сириягӣ машғул шуда, бо ин васила идомаи рушди бонизоми тамаддунии инсониятро таъмин карданд; илоҳиётшиносони тоҷик дар радифи арабҳо ва халқҳои дигар достонҳои (ҳадисҳои) пайғамбари бузургро дақиқона ҷамъоварӣ ва рамзгузорӣ карданд; Сомониён бошанд, ислом, фарҳанги мусулмонӣ ва малакаҳои ҳукуматдориро дар паҳновари Дашти Бузург ва дар масири Роҳи Бузурги Абрешим паҳн карда, минтақаи фарҳангии худро ба самти шимол, шимолу ғарб ва шимолу шарқ васеъ карданд. Муҳимтар аз ҳама, мардуми тоҷик, ки аз анъанаи «нафрат»-и навиштани зардуштӣ раҳо ёфта, ба

«халқи китобдор» мубаддал гаштанд, ба тарҷумаи анъанаҳои чандинасраи шифоҳии худ шуруъ карданд, ки ҳоло забони тоҷикӣ ва бахусус, адабиёти он ба қуллаҳои бемислу монанд расидааст.

Ҳама ин ҷидду ҷаҳди азими халқи тоҷик, ки ташаккулёбии халкиашро акнун ба анҷом расонидаанд, бо роҳнамоии дақиқи амирони шарифи Сомониён ва вазирони хирадманди онҳо ғояи беназире ба вуҷуд оварданд. Кушода будани халқи тоҷик, ки дар қалби қитъаи паҳновари Авруосиё ҷойгир аст, тамоми дастовардҳои фарҳангии халқҳои ҷаҳонро таҷассум менамояд, ки ҷамъбасти он дар паноҳи тамаддуни баландфарҳанги исломӣ ҳамчун зарфе, ки тамоми намунаҳои беҳтарини ҳамзистии осоишта ва пурсамари халқҳои Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои атрофи онро гирд овардааст.

Тавре маълум гардид, дар тӯли зиёда аз як асри ҳукмронии Сомониён чунин як стратегия таҳия ва амалӣ карда шуд, ки мо онро «Ҷаҳони Тоҷикон» меномем, ки ҳадди ақал аз 7  ҷузъҳо иборат аст:

1. Додани мақоми забони давлатӣ ба забони тоҷикӣ (тоҷикӣ-(форсӣ –дарӣ));

2. Тақвияти шакли дунявии идоракунӣ (аморат/салтанат) дар ҷаҳони ислом;

3. Таъмини мақоми вазири бузург ва «Девони вазирон» ҳамчун навъи  мӯътадили идоракунии ҳукумат;

4. Густариши шохаи ҳанафии исломи суннӣ дар ҷаҳон;

5. Пешбурди сиёсати «синтези тоҷикӣ-туркӣ»;

6. Васеъ намудани амалияи сарпарастӣ нисбати «аҳли қалам»;

7. Ҳимоя ва сарпарастӣ дар Шоҳроҳи  абрешим.

Таҳия ва амалисозии ин сиёсат, ки дар он ҳамаи қисматҳои таркибии он бо ҳамдигар ба тариқи аҷибу ғариб ҳамкорӣ мекарданд, натанҳо анъанаҳои  даврони асосгузорон - падарон (Сомониён)-ро идома дод,  балки муҳимтар аз ҳама, моҳиятан  ҳамчун «кафолати наҷот» мавҷудияти осоишта, баъзан имтиёзноки мардуми тоҷикро то ибтидои асри XX таъмин намуд.

## 2.1. Мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони расмии давлатӣ

Тавре ки дар боло дида баромада шуд, тоҷикон-хуросониён ва бохтариён дар сафи пеши табдил ёфтани дини нав– ислом аз дини сирф қавмӣ ба дини ҷаҳонӣ қарор дошта бошанд ҳам, вале забони худро дар артиш (Абумуслим) ва дар нахустин давлатҳои этносулолавӣ (Тоҳириён ва Саффориён) ҳамчун «гавҳараки чашм» ҳифз намуданд. Сомониён на танҳо ин анъанаи пуршарафро идома доданд, балки ба он чунин қудрат ва устуворӣ ато карданд, ки дар тӯли садсолаҳо анъанаҳои падарони бунёдгузори худро идома доданд.

Зардуштия ҳамчун дини маркозии ниёгони тоҷик бо интиқоли шифоҳии иттилоот, мутаассифона, ба ҳифз ва афзун намудани тамоми боғоҷи азими таърихӣ ва фарҳангии онҳо зарари калон расонд, зеро ин шакли инъикоси равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, равияҳои фарҳангию иқтисодӣ то вақти тасдиқи хаттии онҳо бесарусомонӣ ва номуайяниҳоро ба миён овард. Масалан: салтанати шоҳаншоҳи Ҷамшеди афсонавии Пешдодиён, тибқи интиқоли шифоҳӣ, зиёда аз 600 сол давом кард, ё корномаҳои қаҳрамонии паҳлавон Рустам давомнокии беш аз 500 сол доранд, ки, бешубҳа, воқеияти ҳаётии онҳо ва таърихӣ будани онҳоро зери шубҳа мегузорад.

Бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқони эронӣ дар ташаккул ва рушди забонҳои эронӣ се давраи асосии таърихиро ҷудо мекунанд:

1. Давраи забонҳои қадимаи эронӣ (авастоӣ, форсии бостон, мидӣ ва ғайра – аз ибтидои ҳазораи 2 то милод – асрҳои IV-III пеш аз милод);

2. Давраи забони эронии миёна (форсии миёна, суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ, портӣ ва дигар забонҳо – аз асрҳои IV-III милодӣ – асрҳои VII-IX мелодӣ);

3. Давраи нави забони эронӣ (тоҷикӣ, форсӣ, пашту, дарӣ, осетинӣ, курдӣ, балуҷӣ ва дигар забонҳо – асрҳои IX-X - то имрӯз)[1].

Дуто аз се давраи рушди забонҳои эронӣ (аз ҷумла, забони модарии тоҷикӣ) ба даврони муносибати бадбинона ба навиштан («*лаънати навиштан*») ва бо таъкид ба интиқоли шифоҳии иттилооти хусусияти гуногундошта дар давраи зардуштӣ гузашт. Ташаккулли давлати Сомониён бо анҷоми ду давра (*Эрони бостонӣ* ва *Эрони Миёна*) ва оғози давраи сеюм (*Эрони нав*) бо ба шакли муайян даромадани бевоситаи забони тоҷикӣ рост омад.

Дар ин ҷо мо таҳаввулоти забонҳои маҳаллии гурӯҳи эрониро пеш аз давраи Сомониён дида мебароем:

**1. Забони авастоӣ**–яке аз қадимтарин забонҳои маъмулии эронӣ мебошад, ки бо ёдгориҳои хаттӣ маъруфу машҳур гардидааст. Забони ёдгории хаттии «Авасто» (аз форсии миёна «апастак» - «маҷмӯи қонунҳо»), ки маҷмӯи матнҳои динии зардуштиро ифода мекард. Аллакай дар охири асри IV-ибтидои асри VI, забони авастоӣ забони мурда маҳсуб меёфт ва танҳо ҳамчун забони ибодат истифода мешуд (то ҳол дар байни порсҳои Ҳиндустон ва габрҳои Эрон истифода мешавад). Шартӣ будани ин забон аз он аст, ки қисматҳои гуногуни он дар давраҳои гуногун ва минтақаҳои гуногуни зисти ниёгони халқи тоҷик ташаккул ёфтаанд. Мувофиқи маълумоти мутахассисон, ташаккулли қисматҳои қадимтарини Авасто дар ҳазораи II пеш аз милод оғоз ёфта, муддати тӯлонӣ дар интиқоли шифоҳӣ аз насл

[1] Оранский М.И. Введение в иранскую филологию.-М.: «Наука», Восточная литература, 1988, -388 с.

ба насли оянда вуҷуд доштанд[1]. Ба андешаи мо, интиқоли шифоҳии иттилоот аз моҳияти аҳримании навиштаҷот дар анъанаи зардуштӣ сарчашма мегирад, ки тасдиқи онро мо дар порчаи зерини «Шоҳнома» пайдо мекунем:

Бирафт, Аҳриманро ба афсун бибаст,
Чу бар тезрав борагӣ барнишаст.
Чу девон бididанд кирдори ӯ,
Кашиданд гардан зи гуфтори ӯ.
Шуданд анҷуман деви бисёрмар,
Ки пардохта монад аз ӯ тоҷи зар.
Чу Таҳмурас огаҳ шуд аз корашон,
Барошуфту бишкаст бозорашон.
Ба фарри ҷаҳондор басташ миён,
Ба гардан баровард гурзи гарон.
Ҳама наррадевону афсунгарон,
Бирафтанд ҷодусипоҳе гарон.
Даманда сияҳдевашон пешрав,
Ҳаме б-осмон баркашиданд ғав.
Ҳаво тирафому замин тира гашт,
Ду дида дар ӯ - андарун хира гашт.
Ҷаҳондор Таҳмураси б-офарин
Биёмад камарбастаи разму кин.
Зи як сӯ ғави оташу дуди дев,
Зи як сӯ далерони кайҳонхидев.
Якояк биёрост бо дев ҷанг,
Набуд ҷангашонро фаровон диранг.
Аз эшон ду баҳра ба афсун бубаст,
Дигаршон ба гурзи гарон кард паст.
Кашидандашон хаставу баста хор,

[1] Оранский М.И. Введение в иранскую филологию.-М.: «Наука», Восточная литература, 1988, с. 24-25.

Ба ҷон хостанд он замон зинҳор,
Набиштан ба хусрав биёмӯханд,
Дилашро ба дониш барафрӯханд.
Набиштан яке на, ки наздики сӣ,
Чи румӣ, чи тозиву чи порсӣ,
Чи суғдӣ, чи чиниву чи паҳлавӣ,
Нигоридани он куҷо бишнавӣ[1].

Тавре ки аз ин порчаи «Шоҳнома» бармеояд, тибқи анъанаи зардуштӣ, дини асосии гузаштагони тоҷикон (ва дигар халқҳои эронӣ моҳияти аҳриманӣ (девӣ) додан ба хат (навиштаҷот), ба рушди хат мусоидат накарда ба таври шифоӣ инъикос намудани маълумот афзалият медод, ки ба асосҳои таърихи қадимтарин ва аз оғоз фарҳанги бойи халқи тоҷик зарари ҷуброннопазир расонд.

2. **Забони портӣ** – дар охири ҳазораи I то мелод ва дар аввали ҳазораи I-уми милодӣ дар қисми ҷанубии Варорӯд, қисми ғарбии Хуросон ва дар баъзе минтақаҳои шимолу шарқии Эрон паҳн шуда буд. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон, забони портӣ аз ҳуҷҷатҳои монавии воҳаи Турфон (қисми шарқии ҳавзаи Тарим, сарҳад бо Муғулистон), инчунин ривоятҳои портии навиштаҷоти сангии форсии миёна ва ҳуҷҷатҳои гуногуни иқтисодӣ шуҳрат пайдо кардааст. Ба ақидаи онҳо, дар омӯзиши забони портӣ таҳқиқи иқтибосҳои портӣ дар забони арманӣ низ нақши назаррас дошт.

**3.Забони хоразмӣ** – забони мурдаи зергурӯҳи шимолу-шарқӣ (алано-осетинӣ)-и гурӯҳи эронӣ дар воҳаҳои поёноби Амударё аст[2]. Ин забони ҳуҷҷатҳое мебошад, ки бостоншиносони шӯравӣ ҳангоми кофтукови Хоразми қадим кашф кардаанд, ки аз рӯи ақидаи муҳаққиқон, тахминан ба асри I мелодӣ мансуб

1 . Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ. 1. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 45-46.
2 Фрейман А. А., Хорезмийский язык, [ч.] 1, М. — Л., Изд-во Академии наук СССР,1951, -118 с;

мебошанд. Вале маълумоти асосӣ дар бораи ин забон дар шакли калимаҳо ва иқтибосҳои қадимаи хоразмӣ дар осори арабӣ – исломии замони минбаъда (асрҳои XIII-XIV) дучор мешаванд[1].

**4.Забони сакоӣ-хотанӣ ва лаҳҷаҳои сакоӣ-тахорӣ**. Забони хотанӣ-сакоӣ яке аз забонҳои сакоӣ, забони расмӣ ва забони адабиёти буддоӣ дар воҳаи Хотан буд (ҷануби ҳавзаи Тарим,Чин). Қисми асосии ин дастхатҳо бо хатти браҳмӣ (яке аз навъҳои хатти ҳиндӣ) дар асрҳои VI-X навишта шудаанд ва дар Санкт-Петербург, Лондон, Париж ва ҷойҳои дигар маҳфуз аст. Қисми назарраси ёдгориҳои забони хотанӣ-сакоиро осори буддоӣ ташкил медиҳад[2]. Ба ақидаи мутахассисон, ин забон (сакоӣ-хотанӣ) бо забонҳои қабилаҳои тахорӣ (ҳиндуаврупоӣ), ки дар миёнаи асри II қад-қади болооб ва миёнаи Амударё ва қабилаҳои сакоӣ, ки кӯлҳои Ҳомун (Систон)-ро ишғол карда, қисман ба ҳавзаи дарёи Ҳинд ворид шуданд, робитаи зич дошт. Ба ин ҷо, инчунин забони қабилаҳои ҳайтолӣ, ки дар асрҳои V-VI Варорӯд, Хуросон, Кобул ва минтақаи шимолу шарқи Эронро забт карда буданд, мансуб медонанд[3].

Бояд қайд кард, ки рамзи баъзе ёдгориҳои хаттӣ дар мавзеи зисти қабилаҳои сакоӣ нокушода мондааст. Ба ҳама маълум аст, ки соли 1970 бостоншиноси машҳури қазоқ К. Акишев ҳайкалчаи «Ҷанговари сакоии тиллоӣ»[4]-ро дар теппаи Иссиқ (дар наздикии Алмаато) дарёфт кардааст. Дар баробари ин рамзи барои ёдгории таърихии Қазоқистони муосир, як косаи нуқраи сакоӣ бо навиштаҷоти уфуқӣ ёфт шуд, ки бо номи «катибаи Иссиқ"

1 Оранский М.И. Введение в иранскую филологию.-М.: «Наука», Восточная литература, 1988, с. 26.
2 Герценберг Л. Г.Фрагменты хотаносакской Сангхата-сутры.// Осетинская филология. — Орджоникидзе, 1981. — Вып. 2. — С. 22—26. //http://kvkz.ru/history/3480-fragmenty-hotanosakskoy-sanghata-sutry.html санаи мурочиат 24.07.2020
3 Оранский М.И. Введение в иранскую филологию.-М.: «Наука», Восточная литература, 1988, с. 26-27.
4 Акишев К. А. Курган Иссык, Искусство саков Казахстана. – М.: «Искусство», 1978, - 142 с. ил.

машҳур шуд (бо 28 аломат), ки дар муқоиса бо навиштаҷоти Дешти-Навур (Ғазна, Афғонистон), эроншиноси маъруфи рус В. А. Лившитс робитаи онро бо забони қадимаи туркӣ рад мекунад ва онро ҳаммонанди «катибаи сакоӣ» муайян мекунад[1]. Чунин нуқтаи назарро олими қазоқе, ки ин осорро кашф кардааст, низ тарафдорӣ кардааст[2].

**5. Забони бохтарӣ.** Ин забони акнун мурда (эронии миёна) дар қаламрави Бохтар дар замони Юнону Бохтар ва давлати минбаъдаи Кушониён ҳамчун забони давлатӣ паҳн шуда буд. Маълум аст, ки дар натиҷаи лашкаркашии Искандари Мақдунӣ ба Шарқ (аз ҷумла Бохтар) ҳокимияти юнону македонӣ ва баъдтар давлатҳои юнону-бохтарӣ ва юнону-ҳиндӣ барқарор гардиданд, ки дар он ҷо забони юнонӣ ва алифбои юнонӣ забон ва хаттӣ давлатӣ гардид. То миёнаҳои асри XX ин забон асосан аз рӯи маводи нумизматикӣ маълум буд. Дар соли 1957, дар Сурхкӯтал (Бағлони Афғонистон) катибаи бохтарӣ бо андозаи назаррас дарёфт карда шуд ва баъдтар (1993) дар наздикии Сурхкӯтал боз як катибаи ба қадри кофӣ калон ва хуб ҳифзшуда кашф карда шуд. Ин катиба (Работоқ)-и забони бохтарӣ бо алифбои юнонӣ ба машҳуртарин шоҳи Кушониён – Канишка тааллуқ дошт. Ин ва бисёр дигар номаҳо ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии нағз ҳифзшуда ба забони бохтарӣ, ки дар Лондон ҷамъоварӣ шуда буданд, аз ҷониби забоншиноси маъруфи британиёӣ Николас Симс-Вилямс рамзхонӣ ва нашр шудаанд[3].

**6. Забони суғдӣ.** Маълум аст, ки суғдиён дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии на танҳо Варорӯд ва минтақаҳои ҳамсоя

---

[1] Лившиц В.А. О происхождении древнетюркской рунической письменности // Советская тюркология. - 1978. - № 4. с. 84-98.

[2] Акишев К. А. Общество и письмо у саков Казахстана.// Всесоюзная тюркологическая конференция. Этнические и историко-культурные связи тюркских народов СССР. Тезисы докладов. -Алма-Ата. 1976,с. 11-13.

[3] Симс-Вильямс Н. Новые бактрийские документы // Вестник древней истории. – М.: 1997. - № 3. - С. 3 -10.

(Фарғона, Ҳафтрӯд ва ғ.), балки дар тамоми роҳҳои шарқии Шоҳроҳи Абрешим то Муғулистон ва долони Гансуи Чин нақши муҳим бозиданд. Фаъолияти фаъолонаи тиҷоративу иқтисодии онҳо ба табдил ёфтани забони суғдӣ ба забони муоширати байналмилалии (lingua franca) на танҳо Варорӯд, балки дар Ҳафтрӯд ва ҳавзаи Тарим мусоидат намуда, инчунин ба дигар минтақаҳои ҳамсоя (Хуросон, Ҳиндустон, Муғулистон ва ғ.) паҳн гардид. Омили паҳншавии забони суғдӣ боз он буд, ки уйғурҳои туркзабон, ки дар воҳаҳои ҳавзаи Тарим иқомат мекарданд, забони онҳоро аз худ карданд. Аз уйғурҳо бошад ин забонро ҳамсояҳои шарқии онҳо, яъне муғулҳо, ки самти навиштанро то андозае дигар карданд (аз уфуқӣ аз рост ба чап ба амудӣ аз боло ба поён), қабул намуданд. Баъдтар, манчжурҳо навиштаҷоти номаро ба забони муғулӣ нигоҳ дошта, аз уйғурҳо забони суғдиро қабул карданд. Дар ниҳоят, низоми хаттии суғдӣ (бо решаҳои оромӣ), ки аз низоми Эрони миёна сарчашма мегиранд, аз соҳили Амударё то соҳили Уқёнуси Ором паҳн шуданд (сулолаи Тсини манчжурҳо охирин империяи Чин аст)[1]. Аз ин рӯ, мо тақсимоти минтақа ва таркиби забони суғдиро пеш аз ҳамлаи арабҳо (бо ташаккул ёфтани забони ягонаи тоҷикӣ) муфассалтар баррасӣ хоҳем кард. Ин забони ҳоло мурдаи аҳолии қадимаи Суғд дорои якчанд маъхазҳои дар саросари ҷаҳон паҳншуда мебошад. Адабиёти фаровони суғдиро барои ошноӣ бо он метавон ба қисматҳои зерин тақсим кард:

6.1. **Дастнависҳои суғдии** мундариҷаи дунявиро шартан ба қисмҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

6.1.1. Муҳимтарин маводҳои забони суғдӣ (бо хусусияти дунявӣ) **ҳуҷҷатҳо аз кӯҳи Муғ** мебошанд. Боиси хушнудист, ки сарчашмаҳои арзишмандтарин (ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ (аз ҷумла,

[1] Оранский М.И. Введение в иранскую филологию.-М.: «Наука», Восточная литература, 1988, с. 159.

шартномаи ақди никоҳ), мукотибаҳои дипломатӣ, пешбурди хоҷагии ҳокимиятҳои кӯҳӣ ва ғ.) то замони мо дар қаламрави ватани маҳбубамон Тоҷикистон боқӣ мондаанд. Ин ҳуҷҷатҳоро аҳолии маҳаллӣ солҳои 30-юми асри гузашта дар ҳудуди ноҳияи Айнии Тоҷикистон (кӯҳи Муғ) дарёфт карда, аз тарафи бостоншиносони шӯравӣ бодиққат омӯхта шуданд ва баъдтар мутахассисони маъруфи шӯравӣ (русӣ) рамзкушоӣ гардиданд[1]. Ин ҳуҷҷатҳое, ки дар коғаз, чарм ва чӯбҳои бед, ки ду тақсим карда шуда буданд, навишта шудаанд, барандагони муҳимтарин рӯйдодҳои яке аз минтақаҳои калидӣ (Суғдиён) мебошанд, ки дар он гузаштагони халқи тоҷик, дар давраи таъсиси дини нав, ислом (ибтидои асри VIII) маскун буданд.

6.1.2. **«Навиштаҳои қадимаи суғдӣ»**, ки сиёсати «дасти дароз»-и ҳокимони суғдиро намоиш медиҳанд. Экспедитсияи сайёҳи машҳури британиёӣ Аурел Стейн (с. 1906-1908), ки яке аз экспедитсияҳои сершумори кишварҳои Аврупо ба ҳавзаи Тарим дар аввали асри XX буд, дар наздикии шаҳри Дунхуан (Чин) гурӯҳи дигари дастнависҳо дарёфт намуд, ки дар яке аз навъҳои забони оромӣ навишта шуда буданд. Таҳлили минбаъдаи ин дастхатҳо аз тарафи эроншиноси фаронсавӣ Р. Готьо (с.1911) нишон дод, ки ин ҳуҷҷатҳо ба забони суғдӣ низ навишта шудаанд ва мукотиботи хусусиро ифода мекунанд. Коршиносон онҳоро ба асри IV мансуб дониста, ба онҳо «хатҳои қадимаи суғдӣ» ном гузоштанд[2].

Омӯзиши минбаъдаи мундариҷаи ин ҳарфҳои суғдӣ нишон дод, ки онҳо аз санадҳои динӣ ба забони суғдӣ бо бисёр калимаҳои рӯзгори ҳаррӯза тафовут доранд. Онҳо ба он далел

[1]Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. Юридические документы и письма. Чтение. Перевод и комментарии В.А. Лившица.-М.: Изд-во Восточной литературы, 1962, -222 с.
[2] Оранский М.И. Введение в иранскую филологию.-М.: «Наука», Восточная литература, 1988, с. 198.

ишора мекарданд, ки дар ин давра байни мустамликаҳои суғдӣ, ки дар масири шарқии Шоҳроҳи Абрешим ва худи Суғд (аз ҷумла пойтахти он Самарқанд ҷойгиранд) чӣ гуна робитаҳои зич мавҷуданд. Баъзе аз ин мактубҳоро муаллифонашон ба суғдиён, дар ҷое, ки оилаҳои онҳо зиндагӣ мекарданд, фиристода буданд ва қисми дигари мактубҳои худи суғдиён барои яке аз минтақаҳои сераҳолии суғдӣ дар ҳавзаи паҳновари Тарим, ки аъзои оилаи онҳо дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, пешбинӣ шуда буданд[1].

**6. 1. 3. Катибаҳои суғдӣ аз Қарабалсағун.** Дар охири асри XIX, олими рус Н. М. Ядринтсев дар шимоли Муғулистон (дар харобаҳои пойтахти бостонии уйғурҳо, Қарабалсағун) боқимондаҳои як навиштаҷоти сезабонаи қадимаи (туркӣ, чинӣ ва суғдӣ) дарёфт кард. Навиштаҷоти сеюм (суғдӣ) дар ибтидо иштибоҳан навиштаҷоти уйғурӣ шуморида шуд, вале баъдтар (пас аз пайдо шудани ҳуҷҷатҳои суғдӣ дар ҳавзаи Тарим) муҳаққиқи олмон Ф. В. К. Мюллер тавонистааст онро рамзкушоӣ намояд. Вай муайян намуд, ки ин навиштаҷот бо ҳуруфи суғдӣ кандакорӣ шудааст ва ба дастхатҳои буддоии суғдӣ хеле монанд аст. Аз рӯи маълумоти коршиносон, ин навиштаҷот ба хоқони уйғур, ки аз солҳои 808 то 821 дар ин қаламрав ҳукмронӣ кардааст, бахшида шудааст[2]. Ин навиштаҷот, инчунин, далели он аст, ки суғдиҳо на танҳо ҳамчун яке аз бозингарони калидии масири шарқии Шоҳроҳи Абрешим баромад мекарданд, балки ҳамчун ҷузъи империяҳои даштӣ дур аз ин масири трансконтиненталӣ нақши муҳими сиёсӣ ва иқтисодӣ доштанд.

6.2. **Дастнависҳои суғдии монавӣ**. Ҷунбиши мазҳабии монавия дар империяи Сосониён ба вуҷуд омада, пас аз оғози таъқиб алайҳи пайравонашон дар он, вай инчунин ба Осиёи Марказӣ ва

[1] Ҳамон ҷо, с. 198.

[2] Ҳамон ҷо, с. 198.

Чин паҳн шуд (қад-қади Шоҳроҳи абрешим). Соли 762, вақте ки хоқони уйғур пас аз кӯмак дар фурӯ нишондани исён дар Чин ба хона баргашт, ӯ аз он ҷо коҳинони монавиро, ки иборат аз суғдиён буданд, бо худ бурд. Монавия дини давлатии уйғурҳо шуд ва дар тӯли панҷ аср (аз асри VII то асри XII) чунин боқӣ монд. Аз ин рӯ, шумораи зиёди дастхатҳои монавӣ, ки бо забони суғдӣ (уйғурӣ) навишта шудаанд, дар Муғулистон, ҳавзаи Тарим ва Чин ба вуҷуд омада, паҳн шуданд. Дар байни дастхатҳои сершумори дар ибтидои асри XX дар «Ғори Ҳазор Буддо»-и Могао (наздики Дунхуани Чин) кашфшуда, дастхатҳои манихеии суғдӣ низ буданд. Чуноне таҳқиқоти мутахассисони эроншинос дар қиёс муайян намудаанд, баъзе истилоҳоти тақвимӣ дар ин дастхатҳо бо истилоҳоти тақвимӣ-астрономии Хоразм ва Суғд дар асарҳои олими бузург Берунӣ низ суғдӣ будаанд. Аз ин рӯ, дар асоси ин муқоиса (соли 1904) забони ҳамаи ин дастхатҳои монавӣ бо номи суғдӣ доныста шуд[1].

Тибқи «Таърихи Кембриҷи Эрон» (бо такя ба «Феҳрист»-и нависандаи машҳури Шарқ Ибни ал-Муқаффаъ), дар Эрон дар солҳои охири давлати Сосониён панҷ забон мавҷуд буданд: *паҳлавӣ*, забони давлати Паҳла (Мидияи қадим, ки онро арабҳо Ҷибал меномиданд); *дарӣ*, забони пойтахти давлат (Тайсафун), *форсӣ*, забони мубадон (коҳинони зардуштӣ) ва олимон, *сурёнӣ*, ки бо он дар минтақаи Савад ва *хузии* Хузистон муошират мекарданд. Аз инҳо дутоаш эронӣ нестанд: *суриёнӣ*, оромӣ аст, забони аҳолии Месопотамия (Ироқ) ва *хузӣ*, эҳтимолан, боқимондаҳои Эломи бостонист. Забони расмии давлатӣ ва дини зардуштӣ, зоҳиран, *форсӣ* (форсии миёна баъдтар бо номи паҳлавӣ шӯҳрат дошт) буд ва бо забони *дарӣ* на танҳо дар пойтахт, балки, эҳтимолан, дар аксари қисмати империя гуфтугӯ

[1] Оранский М.И. Введение в иранскую филологию.-М.: «Наука», Восточная литература, 1988, с. 197-198.

мекарданд[1]. Аз рӯи маълумоти муҳаққиқи фаронсавӣ Лазар, дар воҳаи Хоразм забони *хоразмӣ* (забони Берунӣ) рушд кард ва забони *суғдӣ* дар зери истилои мусулмонон вазифаи забони расмӣ ва фарҳангиро аз даст дод, вале он ҳамчун забони гуфтугӯӣ дар вилояти Самарқанд боқӣ монд. Уструшон (Истаравшани ҳозира – М.А) низ лаҳҷаи худро дошт. Дар Афғонистони кунунӣ Ғарҷистон низ, мисли минтақаи Ғӯр, лаҳҷаи худро дошт, ки сокинонаш дар соли 1020   бо (ҳоким) Масъуди Ғазнавӣ танҳо тавассути тарҷумон муошират мекарданд. Дар мамлакатҳои эронӣ бисёр лаҳҷаҳои дигар ҳам мавҷуд буданд[2]. Ин мутахассис қайд мекунад, ки дар Варорӯд ва Хуросон бисёр лаҳҷаҳо вуҷуд дошта, забони *дарӣ*, ки мавқеи худро дар Ироқ (дар Тайсафун) аз даст дода буд,  нақши  забони ягонаро иҷро карда, ҳамзамон дар шарқ қаламрави азимеро ба даст овард.  Ба ақидаи ӯ, эҳтимолан, дар даврони Сосониён, забони *дарӣ* доираи забони *портро*, ки дар асри III мелодӣ забони умумӣ буд, дар Хуросон танг кард. Табиист, ки маҳз дар ҳамин давра, ки Трансоксиана ва Афғонистони ҳозира ба ҳайати хилофат дохил карда шуда, истилогарони мусулмон онро дар тамоми минтақаҳои шимолу шарқӣ паҳн карданд[3].

Ҳамин тариқ, паҳн шудани  дини ягона (ислом) дар минтақаҳои сершумори Варорӯд ва Хуросон аз ҷониби аввалин мусулмонони даризабон ба паҳншавии мувозии ин забони умумӣ мусоидат намуда, дар ниҳоят лаҳҷаҳои дигарро маҳдуд намуд (ғайр аз водиҳои баландкӯҳ).

---

[1] Lasard G. The Rise of New Persian language.// The Cambridge History of Iran. V.4. – Cambridge University press, 2008, S. 598.
[2] Ҳамон ҷо, с. 599-600.
[3] Lasard G. The Rise of New Persian language.// The Cambridge History of Iran. V.4. – Cambridge University press, 2008, S. 600.

Замони густариши ислом ва забони *дарӣ* дар минтақа бо пайдоиши коғаз ҳамчун маводи бисёр мувофиқ дар баробари дигар мавод барои сабти иттилооти хаттӣ рост меояд.

Таҳлили маводҳое, ки дар онҳо ҳуҷҷатҳо ва мактубҳои суғдӣ (42 адад) навишта шудаанд, нишон доданд, ки аксари ҳуҷҷатҳо ва номаҳо дар пӯст (22 адад, каме бештар аз 50%), дар чӯб (чӯби бед, ки ду тақсим карда шудааст) – 8 адад (камтар аз 20%) ва 12 номгӯйи ҳуҷҷатҳо дар рӯйи коғаз (зиёда аз 30%)[1] сабт шудаанд. Ин коғазҳо ҳамаашон истеҳсоли чинӣ буданд, аз ин рӯ, мо низ бар онем, ки қоғази маҳаллӣ (самарқандӣ) пас аз даҳсолаҳо (пас аз муҳорибаи соли 751 дар Талас) пайдо шуд, вақте ки маҳбусони чинӣ, ки бо қоғазсозӣ ошно буданд, ин сирро ба ҳунармандони маҳаллӣ нишон доданд.

Акнун, бо мутамарказонидани қудрат ва сиёсати муттаҳидсозии аввалин амирони Сомониён, бисёре аз забонҳои маҳаллии эронӣ ҷои худро ниҳоят ба забони маъмули тоҷикӣ (*дарӣ*) доданд. Ба ин раванди объективӣ, инчунин, ба гӯшаи фаромӯшӣ додани суннати «*лаънати навиштаҷот*»-и анъанаи зардуштӣ ва иваз кардани он бо таҷрибаи мусулмонии эҳтироми «*аҳли қалам*», кӯшишҳо барои ихтирои коғаз ҷиҳати сабти на танҳо маълумоти муосир, балки сабти анъанаҳои шифоии аҷдодони баландфарҳанг мусоидат карданд.

Барои ба як шакл даровардани забони ягонаи тоҷикӣ, инчунин коркарди мунтазам ва мукотибаи коғазии бюрократияи сершумори мутамаркази давлати Сомониёнро ба ҳолати мӯътадил овардан ва ба даҳ девони давлатӣ ва шабакаҳои паҳнгаштаи онҳо дар давлати паҳновар тақсим кардан тақозо мекард, ки мавқеи забони ягонаи дастрас мустаҳкам карда шавад.

---

[1] Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В.А. Лившица.-М.: Изд-во Восточной литературы, 1962, -224 с.

Хондани мунтазами *хутба* бо забони тоҷикӣ пеш аз ва пас аз хондани намоз бо забони арабӣ, ки дар тӯли зиёда аз садсолаҳо ҳар ҳафта такрор мешуд (ҳукмронии амирони Сомониён ва ворисони онҳо), наметавонист «ҷомеаи тахайюлӣ»-и мардуми тоҷикро ба вуҷуд наоварад, ки вижагиҳои он дар китоби машҳури Бенедикт Андерсон хеле хуб тасвир шудааст[1]. Ба назари мо, ҳар ҳафта якхела хондани хутба бо забони тоҷикӣ ва бахшидани он ба саломатӣ ва некӯаҳволии амири ҳоким аз хонаводаи Сомониён, бешубҳа, худшиносии дастаҷамъии тоҷикон аз Систон то Суғдиён ва аз Гурганҷ то ба Ғурро ба вуҷуд овард, ки мансубияти худро ба халқи ягонаи тоҷик дарк карданд.

Эҷоди осори ҷовидона дар соҳаи адабиёт, таърих, ҷуғрофия, илоҳиёт ва дигар соҳаҳои илмӣ дар забони тоҷикӣ ба ин забон натанҳо дар давлати Сомониён мавқеи имтиёзнок дод, балки дуртар аз Варорӯд ва Хуросон дар минтақаҳои Авруосиё низ ба қуллаҳои бесобиқа бардошт.

[1] Андерсон Б. Воображаемые сообщества. Размышления об истоках и распространении национализма/ Пер. с анг. –М.: «КАНОН-пресс-Ц», «Кучково поле»,2001, -288с.

## 2.2. Тақвияти ҳокимияти дунявии амир (султон) дар ҷаҳони ислом

Масъалаи қудрати олӣ дар уммати (ҷомеаи) исломӣ пас аз марги Паёмбар Муҳаммад (с), ки ҳамчун ҳокими олӣ дар он хидмат мекард, ба миён омад, вақте ки ду гурӯҳи онҳо- ҳамсафон дар кӯчиданаш аз Макка ба Мадина (*муҳоҷирон*) ва мадинагиҳо, ки аввалин шуда Исломро (*ансорон*) қабул карданд, масъалаи мансубияти қудратро ба миён гузоштанд. *Ансорон* (ёварон), ки пас аз *муҳоҷирон* ба ислом шомил шуда буданд, баробариро талаб мекарданд ва гаштаю баргашта ҳамон як гапро такрор мекарданд «*Аз мо амир ва аз шумоён амир*», ки аввалинҳо ба онҳо посух доданд, ки «*аз мо амир ва аз шумоён вазир*» (ёвари амир). Вақте ки ҷиҳатҳои махсуси давлати нави исломӣ ҳанӯз пурра ташаккул наёфта буданд, бинобар ин, дар байни онҳо барои паҳн кардани дини нав мавқеи фармондеҳони ҳарбӣ (*амирон*), пешвоёни ҷиҳод маъмул буданд. Дере нагузашта, ин баҳс ба фоидаи шарикони наздики паёмбар Абубакр, ки дар сари уммати афзояндаи мусулмонон истода, хусусиятҳои ташаккулли давлатиро бо унвони «*халифа*» (муовини фиристодаи Худо) ба даст оварданд, ҳал шуд. Ӯ аз ансорон ба унвони ёвари худ нагирифт. Халифаи аввал Абӯбакр (с. 632-634) вазифаи қозиро ба ӯҳда гирифт ва муҳоҷири дигар (Абу Убайда) мақомоти молияро ба зимма гирифт, ки баъдтар аз маъмурияти давлатӣ ҷудо шуд[1]. Ҳамин тариқ, тамоми шохаҳои ҳокимият дар дасти халифаҳои аввали давлати нави исломӣ мутамарказ буданд.

Халифаи дуюм Умар (с. 634-644) бори аввал унвони «*амир ал-муъмунин*»-ро гирифт, ки баъдан он нисбат ба ҳамаи халифаҳо

---

[1] Бартольд В.В. Ислам после пророка. Отделение церкви от государства. Сунна пророка.// Сочинение. Т.VI. – М.: «Наука», 1966, с. 104.

ҳамчун унвони иловагӣ истифода шуд. Аммо вазифаи асосии халифа *имомат*, яъне роҳбари динии ҷомеа[1] монд. Бо ҳукмронии ин халифаи дуюм нимҷазираи Арабистон комилан забт карда шуд ва забткориҳо дар қаламрави минтақаҳои фарҳангии Осиё ва Африка идома доштанд, ки ин масъалаи муосирсозии маъмурияти давлатиро ба миён овард. Дар Макка ва Мадина ва ҳамаи қабилаҳои араб, ки анъанаҳои муқарраршудаи идоракунии давлатиро надоштанд, аз ин рӯ, уммати мусулмонони босуръат васеъшаванда ташаккулли дахлдори давлатиро тақозо дошт. Ба гуфтаи мутахассис, ташкилоти қабилаҳои араб аввалин унсури пайдоиши ғайридинӣ буд, ки ба низоми давлатие, ки Муҳаммад ва ворисони ӯ сохтаанд, ворид шуд. Дар кишварҳои забтшуда аҷнабиён, ки дини исломро қабул карданд, ҳамчун муштарӣ, ба яке аз қабилаҳои араб ҳамроҳ шуданд»[2]. Маъмурони румӣ ва эронӣ аз минтақаҳо ба Мадина ҷалб карда шуданд. Дере нагузашта, вақте ки паҳншавии давлати ҷавон васеъ шуд, арабҳои Ҳиҷоз бо хешовандони худ дучор омаданд, ки урфу одатҳои султонӣ доштанд (дар шоҳигариҳои хурди Ҳасаниҳо, Лаҳмиҳо ва ғ.), ки пеш аз ислом ҳокимони худро доштанд ва бо ғояи ҳукмронии дунявӣ, «*султон*» шинос буданд. Ин истилоҳи сурияги, аслан на маънои ҳокими мутлақро, чуноне ки ҳозир аст, балки як мафҳуми дастаҷамъонаи ҳокимияти давлатиро ифода мекард, ки ба ҳукуматҳои хилофат низ паҳн шуд. Ҳокимони араб баъзан дар баробари қавми худ дини исломро қабул мекарданд, ки ҳукмронии худро идома доданд ва онҳо қудрати олии халифаҳоро бар худ эътироф мекарданд[3].

---

[1] Бартольд В.В. Теократическая идея и светская власть в мусульманском государства.// Сочинение. Т.VI. – М.: «Наука», 1966, с. 305.
[2] Бартольд В.В. Теократическая идея и светская власть в мусульманском государства.// Сочинение. Т.VI. – М.: «Наука», 1966, с. 304.
[3] Ҳамон ҷо, с. 305.

Ба қатл расидани халифаи дуюм Умар ба дасти як эронӣ ва кушта шудани як ашрофи бонуфузи эронӣ аз ҷониби писари халифа, ба эҳтимоли зиёд, ба тақвияти мавқеи мусулмонони эронӣ, пайравони Салмон, ки ба вай Паёмбари дин назари нек дошт, монеъ гардид.

Халифаи сеюм Усмон (с. 644-656), ки намояндаи қабилаи Умавиён буд, сиёсати пешгузаштаи худро барои азнавсозии давлати ҷавон идома дод. Аммо, то замони ӯ, бо тафовут аз пешгузаштагонаш, амалияи хешутаборбозӣ афзоиш ёфт ва бисёре аз хешовандони ӯ шуҳрат пайдо карданд. Муавийя, писари душмани худи паёмбар Абӯсуфён, ки баъдтар худи Паёмбар (с) ӯро авф ва сипас котиби худ кард, аллакай нақши ҳокими Сурияи сарватмандро иҷро мекард. Дар давраи ҳукмронии халифа Усмон таҳрири нусхаи расмии Қуръони карим тартиб дода шуда буд, ки то имрӯз бетағйир боқӣ мондааст. Дар ин даврон навоварӣ ҷорӣ карда шуда, ваколатҳои ҳакамон, ки пеш ин салоҳиятро худи халифаи аввал гирифта буд ва баъдан ба қозиҳо вогузор шуда буд, маҳдуд карда шуд. Ҳуқуқи таъин кардани ҷазо аз қозиён гирифта шуда, ба *султон*, яъне ба *халифа* ва ҳокимони ӯ дода шуд.

Халифа Усмон аз дасти на як қотили инфиродӣ, балки аз ҷониби шӯришгарони норозӣ бо сарварии писари халифаи якум кушта шуд. Қатли халифаи сеюм боиси рақобати шадид байни халифаи чаҳорум (аз байни халифаҳои тақводор) Алӣ ва волии Сурия Муавийя, яке аз хешовандони наздики халифаи пешина гардид[1].

Салтанати халифаи чорум Алӣ (с. 656-661) дар шароити на танҳо шӯриши волии Сурия, балки ҳамсафони Паёмбар бо сарварии ҳамсараш Оиша ҷараён гирифт. Норозигӣ дар Макка ва

---

[1] Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа. -Душанбе, «Дониш», 2000, с.119-120.

Мадина ором карда шуд, аммо зиддият бо Муавийя ба зудӣ ба ҷанги кушод мубаддал гардид. Вақте халифа Алӣ дар рафти ҷанги Сиффин ва ба суди ҳакамӣ ба оштӣ розӣ шуд, як қисми артиши ӯ, аз ин қарори роҳбарашон норозӣ шуда («Каломи Худоро ба қазовати инсон иваз кард»), ӯро тарк карданд. Муросои халифа Алӣ ҷаҳони исломро ба се гурӯҳ тақсим кард:

1.*Хориҷиён* (ки халифаро «тарк карданд») аз ақидаҳои мусулмонони оддӣ, ки аз афзоиши тафриқаи иҷтимоӣ ва беадолатӣ дар ҷомеаи ислом норозӣ буданд, дифоъ карданд. Пас аз муқовимати садсолаҳо бо дигар ҳаракатҳои динӣ, онҳо худро дар султонии Уммон устувор карданд;

2. *Шиаҳо* (Шиа Алӣ – «ҳизби Алӣ»), ҷонибдорони халифа Алӣ, пас аз кушта шудани ӯ аз ҷониби хориҷиҳо ва инчунин пас аз марги пуразоби писараш Ҳусайн аз ҷанговарони Муавийя, ки консепсияи шоҳидизмро таҳия карданд ва тадриҷан ба яке аз ду ҷараёни асосии ислом табдил ёфтанд. Дертар мавқеи онҳо, асосан, дар Эрону Ироқ мустаҳкам гардид;

3. *Сунниҳо*, гурӯҳи боқимондаи мусулмонон, ки ба суннати Паёмбар содиқ буданд, аввал дар атрофи Умавия, баъдтар халифаҳои Аббосӣ муттаҳид шуданд, аксарияти мутлақи онҳо низ суннӣ буданд[1].

Тавре ки маълум шуд, чаҳор халифаи ботақво - ***Абубакр, Умар, Усмон*** ва ***Алӣ*** - бо хоҳиши ҷомеаи мусулмонон ва пешгузаштагони худ ҳокими олии давлати нави исломӣ эълон шуданд. Ин як навъ осори анъанаи ҷомеаи қабилавӣ дар Арабистони томусулмонӣ буд. Новобаста ба он далели таърихӣ, ки салтанати халифаи аввал умри кӯтоҳ дошт ва се халифаи баъдӣ на бо хоҳиши худ ва на аз ҷониби пайравони дигар динҳо, балки аз ҷониби мусулмонон фавтиданд, замони ҳукмронии онҳо

[1] Ҳамон ҷо, с.120-123.

дар даврони баъдӣ муқаддас шуморида шуда, бо авлиёгӣ шӯҳрат ёфтанд.

Дар шакли ибтидоии худ худ хилофат омезиши ҳаёти рӯҳонӣ (динӣ) ва дунявӣ (сиёсат) мебошад. Аз як тараф, салтанати халифаҳои одил – асҳоб ва хешовандони наздики пайғамбар – ин ҳамчун «иродаи илоҳӣ» дониста мешавад, ки намояндаи қабилаи Қурайшро барои фиристодани Қуръони карим интихоб кард. Аз тарафи дигар, иродаи худи ҷомеаи мусулмонҳо интиқоли қудрат ба шарикони наздики офарандаи ҷамоаи нави онҳо (уммат) мебошад. Бояд гуфт, ки аллакай халифаи дуюм Умар ба иззати нафси худ унвони «*амир ал-муминин*»-ро илова кард, ки ин нишонаи аввали ҷудошавии минбаъдаи ҳокимияти дунявӣ аз мақомоти олии динӣ дониста мешавад. Акнун асосгузори хилофати меросии Умавиён Муавийя (с.661-680), ки дар байни мусулмонон нуфузи бебаҳо надорад (ба монанди чор халифаи ботақво), тавассути муносибати ришва ва қувваи бераҳмонаи ҳарбӣ ба баланд шудани эътибори хонадони худ (Абусуфён), ки як замон дар солҳои истиқрори ислом душмани ашадитарини Паёмбар буд, мусоидат мекунад. Писар ва ҷонишини халифа Алӣ Ҳасан, тавассути ришва қудрати олии давлати ҷавони исломиро ба ӯ дод. Набудани салоҳияти рӯҳонии ин сулола, ғасбгарон дар назари аксари мусулмонон, дар амалҳои ворисони ӯ зоҳир мешуд. Писар ва ҷонишини ӯ Язид (с. 680-683) ошкоро шароб менӯшид[1], ки ин як амали разилона дар назди мусулмонони боимон буд.

Дар таълимоти динӣ-сиёсӣ доир ба хилофат ҷанбаи сиёсӣ акнун нисбат ба мазҳаб торафт қавитар мешавад, зеро дар идоракунии ҳукумат, на иродаи Офапридгор ва пайғамбараш, балки иродаи сиёсии ҳоким афзалият пайдо кард. Мисолҳои

[1] Бартольд В.В. Ислам после пророка. Отделение церкви от государства. Сунна пророка.// Сочинение. Т.VI. – М.: «Наука», 1966, с. 108.

рамзӣ меорем: Муавийя худро на дар шаҳрҳои муқаддаси мусулмонон – Макка ва Мадина, балки дар Байтулмуқаддас (Иерусалим) халифа эълон кард[1] ва ворисӣ ӯ ошӯби гурӯҳи хурди писари дигари халифа Алӣ Ҳусайн (набераи Пайғамбар)-ро бераҳмона пахш кард. Аз зумраи тамоми халифаҳои хонадони Умавия, ки қариб сад сол дар Димишқ ҳукмронӣ кардаанд, танҳо як халифа Умари Абдулазиз (с.717-720) бо риояи анъанаи тақводории худ сутуда мешавад, новобаста аз ин, вай дар дайри масеҳӣ дафн карда шудааст[2].

Ҳамин тариқ, ислом ба се гурӯҳи бузурги динию сиёсӣ тақсим шуда, Хуросонро ба паноҳи худ ҳамроҳ кард ва ба соҳили дарёи Ому наздик шуда, аскарони савораи он бо парчамҳояшон баъзан ба соҳили шарқии он мегузаштанд. Дар ин давра ҷиҳати надоштани эътибори олии динии халифаҳои Умавиён, олимақомони Қурайш, пас аз таъқиби мақомоти Димишқ, алайҳи ворисони халифа Алӣ, дар атрофи ворисони амаки Паёмбар Аббос муттаҳид шудан гирифтанд. Таблиғоти ҷонибдории Аббосиён дур аз пойтахти Умавиён Димишқ, ба самти шарқ дар Хуросон паҳн шудан гирифт, ки ин ғалаба на танҳо ба ивазшавии ҳукумати марказии ғайриоммавӣ, балки ба тағйироти куллии тамоми маҷмуаи динӣ ва таълимоти сиёсии ислом оварда расонд.

Баъдтар анъанаи дунявии арабҳои тоисломӣ дар мафҳуми «*салтанат*» ва акнун мафҳуми исломии «*аморат*» ҳамчун роҳбарияти ғайридинӣ, балки бо раҳнамоии низомию ҳарбии мусулмонон такмил ва дар амал татбиқ карда шуд.

Тавсеаи минбаъдаи аз ҳад зиёди ҳудуди давлати бузурги исломӣ – хилофати Аббосиён, инчунин, аз оғӯши он ҷудо шудани аввалин иттиҳодияҳои давлатии дунявӣ, ки эътибори маънавии

---

[1] Ҳамон ҷо, с. 108.

[2] Бартольд В.В. Ислам после пророка. Отделение церкви от государства. Сунна пророка.// Сочинение. Т.VI. – М.: «Наука», 1966, с. 109.

онро эътироф ё рад мекарданд, масъалаи таҳия ва татбиқи консепсияи нави қудрати олиро ба миён овард, ки мафҳуми «*хилофат*»-ро, ки дар ҷаҳони ислом таҳти ҳукмронии чор «*халифаи одил*» муқаддас шуморида мешуд, рад намекард. Дар паноҳи ҷаҳони Ислом шакли дуалистии қудрати олӣ – *амирӣ* (ё *султонӣ*) ва *имоматӣ* ба вуҷуд оварда шуд, ки аз ҳамдигар бо он тафовут доштанд, сарвари давлати тозабунёди исломӣ – *султон / амир* ва ё руҳонӣ – *имом* аст.

Маҳз пирӯзии низомии Абумуслим, ки ба ивазшавии ҷойи як сулолаи сирф арабии Умавиён ба сулолаи фавқулмиллии мусулмонони Аббосиён Тоҳир ки халифа Аминро, ки ба арабҳо такя мекард, ба халифа Маъмун, ки аз ҷониби хуросониён дастгирӣ мегардид, оварда расонд, болоравии сулолаи Сaффориён, сарфи назар аз иродаи халифаҳои Бағдод, бо такя танҳо ба қувваи низомӣ ва аз ҳама муҳим, пирӯзии ҳарбии Исмоили Сомонӣ бар ҳокими халифа Амри Саффорӣ омилҳои қудратманди рушди минбаъдаи таълимоти сиёсӣ ва ҳуқуқии ислом дар бораи қудрати олӣ гардиданд. Акнун *халифаи* Бағдод мақоми дуҷонибаро, ки ҳамзамон ҳамчун «*имом*» ва «*амир*» амал мекард, ифода намекард, балки танҳо нишонаи аввал (*имом*)-ро ҳамчун пешвои рӯҳонии ҳамаи мусулмонон нигоҳ дошт. Пас аз халифаҳои аввалини Аббосиён (Ҳорун ар-Рашид ва писарони ӯ – ворисон), халифаҳо аллакай дигар лашкаркашиҳои нерӯҳои мусулмонро ҳамчун «*амир-ал-муминин*» (пешвоёни ҳарбӣ) роҳбарӣ намекарданд, балки ин мавқеи масъулиятнокро ба сарфармондеҳон- *амирони* хуросонӣ ва варорӯдӣ гузашт карданд. Ҳодисаи машҳурро ба ёд меорем: саркӯб кардани ҳаракати мусаллаҳи ҳуррамиён (ё бобакиён) дар Озарбойҷон, ки дар наздикии пойтахти хилофат ҷойгир аст, пас аз як қатор кӯшишҳои номуваффақ ба ҳокими (*афшини*) дурдасти Уструшан Ҳайдар супориш дода шуд, ки бо лашкари худ, ки бо гурӯҳҳои

хуросонӣ пурқувват шуда буд, шӯришгаронро дар қаторкӯҳҳои душворгузар несту нобуд кунад. Ҳамин тариқ, ҳокими дунявии яке аз минтақаҳои таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон дар якҷоягӣ бо поягузорони маъруфи давлатҳои мутамаркази тоҷикон (Тоҳириён-Саффориён-Сомониён) дар шаклдигаркунии минбаъдаи ин таълимот саҳм гузоштааст. Дар шароити нав, қудрати дунявӣ (*амирӣ ё султонӣ*) аз як шаҳри бузурги тоҷикон ба шаҳри дигар (Марв-Нишопур-Заранг-Бухоро) бо навбат мегузашт. Бо тафовут аз Эрон, ки ба назарияи шиъаҳои «*имоматӣ*» -эътирофи афзалияти қудрати маънавӣ (динӣ) шуруъ кард, Хуросон ва Варорӯд бо роҳи худ – ташкили давлатҳои дунявӣ бо роҳи ҳифзи нисбии қудрати аққалии (рамзӣ) маънавии халифаҳои Аббосӣ рафтанд. Дар шароити густариши аз ҳад зиёди хилофати Аббосиён, аз нимҷазираи Пиренеи Аврупо то марзҳои Чин, халифаҳо ба ҷойи ҳукмронии муваффақонаи империя тавассути мансабдорони хуросонӣ, ба дасти горди турк дар қароргоҳашон Самарра афтоданд. Дар ин шароит, пешвоёни ҳарбии муваффақи тоҷик, ки мероси Абумуслимро идома медоданд, дар хилофат аввалин шуда, назорати воқеии идоракуниро ба даст гирифтанд ва дар асл амалияҳои мустақили давлатӣ (*аморатҳо/султонҳо*) эҷод карданд.

Дар Аврупои феодалӣ (Фаронсаи мутлақ) анъанае буд, ки агар подшоҳ вафот мекард, ҳама ҳозирон дар сари болини ӯ бо овози баланд мегуфтанд: «Шоҳ фавтид, зинда бод шоҳ». Он тартиботи қатъиро инъикос мекард, вақте ки қудрати олии давлат фазои холиро таҳаммул намекард, аз ин рӯ, ворисi тахт, ки подшоҳи пешин нишон додааст, барои тахт омода менамуданд. Ворис зуд ба тоҷгузорӣ омода мешуд ва маросими бошукӯҳи батахтнишинии ӯ дар яке аз калисоҳои асосии кишвар баргузор мешуд. Маросим аз он сабаб шитобкорона гузаронида мешуд, ки довталаби дигари шуҳратпараст наметавонист ҳампаймонҳои

мусаллаҳи худро гирд оварад ва ҷараёни табии пешрафти воқеаро халалдор намояд.

Тавре ки садсолаи аввали ҳукмронии хилофати Аббосиён нишон медиҳад, *халифа* дар давраи ҳанӯз барҳаёт буданаш аз зертобеон тақозо мекард, ки дар нисбати бо навбат ҳукмронӣ кардани писаронаш савганд ёд кунанд.

Дар раванди бунёд ва нигоҳ доштан давлатҳои дунявӣ (суннӣ) (*аморат/ салтанат*), ҳукумати нав тасдиқ мекард, ки қудрати *шамшер*, аниқтараш нерӯҳои мусаллаҳ, бо хост ё дар аксари ҳолатҳо, бар хилофи иродаи халифаи Бағдод, дар ҷойи аввал гузошта шавад.

Аниқтараш, ҳокимияти *халифа* аз ҷониби хориҷиён суст шуд ва онҳо эълон карданд, ки асоси ҳокимияти заминӣ дар ислом бояд на пайдоишу авлод, балки қобилият бошад. Онҳо нуфузи халифаҳоро инкор карда, ҳуқуқи шӯриши мусаллаҳонаро алайҳи ҳар як мусулмоне, ки онҳо аз фармудаҳои ҳақиқии Муҳаммад дур мешуданд, ҳимоя мекарданд.

Асосгузори нави давлати дунявӣ на аз рӯйи ирода, дастур ё маслиҳати халифа, балки сирф аз рӯйи маҳорати табииаш, барори кор ва раванди шароити гуногун амал мекард. Вай шамшерро дар дасташ устувор нигоҳ дошта, интизоми қатъиро ҷорӣ карда, баъзан бидуни диндории боҷасоратона, шаҳрҳои нав ба навро истило карда, ҳудуди давлати навтаъсисашро бо зарбаи бошиддати шамшер тағйир медод. Намунаи барҷаста: ҷавоби Амр, асосгузори давлати Саффориён ба намояндаи халифа дар Нишопур, ки ба Амр гуфт, ки аз халифа барои ҳукмронӣ иҷозатнома гирад, вале Амр шамшерашро нишон дода гуфт, ки барои ӯ танҳо ин иҷозатнома муҳим аст[1].

Намунаи барҷастатарини бартарии қудрати ҳарбӣ бо бунёд ва нигоҳ доштани ҳукумати дунявӣ дар паноҳи хилофат

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 216-217.

муқовимати мусаллаҳонаи пешвоёни ду сулолаи намоёни тоҷикон – Сомониён ва Саффориён мебошад. Амир Исмоил, ки бо амри халифа аз қудрат ба манфиати амир Амр Саффорӣ, ки маркази хилофатро бо қароргоҳаш дар Бағдод назорат мекард, аз мансаб сабукдӯш карда шуда буд, ба нерӯҳои худ ва ҷавонмардиаш такя карда, рутбаи амири тамоми Варорӯдро бозпас гирифт.

Ҳар замоне, ки як амири нав, шаҳри мушаххасеро ишғол мекард, аввалин коре, ки ӯ мекард, ба масҷиди асосӣ рафта, аз имоми он тақозо мекард, ки минбаъд *хутба*[1] (намозашро) ба ӯ амир / султони нав бахшад. Хондани *хутба* ба фоидаи ҳокими нав интиқоли ҳукуматро аз як ҳоким (қаблӣ) ба дасти дигар (ё сулолаи нав)-ро ифода мекард. *Хутба* барои гиромидошти ҳокими мавҷуда дар тӯли қарнҳои зиёд роҳи асосии қонунигардонии қудрати олӣ дар ҷаҳони Ислом буд.

Хутба батадриҷ аз масҷиди ҷомеъ ба тамоми масҷидҳои маҳалҳои аҳолинишини атрофи шаҳр ё шаҳрҳои тамоми давлат паҳн мешуд. Акнун, ҳар рӯзи ҷумъа, зиёда аз панҷоҳ ҳафта дар як сол, аксарияти мардони шаҳр ва деҳа дар масҷидҳои хурду калони кишвар гирд омада, бо пайравӣ аз ибодат (*имом*), намози (*хутба*)-и худро барои саломатӣ ва некӯаҳволии шахси ҳоким (*амир* ё *султон*) мебахшиданд. Ба ибораи дигар, ҳар ҳафта ҷомеаи мусулмонон бо сарварии рӯҳониён мебоист садоқати худро ба ҳукумати мавҷудаи кишвар тасдиқ кунад. Аз анъана истисное набуд, ки агар чунин ҳолат рух диҳад, дар амал он маънои худро мухтор эълон кардан ё сарнагунии сулолаи ҳукмронро ифода мекард.

---

[1]Хутба. Ислам. Энциклопедический словарь. https://dic.academic.ru/dic.nsf/islam/881/%D0%A5%D1%83%D1%82%D0%B1%D0%B0 санаи мурочиат 30.12.2020

## 2. 3. Тақвияти мақоми вазири бузург ва «девони вазирон» ҳамчун шакли мувофиқи идоракунии ҳукумат

Гуфтаҳои мушовири машҳури Чингизхон Елюй Чутсай, ки «дар болои асп нишаста метавон кишварро забт кард, аммо дар болои асп нишаста наметавон кишварро идора кард»[1] тамоми мушкилоти бунёди давлатдории қобилиятнок аз тарафи қабилаҳои бодиянишин дар кишварҳое, ки аҳолии муқим доранд, инчунин, бартарии таҷрибаи давлатҳои бумиро нисбат ба қабилаҳои бодиянишин равшан инъикос менамояд.

Ба ҳама маълум аст, ки дар Арабистони тоисломӣ танҳо ду давлати хурд– Ҳасаниён, ки ба сӯйи Византия ҷазб доштанд ва Лаҳмиён - тобеи давлати Сосониён мавҷуд буданд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки хилофати исломӣ, ки дар як муддати кӯтоҳ ба воя расида буд, ба консепсияи нави идоракунии давлатӣ, ки дар ин нимҷазира (Арабистон) мавҷуд набуд, шадидан ниёз дошт. Аз ин рӯ, ба қадимтарин анъанаи эронии шарқии (ниёгони тоҷикон) идоракунии давлатӣ аз тарафи дастгоҳи «вазири бузург» (дар «Шоҳнома» инъикос ёфтааст), тақрибан дар тамоми минтақаҳои хилофати азим талабот хеле зиёд буд. Хизмати таърихии Сомониён дар он аст, ки онҳо натанҳо ин назарияи идоракунии давлатиро эҳё карданд, балки онро ба дараҷае муосир гардониданд, ки бисёр унсурҳои он то ба замони муосир расида омадаанд.

Дар ибтидо, хилофати босуръат паҳн шудаистодаи исломӣ, ки, асосан, аз ҳисоби ғаниматҳои ҷангӣ амал мекард, ки ба ғоратгариҳо ва толон тороҷи кишварҳои ҳамсоя бисёр монандӣ дошт, фавран ба ҷорӣ кардани ниҳодҳои давлати бузурги

[1] Митин В.В. Елуй Чуцай и его роль в системе управления монгольской империи.//Псковский военно-исторический вестник. История и археология. Вып.2.- Псков, 2016, с. 102.

мутамарказ ниёз пайдо кард. Он ба давраи хукмронии халифаи дуюм Умар ибни Хаттоб (с. 634-644) рост омад, зеро аскарони саворои араб, аллакай, дар шарқ ба паҳноҳои Эрон ворид шуда, дар ғарб ва шимол ба марзҳои империяи Рум (Византия) наздик шуданд. Аз ин рӯ, он «соддагии патриархалӣ, ки «амир-ул-муъминин» бо тозиёна дар пушташ рӯзона дар бозор ва шабона аз кӯчаҳои холии Мадина гашта, гунаҳкоронро бевосита худаш ҷазо медод»[1], наметавонист дигар эҳтиёҷоти объективии уммати (ҷамъиятӣ) босуръат васеъ шудаистодаи исломӣ, ҳамзамон хусусиятҳои давлати мутамаркази бузургро қабул мекард, қонеъ намояд.

Баъдан, ин халифа ба таъин кардани *қозӣ* (довар-мансабдор), ки дар асоси шариат (маҷмӯи дастурамал, ки эътиқод ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мусулмононро муайян мекарданд) дар шаҳрҳо шуруъ кард. Мувофиқи маълумоти муаррихон дар асоси гузоришҳои муаллифони асримиёнагӣ, қозиёни мусулмон, ки онҳоро халифа ё бо иҷозати ӯ вазир ё ҳокимони вилоятҳо таъин мекарданд, бояд ба талаботи зерин мувофиқ бошанд: ҷинси мард ва синну соли бузург, соҳиби қобилияти комили ақлонӣ, шахси озод (на ғулом), мусулмони содиқу муъмин, надоштани нуқсон дар рӯй ва шунавоӣ (баъзан нобиноӣ сабаби истисно набуд) ва донистани меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳам дар усулҳо, ҳам дар назария ва ҳамчунин дар қисми амалӣ[2].

Агар халифаи дуюм кӯшиш карда бошад, ки унсурҳои аввалини дастгоҳи давлатиро дар шакли *девон* эҷод кунад, пас халифаҳои баъдӣ талошҳои ӯро барои ҷорӣ кардани сифатҳои махсуси давлатӣ ба шакли нави давлати теократӣ (хилофати динӣ) идома доданд. Вале халифаҳои Умавиён, ки пас аз чор «халифаи ботақво» сари қудрат омаданд, аслан ҳокимони дунявӣ

[1] Бартольд В.В. Халиф и султан. Сочинения.Т. VI.- М.: «Наука», 1966, с.24.
[2] Kremer von Alfred. Culturgeschichte des Orients unter den Chalifen. B.I – Wien, Wilhelm Braumuller, 1875.c. 416.

буданд, ҳарчанд рӯҳониёни исломӣ бо онҳо мухолифат мекарданд.

Коршиносон қобилиятҳои идоракунии се халифаи Умавиён – асосгузори сулола – Муавияи I (с.661-680), Абдумалик (с. 685-705) ва писараш Ҳишомро (с.724-743) алоҳида қайд мекунанд. Дар даврони ҳукмронии халифа Муавияи I, хилофати паҳновар ба даҳ вилоят тақсим карда шуд:

1.Сурия (Димишқ, Киннасрин, Ордонн ва Фаластин);

2.Куфа (бо тамоми Ироқ, аз ҷумла шаҳри Райи Эрон);

3. Басра (бо Эрон, Систон, Хуросон, Баҳрайн ва Уммон);

4. Арманистон;

5. Макка;

6. Мадина;

7. вилояти марзӣ бо Ҳиндустон (Кирмон, Синд, Ғазна, Кобул ва ғ.);

8. Африқо (Ифрикийа);

9. Миср;

10. Арабистони Ҷанубӣ (Яман ва дигарон)[1].

Аммо, ислоҳоти пулӣ баъдтар дар аҳди халифаи Умавиён Абдумалик гузаронида шуд, зеро то даврони ҳукмронии ӯ тангаҳои давлатҳои қаблӣ дар қаламрави хилофат: дар Миср ва Сурия тангаҳои тилло, нуқрагин ва мисии Рим-Византия гардиш доштанд ва дар қаламрави собиқи эронӣ, асосан, дирҳамҳои сосонӣ гардиш доштанд, ки бо тангаҳои худ (арабу исломӣ) иваз карда шуданд[2]. Аммо, сохтори идоракунии давлатӣ чун даврони қаблӣ сода боқӣ монда буданд, ки танҳо девонҳои зерин фаъолият мекарданд:

1.Девон-ал-хироҷ, идораи ҷамъоварии андоз, ҳаммонанди вазорати молия хизмат мекард;

---

[1] Ҳамон ҷо, с. 162-163.

[2] Kremer von Alfred. Culturgeschichte des Orients unter den Chalifen. B.I – Wien, Wilhelm Braumuller, 1875.c. 168-170.

2. Идораи давлатии муҳр, ки дар он ба ҳар як мактуби ҳоким муҳри ӯ гузошта мешуд;

3. Девон-ал-расоил, ки дар он ҳама ҳуҷҷатҳои давлатӣ таҳия мешуданд;

4. Девон-ал-мустақилият, идораи хазинаи давлатӣ, ки дар он ҳамаи андозҳои гуногун ба қайд гирифта мешуданд, ки давлат онҳоро аз истифодаи замини давлатӣ ҷамъоварӣ менамуд[1].

Бояд гуфт, ки масъули сохтмони масҷиди маъруфи халифа Умар дар Байтулмуқаддас, яке аз се масҷиди машҳури ҷаҳони Ислом, халифа Абдумалик буд[2].

Вале ба сари ҳокимият омадани хонаводаи Аббосиён тибқи андешаи анъанавии мусулмонон ҳамчун интиқоли қудрат аз «*подшоҳони куфр*» ба «*халифаҳои ботақво*» қабул карда шуд[3].

Аббосиён, ки ба воситаи лашкари Хуросон ба сари қудрат омада буданд, инчунин дар раванди бунёди шакли сифатан нави низоми давлатдории императорӣ ба кумаку мусоидати онҳо ниёз доштанд, зеро аллакай марзҳои хилофати азим дар қаламрави се қитъа паҳн гардида буд. Бояд гуфт, ки то замони ҳукмронии Аббосиёни аввал тақсимоти маъмурии хилофат чандон тағйир наёфта буд, тағйироти асосӣ дар он буд, ки Хуросон аз тобеияти волии Басра хориҷ карда шуда, ба як вилояти мустақил табдил дода шуда буд[4]. Ин маънои афзоиши мақом ва нуфузи ин минтақаи шарқии хилофати азимро дошт.

Таърихнигорон менависанд, ки халифаи сеюми Аббосиён чаҳор сифатҳои муҳимтарини ҳокимро барои ҳукмронии муваффақ қайд кардааст:

1. қозии бовиҷдон;

2. пулиси (миршаби) ростқавл,

---

[1] Ҳамон ҷо, с. 174.

[2] БартольдВ.В. Халифисултан. Сочинения. Т.VI.- М.: «Наука», 1966, с.17.

[3] Ҳамон ҷо, с.24.

[4] Kremer von Alfred. Culturgeschichte des Orients unter den Chalifen, c. 184.

3. вазири молия бо тафаккури бозоргонӣ (соҳиб-ал-харач) ва
4. амалдори боэътимоди макотиб (соҳиб-ул-барид)[1].

Ба ибораи дигар, дар шумора ва ҳадафҳои девонҳо пас аз ивазшавии ҳукумат дар хилофат аз Умавиён то Аббосиён тағйироти ҷиддие ба амал наомад.

Тавре ки дар боло дида баромадем, нақши калидиро дар ин вазъият як зумра вазирони хирадманди Бармакиён бозиданд, ки дар тӯли зиёда аз ним аср низоми олии давлатдории бузурги мутамарказро, ки ба девонҳои давлатӣ такя мекард, ба вуҷуд оварданд. Тавре мутахассиси олмонӣ таъкид мекунад: «Аввалин (халифаи) Аббосӣ роҳбарии маъмурияти андоз ва молияи тамоми империяро ба форс (аниқтараш ба тоҷик– М.А.), Холид ибни Бармакро, ки исломро қабул карда буд, бовар намуд ва ӯро сарвари умури марказии андоз (девон-ул-хироҷ) таъин намуд. Пас аз ин мансаби муҳимтарини давлатӣ мансаби вазир буд. Ба назар мерасад, ки пайдоиши он (мансаби вазирӣ- М.А.) аслан форсӣ буда ва танҳо акнун дар байни арабҳо бо Аббосиён пайдо шудааст[2]».

Ин девонҳои такмилёфтаи давлатӣ, ки дар болояшон вазифаи нав-вазири бузург (баромадаш тоҷикӣ) меистод, дар навбати худ як табақаи амалдорони баландихтисосро, ки аз намояндагони намоёни халқҳои зиёд – тоҷикон, арабҳо, туркҳо, суриягиҳо, яҳудиён ва дигарон иборат буд, ба вуҷуд овард. Онҳо на танҳо кори муназзами дастгоҳи давлатии императориро таъмин менамуданд, балки давлатдории ҷаҳони исломро ба сатҳи нави фарҳангии олӣ бардоштанд.

Дар замони охирин халифаи пуркудрати Аббосиён Мутаваккил (с. 847-861), такмили ҳокимияти давлатӣ, ки онро Бармакиён оғоз карда буданд ва ворисони онҳо идома доданд,

---

[1] Kremer von Alfred. Culturgeschichte des Orients unter den Chalifen. B.I – Wien, Wilhelm Braumuller, 1875.c. 184.

[2] Ҳамон ҷо, с. 184-185.

давом дода шуд, чунки теъдоди муассисаҳои олии давлатӣ – девонҳо афзуда ба 7 адад расиданд:

1. Девон ал-хироҷ, идораи даромадҳои андоз;
2. Девон ад-дийа, идораи «мулкҳои шоҳӣ (давлатӣ)»;
3. Девон ал-зимом, идораи олии тафтишотӣ;
4. Девон ал-гонд-вал-шакирия, вазорати мудофиа;
5.Девони ал-маволӣ-вал-гилман, дафтари муштариён ва ғуломон (хонаводаи ҳукмрон);
6. Девон ал-барид, идораи мукотибот;
7. Девон зимом-ал-нафақа, идораи баҳисобгирии хароҷот[1].

Баъди таназзули минбаъдаи нуфузи сиёсии хилофати Аббосиён бо сабаби болоравии Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён дар шарқ ва як қатор дигар давлатҳои ташаккулёфта дар ғарб, бешубҳа, такмили минбаъдаи сохтори ҳокимияти давлатӣ аз Бағдод ба Хуросон ва Варорӯд гузашт.

Амирони машҳури Сомониён ба суннатҳои маҳаллии ҳукуматдорӣ (аз Бохтари қадим, Порт, Кушониён ва ғ.) ва ҷаҳонбинии васеи вазирони барҷастаи онҳо такя карда, тавонистанд, муваффақона, ин масъаларо ҳал кунанд.

Сохти давлатии ба шохаҳо ҷудошудаю мутамаркази Сомониён, дар муқоиса бо Тоҳириён ва Саффориён, ба мо тасвири нисбатан мукаммали давлати тараққикардаи асримиёнагии Осиёи Марказиро медиҳад.

Дар сари давлати Сомониён амири мутлақ меистод, ки «сояи Худо дар замин»-ро таҷассум мекард. Гарчанде ки амирони Сомониён дар назари халифаҳои Бағдод, ки барои идоракунӣ иҷозатнома мегирифтанд, «ҳокими» онҳо буданд, аммо онҳо, бешубҳа, сарварони мустақили давлатҳо дар қаламрави худ буданд[2]. Мувофиқи анъанаҳои маҳаллӣ (тоҷикӣ), амирон ҳамчун

---
[1]Kremer von Alfred. Culturgeschichte des Orients unter den Chalifen, c. 199.
[2]БартольдВ.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.285.

«хоҷаҳо»-и хуб ва ғамхор (катхудо), ки доимо дар андешаи ободонӣ ҳастанд, амал мекарданд: барои сохтмон ва нигоҳдории ҳолати хуби иншоотҳои обёрикунанда (каналҳо ва корезҳо) ва пулҳои болои онҳо; бунёди маҳаллаҳои нави аҳолинишин (шаҳрҳо, работҳо, қалъаҳо ва ғайра) ва бо биноҳои зебо оро додани онҳо; дастгирии кишоварзӣ ва дигарон ғамхорӣ мекарданд[1].

Яке аз вазифаҳои муҳими амири Сомониён интихоби шахсони мансабдор ба хайси «вазири бузург» (ё сарвазир) буд, ки ин аз таҷрибаи ҳукмронии «вузург фрамандор»-и давлатҳои тоисломии маҳаллӣ реша мегирифт. Вай ба тамоми низоми сохторҳои саросарии давлатӣ, ки ҳатто дар солҳои ҳукмронии амирони ноболиғ фаъолияти мӯътадили тамоми сохторҳои давлатиро таъмин мекарданд, сарварӣ мекард.

«Давраи тиллоии» Сомониён шуҳрати худро натанҳо бо шарофати салтанати ғамхоронаи амирони фарҳанги володошта, инчунин ба туфайли низоми ҳамоҳангшудаи идоракунии давлат таҳти роҳбарии вазирони донишманд аз хонаводаҳои машҳури Ҷайҳонӣ, Балъамӣ ва Утбӣ ба даст овардааст.

Бояд қайд намуд, ки нахустин вазири бузурги давлати азими Сомониён Абубакр Ҳамид Бухорӣ буд, ки аз аҷдодони охирин *марзбони* (волии вилояти назди сарҳадӣ) Сосониён дар Марв Маҳувайҳ дар ҳаштумин насл буда, на танҳо дар замони асосгузори давлат, балки дар замони ҳукмронии писари ӯ-амир Аҳмад ва нахустин солҳои ҳукмронии набераи ӯ- амир Насри II идораи давлат дар дӯши ӯ буд. Чун муаллифони асримиёнагӣ таъкид мекунанд: «ӯ зиёда аз 20 сол вазифаи вазири бузургро иҷро намудаст, ки амирони Сомонӣ аз ӯ қаноатманд буда, сарлашкарон ва фуқарои давлат ӯро барои идораи хуби ситоиш

[1] Ҳамон ҷо, с.286.

менамуданд»[1]. Ин коргузории хуби фаъолияти девонҳои давлатии Сомониён, ки аз тарафи вазири машҳур Абубакр Бухорӣ, ки дар асл аз хонаводаи маъруфи Марв буд, ки оиди фаъолияти писар ва хешовандони ӯ маълумотҳо зиёд аст, аз тарафи вазири дигари машҳури Сомониён- Абуабдуллоҳ Ҷайҳонӣ муваффақона идома ёфт.

Онҳо ба яке аз ду дастгоҳи азими давлатӣ – *девонҳо* сарварӣ мекарданд, ки шумораи онҳо мувофиқи талаботи давлати азими мутамарказ то даҳ адад расида буд. Коршиносон бо такя ба гузоришҳои муаллифони асримиёнагӣ номгӯ ва самтҳои фаъолияти ин даҳ *девон*ро чунин меоваранд:

1. Девони вазир;
2. Девони «мустауфӣ» (хазинадор), монанд ба девони хироҷи хилофати Аббосиён;
3. Девони «амид-ал-мулк» («сутунҳои давлат»);
4. Девони «соҳиб-уш-шурат» (сардори посбонони амир);
5. Девони «соҳиб-ул-барид» (сардори мукотибот);
6. Девони мушрифон;
7. Девони моликияти худи шоҳ;
8. Девони «муҳтасиб» (назорати тартиботи ҷамъиятӣ ва фаъолияти бозорҳо);
9. Девони «вақф» (моликияти муассисаҳои динӣ);
10. Девони «қозӣ» (додгоҳи исломӣ)[2].

Тавре ки аз ин рӯйхат бармеояд, дастгоҳи саросарии расмиятпарастии Сомониён, бо вуҷуди он, ки бо шохаҳои ҷудогонаи ҳокимият (ба қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ) ҷудо нашуда буд, дар он даврон намунаи пешрафтатарин дастгоҳи давлатӣ дар ҷаҳони Ислом буд.

---

[1] Нигоҳ ба Шамсиддин К. Абу Са'д ‘Абд ал- Карим ас-Сам‘ани и его труд «Китаб ул-ансаб».- Lambert Academic Publishing, 2018, с. 23-24.

[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.287.

Девони вазир, зоҳиран, назорати умумиро аз болои тамоми дастгоҳи маркази расмиятчигии аморат, яъне танзими фаъолияти ҳамаи нӯҳ девонро таъмин мекард.

Девони «муставфӣ» (хазинадор), шабеҳ бо девони хироҷи Умавиён ва Аббосиён бо нигоҳдории хазинаи давлат сарукор дошт. Ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва хароҷоти манбаъҳои молиявии аморат вазифаҳои асосии ин девон буданд, ки ҳаммонанди вазорати молияи муосир мебошад. Кормандони ин девон (хазинадорон ва ҳисобдорони тобеи онҳо – «муҳосибон») бо таъмини хароҷоти молиявии худи амир, дарбор ва сарбозони ӯ машғул буданд. Муаллифони исломӣ (Низомулмулк) дар мавҷудияти ду хазинадории калон: яктоаш барои ниёзҳои ҷории молиявӣ сарфшаванда ва дувумин захираи дастнорас, хароҷот барои ҳолатҳои фавқулода (ҷанг, хушксолӣ ва ғ.) намунаи беҳтарини давлати устуворро медиданд. Дурустии ин ақидаро мо ҳангоми ивазшавии қудрат ва нооромиҳои соли 942, ки хазинаи Сомониён ғорат карда шуд ва пас аз он бо вайрон шудани низоми пардохти музди артиш, мушкилоти аввалиндараҷаи аморат оғоз ёфт, мушоҳида менамоем. То он вақт, аслан, артиши зархаридон устуворона ҳар семоҳа (дар як сол чор маротиба) маош мегирифтанд ва сариваҳт нақши худро дар самти ҳимояи кишвар аз ҳамлаҳои беруна ва нооромиҳои дохилӣ иҷро мекард. Акнун дар артиш норозигӣ ба амал омад, ки яке аз асосҳои давлатро ба иллати набудани захираи фавқулодаи манбаъҳои молиявии аморат суст кард.

Девони «амид-ал-мулк» воқеан шабеҳ ба девони ал-расоили хилофати Умавиён буда, ба таҳияи санадҳои расмии амир машғул буд. Васеъ будани ҳудуди давлат ва низоми серсоҳаи идоракунии он, бешубҳа, аҳамияти ин девонро, ки онро «сутуни давлат» меномиданд, баланд бардоштааст. Фаъолияти муътадили даҳ девони давлатӣ ва ҳамоҳангсозии байниидоравии фармонҳо ва супоришҳои

амир ва шахсони мансабдори баландпоя низ нақши ҳамоҳангсозии ин идораро боло мебурд. Чуноне ба мо маълум аст, забони коргузорӣ дар замони амир Исмоили Сомонӣ тоҷикӣ буд ва иваз кардани он ба забони арабӣ сабаби қатли писар-вориси ӯ, амир Аҳмад, гардид. Аз ин рӯ, мо тахмин мекунем, ки забони расмии ҳам ин девон ва ҳам девонҳои дигар (эҳтимолан, ба истиснои масъалаҳои мазҳабӣ) забони тоҷикӣ гардид. Сардори ин девон «хоҷаи амид» аз сабаби аҳамияти муҳими ин идора яке аз мансабдорони асосии аморат маҳсуб меёфт.

Девони «соҳиб-уш-шурат», гарчанде ки он бо мавқеи сардори посбонони мусаллаҳи (тимсоли полис) дар хилофати Аббосиён айният дошт, аммо аз он бо бартарияти сарварони ҳарбии турк фарқ мекард. Тавре ки дар боло дида баромада шуд, дар даври нахустин халифаҳои Аббосӣ ин мансаби муҳимро дар пойтахти хилофат бо навбат намояндагони Абӯмуслим, Тоҳириён ва Саффориён дар дасти худ доштанд. Поён рафтани шумораи нерӯҳои деҳқонони маҳаллӣ (кишоварзон) бо афзоиши ҳамзамони посбонони кирояи хориҷӣ боиси инҳисори ин девон аз тарафи саркардагони турк гашт. Гарчанде дар ин девон мансаби мулкӣ (ариз) мавҷуд буд, онҳо, асосан, бо пардохти музди меҳнат ва назорати вазъи дуруст дар корҳои артиш банд буданд. Сарфармондеҳони ҳарбии хориҷӣ бо вайрон шудани низоми пардохти музди сарбозон ба баён кардани норозигӣ ва саркашӣ шуруъ карда, бо таҳдиди хатари марговар ба давлат онҳо ба урдугоҳи душман гузаштанд.

Девони «соҳиб-ул-барид» - идораи «сардори мукотибот (почта)» натанҳо ба интиқоли саривақтии фиристодаҳои ҳукумат аз марказ ба минтақаҳо ва баръакс машғул буд, балки боз ҳукумати марказиро, аз ҷумла, амирро, аз вазъи воқеии умури минтақаҳо огоҳ мекард. Тибқи маълумоти таърихнигорон нақши хоси ин девон дар он буд, ки кормандони ин девон дар маҳал ба волиёни амир итоат накарда, танҳо ба ҳукумати марказӣ итоат мекарданд. Ин

канорагирӣ аз мақомоти маҳаллӣ ба он мусоидат мекард, ки вазири бузург ва ба воситаи ӯ амир «набзи» воқеии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодии ҳамаи вилоятҳои давлатро саривақт эҳсос мекард. Ба ақидаи онҳо, нуфузи ҳукумати марказӣ ба дараҷае баланд буд, ки ҳокимони маҳаллии амир кӯшиш намекарданд, ки ба кори мансабдорони маҳаллии ин девон тавассути фиристонидани иттилооти дилхоҳи худ ба марказ, таъсир расонанд. Маълумоти дуруст ба марказ ҳатто аз ҳокими вилояти дурдасттарин ва тавонотарини давлат (Хуросон) мерасид[1].

Девони «мушриф» тимсоли сохтори назоратӣ-тафтишотӣ (идора), мушоҳидаро «аз ҷойи баланд» (марказ), эҳтимол, аз болои хароҷоти маблағи давлатӣ мебурд. Тибқи ахбороти муаррихони асрҳои миёна ва муосир, амалдорони ин девон-мушоҳидон (мушрифон) дар ҳама шаҳрҳо ва ҷойҳо намояндагони худро доштанд, ки онҳо ҳамроҳ бо хазинадорон руйхатти амволи дарборро таҳия мекарданд[2]. Ба андешаи мо, дар тафовут аз хазинадорон, ки барои эҳтиёҷоти гуногуни давлатӣ пул ҷудо мекунанд, нозирон (мушрифон) аз ҷараёни хароҷоти пул назорат мебурданд.

Девони моликияти худи амир (ё заминҳои давлатӣ), эҳтимол дорад, ки сабти маҷмӯи маълумот (кадастр)-и заминҳои давлатӣ ва истифодаи мақсадноки онҳоро пеш мебурд. Тағйирёбии доимии ҳудуди давлат тавассути ҷангҳо, шомил шудани заминҳои нав ё гузаштани заминҳои давлатӣ ба моликияти хусусӣ ба ивази маҳорати ҷангии саркарда ё хизмати шоистаи вазир ё дигар мансабдори воломақом (инчунин) ё ба вақфҳо, ё акси ин кор (ба заминҳои давлатӣ табдил ёфтани заминҳои ҳокимони исёнкор ва ғ.) фаъолияти ин девонро пурмаҳсул менамуданд.

Девони «муҳтасиб» муваззаф буд, ки аз болои тартиботи ҷамъиятӣ дар кӯчаҳо, ки қоидаҳои меъёрҳои диниву иҷтимоиро

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. Т.I.- М.: «Восточная литература»,1963, с.289-290.

[2] Ҳамон ҷо, с.290.

риоя намоянд, инчунин, фаъолияти бозорҳо, то, ки муштариёнро фиреб надиҳанд, назорат барад. Тавре муаррихи олмонӣ таъкид мекунад, вазифаҳои муҳтасиб инҳо буданд:

1. Дар бозорҳо мушоҳида кунад, ки то мизоҷонро фиреб надиҳанд ва паллаҳои тарозуҳо (вазнҳо) дуруст бошанд.
2. Ҳодисаҳои қаллобӣ ё фуруши молҳои қалбакиро пешгирӣ намояд.
3. Қарздоронро барои иҷрои ӯҳдадориҳояшон водор созад.

Аммо бояд қайд кард, ки муҳтасиб танҳо бо дархости як тараф дахолат карда, ваколатдор надошт, ки ягон чораи пешгирикунандаро андешад, чунки ӯ иҷозат надошт, ки фармони сирф хусусияти судӣ дошта диҳад [1].

Вазири машҳури салҷуқиён Низомулмулк дар асари машҳури худ «Сиёсатнома» низ муҳимияти ин мансабро таъкид мекунад: «Дар кулли шаҳрҳо муҳтасиб таъин карда шавад, ки бигзор ӯ дурустии вазн ва нархҳои таъиншударо санҷад, тиҷоратро мушоҳида намояд, то ки ҳамаш дуруст бошад. Бигзор муҳтасиб ҳама чизро, новобаста аз он, ки молҳо аз куҷо оварда шуда, дар бозорҳо ба фурӯш гузошта мешаванд, назорат кунад, то молҳо қалбакӣ набошанд, то вазнҳои тарозу дуруст бошанд; бигзор муҳтасиб барои чизи раводошта иҷозат диҳад ва чизи нораворо манъ намояд. Ҳоким ва амалдорони ҳукумат мусоидат намоянд, ки вай эътибор дошта бошад, яъне ин яке аз қоидаҳои давлатдорӣ, нишонаи хирадмандӣ мебошад; агар камбағалон ба мусибат дучор шаванд, аҳли бозор бо хоҳиши худ хариду фурӯш кунад, молпарастӣ хуруҷ намуда, бадахлоқӣ авҷ мегирад, ҳидоятҳои шариат маънои худро гум мекунанд. Ин корро ҳамеша ба ӯҳдаи яке аз шахсони боэътимоду наздики ҳоким, ё ба хидматгори ӯ, ё ба

[1] Kremer von Alfred. Culturgeschichte des Orients unter den Chalifen. B.I– Wien, Wilhelm Braumuller, 1875.c. 423.

турки солхӯрда вогузор менамуданд, ӯ ягон гузашт намекард ва аз ӯ ҳам ашрофон ва ҳам мардуми оддӣ метарсиданд» [1].

Девони «вақф» (Идораи моликияти муассисаҳои динӣ). Вақфҳо дар ҳуқуқӣ исломӣ амволе мебошад, ки аз ҷониби давлат ё шахс бо мақсади динӣ ё хайрия ба муассисаҳои динӣ (масҷид, мадраса ва ғ.) дода мешаванд. Вақф метавонад амволи ғайриманқул ва манқулро низ дарбар гирифта, аммо танҳо фоидаовар (даромаднок) ва харҷнашаванда (мадраса, работ, корвонсарой ва ғ.) бошад. Шахсе, ки молу мулки худро ба вақф бахшидааст, муассиси вақф номида мешавад. Ин навъи моликият, ки аз ибтидои олами ислом пайдо шудаст, баъдан васеъ истифода шуда, ба тамоми гӯшаҳои хилофат паҳн гардид. Дар давраи ҳукмронии Сомониён ба дараҷае расид, ки барои танзими муносибатҳои вақфӣ як идораи алоҳидаи давлатӣ таъсис дода шуд. Ба гуфтаи коршиносон, ба эҳтимоли зиёд, ин девон пас аз пошхӯрии давлати Сомониён барҳам дода шуда, ваколатҳои он ба девони қозӣ дода шуд.

Девони қозӣ- (додгоҳи исломӣ)-ро қозӣ сарварӣ мекард, ки бархе аз коршиносон ӯро бо мансаби *мубади мубадон* (саркоҳини зардуштиҳо) дар давлати пеш аз исломии Эрон муқоиса мекунанд. Чуноне дар боло баррасӣ шуд (дар зербоби қаблӣ), қозиҳои мусулмон аввалин бор аз ҷониби халифаи дуввуми мусулмонон (Умар) таъин карда шуданд. Ба эҳтимоли зиёд, мансаби қозии олимақом (қози калони давлат)-ро халифа Ҳорунаррашид дар нимаи дуюми асри VIII муқаррар кардааст. Тавре дар боло ишора шуд, яке аз шогирдони асосгузори мактаби ҳуқуқии ҳанафӣ Имом Абӯҳанифа Абу Юсуф яке аз аввалинҳо шуда мақоми олии «*қозии қузот*» (суди олии хилофат)-ро ба даст овард. Инчунин, ба вай супориш дода шуд, ки аз номи халифа тамоми қозиёни хилофатро таъин кунад ва аз болои ҳалномаи онҳо шикоят қабул кунад. Ҳамин

[1]Низамул-мулкСиасет-наме. (пер. Б.Н. Заходера). -М.: АНСССР, 1949.// http://www.vostlit.info/Texts/rus10/Siaset_name/frametext2.htm санаи мурочиат 27.09.2020.

тариқ, то замони ҳукмронии амирони Сомониён, ин идораи олии судӣ тамоми маҳалҳои аҳолинишини ҷаҳони ислом, аз ҷумла, минтақаҳои дурдастарини онҳоро низ фаро гирифта буд. Аз ин рӯ, зарур омад, ки девони алоҳидае созмон дода шавад, ки барои эҷоди низоми суди амирӣ пешбинӣ шудааст, зеро мо ҳузури ин мақоми махсусро дар хилофат пайдо накардем. Гарчанде тимсоли ин девон дар шакли мавқеи қозии олии хилофат, ки ҳуқуқи таъин кардани ҳамаи қозиҳои зертобеъро дорад, ҳадди аққал аз замони Ҳорунаррашид вуҷуд дошт, аммо он дар рӯйхатти девонҳои хилофат набуд. Аз ин рӯ, таъсиси як мақомоти алоҳидаи махсуси ҷорӣ кардани адолат (адлияи давлатӣ) ба давраи Сомониён тааллуқ дорад.

Илова бар ин даҳ девони нисбатан бонизом фаъолиятдошта, дар дастгоҳи давлатии давлати Сомониён *дарбори* амир (*даргоҳ*) низ мавҷуд буд. Дар сари ин дарбори амир ва мансабдорони сершумори он *ҳоҷиб* («*ҳоҷиби бузург*») меистод, ки ба кори ҳамаи зердастонро роҳбарӣ мекард. Вай яке аз мансабдорони олимақоми калидии аморат ба шумор мерафт. Мақоми дувум аз рӯи аҳамият дар даргоҳи амир мансаби «*сардори посбонони амир*» («соҳиб ҳароса») буд, ки нисбат ба мансаби «*сардори горди амир*» («соҳибишурта») пасттар буд[1]. Коршиносон инчунин дар бораи мавҷудияти мансабҳои дигар дар даргоҳи амир иттилоъ медиҳанд: *дарвозабон, дастурхончи ва мулозимон* [2].

Мансабҳои олии ҳарбии аморат, аллалхусус, ҳокимонро, намояндагони хонаводаҳои маҳаллии пуриқтидор (ба монанди Чағониён ва дигарон) ва сарфармондеҳони ҳарбии турк (Алптегин, Тош, Фоиқ ва ғ.), ки дар ҳифзи аморат хизматҳои шоиста доштанд, ишғол мекарданд. Болотарин мансаби ҳарбии аморат мансаби ҳокими Хуросон буд, ки дар он ҷо волӣ бо унвони «*сипаҳсолор*»

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.286-287.

[2] Ҳамон ҷо, с.287.

(сарлашкар) бо қароргоҳаш дар шаҳри Нишопур ба тамоми ҳудуди аморат дар соҳили чапи Амударёро роҳбарӣ мекард[1]. Бо вуҷуди ин, бартарии тадриҷии омили хориҷӣ дар таъинот ба мансабҳои олии ҳарбӣ (сипаҳсолар-сарлашкар) бо коҳиши объективонаи гуруҳҳои силоҳбадасти деҳқонон (кишоварзон) ва дар натиҷа афзоиши нуфузи горди туркӣ барои мавҷудияти минбаъдаи аморат нақши тақдирсоз бозид. Вақте ки низоми пардохти маоши артиш вайрон карда шуд, онҳо саркашӣ карда, ба иродаи сиёсии амирон не, балки ба сӯйи дастуроти руҳониёни парҳезгор моил шуданд.

Корҳои хоҷагидории дарбори амирро *вакил* назорат мекард, ки аз ҷиҳати мақому мансаб дар байни *амир* ва *вазир* меистод[2].

Руҳониён дар ҳаёти иҷтимоиву маънавии давлати Сомониён нақши муҳим дошта, қавитарин қувваи таъсиргузор ба давлат буданд. Далели таърихӣ, ки руҳониён амир Исмоили Сомониро ба тахти Бухоро даъват карда буданд, ки баъдтар ба пойтахти як давлати азим мубаддал гашт, бешубҳа, ба мавқеву мақоми онҳо хусусияти раднопазир бахшид. Олимон-фақеҳон аз ӯҳдадории бӯсидани замин дар назди амир озод карда шуда буданд, аз ҷумлаи онҳо *Устод* (баъдан *муфтӣ* ё *шайх-ул-ислом*) ба ҳайси сарвари руҳониёни ҳанафӣ интихоб карда мешуданд. Бо машварати онҳо, масъалаҳои давлативу динӣ ҳал мешуданд ва дар сохторҳои қудратии аморат мансабҳо низ иваз мешуданд. Ин олимонро дар Варорӯд ба забони тоҷикӣ *донишманд* меномиданд, ки амирони Сомониён ба онҳо муносибати эҳтиромона доштанд[3]. Тавре таърихи минбаъда нишон дод, маҳз муносибати наздики ҳукумати дунявии амир ва қудрати маънавии (динии) садрҳои Бухоро кафолати асосии рушди устувори давлати Сомониён буд. Шикасти ин ҳамоҳангӣ, ки ба туфайли шавқи амири чоруми Сомониён Насри II Аҳмад ба ҷунбиши диниву мазҳабии қарматия ба вуҷуд омадааст, баъдан яке

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.286-288.
[2] Ҳамон ҷо, с.286-288.
[3] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.286-288.

аз омилҳои асосии суқути амирони шарифи ин давлати мутамаркази тоҷикон гардид.

Чуноне дар боло ишора шуд, дастгоҳи расмии давлати Сомониён ба сатҳи баланд расид, ки дар сафи пеши он фаъолияти ҳамоҳангшудаи даҳ девони давлат қарор дошт, ки бо сарварии як вазири хирадманд сурат мегирифт. Беҳтарин тасвири мақоми вазирони бузурги гуруҳи Бармакиён-Балъамиён дар ҳикояи маъруфи “Қобуснома» (боби 40 «Дар бораи шарти бурдани вазорат дар назди шоҳ») оварда шудааст: «Вақте вазире, ки ба истеъфо гусел карда шуд, аз замини бароҳати хуби пешниҳодкардаи шоҳ даст кашида, бар ивази он як деҳаи харобшударо, барои обод намудан, талаб кардаст. Шоҳ бо ӯ розӣ шудаст, аммо дар саросари салтанат замини харобшударо (ба шарофати ғамхории ин вазир) дарёфт накардааст. Шоҳ иштибоҳи худро фаҳмида, аз вазири худ бахшиш пурсида, ӯро ба мақоми мартабаи пешинааш баргардонидаст» [1].

Ин тарзи идоракунии давлат (бо роҳбарии вазири бузург), ки аз ҷониби амирони Сомониён такмил дода шуда, барои аксарияти давлатҳои минбаъда, ки онро иваз карданд, беҳтарин намуна буд. Натанҳо ворисони бевоситаи Сомониён - Қарохониён ва Ғазнавиён девонҳои Сомониёнро ҳамчун намуна дар минтақаи Осиёи Марказӣ нигоҳ доштанд, балки пайравони дигари онҳо низ ба монанди Салҷуқиён ин таҷрибаро то ба Осиёи Сағир (ба гулӯгоҳи Босфор) ва Ғуриён ба нимҷазираи Ҳиндустон (ба халиҷи Бангола) бурда, паҳн намуданд.

[1] Кабус-наме. Перевод, статья и прим. Бертельс Е.Э.- М.: Изд-во АН СССР,1953, с. 176

## 2.4. Паҳн кардани мазҳаби ҳанафии исломи суннитабор дар ҷаҳони ислом

Даъват аз бародари амири Варорӯд Наср, амири оянда Исмоили Сомонӣ бидуни лашкар ба мансаби ҳокими Бухоро, ки аз даргириҳои шаҳрвандӣ ва зуд-зуд иваз шудани қудрат азият мекашид, натанҳо нишонаи мақоми ҳалкунандаи рӯҳониён дар шаҳр, балки рамзи нуфузи болоравии роҳбарии онҳо дар саросари кишвар низ буда, хусусияти рамзӣ дошт. Сомониёни соҳибфарҳанг дар навбати худ натанҳо чун пайравони дини исломи ҳақиқӣ, балки чун паҳнкунандагони калидии мазҳаби ҳанафии он дар тамоми шарқи олами ислом нақши бузург бозида, сарҳадҳои онро боз ҳам бештар ба шимол, шимолу ғарб, шимолу шарқ, шарқ ва ба ҷанубу шарқ васеъ намуданд.

Акнун раванди вуруд, мухолифат ва афзалият пайдо кардани мазҳаби ҳанафии исломро дар Варорӯд ва Хуросон бодиққат аз назар мегузаронем.

Тавре ки дар боло дида баромада шуд, дар фарҷоми ҳукмронии чор «халифаи ботақво», уммати (ҷомеаи) мусулмонони босуръат васеъшаванда ба се гуруҳи сиёсиву динӣ тақсим шуданд: суннитаборон, шиаҳо (аҳли ташайю) ва хориҷиён. Дар ибтидо ин ҷараёнҳо ба тамоми минтақаҳои хилофат паҳн шуда буданд. Аммо Варорӯд ва Хуросон, ба тафовут аз Эрон, ба сӯйи ҷараёни суннитаборон моил шуда, ҳанӯз қабл аз даврони Сомониён дар паноҳи он як зумра фақеҳони бузург ба майдон омаданд.

Бояд тазаккур дод, ки ба замони фаъолияти Абӯмуслим ва Бармакиён, фаъолияти боз як маволии хуросонӣ - асосгузори яке аз чаҳор мазҳаб (мактабҳои ҳуқуқи)-и исломи суннитабор – Абуҳанифа, ки бо тахаллуси «Имоми Аъзам» дар ҷаҳони ислом

шӯҳрат дорад, рост омад. Аммо, дар тафовут аз онҳо, мавсуф (Абуҳанифа) ба нахустин халифаҳои Аббосӣ хидмат накарда, аз гардиши фалак барои ин, ҷонашро қурбон кардааст. Вале туфайли хидмати азимаш дар назди ислом ва ба шарофати саъйи кӯшиши шогирдонаш дар роҳи паҳн ва маъмул кардани таълимоти сиёсиву ҳуқуқии ҳанафия, ин мактаби ҳуқуқӣ дар ҷаҳони ислом паҳншудатарин гардид. Дар раванди паҳншавии ин мазҳаб, алахусус, дар шарқ, инчунин, саҳми амирони Сомониён бараъло дида мешавад.

Шаҷараи Имом Абуҳанифа аз Нуъмон ибни Собит ибни Марзубон оғоз меёбад, ки бобои ӯ тоҷири абрешимфурӯш (тибқи баъзе аз маъхазҳо, аз Кобул) дини исломро дар даврони хилофати Умар қабул кардааст[1]. Вай соли 699 дар шаҳри Куфа дар оилаи тоҷири сарватманд ба дунё омадааст. Абуҳанифа таҳсилро барвақт оғоз кард, аммо маҷбур буд онро бо сабаби фавти падараш қатъ намояд, зеро маҷбур буд, ки тиҷорати хонаводагӣ (фурӯши абрешим)-ро идома диҳад. Вай аввалин таҳсилоти диниро дар зодгоҳаш, вақте ки ба шогирдии Ҳаммад ибни Абӯ Сулаймон, яке аз ҳамсафони Паёмбар (с) дохил шуд, гирифтааст. Пас аз марги устодаш, худи ӯ даҳ сол ба ин маҳфили фақеҳон сарварӣ карда, муътабартарин илоҳиётшинос ва донишманди ҳуқуқ дар ҷануби Ироқ гаштааст[2]. Ин маҳфилҳо, ба назари мо, тимсоли мактаби олии мусулмонӣ буданд. Тавре мутахассис таъкид мекунад: «дар ибтидо олимон дар масҷидҳо ва биноҳои дигар бо шахсони донишдӯст инфиродӣ, ки ба онҳо рӯ меоварданд, машғулият мегузарониданд: фаъолияти омӯзгории

[1]Али-заде *А. А.* Исламский энциклопедический словарь. - М.: Ансар, 2007. - 400 с. -ISBN 5-98443-025-8. // https://ru.wikisource.org/wiki/%D0%98%D0%AD%D0%A1/%D0%90%D0%B1%D1%83_%D0%A5%D0%B0%D0%BD%D0%B8%D1%84%D0%B0 санаи мурочиат 14.09.2020.

[2]Али-заде А. А. Абу Ханифа. // Исламский энциклопедический словарь. — М.: Ансар, 2007. — 400 с. // https://ru.wikisource.org/wiki/%D0%98%D0%AD%D0%A1/%D0%90%D0%B1%D1%83_%D0%A5%D0%B0%D0%BD%D0%B8%D1%84%D0%B0 санаи мурочиат 14.09.2020.

асосгузорони чор мазҳаби асосӣ, ки дар замони Аббосиёни аввал умр ба сар мебурданд, асосан чунин буд ва чун мусулмони ботақво Абуҳанифа дар Куфа, Малик ибни Анас дар Мадина, Шофеъӣ дар Макка, сипас дар Қоҳира, Аҳмад ибни Ханбал дар Бағдод фаъолият намуд. Баъдтар, ба даст овардани ҳуқуқи пешбурди ваъз дар масҷидҳои калон бо талаботҳои муайян вобаста шуд: дар баъзе масҷидҳо як навъ шӯъбаҳои илоҳиётшиносӣ ба вуҷуд омаданд, ки мактаб дар назди масҷиди Ал-Азҳар, ки дар Қоҳира дар асри Х сохта шуда буд, маъруфияти бештар пайдо намуда буд, ҳамин хел мактаб дар назди Каъба низ мавҷуд буд»[1].

Имом Абуҳанифа бори аввал дар синни шонздаҳсолагӣ бо падари худ ба зиёрати ҳаҷ рафтааст: дар он ҷо бо яке аз ҳамсафони Паёмбар Абдуллоҳ ибни ал- Ҳорис вомехӯрад.

Абуҳанифа яке аз дурахшонтарин ва нахустин намояндагони доираҳои тиҷоративу ҳунармандии шаҳрнишини ҷаҳони ислом буда, манфиатҳои ин доираҳоро, ки дар шакли таълимоти динӣ ва ҳуқуқӣ ифода ёфта буданд, баъдтар ба расмият даровbooарда, дар мазҳаби ҳанафӣ ташаккул дода, асоснок ва ҳимоя кард.

Ба андешаи мо, яке аз хизматҳои асосии Имом Абуҳанифа дар тамаддуни исломӣ дар он аст, ки ӯ ба анъанаи хатӣ дар илоҳиётшиносии ислом асос гузошт. Тибқи гуфтаи муаррихон, нахустин асар дар бораи таълимоти аҳкоми дини ислом ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Дар заминаи ҳафтод ҳадис донишманд чунин як асари машҳур ба мисли «Китоб-ул-Асар»-ро таълиф намудааст. Имоми Аъзам инчунин муаллифи асарҳое, чун «Китоб-ул-рад-алал-қодирия», «Алим-ва-л-мутаъаллим», «Ҷомӣ –ул- Масанид» ва «ал-Фиқҳ ал-Акбар» мебошад[2].

---

[1] Бартольд В.В. Ислам после пророка. Отделение церкви от государства. Сунна пророка.// Сочинение. Т.VI.-М.: «Наука», 1966, с. 111-112.

[2]Али-заде А. А.Абу Ханифа. // Исламский энциклопедический словарь. - М.: Ансар, 2007.

Ба вай ҳамчунин навоварӣ доир ба имконпазирии истифодаи усули таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқӣ бо тарзи наздик гардонидани коркарди зоҳирбинии фақеҳон бо талаботи ҳаёти ҳаррӯзаро нисбат медиҳанд.

Имом Абуҳанифа дар ҳамкорӣ бо пайравони наздиктаринаш назарияеро таҳия намуд, ки дар он принсипҳои оқилонаи «*қиёс*» («*ҳукмҳо бо қиёс*») ва инчунин принсипҳои «афзалият» («*истиҳсон*») дар раванди ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ истифода бурда мешуданд.

Дар дидгоҳи сиёсии худ олим ҷонибдори принсипи қонунии ҳокимияти олӣ, ки ҳаматарафа аз ҷониби ҷомеаи мусулмонон назорат мешавад, мебошад.

Вай ҳамчун як олими барҷаста ва дорои ахлоқи воло аз ҳамаи хидматҳои давлатӣ, ки ҳокимони давр ӯро маҷбур мекарданд, канорагирӣ мекард. Бори нахуст, Имом Абуҳанифа ба Макка солҳои 747-748 рафт, зеро ӯро волии Ироқ Ибни Хубайра барои маҷбуран иҷро кардани мансаби давлатӣ таъқиб мекард. Вақте ки Аббосиён ба сари қудрат омаданд, вай ба Ироқ баргашт ва дар он ҷо кори худро ҳамчун як диншиноси донишманд ва тиҷорати хонаводагиро ҳамчун як тоҷири абрешимфурӯши доро идома дод. Акнун халифа Мансур, вақте ки ба сари қудрат омад, ба ӯ рӯ овард, аммо имом Абуҳанифа боз рад намуд. Халифа аз ин ба ғазаб омада, амр дод, ки ӯро шадидан латукӯб ва зиндонӣ кунанд. Баъдан, халифа пешниҳоди худро такрор кард, аммо имом боз рад кард ва ба номи Офриадгор қасам хӯрд, ки ин пешниҳодро қабул нахоҳад кард. Дар натиҷа, вай ҷазои сахт гирифт ва боз ӯро ба зиндон партофтанд, ки пас аз чанд муддат, яъне соли 767 дар он ҷо аз олам даргузашт.

Ду шогирди ӯ Абу Юсуф ва аш-Шайбонӣ дар роҳи ҳифз, ба низом даровардан ва паҳн кардани мазҳаби ҳанафӣ кори назаррас

карданд. Усули баровардани амрнома (фатво)-и ҳуқуқӣ ба манбаъҳои зерин асос ёфтааст:

1. Қуръон;

2. Суннат – бо интихоби дақиқи ҳадисҳо;

3. Иҷма – андешаи якдилонаи диншиносон дар мавриди ягон масъала, ки бо Қуръон ва суннат мухолифат карда наметавонад;

4. Қиёс– фикрронӣ аз рӯйи қиёс бо он чизе, ки аллакай дар ваҳй омадааст; муқоисаи мушкилоти ҳуқуқӣ бо мушкилоти қаблан ҳалшуда;

5. Истиҳсон–афзалият барои ҳалли хилоф ба қиёс, аммо дар ин вазъият ба мақсад мувофиқ;

6. Урф ё одат – афкор, урфу одатҳои анъанавӣ паҳншуда.

Бо тафовут аз Имом Абуҳанифа, шогирди ӯ Абу Юсуф ал-Ансорӣ, пас аз вафоти устодаш (767), ба Бағдод кӯчид ва пешниҳоди халифаи Аббосӣ Маҳдӣ дар бораи мансаби роҳбарии дафтари қозии хилофати Бағдодро пазируфт. Дар давраи ҳукмронии халифа Ҳорун ар-Рашид вай ба мансаби олии додгоҳии хилофат – қозии олӣ (қозӣ ал-қузот) таъин карда шуд. Ҳамин тариқ, дар тӯли зиёда аз сӣ сол (767-798), ӯ имкони хубе барои паҳн кардан ва густариши мазҳаби ҳанафии исломро тавассути таъини қозиён дар вилоятҳо бо афзалият додан ба намояндагони мазҳаби худ ба даст овард. Дар ҳалли парвандаҳои сирф ҳуқуқӣ ва амалӣ низ вай ҳамчунин ба мазҳаби ҳанафӣ такя мекард. Бисёре аз поягузорони мазҳабҳои дигар (ҳанбализм ва шофеӣ) бевосита шогирдон ё пайравони ӯ буданд. Пас аз фавташ, кори ӯро писараш Юсуф ва шогирдаш Муҳаммад аш-Шайбонӣ идома доданд[1]. Он замон барои роҳандозӣ ва густариши мазҳаби ҳанафии исломи суннитабор дар дохили хилофат, бахусус, дар қисми шарқии он, давраи тақдирсоз маҳсуб меёфт.

---

[1]Али-заде А. А.Ханафитский мазхаб. // Исламский энциклопедический словарь. - М.: Ансар, 2007. - 400 с. // https://ru.wikisource.org/wiki/ санаи мурочиат 14.09.2020.

Халифа Маъмун (с. 813-833), бо тафовут аз падари худ Ҳорун ар-Рашид, мутазилияи озодандешро бар зидди таълимоти суннатӣ дастгирӣ мекард. Консепсияи тарафдорони мутазилизм дар бораи офариниши Қуръон аз тарафи халифа Маъмун қабул карда шуда, онро таълимоти (догмаи) ҳатмӣ эълон намуд. Мухолифони мутазилизмро як навъ (чун инквизитсияи ғарб) таъқиб мекарданд, ки аксар вақт хусусияти мутаассибона доштанд. Ин бераҳмӣ, ки дар тӯли ним аср идома дошт, дар байни мусулмонон нофаҳмиҳои зиёдеро ба бор овард. Мутазилизм, ки аз либерализм (озодандешӣ) оғоз ёфт, бо таҳаммулнопазирӣ ба анҷом расид. Яке аз ворисони Маъмун халифа Мутаваккил (с. 847-861) тасмим гирифт, ки аз озодандешии динӣ даст кашад ва ба муқобили мутазилитҳо ва тасаввуф мубориза барад. Ин мубориза хеле тезутунд шуд. Мубориза дар байни тарафдорони содиқи суннат ва муътазилитҳо-ратсионалистҳо мусулмононро боз муддати тӯлонӣ аз ҳам ҷудо (тақсим) кард[1].

Дар ин давра муътазилии собиқ, намояндаи ояндаи бонуфузи суннат Абулҳасани Ашъарӣ аз шаҳри Басра (873-935), ки соли 912 аз мутазилизм ҷудо шуда, бо онҳо баҳсҳои шадидро оғоз кард. Вай исбот мекард, ки тавҳиди мутазилитҳо дар асл бозгашт ба дуализм аст, таълимот дар бораи  ду офаранда: Худо, офарандаи некӣ ва шайтон, офарандаи бадӣ мебошад. Ашъарӣ бар зидди назарияи офариниши Қуръон (каломи Худо) далел овард, ки офариниш наметавонад ба худи офаранда паҳн шавад: аз ин рӯ, офаридгор дар якҷоягӣ бо каломаш ва тамоми сифатҳояш абадист[2].

---

[1] Бартольд  В.В. Мусульманская догматика. Секты. // Сочинение. Т.VI.-М.: «Наука», 1966, с. 124-125.

[2] Ҳамон ҷо,  с. 125.

Чунин баҳсҳои динӣ дар уммати ислом то ба сари қудрат омадани амирони Сомониён ҷараён дошт. Тавре ки дар боло зикр шуд, аллакай дар шаҳрҳои бузурги Варорӯд дар нимаи дуюми асри IX, вақте ки ҳар як шаҳр аз мунокишаҳои динӣ ва нооромиҳо азият мекашид, диндорон бо сардории фуқаҳои маъруф ба идораи шаҳрҳо шурӯъ карданд. Ба мансаби волии шаҳри Бухоро нишастани амири оянда Исмоили Сомонӣ низ ҳамин тариқ сурат гирифта, мардуми шаҳр бо роҳбарии писари донишманди машҳур (фақеҳ) Абуҳафс Абуабдуллоҳ ӯро бидуни артиш ба шаҳр даъват карданд. Шуҳрати ин хонаводаи диндорон, ба гуфтаи В. В. Бартолд дар он буд, ки яке аз дарвозаҳои шаҳр, ки дар наздикии хонаи онҳо воқеъ аст, номи худро бо номи «Ҳақроҳ» («Роҳ ба сӯйи Ҳақ») дошт, ки мардуми шаҳр барои ҳалли баҳсҳои шубҳанок ба онҳо мурочиат мекарданд[1]. Муҳаққиқи варзидаи рус ба тахти Бухоро нишастани амир Исмоили Сомониро муфассал тавсиф мекунад: «Исмоил ба Кармина омад, ки дар он ҷо ӯро худи Абӯабдуллоҳ пешвоз гирифт, ки, ба гуфтаи муаррих, ба ӯ дар бораи ояндааш хеле умед бахшид: «Вай фаҳмид, ки Абуабдуллоҳ чи коре кунад, мардуми шаҳр онро бекор карда наметавонанд». Шояд бо миёнаравии Абуабдуллоҳ Исмоил бо амир Ҳусайн Муҳаммад-ал-Хавароҷӣ, ки дар он замон Бухороро дар ихтиёр дошт, аҳднома баст. Бо назардошти ин лақаб (Ал-Хавароҷӣ), ӯ яке аз пешвоёни хориҷиён (яке аз се ҷараёни динии онвақта- М.А.), ва, эҳтимолан, яке аз ҳамсафони Яъқуб (Саффорӣ- М.А.) буд. Онҳо ба мувофиқа омаданд, ки Исмоил дар Бухоро амир ва Ҳусайн ёвари ӯ хоҳад буд, ки тамоми артиш ба ин савганд ёд кард. Рӯзи ҷумъаи аввали моҳи Рамазон (25 июни с. 874) дар Бухоро хутба ба номи Насри б. Аҳмад ба ҷойи Яъқуб б. Лайс хонда шуд. Пас аз чанд рӯз

[1] Бартольд В.В. Географический очерк Мавереннахра. // Сочинение. Т.I.-М.: «Восточная литература», 1963, с. 152-153.

Исмоил вориди Бухоро шуд; Исмоил дарҳол ваъдаи худро шикаст ва фармон дод, ки Ҳусайнро ба зиндон андозанд ва ҳокими ягонаи шаҳр шуд» [1].

Тавре ки аз ин маълумот бармеояд, аввалан, олимони динии суннимазҳаб (фақеҳон) дар Бухоро дар тӯли якуним аср мақоми бебаҳсро ишғол мекарданд ва дувум, хориҷиён, бо вуҷуди такя ба артиш, дастгирии оммавӣ надоштанд, аз ин рӯ амири нав, бо розигии якум (садрҳои Бухоро), бидуни мушкилоти зиёд, сардори онҳоро ба маҳбас кашид. Ин ақидаро ҳаёт ва фаъолияти Абуабдуллои дигар, ки яке аз ҷамъкунандагони машҳури ҳадиси Паёмбари тоҷик Имом Абуабдулло Муҳаммад Бухорӣ (с. 810-870) мебошад, исбот мекунад. Имом Бухорӣ тамоми умри худро ба гирдоварии ҳадисҳо бахшидааст. Вай ҳадисҳоро аз бештар аз ҳазор шайх шунидааст ва худаш 200 ҳазор ҳадисро аз муаллимон ва хабаргузоронаш навишта гирифтааст. Аз ин уқёнуси азими ҳадисҳо (800 ҳазор) ӯ боэътимодтарини онҳо, танҳо 7 275 ҳадисро бо такроршавии баъзе аз онҳо гирд овардааст. Онҳо асоси китобаш «Ас-Саҳеҳ»-ро ташкил медиҳанд, ки дар байни ҳамаи маҷмӯаҳои дигари ҳадисҳо  машҳуртарин ба ҳисоб меравад. Имом Бухорӣ шонздаҳ сол барои навиштани ин китоб заҳмат кашидааст. Китоби “Ас-Саҳеҳ”-и Бухорӣ боз бо он  ғолиб аст, ки он нахустин маҷмӯаи ҳадисҳоест, ки тибқи сабки мусаннаф («таснифи ҳадисҳо аз рӯи мавзӯъ») тартиб дода шудааст. Асари ӯ «Ал-Ҷомӣ ‘ ас-саҳеҳ» яке аз шаш маҷмӯаи ҳадисҳои суннатӣ ба ҳисоб меравад, ки  баъзе аз муҳаққиқон ин китоби Имом Бухориро боэътимодтарин китоби исломӣ пас аз Қуръон мешуморанд[2].

---

[1] Бартольд  В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 281.

[2] Brown Jonatan. The Canonization of Al-Bukhari and Muslim. BRILL, 2007.// https://books.google.com.tj/books?id=OWvCQAAQBAJ&printsec=frontcover&dq=The+Canonization+of+AlBukhari+and+Muslim&hl=ru&source=gbs_book_similarbooks#v=onepage&q=The%20Canonization%20of%20Al-Bukhari%20and%20Muslim&f=false санаи мурочиат 15.09.2020.

Тавре аз фаъолияти ин фақеҳи барҷаста аз пойтахти Варорӯд ва Хуросон бармеояд, дар тӯли сад соли густариши ислом дар ин минтақа, як зумра мутафаккирони бузурги исломӣ ба майдон омаданд, ки онҳо натанҳо бо руҳониён- диншиносони ғарбӣ (ироқиҳо ва арабҳо) баробар буданд, балки дар бисёр самтҳо аз онҳо пеш гузаштанд. Ҳуқуқи исломӣ ва ҷараёни тасаввуф дар ин ҷо решаҳои худро пайдо кард ва тадриҷан ба ҳудудҳои нави ҷаҳони ислом ҷорӣ гардида, васеъ паҳн мешуд. Тасаввуф ҳамчун зоҳидпарастӣ, зоҳидӣ ва тасаввуфи мусулмонӣ, ки аз «суфаи болоӣ» (дар он ҷо ҳамсафони Паёмбар нишаста баҳс мекарданд) ё аз «пашм» (ҷомаи мӯйини ин зоҳидон) бармеояд[1], низ тариқи хоси худи хуросониву варорӯдиро доро шуд.

Агар дар ҷамъоварии маҷмӯаи ҳадисҳои Паёмбар Имом Муҳаммад Бухорӣ машҳур шуда бошад, пас шогирди ӯ як диншиноси дигари тоҷик Абӯисо Тирмизӣ (с. 824-892) дар ташаккулли тасаввуфи исломӣ дар Варорӯд маъруф гашт.

Вай дар шаҳри Тирмиз таваллуд шуда, дар худи он ҷо таҳсилоти анъанавӣ гирифта, аз синни 8-солагӣ илмҳои диниро омӯхтааст. Дар синни 28-солагӣ Абӯисо Тирмизӣ ҳаҷҷи Маккаи муқаддасро анҷом дода, ҳамзамон дониши худро дар муоширате бо фақеҳони машҳур ва мураббиёни сӯфиён сайқал додааст. Баъди ба Ватан баргаштан, вай ҳамроҳи устодони худ аз байни шайхҳои Хуросон: Абутуроб Нахшабӣ, Яҳё Ҷаллоа, Аҳмад Ҳадравайҳӣ ва дигарон омӯзиши таълимоти тасаввуфро идома дод.

Тарзи зиндагии парҳезгоронаи Ҳаким Абӯисо Тирмизӣ эҳтироми аҳолии маҳаллиро нисбат ба ӯ бедор кард ва дере нагузашта дар атрофи ӯ гурӯҳе аз донишҷӯён-муридон пайдо шуданд. Аммо фаъолияти ӯ ба мақомоти маҳаллӣ ва фуқаҳои

---

[1] Суфизм. Энциклопедия Кругосвет.// https://www.krugosvet.ru/enc/religiya/sufizm. санаи мурочиат 19.09.2020.

суннитабор писанд набуд ва аз хатари таъқиби онҳо Имом Тирмизӣ маҷбур шуд, ки ватани худро тарк кунад ва аввал ба Балх ва сипас ба Нишопур кӯч баст.

Саҳми асосии ӯ дар рушди тасаввуф-асараш «Ҳатм ал-авлиё («Муҳри авлиёҳо») мебошад, ки дар он таълимоти авлиёҳоро таҳия кардааст. Тибқи ин назария, авлиёҳо ҷаҳонро идора менамоянд: Имом Тирмизӣ онҳоро бо фиристодагони Худо ва паёмбарон баробар кардааст.

Дар ин китоб, ӯ бори нахуст дар ҷаҳони ислом дар бораи «логос» («илм») навишта, барои ифодаи он калимаи «зикр»-ро истифода кардааст. Тирмизӣ изҳор дошт, ки авлиёгӣ бо вақт (замон) маҳдуд аст, зеро он, ба монанди ҳадяи нубуввати муҳр зада шудааст, ки бояд дар анҷоми олам зоҳир шавад.

Дар баробари ин рисола, Имом Тирмизӣ тақрибан 80 асар навиштааст, ки дар онҳо аҳамияти таҷрибаи ирфонии (зоҳирии) амалияи сӯфиён баррасӣ гардидааст. Таълимоти ӯ «дар бораи руҳ» (ҳолатҳои он, «ҳаракатҳо»), дар бораи усулҳои такомули худ ва ҷилавгирӣ аз ғаризаҳои заминӣ, дар бораи нақши ранҷу азоб ҳамчун воситаи поксозӣ аз дониши амиқи психологияи инсон шаҳодат медиҳад. Баъдтар, ин асарҳо дар тасаввуфи Эрони шарқӣ (тоҷикӣ) ҳамчун осори классикӣ шинохта шуданд.

Имом Тирмизӣ боварӣ дошт, ки дониши баландтарини инсон «илм, ирфон»-и асроромез («маърифат» ё «ҳикмат») аст, ки он монанди «нури илоҳӣ» дар қалбҳои одамон ҷой гирифтааст. Вай дониши маъмулиро («илм»), ки ба дарки муқаррароти шариат дорост, ва «ирфон» («гносис»), ки ба шарофати он маънои ботинии худи «моҳияти илоҳӣ» дарк карда мешавад, аз як дигар ҷудо медонист. Дониши анъанавиро метавон дар ҷараёни омӯзиш ба даст овард, дар ҳоле ки «маърифат» - инъоми Худо аст, ки ба баргузидагон дода мешавад. Замон ва макони истифодаи «илм» маҳдуд буда, «маърифат» бошад ҳудуд

надорад. Тибқи маълумоти Имом Тирмизӣ, «ирфон» танҳо ба он нафароне дода мешавад, ки афкорашон ба сӯйи Офаридгор нигаронда шудааст ва руҳе доранд, ки аз дилбастагиҳои дунявӣ (заминӣ) пок шудаанд. Чунин одамон сӯфиён ҳастанд, ки хусусияти «авлиёгӣ» доранд, яъне “муқаддасанд” ва аз дигар диндорон тафовут доранд[1].

Тавре аз ҳаёти яке аз намоёнтарин намояндагони тасаввуфи варорӯдӣ- хуросонӣ Ҳаким Тирмизӣ дар садсолаи якуми ҳаёти исломӣ дар минтақа бармеояд, байни фақеҳони суннитабор (ҳанафӣ), ки ба ҳокимият наздик буданд, ва суфиён, ки ҳаёти худҳо барои хидмат ба Худо бахшида буданд, рақобат мавҷуд буд. Онҳо барои афкор ва қалби мусулмонони оддӣ, аввалинҳо бо такя ба қудрат (ҳукумат) ва дигарон (суфиён) ба дастгирии оммавии мусулмонони оддӣ, бо якдигар мубориза мебурданд. Чуноне мутахассиси рус таъкид мекунад: «Дар зери таъсири ғамхории Қуръон нисбати камбағалон ва камбизотон афсонае ба миён омадаст, ки худи Муҳаммад одамони камбағал (фақирон)-ро дар атрофаш ҷамъ намуда буд ва барои онҳо як курсии махсус - *суффа,* дар паҳлӯи бинои масҷид мондаанд; аз «мардуми суффа» якчанд интиқолдиҳандагони ривоятҳо дар бораи Паёмбар ва зиндагии ӯ баромаданд. Дар кишварҳое, ки арабҳо забт кардаанд ва пеш аз ислом масеҳият, монавӣ ва буддоӣ паҳн шуда буд, мартабаи камбизоатӣ ва зоҳирпарастӣ боз ҳам баландтар гузошта шуда, қабрҳои зоҳирони собиқ дар баробари қабрҳои паёмбарон ва шаҳидон арҷгузорӣ мешуданд. Барои мусулмонони парҳезгор зоҳидпарастӣ ва парастиши авлиёҳо, ки бо он робитаи зич дорад, чунин афзалиятҳо доштанд, ки ислом ба фоидаи кофирон рад карда наметавонист»[2].

---

[1]Абдаллах аль-Хаким ат-Термези. //https://arboblar.uz/ru/people/abdallakh-al-khakim-at-termezi санаи мурочиат 15.09.2020.
[2] Бартольд В.В. Ислам. // Сочинение. Т.VI.-М.: «Наука», 1966, с. 114.

Ҳамин тариқ, пас аз як асри ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва динии тоҷикон дар паноҳи ҷаҳони ислом, дар давраи Сомониён дар ҳудуди он мазҳаби исломи суннитабор (ҳанафӣ) паҳн гардида, устувор шуд, ки онро мутафаккири бузурги мусулмонон бо решаҳои хуросонӣ Имом Абӯҳанифа таҳия кардааст. Дар ин ҷо, инчунин, намуди тасаввуфи исломии алоҳида (тасаввуфи хуросонӣ) ташаккул ёфта буд. Вале барои оштӣ ва наздикшавии онҳо вақт лозим омад.

Дар ин замон, бешубҳа, рақобати шадиди се ҷараёни ислом (суннитабор, шиаҳо ва хориҷиҳо) наметавонист ба марзҳои Сомониён таъсир нарасонад. Бидъат дар шакли мутазилизм ва қарматия ба Хуросон ва Варорӯд, ки амирони Сомониён, аллакай дар ин ҳудудҳо ҳукмронӣ мекарданд, роҳ ёфтанд. Тавре дар боло баррасӣ шуд, «асри тиллоӣ»-и ҳукмронии Сомониён дар давраи ҳукмронии набераи амир Исмоил, амир Насри II (с. 914-943) канда шуд, чунки шавқу завқи амир ба қарматия равона шуда, норозигии руҳониёни суннитабори ҳанафимазҳабро, ки афкори аҳолии мусулмони маҳаллиро пурра назорат мекарданд, ба миён овард ва онҳо ислоҳи вазъро талаб мекарданд. Тибқи маълумоти муаррихон, амири ояндаи Сомониён ба фақеҳон, ки комёбии бидъатро дар кишвар ба ӯ нишон додаанд, супориш додааст, ки оид ба таълимоти дурусти динӣ як дастурамал барои мардум таҳия намоянд[1]. Ин дастур, ба эҳтимоли зиёд, китоби диншиноси маъруфи тоҷик Абулқосими Самарқандӣ (соли вафот 953) «Ас-Савод-ул-аъзам» бо забони арабӣ навишта шуда буд ва ҳукумати амир Нуҳи II Мансур (солҳои ҳукмронӣ 976-997) тарҷума намудани онро барои дастрас ва фаҳмо гаштанаш барои мардуми

---

[1] Ҳамон ҷо, с. 126.

маҳаллӣ ба забони тоҷикӣ супориш додааст[1]. Ин дастурамал дар фарзияи баъдтарини ислоҳ карда шудааш то ба мо расидааст[2].

Марҳила ба марҳила давлати абарқудрати Сомониён аз макони ғозиён (муборизон- паҳнкунандагони дини Ислом), аз кишварҳои гуногуни ислом ба ин кишвар меомаданд, ба зодгоҳи парвариши мутафаккирони бузурги исломӣ табдил ёфт. Аввалин *мадрасаҳо* (муассисаҳои таҳсилоти олӣ) дар ҷаҳони ислом дар Варорӯд таъсис ёфтанд, ки, ба эҳтимоли зиёд, анъанаи «Хонаи ҳикмат»-и вазирони донишманди Бармакиён дар Бағдод бударо идома дода, барои таълим ва тарбияи фақеҳони маҳаллӣ оғоз намуданд.

Таъсиси аввалин мадрасаҳо дар мулкҳои Сомониён ғамхории амирони онҳоро, на танҳо дар бораи ниёзҳои заминии фуқарои худ, балки ҳамчунин дар бораи густариши ҷаҳонбинӣ ва тахассуси таълимии онҳо низ далолат мекунад. Академик В.В. Бартолд ба ривоятҳои маҳаллӣ такя намуда, дар бораи фаъолияти ҳадди аққал 17 мадраса дар дувумин шаҳри муҳимтарини Варорӯд- Самарқанд, ки диншиносон ва файласуфони баландихтисосро омода мекард, гузориш медиҳад. Дар байни онҳо, дар давраи муборизаи шадид алайҳи ҳаракатҳои шиаҳо (нимаи аввали асри X), муаллифи дастурамали таълимоти дар Варорӯд асосёфта Абулқосими Самарқандӣ ва асосгузори мактаби динии худ Абумансур Матуридӣ (с. 870-940) ба сафи пеши баҳсҳои назариявӣ гузаштанд[3].

Онҳо ба зудӣ натанҳо нисбати мубаллиғони шиа (Фотимиён) дастболо шуданд, балки таълимоти нисбатан ҳамоҳангшудаии

[1] Рамазонов М. Абулкасим Хаким Самарканди и древний персидско-таджикский перевод произведения «Ас-Савод-ул-аъзам».// Вестник ТНУ.Серия филологических наук. № 4-7 (2017) –Душанбе, 2016, с. 254-257.
[2] Бартольд В.В. Ислам. // Сочинение. Т.VI.-М.: «Наука», 1966, с. 126.
[3] Ҳамон ҷо, с. 126.

фалсафӣ ва динии (калъам) исломи суннитаборро таҳия намуда, онро такмил доданд.

Аз рӯи маълумоти мутахассисон тафсири муфассали Қуръон «Та'вӣлат ал-Қуръон», тафсири рисолаи илоҳии «ал-Фиқҳ ал-Акбар» («Фиқҳи Бузург»)-и Имом Абуҳанифа, «Шарҳ ал-Фиқҳ ал-акбар ва «Китоби Тавҳид» ба Абумансур Матуридӣ тааллуқ дорад. Агар ашъариён таълимоти худро ҳамчун як таълимот дар миёнаи мутазилизм ва суннатгароӣ таҳия карда бошанд, пас ӯ ва шогирдонаш мавқеи миёнаро дар байни равишҳои ашъарӣ ва мутазилитӣ ишғол карданд. Абумансур Матуридӣ, ба фарқ аз ашъариён (ва мутазилитҳо), ҷовидонии сифатҳоро эътироф мекунад ва ба ҳафтои он, ки аз ҷониби ашъариён ҷудо карда шудааст, ҳаштумин-офариниш («таквин»)-ро илова мекунад. Вай, ба монанди мутазилиҳо, ба инсон имкон дод, ки интихоби озодро дошта бошад, моҳияти объективӣ ва оқилонаи принсипҳои ахлоқиро ҳимоя кунад[1].

Ҳамин тариқ, дар тӯли зиёда аз як асри салтанати дурахшони амирони шӯҳратманди Сомониён, Варорӯд ва Хуросон ба таври куллӣ аз «дар -ал-куфр» («қаламрави кофирон») ва «дар ал-ҳарб» («қаламрави ҷанг бо кофирон») ба як «дар ал-ислом» («қаламрави ҷаҳони ислом»)-и дорои фарҳангӣ володошта табдил ёфт[2]. Акнун ба қаламрави давлати Сомониён на «сарбозони ғозиён», ки маънои ҳаётро дар забти сарзамини кофирон ва ғорати мулк ва сарватҳои халқҳои мағлуб медиданд, балки беҳтарин намояндагони «аҳли қалам», ки барои омӯзиш ва пайвастан ба идеалҳои олии фаҳмидани «ман»-и худӣ ва илоҳӣ кӯшиш доимӣ доштанд, кӯч бастанд. Аввалин муассисаҳои таълимии мусулмонон (мадрасаҳо),

---

[1] Матуриди. Электронная библиотека ИФ РАН. // https://iphlib.ru/library/collection/newphilenc/document/HASH01daff7ec1742c7c8a9ed5da санаи мурочиат 19.09.2020.

[2] *Али-заде, А. А.* Дар аль-ислам и Дар аль-харб // Исламский энциклопедический словарь М.Ансар,2007.https://ru.wikisource.org/wiki санаи мурочиат 19.09.2020.

ки дар ин давлат бунёд гардиданд, шумораи онҳо танҳо дар шаҳри дуюми калонтарин (Самарқанд) ба ду даҳгона мерасид, ташнагии онҳоро ба донишҳои нав мешикаст. Дар ин давра, ба истисноии Испанияи мусулмоннишини дур, ки дар он ҷо баъзе шӯълаҳои фарҳанги исломӣ низ мушоҳида мешуд, давлати абарқудрати Сомониён, ки бо ивази оташи (шифоҳии) зардуштия бо болоравии хаттии тафаккури инсонӣ, машъали маърифатро ба чунин қуллаҳо бардоштааст, ки то имрӯз ҳеҷ кишвари соҳибтамаддуни мусулмонӣ ба он нарасидааст.

Бо вуҷуди ин падидаи бузурги таърихиву фарҳангӣ, пас аз ба вуҷуд омадани рахнагӣ байни амирони дунявии Сомониён ва садрҳои Бухоро, бо сабаби шавқи амири Насри II Сомонӣ ба қарматия, амирони баъдӣ натавонистанд ҳамоҳангии иҷтимоиро бо руҳониёни парҳезгор барқарор намоянд. Озодфикрӣ, ки хоси бисёр амирони Сомониён буд, баъзан бо он қисми руҳониёни ифротӣ бархӯрд мекард, ки тафаккури маҳдуд доштанд. Ин қисми руҳониён аввалин шахсон ва пайравони содиқи худро дар шахси горди ғайримиллии амир пайдо карданд, ки онҳо ҳамчун пайравони нав, пеш аз ҳама, нуфузи бебаҳси мураббиён (пирҳо)-ро эътироф доштанд. Бо вайрон шудани фаъолияти муназзами хазинаи давлатӣ барои пардохти музди горди ғайримиллии амир, онҳо зуд чун ярoқ дар дасти ин садрҳои Бухоро табдил ёфтанд.

Дар ин вақт, исломи суннитабор (мазҳаби ҳанафии исломи аслӣ), ки ба тамоми кунҷу канораи давлати бепаҳнои Сомониён паҳн шуда буд, ба фаротар рафтан аз ҳудуди он ҷунбиши худро оғоз намуд. Дар шимолу шарқи ин давлат, дар паҳноварии бепоёни Дашти Бузург, қабилаҳои сершумори қарлуқ ва оғузҳо (бо гирифтани номи туркман) аз бутпарастӣ ва дигар динҳо (аз ҷумла масеҳии даштӣ ё буддоӣ) ба дини ислом гузаштанро шурӯъ намуданд. Давлати бодиянишини Қарахониён, ки дар Ҳафтрӯд ташаккул ёфта, ба самти шарқии ҳавзаи Тарим ҳаракат намуда, аз

нигоҳи мазҳабӣ ва фарҳангӣ ба сӯйи Бухорои шариф моил шудан гирифт. Дар ҷанубу шарқ собиқ ғуломон – горди Сомониён – Ғазнавиён, ки аз садрҳои Бухоро ҳарос доштанд, чунки пешвоёни динии худро (пирони худро) аз онҳо пайдо карда буданд, ба паҳн кардани ин навъи ислом ба нимҷазираи азими Ҳиндустон шуруъ карданд. Ҳамон ҳол, садрҳои Бухоро, ки ба сӯйи имомат (бартарии қудрати рӯҳонӣ) майл дошта ва аз аморати озодандешу дунявӣ норозӣ буданд, фикр карданд, ки ҳокимияти рӯҳонии худро бар горди ғайримилли амир, ки қудрати онҳо байни онҳо бо қудрати амир рақобат дошт, интиқол диҳанд. Садрҳо барои барқарор кардани сулолаи ғайримиллӣ, ки ба иродаи онҳо итоат мекард, аз хиёнат ба давлат ва ватани худ низ даст накашиданд. Дарҳол ду сулолаи ғайримиллӣ (Ғазнавиён ва Қарахониён) рақобати шадидро барои гирифтани баракати мероси бузурги Сомониён, ки рӯ ба таназзул ниҳода буд, на аз халифаҳои анъанавии Бағдод, балки аз садрҳои Бухоро оғоз намуданд.

Сомониён арсаи таърихиро тарк карданд, аммо «дастури таълими исломи»-и онҳо (мазҳаби ҳанафии исломи суннитабор), ки онро аввалин хатмкардагони мадрасаҳо, нахустин бор дар таърих, дар ин сарзамини муборак барои мардуми тоҷик эҷод намуданд, натанҳо боқӣ монд, балки боз ҳам такмил дода шуд. Ин «дастурамал»-и Сомониён барои мусулмонони ботақво, ки дар рақобати шадид бо дигар таълимотҳои фалсафавию динии хилофати азим таҳия шудааст, то ба замони мо расидааст. Он, ки ҳеҷ гоҳ аз ҷониби ворисони наздик ва дури онҳо зери шубҳа намондааст, танҳо ба мисли «гавҳараки чашм» мукаммал ва ҳифз карда шудааст, аз нақши бебаҳси Сомониён ҳамчун «падарон-асосгузорон»-и истиқрор ва устувор гардонидани мазҳаби ҳанафии исломи суннитабор бараъло шаҳодат медиҳад.

## 2.5. Пешбурди сиёсати «синтези тоҷику турк» аз ҷониби давлати Сомониён

Шартномаи ақди никоҳ, ки қабл аз тӯйи арӯсии як арбоби турк ва як зебосанами суғдӣ, ки дар байни санадҳои ҳуқуқии кӯҳи Муғ ёфта шуда буд[1], ба мо имкон медиҳад, тахмин намоем, ки вазъи синтези тоҷику турк ба ибтидои асри VIII не, балки аллакай дар ҳамон давра таърихи на камтар аз 150-сола дошт. Ин санади ҳуқуқӣ ақидаи дар минтақаи мо паҳншударо дар бораи он, ки муносибатҳои оилавӣ ва издивоҷии байни тоҷикон ва халқҳои турк танҳо пас аз қабули дини фаромиллӣ – ислом имконпазир шуданд, рад мекунад.

Дар тӯли асрҳои зиёд Варорӯд як ҷузъи ҷудонашавандаи Турони бузург (сарзамини писари калонии шоҳиншоҳи афсонавии Пешдодиён Фаридун -Тур) буд, ки дар он ҷо дар миёнаи ҳазорсолаи якум дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар қатори дигар омилҳо таркиби этникии ин минтақаи васеъ тағйир ёфт. Таъсиси Хоқони турк (миёнаҳои асри VI), таъсиси бузургтарин давлат дар Авруосиёи давраи пеш аз муғулҳо боиси ташаккулли сиёсати «синтези суғдию турк» гардид. Хизмати шоистаи Сомониён дар он аст, ки онҳо бо дарназардошти анҷом ёфтани ташаккулли халқи тоҷик, ин сиёсати созандаро дар маркази Авруосиё ба сатҳи нав – ба сатҳи «синтези тоҷику-турк» бардоштанд.

Анъанаи даштӣ ба пайдоиши қабилаҳои турк аз авлоди Ашина шаҳодат медиҳад[2]. Диққати моро ахбороти мутахассисон

---

[1] Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В.А. Лившица. -М.: Изд-во Восточной литературы, 1962, -222 с.

[2] Кляшторный С.Г., Лившиц В.А. Согдийская надпись из Бугута. // Страны и народы Востока, т. X.1971. С. 126.

дар бораи издивоҷи фарзандони «модаргург» аз қабилаи Ашина, пешгузаштагони қабилаҳои турк, бо занони Турфон, ки хеле пеш аз таъсиси Хоқони Турк буд, ҷалб намуд[1]. Дар он давр аҳолии суғдӣ дар ҳавзаи Тарим аксарият буданд, ки онҳо аз «Ислоҳоти зидди девҳои»-и шоҳаншоҳи Ҳахоманишӣ Ардашер (с. 486 пеш аз милод) норозӣ шуда, аз Варорӯд ба шарқ муҳоҷират карда, дар ҳавзаи Тарим, аз ҷумла воҳаи Турфон, маскун гардида, шабакаи васеи рӯзгори тиҷоративу иқтисодии худро ба вуҷуд оварданд[2]. Ҳамин тариқ, аз эҳтимол дур нест, ки аҳолии суғдии воҳаи Турфон дар ташаккулли халқҳои туркӣ нақши калидӣ доштааст (тавре ки аз ривояти боло бармеояд, туркҳо бо турфониҳо, яъне занони суғдӣ издивоҷ кардаанд), ки ин, бешубҳа, ба анъанаҳо фарҳанг ва забони қабилаи навтаъсис таъсири ҳалкунанда дошт.

Яке аз далелҳои барҷастаи аксариятро ташкил додани халқҳои шарқии эронӣ (суғдӣ, сакоӣ, бохтарӣ ва ғ.) дар таркиби аҳолии қадимаи ҳавзаи Тарим, аз ҷумла воҳаи Турфон, мавҷудияти шабакаи васеи каналҳои зеризаминӣ – корезҳо мебошад. Ин иншооти беназири обёрикунӣ, ки аз соҳили халиҷи Форс то марзҳои Муғулистон тӯл кашидааст, дар марзи ғарбии худ, дар воҳаи хушку холии Турфон, миқёси бесобиқа ба даст овардаст. Ҳақиқат он аст, ки воҳаи Турфон, ки онро ду Дашти Бузурги Авруосиё, аз шарқ Гобӣ ва аз ғарб Такла-Макан иҳота карда буданд, танҳо ба шарофати амалӣ шудани ин муъҷизаи обёрии ниёгони тоҷик, ки ба ин сарзаминҳо хеле пештар аз чиниҳои қадим кӯчида омада буданд, рушд намуд. Бояд қайд кард, ки ба ҷуз аз ҳавзаи Тарим (вилояти мухтори Синтсян-уйғури Чин), дар ягон 23 вилояти дигари Чин ингуна иншооти

[1] Ҳамон ҷо, с. 87.

[2] Мамадазимов А. Выход на мировую арену согдийской дипломатии во времена Тюркского каганата (VI-VII вв.).//Вестник ТГУПБП, №3 (59)-Худжанд, 2014, с.157-163; Кузнецов Б.И. Кто основал религию бон?// Центральная Азия и Тибет..Т.I. История и культура востока Азии.- Новосибирск: Наука,1972,с.132-134.

обёрӣ вуҷуд надорад. Бояд ёдовар намуд, ки аҳолии ҳозираи туркҳо (уйғурҳо, қазоқҳо ва ғ.) ба ҳавзаи Тарим ба таври оммавӣ танҳо пас аз соли 840, вақте ки Хоқони Уйғур, ки қароргоҳаш дар шимоли Муғулистону Сибир буд, аз ҷониби Хоқони Қирғиз шикаст хӯрда, кӯчида омад[1]. Корезҳо, ки то имрӯз дар миқёси азим боқӣ мондаанд ва муҳимтар аз ҳама, дар ҳолати хуби корӣ нигоҳ дошта шудани онҳо, пеш аз ҳама, ин шаҳодати маҳорати баланди муҳандисии ниёгони халқи тоҷик (суғдиён) мебошад.

Тавре муҳаққиқи рус қайд мекунад: «миёнаи ҳазораи I пеш аз мелод барои кишварҳои кишоварзии Осиёи Миёна чун даврони равнақу болоравии нави хоҷагидории обёрикунӣ шӯҳрат ёфт. Таҳқиқоти бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки асрҳои VI-IV пеш аз милод даврони бунёди ҷӯйҳои (каналҳои) бузурги калонҳаҷм мебошад, ки об ба заминҳои дур аз ҳавза ва резишгоҳи рӯдҳо бароварда шуд. Ба гардиши заминҳои корам, боз заминҳои нав ба нав ворид гаштанд. Инак, ҷӯйҳо ва нуқтаҳои аҳолинишин дар воҳаи Қабодиён ва водии Вахш қайд карда шуданд. Эҳтимол, дар замони Хаҳоманишиҳо бунёди аввалин низоми бузурги корезҳо (каналҳои зеризаминии обёрӣ) шурӯъ гардиданд. Бунёди онҳо, ба андозаи назаррас, бо сиёсати иқтисодии шоҳони Ҳахоманишӣ, ки бо ҳар роҳ азхудкунии заминҳои бекорхобидаро ташвиқ мекарданд, алоқаманд мебошад; бесабаб нест, ки Полибий, ки дар асри II пеш аз милод дар бораи «биёбони Парфиянӣ» навишта буд, аз мавҷудияти каналҳои зеризаминӣ дар он ҷо ёдовар шуда, қайд кардаст, ки ҳамаи онҳо «дар замони форсҳо» сохта шудаанд. Геродот дар бораи як обанбори азиме, ривоят мекунад, ки дар водии дарёи Акес (Теҷен ё Мурғоб) сохта шуда, маъмурияти форсҳо онро назорат мекунад, обаш танҳо тавассути пардохти иловагӣ ба андозҳои маъмулӣ ба заминҳои корам дода мешуд. Страбон дар бораи шабакаи васеи обёрикунӣ

[1] Киселев С.В. Древняя история Южной Сибири.- М.: Изд-во АН СССР, 1951, с. 591-592.

дар водии Политимет (Зарафшон) менависад»[1]. Чуноне аз ин маълумот бармеояд, суғдиён ва бохтариён дар муҳоҷирати шарқии худ дар давраи Хаҳоманишиҳо (ба ҳавзаи Тарим ва Ҳафтрӯд) натанҳо намунаҳои олоти анъанавии кишоварзиро[2], инчунин технологияҳои беҳамтои обёрикунии худро, аз ҷумла технологияи кандани корезро, ки аллакай дар «давраи Ҳахоманишӣ», дар хушктарин минтақаи Авруосиё ҷорӣ карда шуда буданд, бо худ бурданд.

Оиди ба таври оммавӣ маскун гардидани гурӯҳҳои суғдӣ дар ҳавзаи Тарим ва дар қаламравҳои ҳамшафати он (Муғулистон, Тибет, Гансуи Чин), инчунин, ёдгориҳои хаттии суғдӣ дар навиштаҷоти Бугут (асри VI) ва Қарабалсағун (асри IX) дар Муғулистон, тарҷумаҳои матнҳои буддоӣ аз коллексияи Пелльо, аз шаҳри Дунхуан ва санг дар Ладакх (шимоли Ҳиндустон) ва дигар маъхазҳо[3] шаҳодат медиҳанд.

Синтези суғду туркӣ ба дараҷае устувор буд, ки бисёр муҳаққиқон (Фрай Р., Хауссиг Х.В[4]., Кляшторный С.Г. ва дигарон) дар баробари баромади муғулӣ (Бичурин) ва гетерогенӣ (Гумилев)-и қабилаи Ашина, дар бораи пайдоиши эронии шарқи (тоҷики)-и он фарзияҳои ҷиддии илмӣ пешниҳод намудаанд. Баъзеи онҳо (Х.В. Хауссиг ва С.Г. Кляшторный) робитаи номи авлоди «Ашина» ва «axsaena» бо забони қадимаи форсӣ – «кабуд»/«осмонӣ»-ро[5] эътироф мекунанд, аз ин рӯ номи дувуми баъдии Ашина туркҳо бо номи «кёк-туркҳо» («туркҳои кабуд»)

---

[1] Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей, с. 51.
[2] Антонова Е. В. Сельское хозяйство. // Восточный Туркестан в древности и раннем средневековье.- М. Вост. лит., 1995, с. 103-105.
[3] Кляшторный С.Г., Лившиц В.А. Согдийская надпись из Бугута. // Страны и народы Востока, Т. X.1971. С. 121-146.
[4]Haussig H.W. Byzantinische Qullen über Mittelasien in ihrer historischen Aussage // Prolegomena to the sources on the history of pre-Islamic Central Asia. Budapest, 1979. S. 55-56.
[5]Кляшторный С.Г., Савинов Д.Г. Степные империи древней Евразии. -СПб: 2005, с.79-80.

омадааст. Ҳамчун яке аз тимсолҳои фарзияи номи Ашинаро туркшинос С.Г. Кляшторный инчунин «asana»-и забони сакоӣ – «шоиста, ашроф»-ро ҷудо кард[1]. Катибаи дар боло овардашудаи Бугут ба таври равшан шаҳодат медиҳад, ки забони суғдӣ забони расмии аввалини Хоқони турк буд. Ҳамин тариқ, воҳаи Турфон бо кӯҳи Олтой гаҳвораи натанҳо пайдоиши халқи турк, балки синтези суғдиву турк низ гардид, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштааст. Туркшиноси барҷастаи рус чунин қайд кардааст: «Маҳз дар ин ҷо ба робитаҳои қавии турку суғдӣ ибтидо гузошта шуд, ки ба тамоми фарҳанг ва давлатдории туркҳои қадим таъсири бузург расонид. Дар Олтой қабилаи Ашина қабилаҳои маҳаллиро тадриҷан дар атрофи худ муттаҳид сохт. Иттиҳоди қабилавии нав номи туркро гирифт»[2].

Дар миёнаи асри VI пешвои туркҳо Бумин унвони «ябғуи бузург»-ро қабул карда, халқи худро на танҳо аз ҳукмронии жожҳо раҳо кард, балки ба истилоҳои бузург низ шурӯъ кард. Дар бораи нақши истисноии суғдиён дар дарбори Хоқони турк на танҳо тобеон ва ҳамсоягон, балки дар Чин низ медонистанд, зеро Ан Нопанто, суғдии аз Гансу, аввалин сафире буд, ки соли 545 ба дарбори Бумин, аз давлати Тоба Вейи чинӣ фиристода шуда буд.

Дар таъсиси Хоқони турк (номи худаш –Турк Эл) нақши барҷастаеро бародари Бумин ва ҳамҳокими ӯ Истами хоқон низ бозид, ки душманони ашаддии худ – жожҳоро дар ғарб таъқиб карда, ба Ҳафтрӯд, Варорӯд ва Кавкази Шимолӣ юришҳои истилокорона анҷом дод. Писарони Буминхоқон (Муған ва Таспар) бошанд, қисми дигари жожҳоро то ба Корея ва Чини шимолӣ таъқиб карда, дар робита бо давлатҳои Чини шимолӣ (Тсии шимолӣ ва Чжоуи шимолӣ) чунин муносибатҳои

[1] Кляшторный С.Г. Проблемы ранней истории племени турк (ашина). // Новое в советской археологии / МИА №130. М.: 1965. С. 280.
[2] Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей. – СПб, Петербургское востоковедение, 2004,с. 87.

идоракунии воқеии онҳоро барқарор карданд. Агар калимаи суғдии «ашина», ки маънои «кабуд»-ро дошт ва дар ибтидо истифода мешуд, пас аз нимаи дуюми асри VI истилоҳи «турк» васеъ паҳн гардид. Баъзан ибораи ҳардуи он «турки кабуд» истифода мешуд. Суғдиён эҷодкорони империяи навро «турк» ва дар ҷамъ, «туркут» (ё туркют) – «турк» меномиданд. Ин шакли суғдӣ аввал аз ҷониби Чин («туцзюе») ва баъдтар аз ҷониби Рум (Византия) гирифта шудааст, зеро муносибатҳои дипломатӣ, аз ҷумла мукотибаҳои дипломатии байни туркҳою чиниҳо ва туркҳою румиҳо (византиягиҳо), бо иштироки фаъоли дипломатҳои суғдиён ва хатти суғдӣ сурат мегирифтанд. Баъдтар ин ном (турк) дар байни халқҳои дигар (эрониён, арабҳо, тибетҳо ва ғ.) паҳн шудан гирифт[1].

Бунёди як империяи бузурги бодиянишини туркҳо боиси он гардид, ки онҳо ба муносибатҳои ҷаҳонии сиёсӣ ва иқтисодии садсолаи аввали асримиёна, пеш аз ҳама, бо ҷаҳони атроф – Чин, Эрон ва Рум (Византия) ворид гарданд. Дар муносибатҳои байналмилалии он даврон яке аз вазифаҳои асосӣ ин мубориза барои назорати хатсайрҳо ва нуқтаҳои калидии Шоҳроҳи Абрешим буд.

Ҳамин тариқ, дар охири асри VI, вақте ки Хоқони турк соҳиби ҳавзаи Тарим, Ҳафтрӯд ва Варорӯд гашт ва ду давлати чини шимолиро хироҷдиҳандаи худ намуд, суғдиён дар тиҷорати абрешим ба майдони ҷаҳонӣ баромаданд ва назорати худро аз шаҳри Пайканд (соҳили рости Амударё) то Чанъан (пойтахти давлатҳои Суй ва баъдан Тан) дар хатсайри асосӣ ва аз соҳилҳои Волга то Дунхуан дар хатсайри шимолӣ ҷорӣ карданд. Ба ин ворид шудани Суғди марказӣ (Варорӯд) ба таркиби Хоқони турк низ мусоидат кард, зеро акнун натанҳо мустамликаҳои суғдии ҳавзаи

[1] Мамадазимов А. Выход на мировую арену согдийской дипломатии во времена Тюркского каганата (VI-VII вв.).//Вестник ТГУПБП, №3 (59)-Худжанд, 2014, с.158.

Тарим ва Ҳафтрӯд, балки маркази сиёсии он бо Самарқанд низ қисми ин империяи васеи даштӣ буд. Акнун синтези суғдиву туркӣ, ки дар канораҳои дури мустамликаҳои суғдӣ ва дар гаҳвораи ҷаҳони турк (Олтой) ташаккул ёфта буд, ба маркази сиёсии худи Суғд интиқол дода шуд.

Эҷоди як империяи бузурги даштӣ инчунин бо ғорати бисёр шаҳрҳо ва кишварҳои шимоли Авруосиё ва ҷамъоварии захираҳои бузурги моддӣ, аз ҷумла, молҳои гаронбаҳо (абрешим, фахфур ва ғайра) боис гардид. Ин вазъ ба болоравии мавқеи тоҷирони суғдӣ, ки дар пояҳои бунёд ва тавсеаи Хоқони турк меистоданд, мусоидат намуд. Бевосита дохил шудани худи кишвари Суғд бо тавлидоти пурқудрати бофандагӣ ба ҳайати давлати Хоқон низ мавқеи онҳоро дар тамоми қудрат боз ҳам мустаҳкам кард[1].

Беҳбудии иқтисодии Варорӯд ва минтақаи асосии он Суғд, ки тавассути тиҷорати миёнаравии байналмилалӣ ва истеҳсоли пурқуввати бофандагӣ ба вуҷуд оварда шуда, инчунин, ба бозори хориҷӣ нигаронида шудааст, дар радифи фарҳанги воло, ки ба хатти худ такя мекард, имкон фароҳам овард, ки дар муносибатҳои байналмилалии он давра нақши намоён бозад[2].

Ҳамин тариқ, дар нимаи дуюми асри VI зарурати фаврии фурӯши абрешими коргоҳҳои суғдӣ, инчунин интиқоли абрешимҳои чинӣ (ва таримӣ), ки дар дасти туркҳо дар шакли хироҷ ва ғаниматҳо ҷамъ шуда буданд, суғдиёнро водор сохт, ки бо давлатҳои пурқудрати он замон –Эрони Сосониён ва Рум (Византия) ба муносибатҳои дипломативу иқтисодӣ бароянд. Тоҷири суғдӣ Маниах («ҳаводори монӣ»), аз Хоқони империяи туркӣ Истами Ҳоқон тасдиқ гирифт, ки аввал ба Эрон сафари дипломатӣ кунад. Вақте ки дарбори шоҳаншоҳи Сосонӣ пас аз

[1] Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей. – СПб, Петербургское востоковедение, 2004,с. 100.
[2] Пигулевская Н. В. Византийская дипломатия и торговля шелком в V-VII вв. // Византийский Временник, Т. I (XXVI),-М., . Изд. АН СССР, 1947, с.208.

баргузории як нишасти хос иҷозаи тиҷоратӣ ва дипломатии суғдӣ-туркиро ба ғарб рад мекунад, пас аз ин сафари рисолати ноком, сафари дувум ба пойтахти империяи Рум ташкил карда мешавад[1].

Ба андешаи мо, роҳбарияти дувуми сафорат ба давлати дуюми ҷаҳонии он замон аз ҷониби Маниах (вақте якумаш ноком анҷом ёфт) нишон медиҳад, ки Суғд дар дохили Ҳоқони турк мухторияти васеъ дошт ва суғдиҳо дар дарбори ин империяи бодиянишин мавқеи махсусро ишғол мекарданд.

Ин сафорати Маниахи суғдӣ, ки бо як «хатти скифӣ» ва «абрешим ба арзиши бузург» ба пойтахти Рум-Константинопол фиристода шуда буд, рисолати дуҷониба дошт, аввалан, дар шахси императори Рум як шарики боэътимоди низомӣ пайдо кунад, ки якҷоя ба муқобили Сосониён дар ҷануб ва Жожҳо (ки, онҳо дар Аврупо ба “аварҳо” табдил ёфта буданд) дар шимол лашкаркашӣ намоянд ва дувум, дар симои дарбори хеле сарватманди Рум харидори абрешими суғдиро пайдо кунанд.

Таҳлили забони ин «хатти скифӣ», ки дар дасти сафорати суғдӣ-туркӣ дар империяи Рум буд, ки онро муаррихони румӣ тавсиф карда буданд, хеле ҷолиб мебошад. Муҳаққиқон онро «хатти суғдӣ» мешуморанд ва ҳамчун далели қавӣ дар хатти дар боло зикргардидаи Бугутро аз Муғулистон мисол меоваранд: «Тахтасанг бо хат дар теппаи қабри яке аз аввалин Хоқони турк Таспар (ҳукмронӣ с. 572-581), ки баъд аз тақрибан 15 соли сафорати Маниах бунёд карда шуда буд, ки хатти он суғдӣ буд. Шумораи зиёди суғдиён дар дарбори Хоқони турк зиндагӣ мекарданд; онҳо, тавре ки манбаъҳои хориҷӣ мустақиман хабар медиҳанд, дипломатҳо ва шахсони мансабдор, дарбориён ва мураббиёни босавод буданд; онҳо маҳалҳои аҳолинишин бунёд мекарданд ва корвонҳои тиҷоратиро ба сӯйи Чин, Эрон ва Византия бо молҳои ашрофзодагони турк мебурданд. Таъсири фарҳангии онҳо ба туркҳо

---
[1] Ҳамон ҷо, с.209.

хеле назаррас буд; асосан, тавассути суғдиҳо туркҳо бо дастовардҳои тамаддунҳои дигари Осиёи Миёна ва Ғарбӣ ошно шуданд»[1].

Тибқи хулосаи муаррихон, сафорати Маниах тавассути хатсайри шимолии (тавассути Қафқоз ва Баҳри Сиёҳ) Шоҳроҳи Абрешим ба пойтахти Рум расид ва онро худи император Юстини II бо эҳтиром пазируфт. Рум аз имзои шартномаи сулҳ на танҳо қонеъ гашт, балки бо сафорати суғдии Маниах, дар соли 568 сафорати ҷавобии худро бо роҳбарии Зимархи Киликиягӣ, «стратеги (фармондеҳи – М. А.) шаҳрҳои шарқии» империя фиристод, эҳтимолан, барои он ки ба қудрати давлати туркҳо ва фаровонии ин кишвар боварӣ ҳосил кунад[2].

Онҳо ба «кишваре, ки суғдиён зиндагӣ мекарданд, баргаштанд, ки туркҳо ба онҳо (румиҳо) харидани оҳанро пешниҳод карданд», яъне ба Ҳафтрӯд, ки он замон қароргоҳи Хоқони турк буд, баргаштанд. Дар натиҷаи ин сафорат як эътилофи низомии Рум ва Хоқони турк алайҳи Эрон ба вуҷуд омад ва инчунин тасмим гирифта шуд, ки сафорати дувум ба ғарб (Рум) фиристода шавад.

Аз сабаби вафоти Маниах, писари ӯ Тағма, ки ҳанӯз ҷавон буд, мувофиқи иродаи Хоқон, ҷойи дуюмро (ҷойи якум- падараш Маниах) дар сафорат ишғол кард. Вай ин мансабро чун мерос ишғол кард, аз он рӯ, ки хоқон Маниахро шахси наздик ва ба худ содиқ меҳисобид[3].

Бо сафоратҳои Маниах ва Тағма (писари Маниах) ба ғарб ва Земархи румӣ ба шарқ муносибатҳои дипломатии суғдӣ-туркӣ-румӣ барқарор карда шуд. Дипломатияи «дасти дарози»-и суғдӣ-туркӣ робитаҳои доимиву васеъро дар Авруосиёи паҳновар ба роҳ монд.

---

[1] Кляшторный С. Г. Древнетюркские рунические памятники – М.: «Наука»,1964, с 169.

[2] Пигулевская Н. В. Византийская дипломатия и торговля шелком в V-VII вв. // Византийский Временник, Т. I (XXVI),-М., . Изд. АН СССР, 1947, с.210.

[3] Ҳамон ҷо, с.211.

Илова бар ин, дар тӯли солҳои ҳамзистии осоишта, мубодилаи мол дар байни халқҳои муқимии Эрони шарқӣ (суғдиҳо, бохтариён, фарғонагиҳо ва ғ.) ва қабилаҳои туркӣ ба роҳ монда шуда, маҳсулоти нассоҷӣ ва дигар маҳсулоти косибии онҳо ба маҳсулоти шириву гӯштии кӯчманчиён иваз карда мешуданд. Халқҳои бодиянишин, инчунин ба суғдиён корвонҳои савдоро дар хатсайрҳои тӯлонии Шоҳроҳи абрешим муҷаҳҳаз гардонида, натанҳо бо наклиёти боркаш (шутур, асп, хачир ва ғ.), балки бо посбонони мусаллаҳ низ таъмин мекарданд.

Ин робитаҳо ба дараҷае самарабахшу тӯлонӣ буданд, ки суғдиён дар соҳили рости дарёи Сир як қатор шаҳрҳои худро бунёд карданд, ки аз маҷрои миёнаи ин дарёи бузург то соҳили Иссиққӯли назди Тиёншон тӯл кашиданд. Аз рӯи маълумоти коршиносон, «танҳо дар водии Чуй дар асрҳои VI-VIII ҳадди аққал 18 шаҳри калон ва шумораи зиёди маҳаллаҳои хурд мавҷуд буданд, ки онҳоро суғдиҳо, туркҳо, суриягиҳо, форсҳо бунёд кардаанд»[1]. Тарзи зиндагии аҳолии сермиллати соҳили рости Сир ба тарзи ҳаёти аҳолии бумии Варорӯд (аниқтараш, давлати Суғди қадим) мушобеҳ буд. Роҳиби машҳури буддоӣ Сюан-тсзан, ки ин роҳи дарозро дар нимаи аввали асри VII аз ҳавзаи Оксуи ҳавзаи Тарим тавассути ағбаи Тиёншон дар минтақаи Иссиққӯл то Дарвозаи оҳан (то марзи Суғд бо Бохтар) тай намуд, ягон тафовути мушаххасро эҳсос накард. Вай тамоми ин минтақаи васеъро «Сули», яъне Суғд номид[2].

Дар ин давра, вақте ки синтези суғдӣ-туркӣ аллакай шакл гирифта буд, аз ғарб арабҳо бо дини нави худ – ислом омаданд, аз ин рӯ, тавре дар боло дида баромада шуд, давлати Суғд, дар тафовут аз дигар минтақаҳои тоҷикон, дар иттифоқ бо туркҳо ба забткорони

[1] Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей. – СПб, Петербургское востоковедение, 2004,с. 103.
[2] Сюань-цзан. Записки о Западных странах [эпохи] Великого Тан (Да Тан си юй цзи). – М. “Восточная литература”, 2012, с. 40.

нав муқовимати сахт нишон дод. Чуноне ки дар оғози ин бахш ишора карда шуд, тибқи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ аз кӯҳи Муғ, дар паҳнои кишварҳои Суғд ва Бохтар алоқаи наздик ва ҳамкории суғдӣ-туркӣ аллакай амалӣ мешуд. Аз ин рӯ, муқовимати суғдиён дар иттифоқи зич бо қабилаҳои туркӣ бар зидди истилогарони араб аз минтақаҳои дигари таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон тӯлонитар ва сахттар гардид.

Пас аз паҳну устувор шудани дини ислом, на шаҳри тиҷоратии Самарқанд, балки Бухоро тадриҷан ба маркази таваҷҷӯҳи рӯҳониёни ислом табдил ёфт. Агар пешвои низомии тоҷик Абӯмуслим на танҳо Варорӯд, балки тамоми Туронро аз ғасби империяи чинии Тан дар давраи ҷанги Талас (751) наҷот дода бошад, пас Сомониён на танҳо хатари эҳтимолиро аз Дашти Бузург бартараф карданд, балки, аксари амирони ин хонавода ба паҳн кардани фарҳанг ва тамаддуни ислом дар ҳудуди бепаҳнои он машғул шуданд.

Таваҷҷуҳи бузурги амирони Сомониён ба сарзаминҳои шимолӣ, ки қабилаҳои туркӣ дар он ҷо афзалият доштанд, аслан замоне ба миён омада буд, ки ду нафар аз чаҳор бародарон-ҳокимони аввали Сомониён дар вилоятҳои Шош ва Фарғона ҳокимияти худро барқарор кард буданд. Баъди он байни ин вилоятҳои канори ҷаҳони ислом ва ҷаҳони бодиянишинҳо на танҳо сарҳади маъмурӣ, балки тамаддунӣ низ бо заминҳои ин ғайриддинҳои («кофирон») бодиянишинҳо ба миён омад. Бародари калонӣ амир Нӯҳ, ҳокими Самарқанд гардида, чун бузургтарин намояндаи дар сулолаи нуфузаш боло рафтаистода, аллакай соли 840 ба Исфиҷоб (вилояти Шимкенти муосири Қазоқистон) лашкаркашӣ карда, маҳалҳои суғдиҳои соҳили рости Сирдарёро бо боқимонда вилоятҳои Варорӯд дубора пайваст намуда, ба тобеияти худ даровarда буд. Ин лашкаркашӣ на ба оқибатҳои хунин, балки барои ба ҷаҳони тамаддун ва фарҳанги ислом пайвастани он сабаб шуд, чунки сулолаи маҳаллии туркӣ қудрати худро нигоҳ дошта, бо

фиристодани андози рамзӣ ба Сомониён имтиёзҳои калонро соҳиб ҳам гашта буд[1].

Хонаводаи амир Аҳмади Сомонӣ - ҳокими Фарғона дар байни бародарони дигар обрӯ эътибор ва нуфузи худро боло бурда, ба равандҳои Дашти Бузург диққати махсус медод. Агар яке аз аввалин амирон аз Сомониён Нӯҳ барои қатъ кардани ҳамлаҳои қабилаҳои турк ба вилоятҳои дохилии Варорӯд ба соҳили рости Сир лашкар кашида бошад, пас аз ним аср амири дигар Исмоили Сомонӣ аллакай ба шаҳри Тароз юриш мекунад. Ин дафъа ҳадафи асосии ин маърака на пешгирии ҳуҷумҳои ногаҳонӣ кӯчманчиён, балки паҳн кардани дини мубини ислом дар байни қабила ва халқиятҳои туркӣ буд, зеро амир калисои насрониҳои (несторианҳои) дар шаҳр бударо ба масҷиди ҷомеъ табдил медиҳад.

Акнун синтези суғдӣ-туркӣ, ки дар солҳои аввали ҳуҷуми арабҳо коста шуда буд, на танҳо барқарор гардид, балки баъдтар ба сатҳи баландтар – синтези тоҷикӣ-туркӣ тавассути қабули ислом аз ҷониби ҳар ду халқ бардошта шуд. Ин рисолати таърихии Сомониён ва донишмандҳои сершумори тоҷики мусулмон буд, ки тамаддуни исломро дар байни қабилаҳои сершумори туркӣ паҳн мекарданд. Ин синтези тоҷикӣ-туркӣ на танҳо кафолати болоравии фарҳангии қисмати шарқи ҷаҳони ислом, балки оғози паҳншавии он ба минтақаҳои паҳновари Авруосиё гардид. Вақте ки қабила ва халқиятҳои туркӣ тавассути забткориҳо империяҳои бузурги исломиро таъсис доданд, вазирон ва амалдорони баландпоя аз тоҷикон пас аз ин истилоҳо барои ҷорӣ намудани тартибот ва беҳбудии минбаъдаи ин давлатҳои нав даъват карда шуданд, ки дар он ҷо субот ва рушди устуворро таъмин созанд.

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. Т.I.- М.:Восточная литература, 1963, с.270.

## 2.6. Такмили амалияи сарпарастӣ аз болои «аҳли қалам»

Суханони коршиноси машҳури рус оид ба Осиёи Марказӣ Лев Гумилёв: «маҳз тоҷиконро сулолаи маҳаллии Сомониён роҳбарӣ мекарданд ва фарҳанги эҷодкардаи онҳо мисли алмос медурахшид, ки дар муқоиса бо он ҳамаи дигарон чанбарак мебошад»[1] нақши ин хонаводаи амиронро дар такмили амалияи исломи давраи аввал-сарпарастӣ нисбати қишри зеҳнии мардуми он («аҳли қалам») хеле дақиқ ва кӯтоҳ тасвир менамояд.

Гарчанде дар бисёр давлатҳои исломии он давра мо ин таҷрибаи ғамхорӣ ба одамони эҷодкор ва илмро мушоҳида менамоем, лекин дар замони Сомониён он ба дараҷаи сиёсати афзалиятноки давлатӣ бардошта шуда буд.

Шарқшиноси маъруфи рус В. В. Бартолд таъкид менамояд: «Тантанаи фарҳанги мағлубшудагон бар ғолибон маҳз дар қисми буддоии Эрон ба даст омадааст; ахбор дар бораи пайдоиши як намуди мактаби олии динии исломӣ- мадраса, дар бораи ватани аввалин мусулмонон-суфиён дар Осиёи Миёна, дар бораи эҳёи забон ва адабиёти форсӣ дар Осиёи Миёна ба ҳамин Эрони буддоӣ ишора мешавад» [2].

Ба андешаи мо, ба даст овардани чунин қуллаҳои баланди илм, фарҳанг ва адабиёт, пеш аз ҳама, ба шарофати бекор гардидани «лаънати» хат (навиштаҷот) дар зардуштия, ки дар суннати он хат «ғайриқонунӣ» буда, интиқоли шифоҳии иттилоот васеъ татбиқ карда мешуд, имконпазир гардид. Шомил шудани зардуштиён, ниёгони халқи тоҷик, ки асосан интиқоли шифоҳии иттилоотро сахт риоя мекарданд, ба қатори «халқҳои хаттӣ» («халқҳои китобдор») аз ҷониби таълимоти ислом, яке аз

---

[1] Гумилев Л.Н. Древняя Русь и Великая Степь. –М.: 1992, с. 208

[2] Бартольд В.В. Арабское завоевание и Туркестан при Саманидах.// Сочинения Т. II. Часть I.-М.: Восточная литература, 1963, с. 119.

суръатбахши асосии табдили Варорӯд ва Хуросон ба маркази илм ва фарҳанг дар давраи Сомониён ба шумор меравад.

Анъанаи шифоҳӣ, ки пеш аз ислом ривоҷ ёфта буд, интиқоли иттилоот байни наслҳо ба таври шифоҳӣ, аз хотира, бо усулҳои тағйирдиҳӣ мебошад, ки мутаассифона, барои таҳриф ва аз худ бофта баровардан фазои кушод мемонад. Агар дар дигар халқҳои қадим пеш аз пайдоиши хат маҳз дар шакли шифоҳӣ таҷрибаи иҷтимоӣ, донишҳо дар бораи гузашта ҳифз гашта ва аз насл ба насл мегузаштанд, пас гузаштагони халқи тоҷик онро дар муддати тӯлонӣ (то нимаи асри миёна) барои анъанаи зардуштӣ нигоҳ медоштанд. Таърихи шифоҳӣ дар шакли ривоятҳо, достонҳо ва шаҷараҳои наслӣ шакли аввалини афкори таърихии халқҳои қадим буд ва баъдтар ҷамъ овардани он дар китоби муқаддаси зардуштиён «Авасто» далели ин амал мебошад.

Анъанаи шифоӣ ба андозаи зиёд, бо истифода аз ангезаҳо ва воситаҳои бадеӣ, тасвири ҳодисаҳои воқеии таърихӣ, бо тахайюлоти халқӣ орододашуда ва иловагардида, метавонист аз воқеият хеле дур гардад. Анъанаи шифоҳӣ дар рушди динҳо, алахусус дар дини зардуштӣ, ки сабти матнҳо дар ибтидо таҷриба карда намешуд, нақши бузург дошт. Навиштани матн баробари «ба тартиби муайян даровардани таърих» (кодификатсия)-и он буд, ки минбаъд манъ кардани тағйиротро дар назар дошт. Аз ин рӯ, барои он, ки маълумоти сабтшуда воқеияту эътибори матнҳои хаттии аллакай мавҷудбударо тағйир надиҳад, тафсир бояд шифоӣ бошад. Барои ҳамин, масалан, дар байни муҳаққиқон, ҳам аз ҷиҳати муайян намудани ватан ва ҳам замони зиндагии Паёмбари аввалини дини тавҳидӣ – зардуштия Зардушт[1] фикри ягона мавҷуд нест. Аз ин рӯ, ҳар як муҳаққиқи ҷиддӣ далели худро дар бораи рӯзгори ин аввалин Паёмбари халқи тоҷик ба

[1] Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа.-Душанбе, «Дониш», 2000,с. 46-53.

миён мегузорад. Мутахассиси шинохтаи масоили зардуштия Мэри Бойс давраи зиндагии Зардуштро ба миёнаи ҳазораи II пеш аз милод нисбат медиҳад[1]. Мо ба мавқеи коршиноси рус И.В. Пянков, ки дар асоси санҷиши мунаққиди суннатҳои зардуштӣ, вақте ки замони воқеии паёмбари зардуштиро ба замони баъдтар (660-583 то милод)[2] рабт медиҳад, бовар дорем. Муаллифи китоби машҳури «Тоҷикон» академик Бобоҷон Ғафуров иқрор мекунад, ки Бохтар вилояте буд, ки дар он ҷо «зардуштия яке аз аввалинҳо шуда, хеле барвақт паҳн шудааст»[3]. Вале донандаи хуби Ориёнои қадим И.В. Пянков, хатсайри сафари Зардуштро ба Бохтари қадим бодиққат муқоиса карда, ба хулосае омадааст, ки ватани аҷдодии ӯСуғд аст[4].

Ҳатто пас аз пайдоиши хат дар Эрон, Хуросон ва Варорӯд дар тӯли ҳазорсолаҳо усули асосии интиқоли матнҳои зардуштӣ ба таври гуфторӣ (шифоҳӣ) боқӣ монда, нигаҳбонони матн коҳинон (мубадон) буданд. Агарчи мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои паҳлавӣ, ваҳйе, ки Зардушт аз Аҳуромаздо гирифтааст, зери сарпарастии шоҳи Каёниён Кави Виштасп (ҳокими Бохтари қадим) ҷамъоварӣ карда шуда, дар пӯсти 200 ҳазор барзагов сабт гардидааст, ки бо фармоиши Искандари Мақдунӣ зери оташ нобуд шудаанд ва як қисми дигарашон тибқи ин маълумотҳо ба забони юнонӣ тарҷума шудааст[5]. Даврони пайдоиши матни аслии хаттии китоби «Авасто» таърихи хеле дертар дорад (асри III то м.)[6]. Сарфи назар аз ин воқеияти

---

[1] Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи.-М.: «Наука», 1988, с.27.

[2] Пьянков И.В. Зорастр в истории Средней Азии: Проблема места и времени.// Вестник древней истории, 1996, №6, с. 16-17.

[3] Гафуров Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. -М.: «Наука», 1972, с. 52-53.

[4] Пьянков И.В. Зорастр в истории Средней Азии: Проблема места и времени.// Вестник древней истории, 1996, №6, с. 11-16.

[5]Ниг. Зендавеста. Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона.// https://ru.wikisource.org/wiki/и санаи мурочиат 05.10.2020.

[6] Васильев Л.С. История религий Востока. Учебное пособие для вузов.-4-е тзд.-М.: «Книжный дом Университет», 1999, С.64

таърихӣ, ки анъанаи маъруфи сабти хаттии маълумот танҳо ба замони охири ҳукмронии Сосониён, яъне дар асрҳои V-VI пайдо шуд, ки барои навиштани китоб, алифбои махсуси фонетикии авастоӣ ихтироъ карда шуд, аммо ҳатто баъд аз он суннати авастоӣ то замони пайдоиши ислом анъанаи шифоҳиро, асосан, нигоҳ дошт.

Ҳамин тариқ, то замони пайдоиши дини ислом ва паҳн шудани он дар саросари Эрон ва минтақаҳои таърихиву фарҳангии ниёгони халқи тоҷик (Хуросон ва Варорӯд), дар тӯли зиёда аз ду ҳазорсола як қабати азими маводи иттилоотӣ дар бораи зиндагии гуногунҷабҳаи ниёгони тоҷик ҷамъ шуда буд. Сарфи назар аз таҳрифоти замонӣ ва ҳудудии худ, онҳо то замони инъикоси васеи хаттии худ расида омаданд.

Гарчанде дар давраи пеш аз ислом, забонҳои суғдӣ ва бохтарӣ ба баъзе дастовардҳо ноил гаштанд, вақте ки матнҳои буддоӣ, несторианӣ ва монавӣ ба ин забонҳо дар минтақаҳои калони шарқи Авруосиё васеъ паҳн мешуданд, аммо дини ҳукмфармои ин даврон– зардуштияи гузаштагони мо бо анъанаҳои шифоҳии худ, неру ва тавоноии мардумро барои гузаштан ба сабти хаттии он боғоҷи азими илмӣ ва фарҳангии дар тӯли ҳазорсолаҳои ҳаёти фарҳангии дар қалби Авруосиё ҷамъшуда, маҳдуд мекард.

То замони густариши ислом, дини зардуштӣ як табақаи нисбатан калони афзалиятдошта аз ашхоси олирутбаи давлат – рӯҳониён (мубадҳо)-ро ба вуҷуд овард, ки барандагони анъанаи ҳазорсолаи интиқоли шифоҳии борҷомаи бузурги маводи таърихӣ, фарҳангӣ ва маълумоти дигар буданд, ки на ҳамаи онҳо дар паноҳи дини ниёгони худ монданд. Гузариши пайдарпаи онҳо ба дини ислом бо афзоиши тадриҷии фарҳанги исломӣ такон бахшид. Ин ақида дар тасвири ҳаёт ва фаъолияти яке аз нахустин нависандагони эронитабори араб Рӯзбеҳ Дадое (солҳои тақрибан

724-759) тасдиқи худро меёбад. Ин намояндаи як хонаводаи ашрофзодаи эронӣ аз падари худ машварат гирифтааст, ки дини исломро қабул кунад ва ба хизмати давлатӣ ворид шавад, баъдан номи мусулмонӣ Абдуллоҳ ибни Муқаффаъро мегирад. Дар шаҳри Басра, ки қароргоҳи волии кишварҳои шарқи хилофат буд, бо забони арабӣ маълумоти зарурӣ гирифта, ба хидмати арабҳо ворид мешавад. Ҳамчун дабири Исо ибни Алӣ, амаки халифа Мансур, ӯ ба тарҷумаи «Категорияҳо»-и Арасту, «Худойнома» (тимсоли «Шоҳнома») ва «Калила ва Димна» ба забони арабӣ машғул шуд. Асари охирин аз нусхаи тарҷумаи ӯ ба бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷума шудааст[1]. Хидмати асосии ин нависанда дар он аст, ки ӯ дар ибтидои паҳншавии фарҳанги исломӣ пешсафи шумораи зиёди мутафаккирони эронӣ гардид, ки онҳо дар эҷодиёташон беҳтарин намунаҳои халқҳои қадимаи эрон, ҳиндӣ ва юнониро ҷамъоварӣ карданд. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ «Худойнома»-ро аз забони паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума кард, ки пас аз он ин асар барои тамоми ҷаҳони ислом дастрас шуд, вале то замони мо омада нарасид. Ин аввалин кӯшиши эҷоди ёдгории асосии хаттии халқҳои эронӣ буд, ки зиёда аз 250 сол пеш аз эҷоди Фирдавсии бузург ба амал омада буд.

Пас аз истиқрори қатъии ислом дар шарқи хилофат, чуноне дар боло ишора гардид, вазирони хирадманди хилофати Аббосиён, собиқ буддоиҳо- Бармакиён иштибоҳи таърих нисбати гузаштагони халқи тоҷик (набудани анъанаи пурраи инъикоси хаттии маълумотҳо) ҳадафмандона ислоҳ карда, тавассути инъикоси хаттӣ болоравии бесобиқаи фарҳанги ниёгони халқи тоҷикро ба маҷрои дуруст равона карданд. Фаъолияти васеи тарҷумонии афкори илмии гузаштагони халқҳои қадимаи юнонӣ, сурияғӣ, ҳиндӣ ва дигар халқҳо таҳти

[1]Ибн-эль-Мокаффа // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона: в 86 т. - СПб. 1890-1907.// https://ru.wikisource.org/wiki/ санаи мурочиат 05.10.2020.

роҳбарии Бармакиён ва оғози сабти хаттии мероси бузурги шифоҳии халқи тоҷик заминаи мустаҳкам ба вуҷуд овард, ки афкори илмии босуръат шаклгирифтаистодаи халқи тоҷик ба он такя менамуд.

Бояд тазаккур дод, ки анъанаи шифоҳии ниёгони халқи тоҷик барои рушди фарҳанги мусулмонӣ низ манфиати зиёд овард, зеро омӯзиши матни Қуръони карим ва ҷамъоварии шифоҳии ҳадисҳои Паёмбар натанҳо хуш пазируфта мешуд, балки инчунин дар уммати ислом ба он баҳои баланд дода шуд. Гузаштагони мо, маволии (ғуломони) дирӯза, ба сохтори таълимоти ислом тавассути мактабҳои (мазҳабҳои) ҳуқуқӣ (ҳанафия ва ҳанбализм) шакли возеҳ ва мукаммал дода, ба зудӣ дар фарҳанги маънавии ислом ҷойгоҳи баланди худро ишғол карданд.

Ҷорӣ ва паҳн шудани хатти арабӣ на танҳо худи арабҳо, балки халқҳои дигар, аз ҷумла халқҳои эрониро низ фаро гирифт. Тибқи гуфтаи муаррихон, он ба ташаккули забони форсии нав ва дар заминаи он назми навро, ки ҳам ба андозае форсӣ ва ҳам арабиро фаро мегирифт, ташаккул дод[1]. Мутобиқи ақидаи муҳаққиқ академик В.В. Бартолд, аниқтараш, аввалин шеъри эронӣ шеъри табрикотӣ буд, ки ҳангоми вуруди халифаи оянда Маъмун (с. 813-833) ба Марв (қароргоҳи волии Хуросон) аз ҷониби Аббос ибни Тархон бо решаҳои варорӯдӣ хонда шуда буд[2]. Аммо, ин шеър аз жанри мадҳия буд, ки мутаассифона, баъдтар ба ҳама ҷо паҳн гардид.

Анъанаи хуби сарпарастӣ ба «аҳли қалам»-и Бармакиёнро баъдтар Тоҳириён аз худ карданд ва тавассути нақши миёнаравии онҳо (табдили Нишопур ба маркази фарҳангии хилофат) ин

[1] Бартольд В.В. Персидская культура и ее влияние на другие страны. Сочинения. Т. VI.- М.: «Наука», 1966, с. 176-177.
[2] Ҳамон ҷо, с.177.

анъанаи хуб ба Сомониёни баландмаърифат омада расид. Эстафетаи фарҳангии «Бағдод-Нишопур-Бухоро» имкон дод, ки ин анъана натанҳо аз ҷониби амирони хонаводаи Сомониён ҳифз карда шавад, балки он дар Варорӯд ва Хуросон низ ба авҷи аъло расад.

Дар ин ҷо бояд таъкид кард, ки нақши истисноии аввалин мусулмонон (*муҳоҷирон* ва *ансорон*) дар густариши исломи ибтидоӣ боиси бадбинии онҳо нисбати мусулмонони нав – *мавлоӣ* (ғуломон, муштариён) гардид, ки аксарияти онҳо аз шарқи хилофат буданд, ки онҳоро ба таври таҳқиромез *аҷамӣ* («гунг», «ғайриараб») меномиданд[1]. Бешубҳа, тавре ки дар боло қайд шуд, мардуми шарқи Эрон, пеш аз ҳама тоҷикон, ҳангоми қабули дини нав ҳамзамон барои ҳифзи забони модарии худ тамоми чораҳои имконпазирро андешиданд. Дар ин ҳаракати оммавӣ як ҷунбиши фарҳангӣ бо номи «*шуубия*» (арабӣ «халқ, мардум») ба вуҷуд омад, ки эроншиноси маъруфи олмонӣ Бертран Фрагнер онро одилона ба ҳайси «шуури коллективонаи мардумӣ» мешуморад[2]. Ин «шуури дастаҷамъии мардумӣ» бо сардории Бармакиёни донишманд ба дараҷае хуб фаъолият намуд, ки *аҷамӣ* дар маркази хилофат аз номи нахуст таҳқиромез ба номи пуршарафи халқи тоҷик мубаддал гашт, ки халифаҳои барҷаста (Ҳорун ар-Рашид) ба онҳо ҳасад мебурданд. Чун мутахассис қайд кардааст: «(онҳо) дар бораи худ ҳамчун ворисони анъанаи баланди фарҳангӣ сухан мегуфтанд ва метавонистанд бо ҳисси афзалият аз писарони биёбони араб, ки борҷомаи хоксоронаи фарҳангии худро ошкор кардаанд, фосила бигиранд»[3].

---

[1] Фрагнер Б. Персофония. Региональность,идентичность,языковые контакты в истории Азии [пер. с нем. Э.Н. Сагетдинов].-М.: Фонд Марджани, 2018,с. 33.
[2] Фрагнер Б. Персофония. Региональность,идентичность,языковые контакты в истории Азии [пер. с нем. Э.Н. Сагетдинов].-М.: Фонд Марджани, 2018, с. 34.
[3] Ҳамон ҷо, с. 34.

Ҳамин тариқ, дар даврони ҳукмронии Сомониён, мавҷудияти давлати мутамарказ, ки ба қишри калони баргузидаи анъанавӣ дар шахси деҳқонон (заминдорони калон) ва тоҷирони сарватманд (Шоҳроҳи Абрешимро дар ихтиёри худ дошта) такя мекард, ҳангоми пешбурди сиёсати андози мутавозин, чун пойдевори мустаҳкаме хизмат намуд, ки дар болои он таҷрибаи машҳури сарпарастӣ нисбати «аҳли қалам» ташаккул ёфт.

Маълум аст, ки «сарпарастӣ» («метсенатство») аз номи ашрофи римӣ Гай Метсенат, ки ҳомии шоирон ва рассомони замони худ буд, гирифта шудааст[1]. Бо мурури замон, сарпарастони сарватманди намояндагони фарҳанг, санъат ва илмро ҳомиён меномиданд. Бисёре аз онҳо (ҳамчун оилаи Медичи дар Флоренсия) дар радифи рассомон, олимон, нависандагони барҷаста ба таърихи фарҳанг ворид шуданд, зеро онҳо ба рушди эҷодиёти онҳо, гул-гул шукуфии санъат ва ҷалби оммаи васеъ ба дастовардҳои беҳтарини фарҳангӣ саҳми назаррас доранд.

Ба андешаи мо, саҳми амирони Сомониён дар Шарқ аз хидматҳои хонаводаи машҳури Медичӣ дар ғарб кам нест, зеро вусъати фаъолияти онҳо аз доираи як шаҳр, тамоми кишвар, як минтақа хеле берун рафта буд.

Чуноне Низомулмулк иттилоъ медиҳад, ба Амир Исмоили Сомонӣ натанҳо ғамхорӣ дар ҳаққи «аҳли қалам», балки дар маҷмӯъ дар бораи тамоми табааи давлат хос буд, зеро вай одати дар фасли зимистон ба асп савор шуда, аз қаср ба ҳавлиҳои наздик аз вазъи мурочиаткунандагон, ки ба қасри амир бо шикоятҳо ё дархостҳои гуногун меомаданд, рафтан ва шинос шуданро дошт. Хизмати шоистаи асосии Исмоили Сомонӣ дар он аст, ки амир давлати мутамарказ ва устуворро бо бюрократияи

[1] Меценат.// Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона: в 86 т. - СПб. 1890-1907.// https://ru.wikisource.org/wiki/ санаи мурочиат 05.10.2020.

дараҷаи олӣ, ки дар он замон (асри X) яке аз ободтарин давлатҳои ҷаҳон маҳсуб меёфт, таъсис дод, ки бисёре аз «аҳли қалам»-ро ба он ҷо ҷалб мекард[1].

Салтанати набераи ӯ Насри II (914-943) бошад, «давраи тиллоӣ»-и замони ҳукмронии Сомониён маҳсуб меёбад. Аллакай аз замони оғози ҳукмронии ин хонавода бюрократияи Сомониён тасдиқ гардида, ба хурдсолии амир (ӯ ҳамагӣ ҳаштсола буд) ва муборизаи хешовандони ӯ барои қудрат нигоҳ накарда, он дақиқ ва мӯътадил амал мекард. Асрори ин вазъияти эътидол, ки тақрибан сеяки аср идома дошт, дар он буд, ки аз номи амир ду вазири машҳур – Абуабдуллоҳ Ҷайҳонӣ (914-922, 938-941) ва Абулфазл Балъамӣ (922-938) ҳукуматро идора мекарданд. Онҳо, асосан, барои гул-гулшукуфии адабиёт, фарҳанг ва илм дар давлати Сомониён масъул буданд.

Вазири бузург Ҷайҳонӣ як фарди маърифатпарвар ва ҷуғрофидони номдор буд. Агарчи асари ҷуғрофии ӯ («Китоби роҳҳо ва кишварҳо») то ба мо нарасидааст, лекин порчаҳо аз он ба асарҳои муаллифони дигари асримиёнагӣ ворид гардидаанд. Вай маълумоти ҷуғрофиро аз ҳоҷиён, тоҷирон ва дигарон, ки ба кишварҳои исломӣ ё қад-қади Шоҳроҳи абрешим сафар мекарданд, ҷамъоварӣ менамуд. Таваҷҷуҳи ӯ танҳо бо илми ҷуғрофӣ маҳдуд нагардида, вай бо дигар илмҳои замони худ низ шуғл дошт, вале осори ӯ, мутаассифона, то имрӯз боқӣ намондааст. Машғул гардидани бузургтарин вазири давлати рушдкардаистодаи Сомониён ба илмҳои муосир, дар замони коҳиш ёфтани аҳамияти фарҳангии Бағдод, барои табдил додани Бухоро ба маркази илми ҷаҳони ислом мусоидат кард, ки дар ин давлат бисёр олимон, мунаҷҷимон ва дигар намояндагони «аҳли

[1] Бартольд В.В. Персидская культура и ее влияние на другие страны. Сочинения. Т. VI.- М.: «Наука», 1966, с.177.

қалам»-ро ҷамъ овард[1]. Абуфазл Балъамӣ, ки Ҷайҳониро ҳамчун вазири бузурги Сомониён дар мансаб иваз кардааст, инчунин шахси бомаърифат буд ва таҷрибаи пешгузаштаи худро дар мавриди сарпарастии аҳли илму фарҳанг идома дод.

Аз тамоми номгӯйи илму адабиёт, адабиёти тоҷик, ки аз «лаънати хаттӣ»-и зардуштия раҳо ёфта, дар заминаи забони ягонаи тоҷикӣ (дарӣ) эҷод мегардид, ба қуллаҳои баландтарин расид. Асосгузори адабиёти тоҷик Абуабдулло Ҷаъфар Рӯдакӣ (вафоташ с. 941), ки дар деҳаи кӯҳистонии маркази давлати Сомониён (Панҷрӯди Заравшон) таваллуд шудааст, ба сабаби қобилияти барҷастаи шоирӣ ва мусиқии худ ба дарбори амир Насри II даъват шудааст. Фаъолияти ӯро дар дарбори амир ба ҷуз аз эҷоди ашъори олӣ, инчунин мураббигии шоирони ҷавон, ки дар дарбори амир ҷамъ омада буданд, ташкил мекард, аз ин рӯ, на танҳо ҳамзамононаш, балки шоирони барҷастаи тоҷику форси садсолаҳои баъдин ӯро устоди худ мешумориданд [2]. Ҳамчун намунаи барҷастаи ба даст овардани қуллаҳои бесобиқаи адабиёти тоҷик бевосита дар даврони рӯзгори асосгузори он Рӯдакӣ, як ҳодисаи таърихӣ хизмат мекунад. Амир Насри II мулкҳои ғарбии худро дар Хуросон аз назар гузаронида, якчанд моҳ дар шаҳри Ҳирот мемонад. Ягон касе (на вазири бузург, на пешвоёни ҳарбӣ ва на дигарон) ӯро барои бозгаштан ба пойтахти худ маҷбур карда натавонист, танҳо Рӯдакӣ, бо рамз бузургии ҷойгоҳи (Ҷӯйи Муллиён) дар Бухоро, ки дар атрофаш қаср ва девонҳои амир дар Бухорои шариф воқеъ буд, суруда, ин корро карда тавонист ва амирро ба Ватан баргардонд[3].

---

[1]Cambridge History of Iran. V. IV.-Cambridge, Cambridge University Press, 2008. s. 142; Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 229-230.

[2] Гафуров Б. Точикон. Таърихи кадимтарин, кадим, асри миёна ва давраи нав. К.I. – Душанбе, «Ирфон», 1998, с. 512-514

[3] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 229.

Бояд гуфт, ки дар байни ҳамзамонони Рӯдакии бузург, ба мисли Абулҳасан Шаҳиди Балхӣ, Абушакур Балхӣ ва садҳо шоирони дигар ва Робиа Балхӣ, аввалин шоираи барои мо маълум, бо забони модарии тоҷикии худ эҷод мекарданд[1]. Ин далели таърихӣ аз фазои шоирона доштани даври Сомониён шаҳодат медиҳад, ки тавонистааст намояндаи эҷодкори ҷинси латифро низ фаро гирад. Нуктаи баландтарини парвози баланди адабиёти тоҷик дар даврони Сомониён, бешубҳа, асари ҷовидона-«Шоҳнома»-и Фирдавсии бузург аст, ки дар худ осори қариб се ҳазорсолаи эҷодиёти шифоҳии ниёгони тоҷикро (аз шоҳаншоҳони афсонавии тоҷикон- Пешдодиён то сулолаи охирини тоисломӣ -Сосониён) гирд овардааст. Агар «Куллиёт”-и устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар дарбори худи амири Сомониён эҷод шуда бошад, пас «Шоҳнома»-и устод Абулқосим Фирдавсӣ таҳти сарпарастии волии Сомониён Абумансур Абдураззоқ дар шаҳри Тус эҷод карда шудааст[2]. Ин маънои тадриҷан паҳн шудани амалияи сарпарастӣ аз марказ то ба тамоми шаҳру вилоят ва дигар канораҳои давлати азимро дорад. Муаллифони «Таърихи Кембриҷии Эрон» хабар медиҳанд, ки «олимон дар дарбори Бухоро ва дар дарборҳои музофотии Сомониён, ки суннати Бухороро нусхабардорӣ мекарданд, дилхоҳ буда, хуш мепазируфтанд. Шоирон ва достонсароён низ хуш пазируфта шуданд, ки маъруфтаринашон Дақиқӣ буд»[3]. Ба вай, ба аввалин муаллифе, ки кӯшиш дошт, ривоятҳои мардумии халқи тоҷикро баён намояд, ба мисли бисёр мутафаккирони он замон, озодфикрӣ хос буд, ки «ошкоро мегӯяд, ки май, лабҳои маҳбубаи худ ва таълимоти Зардуштӣ аз ҳама чизе афзалтар аст»[4].

---

[1] Гафуров Б. Точикон. Таърихи кадимтарин, кадим, асри миёна ва давраи нав. К.I. – Душанбе, «Ирфон», 1998, с. 514.
[2] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 234.
[3] Cambridge History of Iran. V. IV.-Cambridge, Cambridge University Press, 2008, s. 154 ;
[4] Бартольд В.В. Персидская культура и ее влияние на другие страны. Сочинения. Т. VI.-М.: «Наука», 1966, с.178.

Абумансур Дақиқӣ фаъолияти худро дар дарбори волии Чағониён (вилоят дар миёнаи ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҷойгиршуда) оғоз намудааст ва барои дониши васеи ӯ дар бораи таърихи ҳамосавии ниёгони тоҷикон, Амир Нӯҳи II (976-997) ӯро ба дарбори худ даъват намуд. Дар ин ҷо, ӯ аз амир дастур гирифт, ки дар асоси ривоятҳои ҳамосавии дар байни мардуми тоҷик паҳншуда «Китоби шоҳон» («Шоҳнома»)-ро эҷод намояд. Вале, ӯ ҳангоми ҷамъоварӣ, аз рӯйи баъзе тахминҳо, аз 1000 то 20 000 байт, аз дасти нерӯҳои хурофотпарасти динии аморат ба қатл расонида шуд. Ин қисмати ривоятҳои аз тарафи Абумансур Дақиқӣ таҳия карда шуда, баъдтар ба “Шоҳнома”-и Фирдавсии бузург шомил карда шуд[1].

Муаррихон вазъи адабиёти тоҷику форсро дар давраи ҳукмронии сулолаҳои эронӣ-Сомониён ва ҳамзамонони онҳо Оли Бӯйяро (дар маркази Эрон ҳукмронӣ мекарданд) муқоиса намуда, афзалияти аввалинро дар Варорӯд ва Хуросон қайд мекунанд. Академии рус В.В. Бартолд менависад: «Оли Бӯйя бо худ ягон анъанаи адабиро аз минтақаҳои наздикаспий наоварданд, онҳо ба адабиёти араб пурра мутеъ буданд ва нисбат ба форсӣ комилан бетафовут буданд. Аз шоирони форсии ин давлат ягон касе шуҳрат пайдо накардааст; дар айни замон, назми форсӣ дар давлати Сомониён ва ворисони онҳо дар минтақаҳои шарқии Эрон – Ғазнавиён рушди худро идома дод»[2].

Эҷоди «Шоҳнома»-и ҷовидона, ки маҷмуаҳои ибтидоии Дақиқиро низ дарбар мегирифт, аз хусусияти он замоне шаҳодат медиҳад, ки халқи воҳиди тоҷик аз якчанд қисмҳо ташаккул ёфта, давраи гузаришро аз анъанаи шифоҳии зардуштия ба сабти тамоми мероси илмӣ, фарҳангӣ ва фолклории ниёгони худ ба хат

[1] Гафуров Б. Точикон. Таърихи кадимтарин, кадим, асри миёна ва давраи нав. К.I. – Душанбе, «Ирфон», 1998, с. 515.
[2] Бартольд В.В. Персидская культура и ее влияние на другие страны. Сочинения. Т. VI.- М.: «Наука», 1966, с.179.

анҷом додааст. Мутахассиси дар боло зикршуда махсус таъкид мекунад: «дар адабиёти ҷаҳонӣ он (“Шоҳнома” – М. А.) комилан, ягона аст, зеро кулли дигар халқҳои бузург айёми гул-гулшукуфии ҳаёти сиёсии худро дар замоне сар карданд, ки ҷаззобии хамоса (эпос) аллакай аз ҳисоби китобпарастӣ хароб шуда буд» [1].

Адабиёти тоҷик, ки аллакай дар даврони асосгузори худ (Рӯдакӣ) ба қуллаҳои бесобиқа баромадааст, дар он қулла чандин садсолаҳо боз натанҳо дар Варорӯд ва Хуросон, балки ба соҳили халиҷи Бангола дар ҷанубу шарқ ва гулугоҳи Босфор дар ғарб низ расида, ба шарофати идома додани суннатҳои Сомониён аз ҷониби ворисони онҳо, ки дар симои султонҳои Бангола ва салҷуқӣ-усмонӣ, боқӣ монд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷуғрофия ва минтақашиносӣ дар дарбори амир бо ибтикори вазири бузург Абӯабдулло Ҷайҳонӣ, муаллифи «Китоби роҳҳо ва давлатҳо», боиси ба дарбори Бухоро даъват шудани бисёр олимон-ҷуғрофидонҳо гардид, ки дар байни онҳо Абузайди Балхӣ, шогирди файласуфи маъруф Ал-Киндӣ, мавқеи хосса дорад. Вай харитаҳои ҷуғрофӣ ва шарҳҳои онҳоро низ таҳия мекард. Асари ӯ зери таҳрири ду ҷуғрофидони маъруфи дигар Абуисҳоқ Истаҳрӣ (с. 951) ва Абулқосим ибни Ҳавқал (с. 976), ки дар кишварҳои ғарбии хилофат зиндагӣ мекарданд ва ба навбат аз Варорӯд дидан карда буданд, то ба мо расидааст [2]. Яке аз ҷуғрофидонҳои маъруфи он замон Шамсиддин Абӯабдуллоҳи Мақдисӣ (с. 985) буд, ки дар бораи кори вазири бузург мусбат ҳарф задаст. Вай навиштааст: «Муаллиф хориҷиёнро ҷамъ оварда, аз онҳо дар бораи салтанатҳо, чӣ гуна ба онҳо расидан, роҳҳо ба сӯйи онҳо, инчунин дар бораи баландии ситораҳо ва дарозии соя дар кишвари онҳо пурсон шудааст, ки зимни

[1] Ҳамон ҷо, с.179.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия,с. 56-57.

вилоятҳоро фатҳ кардан донистани роҳҳои ба онҳо наздик шудан, инчунин ситораҳо ва гардиши фалакро ба хубӣ донистан корро осон менамуд. Маълум аст, ки ӯ ҷаҳонро ба ҳафт иқлим (минтақа) тақсим кард ва барои ҳар як иқлим ситораеро муайян кард».[1] Нақши вазири бузург Ҷайҳонӣ дар илми ҷуғрофия то ба дараҷае баланд буд, ки ҷуғрофидонҳои минбаъда ӯро бо ҷуғрофидони машҳур Ибни Хурдодбеҳ муқоиса карда, осори онҳоро барои тавсеаи дониши ҷуғрофии он замон истифода мебурданд. Шавқу завқ нисбат ба илми ҷуғрофия ва машғул будани бисёриҳо дар давраи Сомониён наметавонист ба эҷоди асари машҳури «Ҳудуд-ал-олам» («Сарҳади ҷаҳон»-и муаллифи номаълум) боис нагардад, ки дар он Варорӯд ва Хуросон дар маркази ҷаҳони аҳолинишини онвақта ҷой дода шудаанд. Ин асар, ки ба забони тоҷикӣ (солҳои 982-983) навишта шудааст, ба яке аз волиёни Сомониён, ҳокими Гузгон Абулҳарис Муҳаммад ибни Фариғун бахшида шуда, дар муқоиса бо асари арабӣ аз ҷаҳони ислом берун баромада, Варорӯд ва Хуросонро дар маркази олами аҳолинишин гузоштааст[2].

Илми таърих низ дар ин давра босуръат ва ҳаматарафа рушд мекард. То оғози ҳукмронии давлати Сомониён, таърихи давраи пеш аз мусулмонӣ ва солҳои аввали паҳншавии ислом бо забони арабӣ аз ҷониби Муҳаммад Табарӣ, эронӣ аз вилояти Табаристон (минтақаи назди баҳри Каспий, ки ба давлати Сомониён мутаалиқ буд), дар «Таърихи подшоҳон ва паёмбарон» навишта шуда буд. Наздик кардани ривоятҳои эронӣ бо мавзӯъҳои инҷилӣ асоси ин асари таърихи ҷаҳонро ташкил медиҳад[3].

Дар ин ҷо бояд таъкид кард, ки муаррифии таърихи ҷаҳон бар асоси эронсентризм (Эрон –меҳвари ҷаҳон) ифода ёфта буд,

---

[1] Ниг. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. К. I.-М.: 1964, «Наука», с. 57.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с. 58.
[3] Бартольд В.В. Мусульманский мир. Сочинения. Т. VI.-М.: «Наука», 1966, с. 255-256.

зеро империяи (давлати абарқудрати) ҷаҳонӣ на ҳамчун румӣ ё чинӣ, балки эронӣ (Ҳахоманишиён, Сосониён) эътироф карда шуда буд. Бартарии ин мардум нисбат ба ҳамаи дигар халқҳо дар идоракунии давлат, юнониҳою ҳиндуҳо дар илм, туркҳо дар корҳои ҳарбӣ, чиниҳо дар истеҳсолоти саноатӣ ва арабҳо танҳо дар суханварӣ эътироф гардидааст[1].

Дере нагузашта, дарбори Сомониён тарҷумаи ин асар («Таърихи Табарӣ")-ро ба забони тоҷикӣ зарур донист. Вазири бузурги давлат, писари вазири машҳур (Абуфазл Балъамӣ) Абуалӣ Муҳаммад Балъамӣ соли 963 ӯҳдадор шуд, ки ин асари маъруфи таърихии Табариро ба забони тоҷикӣ тарҷума кунад. Вай фаъолияти тарҷумонии худро ба ин тарз шарҳ дод, то «амир ва атрофиёнаш, инчунин онҳое, ки мехостанд маънои ин китобро хонанд ва фаҳманд, душворӣ (ё нороҳатӣ) надошта бошанд» [2].

Яке аз таърихнигорони барҷастаи давраи Сомониён Абубакри Наршахӣ (ваф. 959), муаллифи асари машҳури «Таърихи Бухоро» ба забони арабӣ буд, ки асари ӯро соли 1128 Абумансур Кубавӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда буд. Ин асари таърихӣ сарчашмаи ивазнашавандаи ҳаёти иҷтимоию сиёсии Бухоро ва минтақаҳои Вароруди ин давраи пуршараф то имрӯз ба шумор меравад[3].

Ин анъанаи тасвири таърихи як шаҳр ё минтақаи мушаххас, ки ба он Абубакри Наршахӣ ва пешгузаштаи ӯ Абӯабдуллоҳи Бухорӣ (ваф. 924) бунёд гузошта буданд, аз тарафи муаллифони минбаъда идома ёфт. Таърихнигорон аз муаллифони зерин ва асарҳои онҳо иттилоъ медиҳанд: Абуабдуллоҳ Гундҷор (ваф. 1021) дар бораи таърихи Бухоро; Абубакр Мансур Берсахӣ дар бораи таърихи Бухоро; Абусаид ал-Идрисӣ (ваф.1015) дар бораи

[1] Ҳамон ҷо, с. 255.

[2] Гафуров Б. Точикон. Таърихи кадимтарин, кадим, асри миёна ва давраи нав. К.I. – Душанбе, «Ирфон», 1998, с. 506-507.

[3] Ҳамон ҷо, с. 515.

таърихи Бухоро ва Самарқанд; Абуҳафс Умари Насафӣ (вафот 1142) дар бораи таърихи Самарқанд; Абулҳарис ал-Версинӣ (ваф. 927) «Китобе дар бораи рақобати мардуми Кеш ва Насаф»; Абуабдуллоҳ ал-Байи ан-Нисобурӣ (вафот 1014) дар бораи таърихи уламои шаҳри Нишопур (дар VIII ҷилд); Абуаҳмад ал-Қофӣ (ваф. 957) дар бораи таърихи Хоразм ва дигарон[1].

Анъанаи баёни рӯйдодҳои таърихии гузаштаи Табарӣ, Наршахӣ ва дигар муаррихони давраи Сомониён барои наслҳои баъдӣ, ки дар тӯли садсолаҳои зиёд идома ёфтааст, намуна шуда буд.

Намояндаи барҷастаи ҷаҳони туркҳо Абунасри Форобӣ (с. 870-950), ки аз синтези тоҷикӣ-туркӣ ва бартарии фарҳангии шарқи ислом ба таври аъло истифода кардааст, ҳамчун давомдиҳандаи сазовори мероси илмии Арасту амал кардааст. Вай, ки дар оилаи пешвои ҳарбии турк ба дунё омадааст, ба ҷои корҳои низомӣ роҳи худомӯзиро интихоб намуда, дар ҷустуҷӯи мураббиёни арзанда ба Димишқ ва Бағдод сафар кардааст. Дар пойтахти хилофат ӯ бо илмҳои олӣ, аз ҷумла бо мероси мутафаккирони Юнони қадим робита пайдо кард. Вай ба сифати яке аз файласуфони бузург ба забони арабӣ эҷод кардааст ва дар байни асарҳои сершумори ӯ «Нигоҳҳои сокинони шаҳри комил» ҷудо шуда меистад. Дар мавриди сохтори ҳукумат, вай чунин ақида дошт, ки «агар ҳамаи сифатҳои барои ҳоким зарурӣ дар як шахс муттаҳид шуда бошанд, пас қудрат бояд ба ин шахс дода шавад, агар чунин шахс вуҷуд надошта бошад, пас бояд гуруҳ (комиссия) аз якчанд нафар таъсис дода шавад, то ки, агар ҳар яке дар алоҳидагӣ ин қобилиятро надошта бошанд, пас ҳамаи онҳо якҷоя бояд ба ин сифатҳои зарурӣ соҳиб бошанд»[2]. Оид ба тарзи

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. К. I.-М.: 1964, «Наука», с. 60-62.
[2] Ниг. Бартольд В.В. Культура мусульманства. Сочинения. Т. VI.-М.: «Наука», 1966, с. 168.

парҳезгоронаи ҳаёт[1] ва қобилиятҳои фавқулодаи Абунасри Форобӣ маълумоти (латифа)-и пажӯҳишгар аз «Китоби ахлоқи файласуфон» дар бораи мулоқоти вазири Оли Бӯйя бо ӯ шаҳодат медиҳад. Вазир Исмоил ибни Аҳмад кайҳо мехост, ки бо файласуфи бузург мулоқот дошта бошад, ҳатто ба касе, ки ӯро бо ҳамроҳи худ меорад, мукофотпулӣ низ ваъда кардааст. Боре Форобӣ бо либоси туркӣ ба хонаи вазир омадаст, ки ҳозирон аз болои ӯ хандиданд ва ҳамзамон посбони дарвозаро, ки ӯро иҷозати вуруд додаст, сарзаниш карданд. Пас аз муддате, вай барбат навохт ва қасдан тарзе навохт, ки аҳли маҷлисро хоб бурд; сипас вай дар барбат чунин навишта рафтааст: «Абунасри Форобӣ омад, шумо ӯро масхара кардед; баъд рафт; ӯ шуморо ба хоб мубтало кард ва нопадид шуд». Вазир то охири умр ин ҳодисаро фаромӯш накардааст»[2]. Ин шавқи мусиқии ӯ яке аз сабабҳои баҳсҳои шадид дар ҳадди аққал аз асри XIII идома ёфта истодааст. Форобӣ тоҷик буд ё турк? Ибни Ҳолликон (с. 1211-1282), 200 сол пас аз марги ӯ навиштааст, ки ал-Форобӣ турк аст. Тибқи гуфтаи коршиноси муосир: «дар набудани ҳеҷ як санади муътамади дастгиркунандаи ин тезиси туркӣ», бояд қайд кард, ки асбоби мусиқӣ, ки Форобӣ менавохт ва низоми ҷӯркунии онро бо ҷузъиёташ тасвир карда буд, маълум найи эронӣ буда, барои Осиёи Марказӣ ва Эрон худӣ буд ва намуна барои асбобҳои тории мусиқӣ аз Гибралтар то Чин шуда буд. Олими барҷастаи Юнон ва Араб-Дмитрий Гутас зикр кардааст, ки дар асарҳои дигари Форобӣ як қатор калимаҳои суғдӣ истифода шудаанд, аммо ҳеҷ як аз вожаҳои забонҳои туркӣ мансуббуда дида намешаванд[3].

---

[1] Бартольд В.В. Ученые мусульманского «ренессанса». Сочинения. Т. VI.-М.: «Наука», 1966, с. 620.

[2] Ҳамон ҷо, с. 627.

[3] Старр Ф. Марифати гумшуда, с. 225-226.

Ин нобиғаи андешаи Дашти Бузург, ки дар оилаи низомии турк ба дунё омадааст, дар муҳити баланди фарҳанги тоҷикӣ (суғдӣ) тарбия ёфта, ба забони арабӣ офаридааст, на танҳо давомдиҳандаи ғояҳои Арасту буд, балки ба дараҷаи парвози фикронии на камтар аз ин мутафаккири машҳури Юнони қадим расид.

Рушди илмҳои дақиқ дар давраи Сомониён низ аз фанҳои гуманитарӣ қафо намондааст. Муаллифи асрҳои миёна Саалибӣ фазои илмии пойтахти давлати Сомониён Бухороро чунин тавсиф кардааст: «Маъвои шукӯҳ, Каъбаи салтанат, макони сукунати одамони барҷастаи давр»[1].

Рушди пурқудрати математика бо машғул гардидани Абуабдуллоҳ Муҳаммади Хоразмӣ (с. 780-850), ки ба замони интиқоли қудрат аз Тоҳириён ба Сомониён рост меояд, вобаста буд. Ин риёзидони бузург, ки тақрибан ним аср дар пойтахти хилофат фаъолият дошт, ба гуфтаи муҳаққиқ: «ин олими барҷастаю боистеъдод алгебраро ба низом дароварда ба он номашро гузошт ва дар ин раванд усули дастрас барои ҳалли баробариҳои хаттӣ ва квадратӣ, ки алгебраро воқеан дар муддати ним ҳазор сол мушаххас карда буд, пешниҳод кард. Вай соҳаи тригонометрияи фазоиро кушод ва ҳамчунин тарафдори асосӣ барои водор кардани арабҳо ва баъдан аврупоиён қабул кардани низоми даҳгонии ҳиндии ададҳо (ки ҳозир ғалат арабӣ номида мешавад) ва мафҳуми нававоронаи сифр (ки олмекҳо дар Мексика низ дарёфт карда буданд) ва шумораҳои манфӣ буд. Услубе, ки ӯ барои ҳалли масъалаҳои ҳисоб, бо истифода аз ададҳои ҳиндӣ (“арабӣ”) густариш дода буд, муҷиби номаш гардид- ғалат аз шакли аллакай ғалати лотинӣ, ки ба мафҳуми «алгоритм» дода шуда буд, имрӯз беҳтар ҳамчун дастуроти мушаххас маълум аст, ки ба компютер имконияти беҳтар ҷудо

[1] Ниг Бартольд В.В. Введение. Сочинения. Т. I.-М.: «Восточная литература», 1963, с. 54.

кардани таъдоди бешумори иттилоот барои ба натичаҳои фоиданок расиданро медиҳад. Дар байни дастовардҳои сершумори дигари ӯ иттилооти дақиқ дар бораи арз ва тӯли 2 402 ҷой дар кураи Замин мебошад, ки Хоразми хеле бештар аз кас пеш аз худ чамъ кардааст» [1].

Ситорашиноси (астрономи) бузург Абу Маҳмуди Хуҷандӣ, зодаи шаҳри шимоли Тоҷикистон дар соҳили Сир, ба мисли Абӯабдуллоҳи Хоразмӣ, натанҳо дар хилофат, балки дар илми ҷаҳонӣ низ шуҳрат пайдо кардааст. Ӯ воқеан ихтироъкори асбоби муҳими астрономӣ- устурлоб (астролабия) ҳисобида мешавад. Абу Маҳмуди Хуҷандӣ, ки дар Бухоро таҳсил карда, баъдтар ба дарбори Оли Бӯйя, ҳамсояи ғарбии Сомониён, бо пойтахт дар Рай (наздикии Теҳрони муосир) кӯч баст. Дар ин ҷо ӯ, ба гуфтаи муҳаққиқон, «навъи нави секстанти (судс) нави худро барои муайян кардани кунҷи буриш байни мадори замин ва буриши экватор (ки «дараҷаи тамоюли эклиптикӣ» номида мешавад) ихтироъ карда буд. Тавассути чен кардани баландии меридиани Офтоб дар ду дарозтарин рӯз (зимистон ва тобистон), Хуҷандӣ дар бораи ҳамин меҳварӣ ба хулосае омадаст, ки амиқтар аз ҳамаи онҳое, ки пеш аз ӯ ин амалро анҷом додаанд, буд, аммо он аз тарафи нобиғаи дигар аз Осиёи Маркази-Берунӣ беэътибор дониста шуд. Ба ғайр аз нуҷум, Хуҷандӣ ҳамчун кашфкунандаи эҳтимолии қонуни синусҳо барои секунчаҳои фазоӣ, баробарӣ, ки вобастагии дарозии тарафҳои секунчаро ба синуси кунчҳои он муайян кардааст, гиромӣ дошта мешавад»[2].

Математики бузург Абулвафои Бузҷонӣ (с.940-998), ки зодаи Хуросон аст, аввал дар Бағдод илм омӯхт ва баъдтар ба вилояти Хоразми давлати Сомониён кӯчида омад ва дар он ҷо анъанаи математикии таъсисдодаи Абуабдуллоҳи Хоразмиро

[1] Старр Ф. Марифати гумшуда, с. 208.
[2] Старр Ф. Маърифати гумшуда, с.218.

идома дод. Мувофиқи маълумоти муаррихон, ӯ асареро оид ба математика, ки барои тоҷирон ва ходимони давлатӣ хеле муфид буд, омода кардааст. Дар он маслиҳатҳои мушаххас оид ба ҳисоб кардани андозҳои замин ва сармоягузории молиявӣ мавҷуд буданд. Инчунин дар байни асарҳои ӯ китоби геометрия барои косибон ва дигаре оид ба математикаи амалӣ низ мавҷуданд. Азбаски низоми ҳисобкунии Ҳиндустон ҳанӯз қабул карда нашуда буд, Бузҷонӣ тавсияҳои худро бо суханҳо ё ба шакле тасвир кард, ки истифодаи танҳо хаткашак ва қутбнамо(компас) басанда буд. Усули таҳияи ҷадвалҳои синусӣ ва тангенс ба ӯ имкон дод, ки ба натиҷаҳои дақиқи даҳии дарачаи ҳаштум рост ояд, ки дар муқоиса се аломате, ки Птолемей дошт, дақиқтар буд. Бо истифодаи теоремаи синусҳо нисбати секунҷаҳои фазоӣ Бузҷонӣ барои эҷоди усулҳои нави киштиронӣ дар баҳри бепаҳно роҳ кушод[1].

Дар Хоразм шогирди боистеъдоди Бузҷонӣ, мунаҷҷим, риёзидон, коршиноси тригонометрия Абунаср Мансур ибни Ироқ (960-1036), вориси хонаводаи ҳукмрони Хоразмшоҳиён ба воя расидааст. Вай ба ҳалли мушкилоти печидаи астрономияи курашакл машғул шуда, асари «Сферикӣ»-и Менелаи Искандарияро (70-140) омӯхта, сипас ба ҳисобҳои тригонометрии Птолемей бо хордаҳо гузашт ва дар ин раванд функсияҳои тригонометриро ба онҳое, ки имрӯз барои мо маълуманд, наздик кард[2].

Инчунин илми тиб рушди минбаъдаи худро ба даст овард. Агар мо медонистем, ки роҳбари яке аз аввалин беморхонаҳое, ки онро Бармакиёни хирадманд дар пойтахти хилофат Бағдод сохтанд, намояндаи тибби Ҳинд буд, пас ба зудӣ мо шоҳиди он мешавем, ки илмҳои тиббӣ дар заминаи маҳаллӣ (тоҷикӣ)

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 267-268.
[2] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 268.

босуръат рушд кардааст. Алӣ ибни Саҳл Раббан ат-Табарӣ (838-870), аз Хуросон поягузори муолиҷа ва пешгирии касалиҳои кӯдакон (соҳаи педиатрия) мебошад. Тавре мутахассисон қайд мекунанд: «Табарӣ, аз оилаи маъруфи яҳудии Марв буда, мустақиман солимии равонӣ, манбаъҳои вазъияти рӯҳии баъзе бемориҳо ва имконияти табобати ҳолатҳои муайян тавассути муоширати терапевтии табиб ва бемор – дар маҷмӯъ, психотерапияро омӯхтааст»[1]. Шогирди машҳури ӯ Закариё Розӣ аз шаҳри Рай (с. 865-925) бошад, мувофиқи маълумоти муҳаққиқон, дар татбиқи хулосаҳои мантиқ ва ақл дар дин ҷасорати бузургтарин нишон додааст. Розӣ ҳамчун аввалин озмоишгари ҳақиқӣ ва маърифатноктарин олими корозмудаи тиб пеш аз Ибни Сино шинохта шудааст. Вай дар Марв таҳсил карда, муаллимонаш зодагони Осиёи Миёна буданд, ҳокиме, ки Сомониён аз Бухоро фиристода буданд, ба навиштани маҷмӯаи бузурги тибб ба вай фармуда буд. Закариё Розӣ «падари» иммунология буда, аввалин касе буд, ки тафовути нағзакро аз гули сурхак тавсиф кард, ӯ аввалин касе буд, ки дар бораи аллергия (ҳассосият нисбати чизе) ва педиатрия (табобати кӯдакон) асари «Бемориҳои атфол» иншо намудааст. Вай ҳаёташро комилан ба табобати беморон бахшид ва барои садоқати худ дар ҷомеаи хидматкардааш обрӯю эътибори хеле баландро касб кард[2].

Парвози афкори инсонӣ дар давраи Сомониён ба дараҷае боло рафт, ки он аз доираи фарҳанги исломӣ хеле васеътар берун рафта, дар тамаддуни афкори умумиинсонӣ саҳми раднопазир гузошт. Акнун, эҷодиёти ду бузургони тафаккур, ки якумашон дар дарбори волии Сомониён дар шимолу ғарби давлат (Хоразм)

[1] Ҳамон ҷо, с. 189-190.

[2] Ҳамон ҷо, с. 189-190.

ва дуюмаш, мустақиман дар доираҳои илмӣ ва китобхонаи худи маркази («қалби») давлат тарбия гирифтаанд, дида мебароем.

Бузургтари онҳо, Абурайхон Берунӣ соли 973 дар наздикии шаҳри Хоразм таваллуд шудааст, ки дар синни бистсолагӣ аллакай мушоҳидаҳои астрономиро анҷом додааст[1]. Аммо, ҷанги шаҳрвандӣ дар ватанаш[2] ӯро маҷбур кард, ки Хоразмро тарк кунад ва тахминан соли 995 ба шаҳри Рай (наздикии Теҳрони муосири Эрон) омад ва пас аз ду сол ба дарбори ҳокими сулолаи Зиёриён Қобуси Вашмгир даъват карда шуд. Вай дар ин ҷо аввалин асари ҷиддии худ «Солнома (хронология)-и халқҳои қадим»-ро омода карда, ба соҳибэҳсонаш Қобус бахшидааст. Ин аввалин кӯшиши тавсифи тамоми тақвимҳо ва солномаҳои маълум аз замонҳои қадим буд. Соли 1010 ба ӯ муяссар шуд, ки ба дарбори Абулаббоси Маъмун, писари волии пешини Сомониён, ки пас аз сукути Сомониён давлати худро таъсис дод, баргардад. Қабл аз забти мудҳиши Хоразм дар 3 июли соли 1017 аз ҷониби Маҳмуди Ғазнавӣ, яке аз асосгузорони давлати Ғазнавиён дар заминҳои пешинаи соҳили чапи Сомониён, вай хидмати давлатӣ ва кори пурсамари илмии худро дар ин ҷо идома дод[3]. Баъди таслими Хоразм ба қудрати Султон Маҳмуд, вай бо баъзе олимони дигар бо хоҳиши ҳокими нав ба Ғазна кӯчид. Абурайҳон Берунӣ лашкари Маҳмуд Ғазнавиро ба Ҳиндустон ҳамроҳӣ намуда, дар он ҷо ба фарҳанг ва забони ҳиндӣ (санскрит) таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуд. Нуқтаи олии омӯзишаш дар ин нимҷазира асари машҳураш «Ҳиндустон» буд, ки бо тавсифи пурраи дини ҳинд, фолклор, фалсафа, мифология то замони мо боқӣ мондаст. Вай ғайр аз лаҳҷаи хоразмии забони тоҷикӣ, донандаи забонҳои арабӣ, эронӣ, суриягӣ, юнонӣ ва ҳиндӣ

---

[1] Cambridge History of Iran. Volume IV.-Cambridge, Cambridge University Press, 2008, s. 393;

[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с . 293.

[3] Ҳамон ҷо, с. 337.

(санскрит) буд [1]. Аз  забони туркиро надонистани ин мутаффакири варзида се далели таърихӣ шаҳодат медиҳанд:

1. Бо вуҷуди ташаккули забони ягонаи тоҷикӣ, лаҳҷаҳои ин забон, аз ҷумла лаҳҷаи хоразмӣ, дар канораҳои давлати Сомониён то он замон ҳифз гардидааст;

2. Дар дарбори ҳам Маъмун дар Хоразм ва дарбори Султон Маҳмуд дар Ғазна таҷрибаи пешгузаштагонашон (Сомониён) доир ба истифодаи  забони тоҷикӣ дар коргузорӣ ва фарҳанг (дар баробари арабӣ) идома дошт;

3. То ибтидои асри XI минтақаи аз ҳама шимолу ғарбии тоҷикон лаҳҷаи эронии шарқии худро ҳамчунон нигоҳ медошт ва бартарии лаҳҷаҳои туркӣ дар ин минтақаҳо баъдтар ба амал омад.

Аз рӯи маълумоти коршиносон, ба қалами Абурайҳон Берунӣ ҳадди аққал дар соҳаҳои гуногун (аз минералогия то астрономия) 148 асар тааллуқ доранд[2], аммо аксари онҳо то ҳол мунтазири муҳаққиқон ва таҳқиқу нашр ҳастанд.

Дуввум, аз бузургони нисбатан ҷавонтар Абуалӣ Сино, дар соли 980 дар деҳаи Афшин дар наздикии Бухоро дар оилаи мансабдори яке аз 10 девон (девони ал-хараҷ)-и давлати Сомониён таваллуд шудааст. Падари ӯ, ки зодаи Балх аст, ба туфайли хидматҳои чандинсола дар низоми бюрократияи як давлати мутамарказ, пас аз таваллуди писараш, барои таҳсили ҳамаҷонибаи ӯ, ба хидмати раёсати марказӣ гузаронида шуд. Қобилиятҳои фавқулодаи худи ҷавон ва муҳити баланди илмии Бухоро ба ӯ имкон доданд, ки дар 18-солагӣ аксарияти мутлақи илмҳои он замон, аз ҷумла тибро, аз худ намояд. Табобати муваффақонаи амир Нӯҳи II ба Абуалии  Синои ҷавон имкон дод,

[1] Cambridge History of Iran. Volume  IV.-Cambridge, Cambridge University Press, 2008, s. 394-395;

[2] Cambridge History of Iran. Volume  IV.-Cambridge, Cambridge University Press, 2008, s. 395;

ки ба китобхонаи машҳури амир дастрасӣ пайдо кунад ва доираи назари худро то ба баландиҳои бесобиқа васеъ намояд[1].

Дере нагузашта пас аз таҳдид ба давлати Сомониён аз ду давлат (Қарахониён ва Ғазнавиён) вай ба хидмати дарбори Маъмун дар Хоразм гузашт ва пас аз талаби хидмат барои Султон Маҳмуд, ба ғарб фирор намуд ва дар шаҳрҳои Гургон, Рай, Қазвин, Исфаҳон ва Ҳамадони Эрон овора гашт. Бо вуҷуди тарзи зиндагии дарбадаронаи худ, вай мероси бузурги хаттиро ба вуҷуд овард, ки дар байни онҳо «Ал-қонун ал-тиб» («Қонуни тиб») ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад[2].

Мукотибаи илмӣ ва мубоҳисаҳо байни ду бузургони давраи Сомониён (Абурайҳон Берунӣ ва Абуалии Сино)[3] он далели таърихиро равшан нишон медиҳад, ки илм, ки аз ҷониби амирони баландмаърифат ва волиёни донишманди онҳо дастгирӣ карда мешуд, дар Варорӯд ба баландиҳои бесобиқа бароварда шуд. Таҳлили ҷузъи илмии ин мукотиба аз ҷониби мутахассисон сатҳи баланди рушди илмро дар давраи Сомониён нишон медиҳад: вақте олимони саршинос дар бораи вазни ҷирмҳои осмонӣ; дар бораи ҷозибаи замин; дар бораи ҳароратҳои ғайримуқаррарии Офтоб ва Замин; дар бораи холигии фазо; дар бораи имконияти ҳаракати эллиптикии ҷисмҳои осмонӣ дар радифи хаттӣ ва давравӣ; оиди зиёд будани ҷаҳон (ҷаҳони астрономӣ); фарқияти ҷаҳони физикӣ ва метафизика; нақши мушоҳида ва таҳлили миқдорӣ дар расидан ба ҳақиқат; дар бораи номукаммалӣ ва пуррагии дунёи (аз тарафи Худо) офаридашуда; дар бораи муносибати тафаккури абстрактӣ ва ҷаҳони моддӣ ва чизҳои бештар ва ғ. баҳс мебаранд[4].

---

[1] Гафуров Б. Точикон. Таърихи кадимтарин, кадим, асри миёна ва давраи нав. К.I., с. 519; Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 239, 251.

[2]Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 252.

[3] Бартольд В.В. Персидская культура и ее влияние на другие страны. Сочинения. Т. VI.- М.: «Наука», 1966, с.181.

[4] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 255-259.

Баррасии ин намунаи мубоҳисаҳои илмӣ, ки то ба мо расидаанд, нишон медиҳанд, ки заминаи фарҳангию таърихии он замон хеле қавӣ буда, пояи он Берунӣ, Сино ва ҳамзамонони онҳо на танҳо чун ворисони ғояҳои мутафаккирони юнони қадим Арасту, Афлотун ва дигарон баромад мекунанд, балки дар асоси мероси онҳо, навовариро дар бисёр соҳаҳои илм, алахусус, дар астрономия, алгебра, таърихи ҷаҳон, ҷуғрофия, этнография, тибб ва дигар соҳаҳои илм ворид менамоянд. Тавре мутахассиси рус одилона қайд мекунад: «Насрониён бо асарҳои илмии Юнон пештар ва беҳтар аз мусулмонон ошно шуданд; аммо ҳаракати ин илм ба пеш ва эҷоди намунаҳо барои корҳои минбаъдаи илмӣ кори мусулмонон буд. Ҳатто пешрафтатарин аз халқҳои насронии шарқӣ, суриягиҳо ягон олимеро, ки бо Форобӣ, Ибни Сино, Берунӣ ва Ибни Рушд баробар астанд, пешбарӣ накардаанд» [1]. Ба ибораи дигар, халқҳои Варорӯд (тоҷикон ва туркҳо) дар паҳн намудани афкори илмӣ дар асрҳои миёна аз суриягиҳо ва ҳатто, аз румиҳо, ки бевосита ворисони юнониёни қадим буданд, як сар боло буданд.

Бояд тазаккур дод, ки китобхонаи маъруфи амирони давлати Сомониён дар фаро гирифтани дониши васеи энсиклопедии Абуалии Сино ва дигар мутафаккирони он давра нақши муҳим дошт. Шиносоии худро бо ин китобхонаи нодир Абуалии Сино чунин тасвир мекунад: «Ман ба хонае ворид шудам, ки ҳуҷраҳои зиёде дошт; дар як ҳуҷра китобҳо дар бораи яке аз илмҳо буданд. Ман рӯйхати [муаллифони] қадимаро хондам ва пурсидам, ки ба ман чӣ лозим аст. Ман китобҳоеро дидам, ки бисёриҳо ҳатто бо номи онҳо шинос нестанд; Ман чунин [маҷмӯи китобҳоро] пеш ё баъд аз он надидам»[2].

[1] Бартольд В.В. Культура мусульманства. Сочинения. Т. VI.-М.: «Наука», 1966, с. 152-153.

[2] Цит. по Бартольд В.В. Введение. Сочинения. Т. I.-М.: «Восточная литература», 1963, с. 54

Мутахассиси соҳаи китобдорӣ Майрам Мамадазимова таъкид мекунад: Китобхонаи дарбори Сомониён (Савон-ул-ҳикмат»), ки дар давлати Сомониён (асрҳои IX-X) фаъолият мекард, дар рушди сохаи китобдорӣ натанҳо дар ин давлати тоҷикон, балки дар тамоми мамлакатҳои Ховар нақши калидӣ бозидааст. Дар ин маркази илму маърифат китобхои нодир оид ба соҳаи гуногуни илм, адабиёт ва санъат нигоҳдорӣ ва дастхатҳо рӯйбардорӣ, бо тарзи минётурнависӣ ороиш дода мешуд. Ба хонандагони китобхона хизмат расонида, фондхои он такмил дода мешуд, корхои дохили китобдорӣ хуб ба роҳ монда шуда буд, ки тачрибаи кори китобдорӣ дар китобхонаҳои давлатҳои Ховари Миёна баъд аз пошхурии давлати Сомониён истифода карда шудааст»[1].

Бо назардошти он, ки пас аз суқути сулолаи Сомониён, ин мутаффакири бузург дар академияи Маъмун / Саҳл дар Гурганҷ, пойтахти Оли Бӯйя дар Исфаҳон, Бағдод ва дигар шаҳрҳои бузурги ҷаҳони ислом сафар кардааст, ки дар он шаҳрҳо чунин «китобхонаи бузург»-ро наёфтааст, ки он ба таври возеҳ аз он воқеияти таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки амирони Сомониён на танҳо «аҳли қалам»-ро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ кардаанд, балки барои васеъ кардани доираи ҷаҳонбинӣ ва дониши онҳо заминаи зарурии таълимиву методиро низ фароҳам овардаанд.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти китобхонаи амир, таҳаммулпазирӣ ба баҳсҳои илмӣ ва фаъолияти шумораи зиёди олимон дар дарбори амир дар даврони Сомониён ба намунаи дараҷаи олии ибрат расид, ки ворисони он – Ғазнавиён ва Қарахониён, натанҳо барои қаламрави он, балки, дар мадди аввал барои мероси бузурги фарҳангии он мубориза мебурданд. Дар ин муборизаи

[1] Мамадазимова М. Национальная библиотека Республики Таджикистан: история становления и развития (1933-1993 гг.). Под общ. ред. С.Р. Мухиддинова.- Душанбе, 2012.- С.6-7.

шадид барои мероси фарҳангии Сомониён султон Маҳмуд Ғазнавӣ дастболо шуд. Бо лашкари сершумор, ки бо 500 фили ҷангӣ пурзӯр карда шуда буд, ба Хоразм ворид шуда, аз ин ду абарқудрати маърифати замони Сомониён аз дарбори хоразмшоҳиён якеро (Берунӣ) ба даст овард. Гузаштани олими бузург Берунӣ дар якҷоягӣ бо дигар олимон аз Хоразм, охирин порчаи фарҳангии Сомониён ба Ғазнӣ ба дурахши дарбори ин султон-сарфармондеҳи муваффақ барои идома додани эстафетаи фарҳангии «Бағдод-Нишопур-Марв-Бухоро-Ғазна» мусоидат намуд. Абуалии Сино таҷассумгари фарҳанг ва илми даврони Оли Бӯйя гардид.

Ин таҷрибаи тақлид ба иқдоми Сомониён дар бораи сарпарастии «аҳли қалам», ки ба болоравии «эҳёи тамаддуни мусулмонон» оварда расонд, ин қадар амиқ ва «сироятӣ» буд, ки он дар дигар давлатҳои Осиёи Миёна ва дар минтақаҳои ҳамсоя низ то Замони Нав васеъ паҳн гардид.

## 2.7. Сарпарастии Сомониён ба Шоҳроҳи Абрешим

Яке аз китобҳои олӣ, ки ба Шоҳроҳи Абрешим бахшида шудааст, «Шафтолуҳои тиллоии Самарқанд» ном дорад, ки муаллифи он (Эдвард Шеффер), ин меваи тиллоиро аз тамоми рӯйхати сершумори молҳо, ки дар ин роҳи тиҷорати ҷаҳонӣ интиқол дода мешудаанд ва аз бисёр шаҳрҳои замони гузашта пойтахти Суғдиёни афсонавӣ – шаҳри Самарқандро интихоб кардаст... Чаро?

То давраи ташаккулёбии Шоҳроҳи Абрешим ҷаҳони қадим аллакай якчанд халқи соҳибҳунарро медонист, ки тиҷорати байнидавлатӣ ва минтақавии ҷаҳонро ташаккул ва тавсеа додаанд. Дар баробари мисриҳо, ошуриён, ҳиндуҳо, этрониён ва дигар халқҳои қадим, ниёгони тоҷикон (суғдиҳо, бохтариён, сакоиҳо ва ғайра) низ ба тиҷорати байналмилалии роҳҳои хушкӣ васеъ ҷалб гардида буданд.

Шоҳроҳи Абрешим дар заминаи холӣ ба вуҷуд наомадааст, ин роҳи тиҷорати ҷаҳонӣ ҳадди ақҷал вориси панҷ роҳи минтақавии тиҷорат буд:

1. Роҳи лоҷвардӣ;
2. Роҳи яшмӣ (нефрит);
3. Роҳи подшоҳӣ;
4. Роҳи скифу сакоӣ;
5. Роҳ аз Бохтар ба Ҳиндустон[1].

Бостоншиноси маъруфи рус В.И. Сарианиди дар бораи фаъолияти «Роҳи лоҷвардӣ» дар нимаи аввали ҳазораи I пеш аз мелод маълумот медиҳад, ки тавассути он санги қимматбаҳо-лаъли асил дар Бадахшон истихроҷшаванда ба Эрон,

[1] Мамадазимов А. Великий шелковый путь. История становления, расцвета и распада. - Душанбе, «Сино», 2014, с. 16-26.

Месопотамия, Сурия, Миср ва дигар кишварҳои ҳамсоя интиқол дода мешуд. Оиди ҳаҷми назарраси интиқоли ин санги қимматбаҳои хеле серталаб аз Хуросон ба Байнаннаҳрайнро он далели таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳокими Ошур Тиглатпаласари III (асри VIII пеш аз милод) ба минтақаҳои зердасти худ солона ба миқдори 9 тонна лоҷварди Бадахшон хироҷ таъин намудааст[1]. Барои равшантар арзёбӣ кардани ин ҳаҷм, як корвони тиҷоратиро тасаввур кардан лозим аст, ки иборат аз 40 шутури бохтарӣ (бори уштур, ба ҳисоби миёна, 225 кг борро ташкил медиҳад) бо роҳбарии як савдогари бохтарӣ, ки аз Бадахшон ба воситаи Бохтар, Марв, Ҳирот, Гиркания, ба Ошур ё Вавилон ҳаракат кунад ва баъзан ин корвонҳои замони қадимтарин тавассути ин давлатҳои қадимӣ (Ошур ё Бобил) ба Сурия, Фаластин ва минбаъд ба Миср низ мерасиданд.

Дар асри V пеш аз милод лоҷвард ба Чини қадим ворид шуданро оғоз кард[2], аммо дар он ҷо истифодаи васеъ пайдо накард, зеро дар он ҷо як маъдани (санги) нимқимати дигар – яшм (нефрит) аз замонҳои қадим то имрӯз бартарият дорад.

То андозае дар самти шарқӣ аз нуқтаи охирини Роҳи лоҷвард дар Бадахшон (тавассути Помири баландкӯҳ), як роҳи тиҷоратӣ бо номи Роҳи яшмӣ аз Хотан то Чин амал мекард, ки ин маъдан бо он интиқол дода мешуд. Тибқи андешаи муҳаққиқи рус: «Кай пайдо шудани яшми хотаниро дар Чин ҳоло гуфтан ғайриимкон аст. Аммо аллакай собит шудааст, ки дар нимаи дуюми ҳазорсолаи II пеш аз милод яшми хотанӣ ба Чин ворид карда мешуд. Ҳамин тариқ, қисми зиёди аз ҳафтсад ашёи аз яшм сохташуда, ки дар қабри Фу Хао дар Анян ёфт шудааст, ба замони ҳукмронии У- дин (с. 1238-1188 пеш аз милод) тааллуқ дорад, аз яшми хотанӣ тайёр шудааст. Умуман, миқдори

[1] Лубо- Лесниченко Е.И. Великий шелковый путь // Вопросы истории. 1985. № 9. с. 88-100

[2] Шеффер Э. Золотые персики Самарканда. - М. «Вост. лит.», 1981. с. 450

бозёфтҳои чизҳо аз яшми даврони Чжоу ва аввали Хан (асрҳои X-I пеш аз милод) аз бозёфтҳои давраҳои баъдӣ хеле зиёдтар аст. Ин далели аҷиб ва то андозае ғайричашмдошт қисман бо баромади ғарбии мардуми Чжоу, эҳтимолан, бо аҳолии Туркистони Шарқӣ робита дошта, баъдан ба шарқ муҳоҷират карданд, шарҳ додан мумкин аст»[1]. Мавҷудияти робитаҳои нисбатан наздик байни давлати қадими чинӣ Чжоу ва қабилаҳои шимолу ғарбии (барбарӣ) "*жун*" ва "*ди*" низ дар боби махсус дар бораи хонаводаи Чжоу ва таърихнигори маъруфи қадимаи чинӣ Сима Цян оварда шудааст [2]. Инчунин мумкин аст, ки пас аз рафтани мардуми Чжоу ба шарқ тиҷорати яшм ба қабилаҳои сакоӣ (чинӣ *"ди"* ва *"юечжи"*) гузашта буд. Онҳо яшми аз Хотан (доманакӯҳҳои шимоли каторкӯҳи Кунлун) истихроҷшударо тавассути долони Гансу ба Чин ба дарбори ҳокими (вани) Чжоу интиқол медоданд.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки бо тафовут аз дигар марказҳои тамаддунҳои қадимии ҷаҳон дар Чини қадим яшм ҷойгоҳи махсусро, ки дар дигар марказҳо ба тилло тааллуқ дошт, ишғол мекард. Аз замонҳои қадим дар Чин мақоле буд, ки «тилло қиммат дорад, аммо яшм бебаҳост». Дар ин давлати қадим рамзҳои давлатӣ аз яшм сохта мешуд. Онҳо дар маросимҳои динӣ нақши муҳим мебозиданд ва ҳаёти ҳаррӯзаро оро медоданд. Муҳаббат ва мафтунӣ ба ин санги нимқимат, ки аз дур оварда мешуд, дар бисёр ёдгориҳои адабии он замон инъикос ёфтааст[3]. Муҳаққиқи ҷопонӣ Эгами Намио ба таври эътимодбахш исбот кард, ки юечжиҳо (сакои-кушониҳо-М.А.), то асри III пеш аз милод дар қаламравҳои васеи Гансуи Ғарбӣ ва Туркистони Шарқӣ маскун буданд, дар тиҷорати яшм миёнарав буданд. Дар

[1] Лубо- Лесниченко Е. И. Китай на шелковом пути.-М.: «Наука», 1994, с. 212
[2] Сыма Цянь. Исторические записки (Ши цзи). Т. I. – М.: Восточная литература, 2001. с. 179-185.
[3] Лубо- Лесниченко Е. И. Китай на шелковом пути.-М.: «Наука», 1994, с. 212

ин бора дар рисолаи «Гуан-цзи» омадааст: «Дар шимол, мардуми юйши (юечжи) дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ яшмро истифода мебаранд», «Яшм аз кӯҳҳо ба марз бо мардуми юйши меояд»[1].

Аз эҳтимол дур нест, ки дар ин тиҷорати сангҳо дар қатори сакоиҳо-кушониён (юечжиҳо) андаке баъдтар суғдиён низ ширкат варзиданд, ки бинобар аз паёмадҳои «Ислоҳоти зидди дев» -и шоҳаншоҳи Ҳахоманишӣ Ардашер (дар с.486 пеш аз милод) ба шарқ ба ҳавзаи Тарим ва ба сарҳади шимолии Тибет кӯч бастанд [2]. Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои эҳтимолии пирӯзии ниҳоии давлати канории Тсин дар Чин, ки дар шимолу ғарбии шаш давлати дигар дар Чин чойгир гардида, дар охири давраи «Чжанго» («Бархурди салтанатҳо»), ки дар байни дигарон ҳамчун як кишвари «нимбарбарӣ» шинохта шудааст, дар он аст, ки дар қаламрави Чин вай тиҷорати яшмро назорат мекард, ки ба он тамоми давлатҳои қадимии Чин талаботи зиёд доштанд[3].

Эрониёни қадими даврони империяи Ҳахоманишӣ, як империяи бузурги ҷаҳониро дар се қитъа – Осиё, Африқо ва Аврупо бунёд намуда, бори аввал қариб тамоми марказҳои тамаддунҳои қадимиро (ба истиснои Чин) ба низоми ягонаи нақлиётӣ муттаҳид карданд. Ҳудуди васеи империя аз соҳили дарёи Ҳинд дар ҷанубу шарқ, аз соҳилҳои Сирдарё дар шимолу шарқ то соҳилҳои дарёи Дунай (минтақаи ғарбии Баҳри Сиёҳ) дар шимолу ғарб ва биёбонҳои Нубия дар ҷанубро фаро мегирифт, ҳамчун як василае барои рушди тиҷорат ҳам дар дохили он ва ҳам бо берун мусоидат мекард. Онҳо натанҳо дар доираи як империяи азим ба тиҷорати хушкигард қаноат карданд, балки ба соҳилҳои шарқӣ ва ҷанубии баҳри Миёназамин баромада, бо финикиён иттифоқи баҳрӣ эҷод карда, инчунин, тиҷорати

---

[1] Ҳамон ҷо, с. 213.
[2] Кузнецов Б.И. Культурные связи Памира с Тибетом // Страны и народы Востока. Вып. 16.- М. «Наука», 1975, с. 133
[3] Сыма Цянь. Исторические записки (Ши цзи). Т. II. – М.: «Наука», 1975. с. 39

баҳриро тақвият доданд. Онҳо натанҳо дар бобати вазъи роҳҳои қадимӣ ғамхорӣ намуданд, балки хадамоти нахустини алоқаи давлатиро ташкил карда, боз роҳҳои нав бунёд намуданд.

Дар қатори роҳҳои қадимӣ, ки дар дохили империя амал мекарданд, «Роҳи подшоҳӣ» мавқеи хосса дорад, чунки пойтахти империя-шаҳри Сусаро (дар наздикии халиҷи Форс) тавассути шаҳрҳои Месопотамия бо пойтахти собиқ давлати Лидия (дар Осиёи Хурд, давлати Юнон, ки Куруши Кабир ӯро забт карда буд) – Сард пайваст менамуд. Маҳз пайвасти роҳҳои «Яшм» ва «Лоҷвард» бо «Роҳи подшоҳӣ»-и Ҳахоманишиҳо, ки роҳи асосии (марказии) он донист мешавад, роиҷ шуд, ки аз бисёр ҷиҳатҳо оғози фаъолияти Шоҳроҳи Абрешим ба шумор меравад.

Дар тарафи шимол, дар паҳлӯҳои даштҳои Евразия, тақрибан дар баробари пайвасти ҷуғрофии ин се масири минтақавӣ (роҳҳои «Яшм», «Лоҷвард» ва «подшоҳӣ»), пеш аз пайдоиши Шоҳроҳи абрешим, «Роҳи Скифу сакоӣ» амал мекард, ки, асосан, аз ҳудудҳои даштҳои муосири ҷанубии Русия ва Қазоқистон мегузашт.

Ҳатто дар замонҳои қадимтарин, юнониҳо бо финикиягиҳо дар тиҷорати баҳрӣ рақобат карда, нуқтаҳои тиҷорати худро натанҳо дар Баҳри Миёназамин (дар Ситсилия ва ғ.), балки дар ҳавзаи Баҳри Сиёҳ низ таъсис медоданд. Дар ин ҷо, дар соҳилҳои шимолии Баҳри Сиёҳ, юнониҳо бо қабилаҳои бодиянишини эронитабор мубодилаи тиҷории мутақобилан судмандро ба роҳ монданд, ки дар масири «Роҳи Скифу сакоӣ» молҳои антиқаро то ба Сибир, Олтой, ҳавзаи Тарим интиқол дода, ба соҳили дарьёи Хуанхэи Чин мерасиданд. Ба ивази ин, онҳо аз ин қабилаҳо ғалла, ҷав, пӯст, пашм ва дигар чизҳои зарурӣ ё молҳои гаронбаҳо мегирифтанд.

Ба андешаи мо, номи ин роҳи даштӣ ҳамчун «Роҳи скифӣ-сакоӣ» мувофиқтар аст, зеро дар тафовут аз роҳҳои лоҷвард, яшм

ё абрешим, дар он ягон маҳсулоти мушаххас (чун лаъл, лоҷвард, яшм, абрешим, ғалла ё дигар молҳо) бартарӣ надошта, қабилаҳои сакоиҳо ҳамчун нозирони асосии тиҷоратӣ дар ин роҳи тиҷоратӣ баромад мекарданд. Гузашта аз ин, «падари таърих» Геродот фаъолияти халқҳои скифҳоро махсус таъкид карда буд ва тавре ки ба ҳамагон маълум аст, скифҳо дар шарқ номи аслии худ номи "сакоӣ" доштанд. Аз ин рӯ, номи ин роҳи қадимаи тиҷоратиро ба номи кашфкунандагони он гузоштан мувофиқи мақсад аст. Масири тахминии ин роҳи тиҷоратии шимолӣ, ки аз соҳили шимолии Баҳри Сиёҳ оғоз ёфта, аз соҳили дарёи Дон, аз байни даштҳои ҷанубии Русия, ҷануби кӯҳҳои Урал, даштҳои Қазоқистон ва аз дарвозаҳои табии ҷунгарӣ гузашта, то ба кӯҳҳои Олтой идома дошт[1]. Муҳаққиқони дигар низ оид мавҷудияти роҳи тиҷоратӣ аз ҳудуди маскани сакоиҳо гузориш медиҳанд. Тибқи гуфтаи коршиносони варзидаи рус оид ба масъалаҳои Хазар: «ҳанӯз дар асри VI пеш аз милод тоҷирони скифӣ ва юнонӣ аз минтақаи Баҳри Сиёҳ тавассути даштҳо то сарзамини афсонавии агриппиҳо, ки ба гуфтаи Томашек, дар нишебиҳои шимолии Тиёншон ҷойгир буд, мерафтанд. Дар замони Плиний аз соҳилҳои шимолии баҳри Каспий ба шарқ тавассути заминҳои биёбон, ки танҳо ҳайвонҳои ваҳшӣ ва скифҳои одамхӯр зиндагӣ мекарданд, ба кишвари серҳо, яъне ба Чини шимолӣ мебурд, роҳе мавҷуд буд»[2].

Лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ ба Шарқ, дар байни оқибатҳои гуногун, як бартарии равшан дошт, зеро ҷаҳонбинии ҷуғрофии мутафаккирони антиқа то ба ҳавзаҳои Сирдарё, дарёҳои Ҳинд ва минтақаҳои ҷуғрофии наздики онҳо паҳн шуда буд. Тоҷирони юнонӣ ва мақдунӣ, ки ба ин артиши азим ва артишҳои минбаъдаи сарлашкарони он хидмат мекарданд,

[1] Лубо- Лесниченко Е.И. Великий шелковый путь // Вопросы истории. 1985. № 9. с. 89
[2] Артамонов М. И. История хазар. –Л. Изд. Гос. Эрмитажа. 1962. с. 402.

тиҷорати хушкигардро байни нимҷазираи Балкан, Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ такон бахшиданд. Ба ҷойи империяи кӯтоҳмуддати Искандари Мақдунӣ омадани давлати Селевкиён, ташаккули давлатҳои Юнону Бохтар ва Юнону Ҳинд, бо эҳтиёҷоти доимии онҳо ба молҳои юнонӣ, инчунин муносибатҳои пуршиддати тиҷоратии байни Ғарб ва Шарқро дастгирӣ менамуданд.

Ба андешаи мо, аз замони қадим то ташаккулёбии давлатҳои Юнону Бохтар ва Ҳинду-Юнонӣ «Роҳ аз Бохтар то Ҳиндустон», бо эҳтимоли зиёд, фаъолият доштааст. Асосгузори Шоҳроҳи Абрешим, фиристодаи императори Чин Чжан Тсян, ки як сол дар Бохтар зиндагӣ кардааст (соли 127 пеш аз милод), дар бозорҳои маҳаллӣ бамбук ва матоъҳои чиниро дарёфт кардааст[1]. Муаллифони қадим, инчунин, дар бораи мавҷудияти роҳи қадимаи тиҷоратӣ аз Бохтар ба Ҳиндустон ва мавҷудияти яке аз марказҳои савдои гиреҳӣ дар соҳили Амударё хабар медиҳанд. «Аристобул ҳатто Окс (Амударё.-М.А.)-ро бузургтарин дарёи дар Осиё дидаашро, ба истисноти дарёҳои Ҳиндустон, эълон мекунад. Ба гуфтаи ӯ, ин дарёи киштиронӣ буда (ҳам ӯ ва ҳам Эратосфен ин маълумотро аз Патрокл иқтибос гирифтаанд), бисёр молҳои Ҳиндустон ба поёноб ба баҳри Гиркания (Баҳри Каспий -М.А.) оварда мешаванд; аз он ҷо онҳо ба Албания (Озарбойҷони ҳозира- М.А.), аз дарёи Кир (Кура- номи ҳозира) интиқол дода мешаванд ва аз минтақаҳои зерин ба Понти Евксин (Баҳри Сиёҳ- М. А.) расонида мешаванд»[2].

То ба замони оғози Шоҳроҳи Абрешим Рими қадим, ки ворисi тиҷорати баҳрӣ (аз Финикия, Юнон ва Миср) буд, бо давлати абарқудрати Порти Бузург ҳамсояи мустақими тиҷоратӣ гашт. Ин давлати ниёгони мо дар навбати худ мероси тиҷорати

[1] Сыма Цянь. Исторические записки (Ши цзи). Т.IX. – М. .: Вост. лит., 2010, с.202
[2] Ниг. Мукашев Р.Р. К вопросу о торговом пути, проходившем по территории Средней Азии в древности// Древний Восток и античный мир. -М. МГУ, 1972, с. 12.

Месопотамия давлати абарқудрати Ҳахоманишӣ (яъне хушкигард) ба дасти худ гирифт. Сакой-кушониён, дар зери ҳамлаи зердастони собиқи худ (хуннҳо), аз Тиёншон ва, махсусан, Помир гузашта, ба самти ғарб ақибнишинӣ намуда, «Роҳи яшм»-ро бо «Роҳи лоҷвард» беихтиёр пайваст карданд, ки онҳоро дар ҷои нав фиристодаи императори Чин пайдо кард.

Ҳисобот дар бораи юриши ғарбӣ ба сакои-кушониён (юечжиҳо), алалхусус, дар кишварҳои ғарбӣ мавҷуд будани аспҳои хуб, ки барои мардуми Чин дар мубориза бар зидди бодиянишинони ғосиб фавран зарур буданд, сабаби фиристодани сафорати бузурги Чин (с. 119 пеш аз милод) ба ин кишварҳо шуд. Ин сафоратхонаҳо, ки микдори зиёди абрешим дар ихтиёрашон буданд, пешравони бунёди ин роҳи афсонавӣ (Шоҳроҳи абрешим) гардиданд[1].

Бояд қайд кард, ки ташаккулли Шоҳроҳи Абрешим ба замони таърихи ташаккулли империяҳои қадимии Авруосиё рост омад. Ин ду раванд мутавозӣ идома ёфта, якдигарро мукаммал карданд.

Ташаккулли давлатҳои абарқудрати паҳновар бо сиёсати нисбатан устувори дохилӣ ба густариши робитаҳои тиҷоратӣ аз соҳили баҳри Зард (Чин) то соҳилҳои Баҳри Миёназамин (Рими қадим) мусоидат намуд. Нақши камарбанди ҷаҳони қадимро, ки асосан аз панҷ империя: Хан, империяи бодиянишини хуннҳо, Кушониён, Порти Бузург ва Рим иборат буд, асосан Шоҳроҳи абрешим мебозид, ки тадриҷан неру ва захираҳои онҳоро ба хатсайрҳои худ кашид. Мавҷудияти ҳудудҳои васеи давлатӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷии онҳо дар тӯли зиёда аз се садсола устувории ин роҳи тиҷоратии байналмилалиро таъмин намуд. Аммо, муҳоҷирати бузурги минбаъдаи халқҳо (аз асри II

[1] Сыма Цянь. Исторические записки (Ши цзи). Т.IX. – М. .: Вост. лит., 2010, с.202

мелодӣ), ки Дашти Бузургро низ фаро гирифта буд, ба фаъолияти Шоҳроҳи Абрешим низ фишор овардан гирифт.

Дар ин садсолаҳои бенизомиҳои азими халқҳои бодиянишин, ки бо ҳамлаҳо ва ғоратгариҳои сершумори нисбат ба корвонҳо ва марказҳои калидии Шоҳроҳи Абрешим сурат мегирифтанд, кафолати асосии фаъолияти бетанаффуси онро маскунони маҳаллаҳои сершумори суғдӣ, ки аз Фарғона ва Ҳафтрӯд тавассути ҳавзаи Тарим ва долони Гансу, ба пойтахти Чин қадим ҷой гирифта буданд, таъмин менамуданд.

Қисме аз бохтариён ва суғдиён, ки аз ҳайати давлати Ҳахоманишиён (сатрапияи XII ва XVI), бинобар бо ислоҳоти динии шоҳаншоҳи Ардашер (дар асри V пеш аз милод)[1] маҷбур шуданд, ки ба шарқи ҳавзаи Тарим ҳаракат кунанд ва вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сипас низомӣ-сиёсиро дар ҳудуди зисти нав эҳё карданд. Олимони бостоншинос дар асоси натиҷаҳои корҳои бостонии саҳроӣ дар қабатҳои қадимии ҳавзаи Тарим муҳоҷирати шарқии зироаткоронро аз Варорӯд тасдиқ мекунанд[2].

Яке аз дастовардҳои барҷастаи аҳолии қадимии бумии ҳавзаи Тарим, ки то имрӯз дар масоҳати зиёд боқӣ мондааст, кандани каналҳои зеризаминӣ – корез (дар дигар вилоятҳои Чини муосир вуҷуд надорад) ва, аз ҳама муҳим, нигоҳ доштани онҳо дар ҳолати аълои корӣ то замони муосир мебошад. Ин низоми обёрии қадимаи Шарқ аз Халиҷи Форси Эрон тавассути Варорӯд ва Хуросон то канораҳои шарқии ҳавзаи Тарим (Турфан) паҳн гардидааст[3].

---

[1] Кузнецов Б.И. Культурные связи Памира с Тибетом // Страны и народы Востока. Вып. 16.- М. «Наука», 1975, с. 299

[2] Антонова Е. В. Сельское хозяйство. // Восточный Туркестан в древности и раннем средневековье.- М. Восточная литература, 1995, с. 103-105.

[3] Кляшторный С.Г., Султанов Т.И. Государства и народы Евразийских степей. – СПб, 2004.с. 51.

Бояд се ҷанбаи таърихиро, ки маскунони маҳаллаҳои суғдиро маҷбур карданд, ки яке аз нақшҳои асосиро дар фаъолият ва тавсеаи Шоҳроҳи абрешим ба ӯҳда гиранд, таъкид кард:

-Сакоиҳо-кушониён аз долони Гансу (Чин) ба шимоли Бохтар ба самти ғарб кӯчида, бо ин роҳ дар пеши маскунони маҳаллаҳои суғдӣ вазифаҳои нигаҳдории «Роҳи яшм», баъдан «Шоҳроҳи Абрешим»- ро гузоштанд;

-Қатъиян манъ гардидани муҳоҷирати чиниҳо ба хориҷа аз тарафи давлат дар давраи ташаккулёбии давлатҳои қадим ва асрҳои миёна ба ин раванд такон бахшид;

-Нақши сирф дипломатӣ доштани корвонҳои тиҷоратии Чин, ки фиристодан ва қабул кардани корвонҳои тиҷоратӣ ҳамчун механизми барқарор ва нигоҳ доштани робитаҳои хироҷдиҳӣ маҳсуб меёфт.

Аз ин рӯ, бо фаъолияти Шоҳроҳи абрешим, аз як тараф (аз шарқ), азхудкунии маъмурии долони Гансу ва ҳавзаи Тарим аз ҷониби империяи Хан оғоз ёфт, аз тарафи дигар (аз ғарб) маскункунии васеи тиҷоративу иқтисодии ин минтақаҳо аз тарафи суғдиён шурӯъ гардид, ки онҳо хеле пеш аз оғози ин роҳи тиҷорати байналмилалӣ ба ин ҷо ворид шуда, онро аз нуктаи назари кишоварзӣ, аллакай, аз худ карда буданд. Ин ҳамбастагӣ ва ҳамкории ханҳо (чиниҳо) ва суғдиён дар масири шарқии Шоҳроҳи абрешим (Гансу ва ҳавзаи Тарим), ки инро дастовардҳои бисёр илмҳо (бостоншиносӣ, нумизматика, забоншиносӣ, диншиносӣ, илми кишоварзӣ, таърихи сиёсӣ ва ғайра) шаҳодат медиҳанд, аксаран сулҳомез буда, якдигарро такмил мекарданд. Коршиносон воруди тадриҷии суғдиёнро ба тиҷорати миёнаравии байналмилалӣ[1], паҳн шудани фаъолияти тиҷоратии онҳо аз ҳавзаи Тарим то Чини ғарбӣ[2], инчунин рушди

[1] Пигулевская Н. В. Византийская дипломатия и торговля шелком в V-VII вв. // Византийский Временник, Т. I (XXVI), -М., . Изд. АН СССР, 1947, с. 206.

[2] Лубо- Лесниченко Е.И. Великий шелковый путь // Вопросы истории. 1985. № 9. с. 96.

шаҳрҳои бузурги бостонии Чин, аз ҷумла, пойтахти он, дар солномаҳои қадимаи Чин маъруф шудан ва ёддоштҳои таърихӣ бо ному насабҳои чинӣ (Ан, Кан, Ши, Хэ, Ми ва ғайра) хеле рангин тасвир кардаанд[1].

Дар ин ҷо таъкид кардан бамаврид аст, ки тавре ин порчаи мутахассиси маъруф дар омӯзиши Шоҳроҳи Абрешим гувоҳӣ медиҳад, аллакай то асри II, яъне дар давраи аввали фаъолияти ин роҳи тиҷорати ҷаҳонӣ, суғдиҳо ҳамаҷониба дар пойтахтҳои империяи Хан ҷойгир шуданд ва аллакай бо насабҳои чинии Ан (зодаи Порт, баъдтар Бухоро), Кан (зодаи Самарқанд) ва бисёр дигарон маъруф гардиданд. Онҳо дар тӯли беш аз ҳазорсола ҳамчун тоҷир ва сафир мақоми афзалиятнок доштанд. Ин андешаро маълумоти як мутахассиси дигари рус тасдиқ мекунад, ки дар он масъалаҳои тиҷоратӣ ва робитаҳои дипломатӣ дар Чин дар давраи «Панҷ сулола ва даҳ салтанат» (с. 907-960) тавсиф кардааст: «Дар байни суғдиён, аз рӯйи шумора, ҷойи аввалро касоне, ки аз Бухоро насаби Ан доштанд, ишғол мекарданд; пас намояндагони Чоч (ё Шош-Тошканди муосир-М.А.) (насаби Ши) ва танҳо як сафир аз Маймурғ (бо насаби Ми) буд»[2].

Ҳамин тариқ, ниёгони халқи тоҷик, алалхусус суғдиҳо, дар ташаккул ва шукуфоии Шоҳроҳи Абрешим саҳми босазо доштаанд ва забони онҳо дар тӯли масирҳои ин шоҳроҳи байналмилалӣ ба забони муоширати байни халқҳо (lingua franca) табдил ёфтааст. Муқовимати сахти суғдиён, ки яке аз қадимтарин минтақаҳои фарҳангию таърихии тоҷикон, ба ҳамлаи арабҳо низ аз бисёр ҷиҳат ба нигоҳ доштани афзалияти тиҷоративу иқтисодии худ дар роҳҳои шарқии ин масири тиҷорати байналмилали савдо аз бисёр ҷиҳат вобаста буд.

---

[1] Малявкин А.Г. Уйгурские государства в IX- XII вв. – Новосибирск, «Наука», 1983, с. 247.

[2] Малявкин А.Г. Уйгурские государства в IX- XII вв. – Новосибирск, «Наука», 1983, с. 247.

Маҳорати хуби тиҷоратии суғдӣ ба тамоми халқҳои қадим ва асрҳои миёна маълум буд, ки онро мо дар мисоли фиристодани сафорати тиҷоратии Хоқонҳои турк бо роҳбарии тоҷири суғдӣ Маниах ба пойтахти империяи Рум (Византия) дар боло дидем. Мисоли навбатии тавсифоти суғдиёнро яке аз роҳиб- сайёҳони машҳури чинӣ (буддоӣ) Сюан-Тсжан овардааст: «ҳам падарон ва ҳам фарзандон дар бораи фоида фикр мекунанд, сарват фахри бузург аст. Зоҳиран байни ашрофон ва мардуми оддӣ тафовуте нест–бо вуҷуди сарвати зиёд онҳо хеле содда либос мепӯшанд ва хӯрок истеъмол менамоянд. Дар ин ҷо теъдоди зироаткорон ва тоҷирон баробар аст»[1]. Ба ибораи дигар, вақте ки ин сайёҳи буддоӣ дар ибтидои асри VII аз Чин ба Ҳиндустон тавассути Турон ва Хуросон мегузашт, шумораи тоҷирони суғдӣ зиёд буданд ва дар давлат як табақаи махсусро ташкил медоданд.

Дар ин ҷо мумкин аст, амалҳои ҳокимони Макка ва Суғдро муқоиса намоем. Агар ҳокими воқеии Макка Абусуфён муддати тӯлонӣ ба таъсиси ҷомеа ва давлати исломӣ муқобилият карда, дар он таҳдид ба иқтидору имконоти шаҳри муқаддаси худро дида бошад, пас фарзандон ва набераҳои ӯ бо роҳи қабули ислом манфиатҳои калон ба даст оварданд ва аввалин империяи сулолавӣ, хилофати Умавиёнро дар Димишқ таъсис доданд. Ҳамин тавр, ҳокимони суғдӣ таҳдидҳо ба худ ва шаҳрҳои сершумори тиҷорати худро дар масири Шоҳроҳи Абрешим аз ҳамлаи арабҳо бо парчами ислом дида, бар зидди онҳо устуворона муқовимат нишон дода, иттифоқчиёни худро барои кӯмак даъват мекарданд. Сомониён бошанд, ки ворисони тахти Суғд буданд, баръакс, аз мавқеи транзитии давлати худ ба ҳадди бузург манфиат гирифта, онро ба шимол (ба Исфиҷоб) ва ҷануб (ба Систон) тавсеъа дода, дар кулли

[1] Сюань-цзан. Записки о Западных странах [эпохи] Великого Тан (Да Тан си юй цзи). – М. “Восточная литература”. 2012. С. 40

(се) хатсайрҳо ва шохаҳои гуногуни Шоҳроҳи абрешим назорати қавии худро ҷорӣ карданд.

Ҳоло, дар шароити нав, давлати паҳновари Сомониён, ки шоҳигарии хурди Суғдиро иваз намуд, ки назоратро бар марказҳои калидии Шоҳроҳи Абрешим ба роҳ монда, дарвоқеъ, ҳамчун ворисони қонунии рисолати таърихии ниёгони худ баромад карда, онро ба миқёси ҷаҳонӣ бароварданд.

Дарк кардани он боиси хушнудист, ки воситаи асосии пур кардани хазинаи давлати Сомониён дар тӯли зиёда аз сад соли ҳукмронии пуршарафи он на ҳуҷум ва ҳамлаҳои ваҳшиёнаи ғоратгарона бар зидди давлатҳои ҳамсоя ва ё зулми аз ҳад зиёди андоз ба аҳолии худ, балки таъсис ва нигоҳдории мунтазами назорат аз болои роҳҳои хушкигарди Шоҳроҳи абрешим дар ҳудуди Турон, Хуросон ва Бохтар (Тохаристон) бо ҳадди зиёд ҷамъоварии боҷи гумрукӣ буд. Аз рӯи маълумоти донишманди маъруфи эроншиноси амрикоӣ Ричард Фрай, яке аз сарчашмаҳои муҳими пур кардани хазинаи Сомониён ғуломфурӯшии асирони туркӣ буд, ки он замон дар Бағдод эътибори баланд доштанд[1]. Ба ҳама маълум аст, ки халифа Муътасим (с. 833-842), бародари халифа Маъмун, ки аз канизаки туркии халифа Ҳорун ар-Рашид ба дунё омадааст, ба хотири муқовимат бо қудрати горди хуросонӣ горди шахсии худро аз ғуломони туркӣ (аз Турон) ҷалб кардан гирифт. Ин таҷрибаи ҷалби ғуломони туркӣ барои горди ҳокимон, баъдан, натанҳо дар пойтахти хилофат, балки дар атрофи он аз Сомониён дар шарқ то Фотимиён ва давлатҳои минбаъда дар ғарб низ васеъ истифода шуд. Аз ин рӯ, талаботи зиёд ба ғуломҳои туркӣ бо сабаби тобоварии тавоноӣ ва сифатҳои ҳарбии онҳо, мутаносибан, тиҷорати ғуломонро ба миён оварда, ин бозорро гарм мекард ва азбаски манбаи асосии таъминоти ғуломон аз Дашти Бузург, ҳамсарҳади

[1] Fray R. The Samanids.// The Cambridge History of Iran. V.4. –Cambridge University press, 2008, S. 150.

давлати Сомониён буд, ба хазинаи давлат даромадҳои ҳангуфт ворид мешуд.

Бешубҳа, манбаи асосии даромади Сомониён тиҷорати байналмилалии корвонгард бо Чин буд ва боқӣ монд. Дар даврони болоравии нуфузи давлати Сомониён империяи Тани Чин (с. 618-907) дар қуллаи шуҳрати худ қарор дошта, дар пойтахти он (Чанъан) 2 миллион нафар аҳолӣ истиқомат мекард. Коршиноси амрикоӣ Э. Шеффер чунин маълумот додааст: «Бо қариб ду миллион аҳолии андозсупоранда, Чанъан аз Гуанчжоу, ки дар он канори ин шабакаи дарёҳо ва каналҳои хеле дароз ҷойгир аст, даҳ маротиба зиёдтар аҳолӣ дошт. Мувофиқи ин, шумораи хориҷиёне, ки дар пойтахт зиндагӣ мекунанд, низ бештар буданд. Аммо дар ин ҷо қабати байналмилалӣ дар таркиби худ назар ба бандари ҷанубӣ ба куллӣ фарқ мекард. Дар пойтахт, асосан, муҳоҷирон аз шимол ва ғарб - туркҳо, уйғурҳо, тахористониҳо, суғдиҳо зиндагӣ мекарданд, дар ҳоле, ки Гуанчжоу аз сокинони Тям (минтақаи Ветнами муосир - М.А.), кхмериҳо (камбоҷагиҳо - М.А.), яваниҳо (аз ҷазираи Яваи Индонезияи муосир -М.А.) ва сингалиҳо (яке аз халқиятҳои Шри Ланки муосир-М.А.) пур буд. Аммо, дуруст аст, ки ҳам дар Гуанчжоу ва ҳам дар Чанъан арабҳо, форсҳо ва ҳиндуҳои зиёд зиндагӣ мекарданд. Умуман, аҳолии эронитабор фаровон буд. Ҳукумати Тан ҳатто идораи сартавакҳо (ба маънои аслӣ «сорбонони корвон») ҷорӣ намуд, ки манфиатҳои онҳоро ҳимоя мекарданд».[1]

Таъсис ва фаъолияти як идораи махсуси масъули давлатӣ, ки фаъолияти тиҷорати корвонро ба танзим даровварда, суғдиён дар он афзалият доштанд, на танҳо аз аҳамияти ин намуди тиҷорати байналмилалӣ барои империяи Тан, балки аз доираи васеи тиҷорати корвонгард дар солҳои болоравии давлати Сомониён ба ин империяи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад.

[1] Шеффер Э. Золотые персики Самарканда. - М. «Вост. лит.», 1981.с. 37

Дар ин ҷо бояд таъкид намуд, ки В. В. Бартолд тахмин мезанад, ки маҳз аз ҳамин истилоҳи санскритӣ «сартавак» («sarthavaha» ё «sarthabaha»), ки маънояш «сорбони корвон» мебошад, калимаи «сарт» баромадаст, ки баъдтар аз маънои танги “тоҷир”, номи тамоми аҳолии бумии Варорӯдро дарбар гирифтааст. Ба гуфтаи ӯ: «дар адабиёти туркии асри XI калимаи «сарт» на ҳамчун номи халқи маъмул, балки ҳамчун дар маънои «тоҷир» вомехӯрад. Муғулҳо дар асри XIII калимаҳои «сартак» ва «сартаул»-ро, ки аз ин реша гирифта шудааст, ба маънои «тоҷик» ва «мусулмон» истифода кардаанд ва натанҳо эрониён, балки туркҳои мусулмонро низ «сартакҳо» меномидаанд. Дар охири асри XV наслҳои туркшудаи муғулҳо дар Туркистон (Варорӯд - М.А.) калимаи «сарт»-ро ба маънои «тоҷик» истифода карда, забон ва адабиёти сартҳоро ба забон ва адабиёти туркҳо муқобил мегузоштанд» [1].

Ба андешаи мо, номи «сарт», ки тақрибан дар як вақт бо этноними «тоҷик» пайдо шуда, аз доираи истифодаи маҳдуди касбӣ берун баромада, ба намояндагони аҳолии тоҷики бумӣ ва шаҳрнишини Варорӯд паҳн гашта, аз давраи Шоҳроҳи Абрешим то ба аввали асри XX васеъ истифода мешуд. Он дар баробари мусбат пур кардани этноними «тоҷик», дар айни замон тарзи ҳаёти суннатии он ва инчунин вазифаи фарҳангофаринии онро таъкид кардааст.

Дар давраи ҳукмронии сулолаи Сомониён, тоҷирони суғдӣ ва хуросонӣ на танҳо дар қисми шарқии Шоҳроҳи Абрешим ҳукмронӣ доштанд, балки ба канори ғарбии он – Испанияи исломӣ низ расиданд. Оиди сафарҳои пайдарпаи онҳо то ба Испанияи дур як падида, ки дар илми таърих бо номи «мукотибаи яҳудӣ-хазарӣ» маъруф аст, шаҳодат медиҳад[2].

---

[1] Бартольд В. В. История культурной жизни Туркестана. -Л. Изд. АН СССР. 1927, с 18-19.

[2] Коковцев П. К. Еврейско-хазарская переписка в X веке. – Л., Изд. АН СССР, 1932, - 134 с.

Ин мукотиба дар байни арбоби давлатии яҳудитабори халифаҳои испанӣ (андалусӣ) Абдураҳмон (с. 912-961) ва Ҳаким (с. 961-976) Хасдай ибни Шафрут ва шоҳи давлати Хазар (давлате, ки дар асри Х дар соҳили аврупоии Волгаи поён ҷойгир буд) Иосиф (Юсуф) сурат гирифт. Ин мукотибот ба мо дар бораи он, ки тоҷирони (сартавакҳои) сершумори Хуросон ва кишварҳои ҳамсоя бо молҳои гуногуни худ ба Испанияи дурдастарин мерафтанд ва дар ин роҳ, инчунин, вазифаҳои фиристодагонро, барои ашрофи олирутбаи давлатҳои гуногун қад- қади шоҳроҳи тиҷоратиро низ яквақта иҷро мекарданд, арзишмандтарин маълумот медиҳад.

Нахустин номаи амалдори олирутбаи испанӣ Хасдай ибни Шафрут тақрибан тирамоҳи соли 961 навишта шуда буд, ки дар он ӯ ба шоҳи Хазар дар бораи мамлакати худ, мавқеи ҷуғрофӣ ва муносибатҳои тиҷоратии хилофати Испания маълумот медиҳад ва инчунин хурсандии ғайриодии худро ба муносибати гирифтани ахбор дар бораи воқеияти салтанати мустақили яҳудиён дар Хазарияи дурдаст баён мекунад. Дар навбати худ, ӯ аз шоҳ хоҳиш мекунад, ки ба ӯ иттилоъ диҳад, ки яҳудиён ба кадом роҳ ба Хазария омадаанд ва гузаштани хазарҳо ба дини яҳудӣ чӣ гуна сурат гирифтааст.

Дар номаи ҷавобии худ, шоҳ Юсуф (Иосиф) маълумоти гуногун дар бораи пайдоиши хазарҳо, ба яҳудӣ гаравидани онҳо ва дар бораи кишвар ва шароити зиндагӣ дар он иттилоъ медиҳад.

Маълумоти амалдори испанӣ Хасдай ибни Шафрут дар бораи муносибатҳои тиҷоратии давлати худ барои мо аҳамияти хеле бузург дорад: «ба кишвари мо тоҷирон аз дурдастарин заминҳо меоянд ва тоҷирон аз ҳама шаҳрҳо ва ҷазираҳои дурдастарин меоянд, аз сарзамини Миср ва аз вилоятҳои боло (кишварҳое, ки дар ҳавзаи дарёи Нил дар ҷануби Миср - М. А.). Онҳо атриёт ва сангҳои қимматбаҳо ва ҳама ҷавоҳироти Мисрро ба кишвар меоранд ва онҳо бо шоҳон ва ҳокимон тиҷоратро мебаранд. Шоҳи мо захираҳои

нуқра, тилло ва ҷавоҳирот ва сарватҳои зиёдеро ҷамъ овардааст, ки ягон шоҳи пешин, ҷамъ наовардааст. Даромади он аз тоҷирони Сеннаар (Ироқ - МА), Хуросон, Миср ва Ал-Ҳинд (Ҳиндустон – М.А.) сол то сол ба 100,000 тилло (динори тиллоӣ - 4,25 гр. - МА) мерасад. Чунин аст ҳаҷми доимии даромади ҳарсола ӯ ва ин миқдор танҳо аз тоҷирони сершуморе, ки аз тамоми кишварҳо ва ҷазираҳои онҳо (ба мамлакати мо) меоянд, ба даст оварда мешавад. Тамоми муносибатҳои тиҷоратии онҳо ва ҳама корҳояшон танҳо тавассути ман ва мувофиқи дастури ман сурат мегирад. Ситоиш ва сипос аз Худое, ки он бо марҳамати бузурги худ барои ман ба амал овард, вақте ки шоҳони замин дар бораи бузургӣ ва қудрати ӯ шуниданд, онҳо ба ӯ ҳадяҳо тақдим карданд ва ба воситаи туҳфаҳо ва ҷавоҳирот, илтифоти ӯро ҷустуҷӯ мекарданд, аз ҷумла шоҳони Ашкеназ (Олмон - М. А.) шоҳи Г-б-лимҳо, яъне, ал-Саклаб (славянҳои Чехия ё Полша - М.А.), шоҳи Кустантина (императори Рум - М.А.) ва подшоҳони дигар»[1].

Тавре ки аз ин мактуб бармеояд, тоҷирони тоҷик (Варорӯд ва Хуросон) дар давраи шукуфоии давлати Сомониён ба ҳавзаи тиҷоратии худ чунин як кишвари дурдастаринро, ба монанди Андалусия дар нимҷазираи Пиреней (бо Испания ва Португалияи имрӯза)-ро низ фаро гирифта буданд. Аҷибаш боз он аст, ки амалдори андалусӣ маълумотро оид ба будубоши як давлати Хазария, ки дини яҳудиро қабул карда буд, аз тоҷирони тоҷиктабор гирифт; «ҳамчун корҳо идома меёфт, ки то ба ман, тоҷирон аз *Хуросон* омада буданд, ки паёмро ба ман расонданд, ки дар байни яҳудиён, салтанате ҳаст, ки Ал-Хазар ном дошт » [2].

Тавре маълум гардид, дар замони давлати Сомониён тоҷирони Варорӯд ва Хуросон таҷрибаи тиҷоратии Суғдро бомуваффақият

---

[1] Ниг. Коковцев П. К. Еврейско-хазарская переписка в X веке – Л., Изд. АН СССР, 1932, с. 63.

[2] Коковцев П. К. Еврейско-хазарская переписка в X веке – Л., Изд. АН СССР, 1932, с. 63

идома дода, тадриҷан онро на танҳо дар самти анъанавии шарқии Шоҳроҳи Абрешим тавсеа доданд. Онҳо аз ҳудуди бепаҳнои хилофати исломӣ, ки ҳам ҳудудҳои Африқои шимолӣ ва ҳам нимҷазираи Пиреней (Аврупои ҷануби)ро фаро гирифта буд, моҳирона истифода бурда, ба азхудкунии нуқтаи ғарбии Шоҳроҳи Абрешим шурӯъ намуда, ба соҳили уқёнуси Атлантика низ расиданд.

Ҳамин тариқ, дар замони ҳукмронии давлати Сомониён тоҷирони тоҷик назорати худро дар тамоми масири хушкигарди Шоҳроҳи Абрешим, аз соҳили уқёнуси шарқӣ (Уқёнуси Ором) то уқёнуси ғарбӣ (Атлантика) ба роҳ монда, бо ин васила низоми ягонаи тиҷорати ҷаҳонии асримиёнагиро ташкил карданд.

# БОБИ III. ПАҲНКУНИИ СТРАТЕГИЯИ СОМОНИЁН ДАР САРОСАРИ ҶАҲОН

## 3.1. Стратегияи Сомониён аз Гурганҷ то Гургон

Аллакай дар солҳои охири давлати Сомониён, вақте ки он ба мушкилоти зиддияти низоъҳои дохилӣ ва ҳуҷумҳои беруна камтар тобовар шуд, стратегияи истифодаи забони тоҷикӣ дар коргузории сохторҳои давлат; нигоҳ доштани нақши роҳбарикунандаи вазир ва кори муназзами девонҳои давлатӣ; афзалияти аморати/салтанати суннитабор аз имомати шиа; дастгирии мазҳаби ҳанафии исломи суннитабор; таҳкими синтези тоҷикӣ-туркӣ; сарпарастӣ ба Шоҳроҳи Бузурги Абрешим ва, алалхусус, сарпарастӣ аз болои "аҳли қалам", на фақат то вилоятҳои дурдасттарини он расид, балки ҳасади ҳамсоягони таҳдидомезашро барои азхуд намудани онҳо барангехт.

Пеш аз оғози тақсимоти мероси бузурги иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ-иқтисодии Сомониён аз ҷониби ҳамсоягони тавоно – ворисони аҷнабии он, ин стратегияи Сомониён, ки ба амалияи ҳамарӯза мубаддал гашта буд, натанҳо идома ёфт, балки дар ду қисмҳои ҷудошудаи мамлакат -дар Хоразм ва Гургон «дурахшонии музофотӣ» намоиш дод. Ҳатто дар солҳое, ки таҳдид ба мавҷудияти минбаъдаи давлати Сомониён пурзӯр гардид, натанҳо дар маркази он, балки дар шаҳрҳои дурдастарини музофотии он, ҳамбастагӣ ва ҳамкории ғояҳо ва арзишҳои волои ақлонӣ (ратсионализм) идома дошт, ки бо муборизаҳо мавқеи бартаридоштаи худро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба намояндагони руҳониёни иртиҷоӣ («аҳли салла») дод.

Нигоҳ доштани тавозун байни тафаккури амиқи мулоҳизакоронаи беҳтарин мутафаккирони халқи тоҷик ва дигар халқҳои давлати азим, дарвоқеъ, бо шукӯҳи зоҳирӣ ва меъёрҳои маросимии руҳониёни ифротӣ барои амирони босалобат, аввал аз ҷониби ҳокимони равшанфикр, ки

истиқлолияти худро ба даст овarданд, баландтарин меъёри тақлид гаштанд. Сипас, он аз тарафи тамоми сулолаҳои минбаъда, ки ҳукмронии худро дар Варорӯд ва Хуросон, инчунин минтақаҳои ҳамсояи Авруосиё барқарор карданд, ҳамчун як таҷрибаи бонуфузе қабул гардид.

Тибқи иттилои муаррихон, дар солҳои душвори даргириҳои дохилӣ дар давлати Сомониён дар тирамоҳи соли 996 волии Сомониён дар Хоразм Абулаббос Маъмун Муҳаммад бо истифода аз вазъияти мусоиди низомӣ – сиёсӣ, рақиби худ Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳ, зердасти Сомониёнро аз қудрат дур карда, заминҳо ва унвонаш (Хоразмшоҳ)-ро ба даст овард[1]. Хоразм, ки аз саҳнаи асосии амалиёти ҳарбӣ дуртар ҷойгир буд, ҳатто баъд аз тағйир ёфтани қудрат дар Варорӯд, садоқати худро ба сулолаи Сомониён нигоҳ дошт. Ворисӣ Абулаббос Абулҳасан Алии Маъмун натанҳо охирин амирони шарифи Сомониён Исмоили II Мунтасирро қабул кард, балки инчунин ба ӯ кӯмак расонд, ки бо мақсади бозпас гирифтани тахти ниёгон артиш гирд оварад[2].

Ба андешаи мо, садоқати хонаводаи Маъмун ба Сомониён ва ҳифзи сулҳу субот дар Хоразм, дур аз ҷойгоҳҳои даргириҳо ва набардҳои беохир барои мероси бузурги Сомониён, яке аз сабабҳои асосии ҳаракати сершумори «аҳли қалам» аз Бухоро ва дигар минтақаҳои давлати пошхӯрдаистода ба пойтахти Хоразмшоҳ Абулҳасан дар Гурганҷ гашт.

Абулаббоси Маъмун ва ду писари ӯ тавонистанд бо унвони «Хоразмшоҳ» давлати худро (Маъмуниён) созмон диҳанд ва дар тӯли ду даҳсола онро натанҳо устувор ва ободнигаҳ доранд, балки ба маркази фарҳангии тамоми Варорӯд табдил диҳанд. Қарахониён, ки дар Бухоро ва тамоми Варорӯд дар асоси розигии хомӯшонаи рӯҳониёни иртиҷоӣ ба қудрат расида, асосан, танҳо дар амалисозии лоиҳаҳои меъмории давлат бартарӣ пайдо карданд. Дар қисми боқимондаи ҳаёти фарҳангӣ пешдастӣ ба Хоразм гузашт.

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. Т.I.-М.: Восточная литература,1963, с.324.

[2] Ҳамон ҷо, с.330.

Зуҳуроти иртиҷоии руҳониён ҳатто ба Хоразм гузашт, ки Хоразмшоҳ Маъмуни маърифатнок дар соли 997 барои таваҷҷӯҳаш ба илму адабиёт кушта шуд. Ду писари ворисӣ вай бо навбат ин анъанаи фарҳангдӯстии Сомониёнро, ки падараш –волии мутеи Сомониён аз ин сулолаи шариф қабул карда буд, идома доданд. Чуноне коршиноси рус тасдиқ мекунад: «Тавассути захираҳои калони китобҳои он ва он санад, ки фаъолияти тарҷумонҳоро дастгири мекард, китобхона барои нависандагон ва олимон як оҳанрабое барои олимони соҳаҳои гуногун шуда буд ва тавонист самаранок холигиеро, ки пас аз сӯхтани китобхонаи Сомониён дар Бухоро ва вучуд омада буд, пур кунад»[1]. Ба ақидаи ин мутахассис, хидмати асосии шукуфоии ҳаёти илмиву фарҳангии Хоразм ба вазир Абуҳусайни Сахлӣ тааллуқ дорад, ки ӯ таъкид мекунад: «Маҳз Саҳлӣ буд, ки ақидаи баргузор кардани шабнишиниҳои илмӣ дар дарбори Маъмун дар шимоли шаҳрро пешниҳод карда буд. Чунини гирдиҳамоиҳои Бармакиён дар Бағдод ва шабнишиниҳои зиёӣ дар Марв, Балх, Нишопур ё Бухоро хеле монанд буданд. Дар баробари қироати шеър ва муҳокимаҳо, шабнишиниҳо хусусияти баҳсҳо ва мусобиқаҳои намудҳои гуногун доштанд, ҳама, ба мақсади ба намоиш гузоштани ситораҳои иштирокчии он. Фарқият дар он аст, ки ҳеч яке аз онҳо даъвои иштироки бузургтарин олмони асрҳои миёна – Берунӣ ва Ибни Сино ва теъдоди зиёди шоирон, нависандагон ва олимони асосии дигари он давраро кардан наметавонистанд. Дар давоми мавҷудияти кӯтоҳмуддаташ Академияи Маъмун маркази зеҳнии ҷаҳон буд».[2] Аз ин рӯ, дурусттар ва одилона мебуд, ки ин «академия»-ро дар муқоиса бо «Академияи халифа Маъмун», «Академияи Маъмун – Саҳлӣ» номгузорӣ намоем, зеро аз Бармакиёни донишманд сар карда, анъанаи роҳбарии вазирони бузург барои ба дарбори шоҳон додани дурахш тавассути сарпарастии моддӣ ва маънавии «аҳли қалам» оғоз гардида, дар давраи Сомониён ба авҷи аълои худ расидааст.

[1] Старр Ф. Маърифати гумшуда, с. 324.
[2] Старр Ф. Маърифати гумшуда, с. 324.

Аз рӯи маълумоти мутахассисони ӯзбек, дар ин академия аз тарафи гурӯҳи сермиллат ва гуногунмазҳаб дар бисёр самтҳо тадқиқоти илмӣ: аз математика то астрономия анҷом дода мешуданд[1].

Пас аз фурӯпошии давлати Сомониён ва суст шудани Оли Бӯйя, яке аз зердасти дигари Сомониён дар ҷанубу ғарб, ҳокими Гургон Қобуси Вашмгир (тақрибан соли 998) истиқлолро ба даст оварда, тавонист, ки бо султон Маҳмуди Ғазнавии бадхашм робитаҳои дӯстона барқарор кунад. Ин вазъ ба ӯ имкон дод, ки давлати хурди худро баъд аз Сомониён ба яке аз марказҳои сарпарастии «аҳли қалам» табдил диҳад. Дар ғурбати 17-солаи ҳиҷрати иҷборӣ дар Хуросон ва Варорӯд ӯ маҷбур шуд, ки таҳсилоти мукаммал гирад ва ҳатто мутахассиси машҳури номанависи арабӣ гардад ва инчунин, ба забони тоҷикӣ ва арабӣ шеърҳо эҷод мекард. Пас аз сукути давлати Сомониён, дарбори ӯ, ба монанди дарбори Хоразмшоҳи Маъмуниён, ба маркази ҷамъшавии шоирон ва олимон табдил ёфт, ки вай онҳоро сарпарастӣ мекард. Ду бузургтарин мутафаккирони давраи Сомониён – Берунӣ ва Абуалӣ Сино низ дар як муддат таҳти сарпарастиаш буданд. Вай аз рӯи эътиқоди мазҳабии худ суннитабор буда, фаъолияти шиаҳо ва мутазилитҳоро дар қаламраваш таъқиб мекард[2].

Ба назари мо, асари маъруфи хислати тарбиявидошта («Қобуснома»)-и набераи амир Кобуис Вашмгир Кайковус, ки ба писараш Гелоншоҳ бахшида шудааст, хулосаи мантиқии ин давраи бошукӯҳ дар ҳаёти минтақаи ҷанубу ғарбии давлати Сомониён гардид[3].

«Қобуснома» бо мундариҷаи худ дар байни мавқеъгириҳои шуубӣ ва васфи ҳукмронии султон Маҳмуд қарор дорад. Аз як тараф, муаллифи асар ба ҳикмати шоҳаншоҳи Сосониён Анушервон баҳои баланд дода, оилаи худро ба ашрофзодагони афсонавии Эрон пайваст менамояд, аз

---

[1] Хоразм Маъмун академияси/Под ред. Б. А. Абдухалимова. - Ташкент, 2005. с. 104

[2] Madelung W. The minor dynasties of northern Iran.// Cambridge History of Iran. Vol. IV.- Cambridge University Press, 2008, s. 215.

[3] Кей-Кавус «Кабус-наме»/перевод Е. Бертельса. https://booksee.org/book/599932 санаи мурочиат 20.12.2020

тарафи дигар, бо «мубориzи имон» султон Маҳмуд пайванди хешу таборӣ дошт, хешовандони ӯ ба ин истилогар саҷда мекарданд.

Забони осори ӯ, на лаҳҷаи гелонӣ, балки забони тоҷикӣ (дарӣ)-и то ин давра аллакай ташаккулёфта аст, ки дар Шарқ маъруфият пайдо карда буд. Шарқшиноси маъруфи рус Э. Бертелс, ки ин китобро ба забони русӣ тарҷума кардааст, навиштааст: «Муаллифи «Қобуснома» зодаи мардуми Гелон, аҳолии қадимии соҳили ҷанубии баҳри Каспий мебошад. Ҳамзамон, муаллиф, ба мисли тамоми аҳли оила, муддати дароз бо доираи фарҳангии Сомониён робитаи зич дошт. Бо боварии комил ишроз доштан мумкин аст, ки забоне, ки бо он китоб навишта шудааст, он замонҳо забони адабии Эрон набуд, балки тақрибан танҳо дар қаламрави Сомониён, ки асосан тоҷикон зиндагӣ мекарданд, истифода мешуд, ин забони Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ аст»[1].

Ин андешаи яке аз коршиносони барҷастаи рус аз он далели таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки раванди ташаккули адабиёти шинохташудаи тоҷику форс на мувозӣ бо фарҳанги мусулмонӣ (аз ғарб ба шарқ), балки баръакс, аз шарқ ба ғарб (аз қаламрави Сомониён ба заминҳои Оли Бӯйя) ҳаракат намудааст.

Мақбараи Қобуси Вашмгир дар Гургон, ки солҳои 1006-1007 сохта шуда, то замони мо омада расидааст, намунаи аввалини меъмории тоҷикӣ-мусулмонӣ маҳсуб меёбад[2]. Ин намунаи меъмории назди баҳри Каспий ва мақбараи Сомониён дар Бухоро, ки бо гунбази зебо тоҷгузорӣ шудааст, барои иншоотҳои минбаъдаи меъморӣ дар минтақа ва берун аз он ҳамчун меъёри олӣ хизмат кардааст.

[1]Предисловие. Кей-Кавус «Кабус-наме»/ перевод Е. Бертельса. https://booksee.org/book/599932 санаи мурочиат 20.12.2020.

[2] Бартольд В.В. Культура мусульманства. Сочинения. Т.VI.-М.: Наука,1966, с.183.

## 3.2. Ғазнавиён ва Қарахониён – пайравони содиқи Сомониён

Ҳар ду давлате, ки ҷойгузини давлати Сомониён гардиданд, Қарахониён ва Ғазнавиён, дар ҳавзаи сиёсати равшанфикронаи он ташаккул ёфтанд. Тақвияти Қарахониён, асосан, натиҷаи сиёсати тамаддунофару сулҳпарваронаи Сомониён мебошад, ки баъди дини нав – исломро аз дасти ҳокимон ва руҳониёни давлати Сомониён қабул кардан, қабилаҳои сершумори туркӣ тадриҷан муттаҳид шуда, онҳо ба муносибатҳои гуногунҷабҳа бо ҷаҳони паҳновари ислом васеъ ҷалб карда шуданд. Давлати Ғазнавиён бошад натиҷаи мустақими сиёсати мутамаркази иқтисодии Сомониён аст, ки бо коҳиш ёфтани моликияти заминдории хусусӣ (деҳконони ашрофзодаҳои суннатӣ) ба ҷойи онҳо шаҳрҳо рушди бесобиқа доштанд[1]. Аз ин рӯ, лашкари Сомониён, ки дар ибтидо ба ихтиёриҳои мулкҳои сершумори деҳқонӣ такя мекард, пас аз кам шудани қудрати онҳо ва пас аз тавсеаи бюрократияи давлатӣ, тадриҷан ба ҷалби ғуломони туркӣ гузашт. Тадриҷан аз байни ин афсарони боғайрат ва шуҳратпараст (*висакбошӣ*) натанҳо сарлашкарон-волиёни муваффақ (ҳоҷиб, сипаҳсолор) ва ҳокимони кишварҳои зердаст (Симҷуриён ва ғ.), балки бунёдгузорони давлатҳо (Алптегин, Сабуктегин ва Маҳмуд) ба майдон омаданд.

Амирони Сомониён синтези тоҷикӣ-туркиро риоя карда, барои аскарони турк зинаи дақиқи такмилёфтаи хизматиро эҷод карданд, ки онҳо дар ибтидо ба сафи аскарони пиёдаи артиши амир ворид шуда, тадриҷан ғайрат ва ҷасорат нишон дода, дар хизмати ҳарбӣ ба баландтарин рутбаҳои кишвар дар хизмати давлати ноил мегардиданд[2].

---

[1] Бартольд В.В. Арабское завоевание и Туркестан при Саманидах.//Сочинения. Т.II.Часть I- М.: Восточная литература, 1963, с.122-123.

[2] Низаммулмульк. Сиясетнаме.

Дар масъалаи идомаи анъанаҳои Сомониён (стратегия) байни ин ду давлати ворис, маҳз давлати Ғазнавиён муваффақиятҳои бузург ба даст овард. Ин ҳолат як қатор сабабҳои объективӣ дорад:

-аввалан, ҳам султон Маҳмуд ва ҳам гузаштагонаш (волии Хуросон Алптегин ва амири Сомониёни Ғазна Сабуктегин) аз муҳити низоми давлатдории мутамаркази Сомониён баромада, ба анъанаҳои он содиқ монданд ва баъди фурӯпошии давлати Сомониён ин суннатҳоро дар сиёсаташон комилан қабул карданд;

-дувум, онҳо амирони Сомониро аз нооромиҳо ва низоъҳои дохилӣ, ки аз ҷониби ҳокимони вилоятҳои ҷудогонаи давлат аз қабили Фоиқ, Бегтузун, Абуалӣ Симҷурӣ ва дигарон ташкил гардида буданд, чанд маротиба наҷот дода, то охир ба амирони Сомониён содиқ монданд. Тибқи маълумоти муаррихон, ҳатто аввалин мулки Алптегин дар Ғазна, ки соли 962 бунёд шудааст ва аз ҷониби писар ва ворисi ӯ Исҳоқ соли 965 аз даст рафтааст, ба шарофати кумаки ҳукумати марказии Сомониён ба ӯ баргардонида шуд[1]. Амири Сомонӣ дар Ғазна Сабуктегин ва писари ӯ - Маҳмуд дар тӯли беш аз бист сол (с. 977-999) муборизаи амирони сомониро бар зидди ҳокимони вилоятҳои ҷудогона ва волиёни саркаш дастгирӣ менамуд. Танҳо дар охир, дар давроне, ки пошхӯрии давлат хусусияти бебозгашт пайдо кард, онҳо низ ба мубориза барои мероси Сомониён ҳамроҳ шуданд ва кишвари Хуросонро ба давлати худ дохил карданд[2]. Тобистони соли 999 Маҳмуд унвони анъанавии ҳокимони Хуросон (*сипаҳсолор*)-ро напазируфта, бародари худ Насрро ба ин вазифа таъин кард[3], ки маънои интиқоли ниҳоии қудрат дар соҳили чапи Амударё ба Султон Маҳмудро дошт;

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.311-312.

[2] Ҳамон ҷо, с.322-328.

[3] Ҳамон ҷо, с.328.

-сеюм, аҳолии Хуросон ва минтақаҳои ҳамшафати соҳили чапи Омуро, асосан тоҷикони бумӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо садоқати худро ба ворисони Сомониён дар симои Ғазнавиён, собиқ зердастони онҳо нигоҳ доштанд. Ба Варорӯд бошад, ҳамроҳ бо Қарахониён аз Дашти Бузург (Дашти Қипчоқ) қабилаҳои ҳархела ворид шуда, кишварро ба макони даргириҳои дохилӣ ва низоъҳо табдил доданд. Дар Хуросон имконият пайдо шуд, ки Ғазнавиён тақрибан ҳамаи унсурҳои стратегияи Сомониёнро паҳн кунанд: истифодаи забони тоҷикӣ дар коргузории давлатӣ; нигоҳ доштани нақши роҳбарикунандаи вазир ва кори муназзами девонҳои давлатӣ; афзалият ба аморати / салтанатӣ суннатӣ нисбати имомати шиамазҳаб; дастгирии равияи ҳанафии исломи суннитабор; таҳкими минбаъдаи синтези тоҷикӣ-туркӣ; сарпарастӣ бар Шоҳроҳи Абрешим ва алахусус, сарпарастӣ нисбати «аҳли қалам».

Ҳамчун мутахассиси сулолаи Ғазнавиён профессор К.Е.Босворт чунин қайд кардааст: «Ғазнавиён решаҳои даштии бутпарастии худро комилан тарк карда, анъаноти ҳукумати форсӣ-исломиро (тоҷикиро- М.А.) бо рӯҳбаландӣ қабул карданд, ки онро дар қаламравҳои нав ба даст овардаашон мувофиқ донистанд. Ба ин раванди азхудкунии суннатҳо кормандони маъмурӣ аз сохти давлатии қаблӣ мусоидат карданд. Вақте ки Маҳмуд Хуросонро ишғол намуд, аксари мансабдорони Сомониён дар мақомҳояшон монданд ва садоқати худро ба ҳокими нав интиқол доданд. Масалан, нахуствазири Маҳмуд, Абулаббос Фазл Исфарайнӣ, қаблан котиби Фоиқ (сарвари саркаши ҳарбии Сомониён-М.А.) буд. Баъзе амалдорон, масалан, қозӣ Шерозӣ, ки волии мулкӣ дар шимоли Ҳиндустон дар қисми аввали ҳукмронии Масъуд буд, собиқаи хизмат дар сохтори Оли Бӯйяро дошт. Ин гуна одамони соҳибтаҷриба дар маъмурияти Ғазнавиён истиқбол карда мешуданд, алалхусус, барои он, ки тавсеаи империя бо роҳбарии

Маҳмуд доираи фаъолияти онҳо ва ҳаҷми кореро, ки бояд ҳал мекарданд, васеъ намуд»[1].

Ба ибораи дигар, пас аз он, ки сулолаи Сомониён қудрати сиёсиро аз даст дод, ҳеҷ гуна тозакунӣ ё барканоркунии мансабдорон аз сохторҳои расмии машҳури мутамаркази он ба миён наомад. Мавҷудияти бюрократияи баландихтисос, ки дар даврони Сомониён ба қуллаи баланд расонида шуда буд, ба талаботи сулолаҳои минбаъда мувофиқ омад, ки дар байни онҳо султонҳои Ғазнавӣ фаъол буданд, зеро онҳо барои идоракунии ҳудудҳои нав ба нав ба маъмурони соҳибтаҷриба эҳтиёҷи зиёд доштанд.

Дар солҳои аввали ҳукмронии худ, Маҳмуди Ғазнавӣ, ки барои ба тартиб овардани давлати навтаъсису таҳкими пояҳои қудрати сулолаи худ дар мубориза бо бародари худ машғул буд, бо ҳасад ба сӯйи Хоразм менигарист, ки ҳокимони собиқи маҳаллии Сомониён – Маъмуниён муваққатан анъанаҳои сиёсати маорифпарваронаи Сомониёнро ба дасти худ гирифта буданд.

Маҳмуди Ғазнавӣ, ки бо тақлид ба Сомониён, унвони султон (унвони ҳокими дунявӣ)-ро гирифтааст, ба дарбори худ шукӯҳу шаҳоматро фароҳам овард ва тамоми низоми ҳукмронии давлати пешгузаштаи худро дар шаҳри Ғазна, ки як замон вилояти каноравии Сомониён ба шумор мерафт, барқарор кард. Абулаббоси Фазл Исфарайнӣ ва Абулқосим Маймандӣ шуҳрати бештарро аз байни вазирони бузург ба даст овардаанд, ки солиёни дароз ба султон Маҳмуд хизмат намуда, дар сари девонҳои давлатӣ мақоми бебаҳс ва ивазнашавандаро пайдо карданд[2].

---

[1] Bosworth C.E. The early Ghaznavids. //Cambridge History of Iran.Volume IV.- CambridgeUniversityPress, 2008, s.181.

[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.337.


Давлати
Ғазнавиён
975-1187
Лоҳур
Кобул
ҒАЗНА
Балх
Самарқанд
Заранч
Ҳирот
Марв
Бухоро
Урганч
Нишопур
Исфаҳон
Шероз
Теҳрон

Аммо, мо дар низоми маъмурии султон Маҳмуд на ҳама даҳ девон, балки панҷ девони калидиро мебинем: «аз рӯи сохтори худ маъмурияти Ғазнавиён ба таври возеҳ аз Сомониён дар Бухоро сарчашма мегирад. Панҷ идораи бузурги давлатӣ: *девони вазорат*, идораи вазир, ки бо молия ва идоракунии умумӣ сарукор дорад; *девони рисолат*, ки бо мукотибаи расмӣ ва дипломатӣ алоқаманд аст; *девони ардӣ* – девон ё котиби ҳарбӣ, ки артишро ҷамъоварӣ, ташкил ва муҷаҳҳаз мекунад; *девони ишраф*, сармушриф бо иртиботи дохилӣ ва системаи ҷосусӣ; ва *девони ваколат*, девони вакили хос, ё нозири дарбори шоҳ ва масъули идораи қасри шоҳ ва маъмурияти амволи шоҳӣ (давлатӣ) мавҷуд буданд. Ҳамаи ин идораҳо дар салоҳияти котибони форсӣ (тоҷикӣ -М.А.) буданд, ки суннатҳо ва усулҳои ҳунари худро дар онҳо идома медоданд. Агарчи султонҳо маслиҳати мансабдорони худро гӯш мекарданд, аммо онҳоро ҳатман қабул намекарданд, зеро қудрати онҳо аз ҷиҳати назариявӣ бо одамони дигар маҳдуд набуд[1].

Дар ҳоле, ки султон Маҳмуд машғули таҳкими пояҳои давлати худ буд, ӯ ҳамзамон Маъмуниёни Хоразмро тавассути дипломатияи издивоҷ дар мадори сиёсати худ нигоҳ медошт, то он даме, ки ҳар ду писар- ворисони асосгузори давлати Маъмуниён Абулҳасан Алӣ ва Абулаббос бо хоҳарони султон Маҳмуд издивоҷ карда буданд[2].

Соли 1017 султон Маҳмуд аз мунокишаҳои дохилӣ дар ҳукумати Хоразмшоҳони Маъмунӣ, ки дар натиҷаи таҳдидҳои вай рӯ ба таназзул оварда буд, бо баҳонаи ҷазо додани «қотилони домодаш, ҳокими қонунӣ» ба ин кишвари аз пойтахташ хеле дур бо артиши 100 ҳазор нафара, ки бо 500 фили ҷанги пурзӯр карда шуда буд, ҳамла кард. Султон кишварро забт карда, натанҳо ба

[1] Bosworth C.E. The early Ghaznavids. //Cambridge History of Iran.Volume IV.- CambridgeUniversityPress, 2008, s.181-182.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.337.

давлати худ шомил кард[1], балки аксари иштирокчиёни академияи Маъмун/Саҳлиро бо сарварии Абурайҳон Берунии машҳур бо худ гирифта, ба Ғазна баргашт. Аз ҳамон лаҳза бартарии сарпарастӣ бар «аҳли қалам» аз Варорӯд, ба ин минтақаи канории Хуросон, воқеъ дар «дарвозаҳои Ҳиндустон» чойгир буд,  гузашт. Тавре мутахассис ёдовар мешавад, «ҳокимони Ғазнӣ ба тамоми ҷаҳон беист хотиррасон мекарданд, ки ҳукмронии онҳо бар тарзи мукаммалу фарҳангии Сомониён асос ёфта аст»[2].

Баъди аввалин юриши муваффақонаи ҳарбӣ ба Варорӯд бошад, султон Маҳмуд (с. 1025), бо дархости яке аз тарафҳои даргир, ки ҳокимони қарахонӣ байни ҳам душманӣ доштанд ва ронда шудани ғосиби тахтҳои Бухоро ва Самарқанд Алптегин, вай худро дар муносибат бо халифа ҳамчун ҳокими мустақили тамоми шарқ (ҳамчун «вориси ҳақиқии Сомониён») муаррифӣ намуд. Халифа ӯҳдадор шуд, ки бо Қарахониён танҳо тавассути султон Маҳмуд робита дошта бошад[3].

Султон Маҳмуд низ ба монанди асосгузори воқеии давлати Сомониён Амир Исмоили Сомонӣ, тибқи гузориши таърихнигорони асрҳои миёна ва муосир, маҳорати фавқулодаи идоракунӣ дошт. Коршиносон сифатҳои зерини султон Маҳмудро ҳамчун нерӯи хастанашаванда, иродаи қавӣ, ақли олӣ, ҳисси адолати қонунӣ, сарпарастии олимон, шоирон ва уламо, таваҷҷӯҳ ба меъморӣ ва боғдорӣ, истифодаи ками ҳукми қатл ба марг, инчунин мағрурӣ, таассуби кӯтоҳандешона ва ситамгариро зикр кардаанд [4]. Барои мо, пеш аз ҳама,  чунин сифатҳои султон ба монанди риояи волоияти қонун дар давлат, вақте ки «ҳатто дар мусодираи молу мулки гунаҳкорони давлат кӯшиш ба харҷ дода

---

[1] Ҳамон ҷо, с.338-339.
[2] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с.320.
[3] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.338-348.
[4] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с.319- 351; Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.349-355.

мешуд, ки амволи онҳо қонунӣ харид гардад»[1], ҷолиб аст. Ба ин сифатҳо дар минтақаи мо (Осиёи Марказӣ) то имрӯз талаботи зиёд доранд, чунки моликияти хусусӣ, ки кафолати рушди иқтисоди миллии ҳар як кишвар ҳисобида мешавад, мақоми хоси худро то ҳоло нагирифтааст.

Шубҳае нест, ки хизматҳои шоистатарини султон Маҳмуд, ҳатто бо вуҷуди хусусиятҳои манфӣ, ин идомаи анъанаи сарпарастии Сомониён ба «аҳли қалам» мебошад. Дар ин ҷо чизи асосӣ, ба андешаи мо, ангеза (ботил ё самимият) нест, балки натиҷаи он аст, ки парвози баланди тафаккур, асосан, мутафаккирони тоҷик, ки аз Бағдод оғоз ёфт, дар Марв, Бухоро, Нишопур, Тус ва шаҳрҳои дигари Варорӯд ва Хуросон, хомӯш нашуда, балки идомаи минбаъдаи худро дар Ғазнаи дурдаст пайдо кард.

Аз «аҳли қалам»-и сершумор, ки дар дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ ҷамъ омада буданд, ҳам аз Академияи Хоразмии Маъмун/Саҳлӣ ва ҳам аз дигар доираҳои илмӣ, шахсияти Абурайҳони Берунӣ, бешубҳа, мавқеи хосса дорад. Вай, ки яке аз се нобиғаҳои бузурги даври Сомониён (Абуалӣ Сино ва Абунасри Форобӣ) буд, фаъолияти илмии худро дар пойтахти нав ҳам, бомуваффақият идома дод. Агар омӯзиши мукаммали илмии минтақаи мо (Ориёно-Варорӯди қадим) дар ғарб аз лашкаркашиҳои ҳарбии Искандари Мақдунӣ сарчашма гирад, мисршиносии муосир бошад аз юриши ҳарбии Наполеон ба Миср оғоз ёбад, пас ҳиндушиносӣ дар Осиёи Марказӣ (ва баъдтар дар тамоми ҷаҳон) аз лашкаркашиҳои ҳарбии султон Маҳмуд оғоз мешавад. Абурайҳон Берунӣ, ки дар ин юришҳо ӯро ҳамроҳӣ мекард, забони қадимаи ҳиндӣ-санскрит, анъанаҳо ва

[1]Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.355.

этнопсихологияи ҳиндуҳоро бодиққат меомӯзад[1]. Дар натиҷа, асари бунёдии ӯ «Ҳиндустон» пайдо мешавад, ки ҳадафи асосии он «муайян кардани дастовардҳои баландтарини тафаккури Ҳинд дар соҳаҳои гуногуни илмӣ ва пайгирии сарчашмаҳои онҳо» буд[2]. Ин вазифаро ин олими бузург ба шарофати «таҳқиқоти саҳроӣ»-и худ, вақте ки ӯ солҳои дароз дар байни ҳиндуҳо зиндагӣ карда, рӯзгори ҳаррӯзаи онҳоро мушоҳида мекард, бомуваффақият иҷро кард,

Ҳамин тариқ, олими бузург, ки дар солҳои лашкаркашиҳои султон Маҳмуд ҳаёт ба сар бурда буд, дурнамои робитаҳои наздики мусулмонон ва ҳиндуҳоро дарк карда, дар баробари маводҳои дигар, барои онҳое, ки пас аз ин ва юришҳои минбаъда ба ин нимҷазира мерафтанд, барои ба низом даровардани сохторҳои давлатӣ дастурамали махсус омода кардааст.

Эҷодиёти ин олими бузург ба дараҷае самарбахш буд, ки ӯ зиёда аз 180 асар навиштааст, ки 22-тои онҳо то замони мо боқӣ мондаанд ва олимони муосир низ эътироф мекунанд, ки омӯзиши ҷуғрофӣ ва астрономии ӯро ба ғояи мавҷудияти қитъаҳои нави маскундор (Амрико) оварда расонд, ки баъд аз 450 сол кашф карда шуданд[3].

Таърихнигорӣ низ, ки дар давраи Сомониён аз Табарии машҳур оғоз ёфта, идома ёфт (Наршахӣ ва дигарон), дар ин давраи пас аз Сомониён идомаи мантиқии худро пайдо кард. «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсии бузург, ки анъанаи чандинасраи шифоҳии гузаштагони халқи тоҷикро бори аввал муфассал ва ҳамаҷониба ба рӯйи қоғаз овардааст, дар ин рӯйхат мавқеи бахусус беҳамто дорад. Достони бунёдӣ, ки ҳам

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. К.I. –Душанбе, «Ирфон», 1998, с. 584.
[2] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с.320.
[3] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с.341-356.

қиссаҳои достониву асотирӣ ва ҳам таърихӣ дошт, дар давраи Сомониён оғоз ёфта, дар давраи нахустин султонҳои ғазнавӣ ба итмом расид ва тибқи анъанаҳои муқарраршуда ба султон Маҳмуд тақдим карда шуд. Коршиносон якчанд фарзияҳои муносибати минбаъдаи шоири бузург ва султони тавоноро қайд мекунанд[1].

Таърихнигори дарбории султон Маҳмуд арабе аз Рай Абунасри Утбӣ буд, ки солнома ва хусусиятҳои салтанати ӯро дар рисолаи машҳури таърихии «Таърихи Яминӣ»[2] тавсиф кардааст. Яке, аз таърихнигорони маъруфи ин давра Абусаид Гардезӣ буд, ки дар солҳои 1048-1052 рисолаи маъруфи таърихии «Зайн-ул-ахбор»-ро ба забони тоҷикӣ таълиф кардааст [3]. Муаррихи маъруфи дигари ин давра дар таърихи Хуросон Абулфазл Байҳақӣ (995-1077) буд. Байҳақӣ 19 сол мансабдори яке аз девонҳои Ғазнавиён (*девон-ул-расоил*) буда, мушоҳидаҳои худро дар асари 30 ҷилдаи худ «Таърихи Масъудӣ» (писар ва валиаҳди султон Маҳмуд) навиштааст, ки қисми ками он то ба мо расидааст[4].

Тибқи гуфтаи коршиноси барҷастаи британиёӣ, пас аз ҳукмронии султон Маҳмуд, ҳокимони дигаре низ буданд, ки суннатҳои Сомониён ва аввалин Ғазнавиёнро идома доданд: «империяи Ғазнавиён дар Афғонистони шарқӣ ва Ҳиндустони шимолӣ дар вақти ҳукмронии 40-солаи Иброҳим обод гардид ва султон эътибори олии сарпарастии илм ва дин дошта, ба шарофати ӯ бисёр масҷидҳо, мадрасаҳо ва биноҳои ҷамъиятӣ сохта шуданд. Вай дар Панҷоб якчанд қалъаҳои нав сохт ва пас аз солҳои 1076-77 маъмурияти Ҳиндустонро ба писараш Сайф-ад-

---

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с.338-339.

[2] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. К.I. –Душанбе, «Ирфон», 1998, с. 584.

[3] Ҳамон ҷо, с. 585.

[4] Ҳамон ҷо, с. 585.

Давла Маҳмуд, сарпарасти шоири маъруф Масъуди Салмон, супурд[1]. Ба иборои дигар, маҳорати идоракунии Сомониён, ки аз тарафи аввалин султонҳои Ғазна, ки аз муҳити фарҳангии Сомониён баромада буданд, қабул карда шуд ва аз ҷониби султонҳои минбаъда тағйиру рад нашуда, балки бомуваффақият идома ёфтанд.

Баръакси Ғазнавиён, ки аз бюрократияи ҳарбии Сомониён баромадаанд, Қарахониён, ки як давлати умдатан кӯчманчӣ буд, ҳамсоягони шимолӣ ва шимолу шарқии онҳо буданд, ки таъсири пурқудрати фарҳангии ҳамсояи пешинашонро дар саҳнаи сиёсии Варорӯд баръало эҳсос мекарданд. Ин таъсири фарҳангии Сомониён ҷанбаҳои зеринро дошт:

-аввалан, ташаккули давлати ибтидоии қарлукҳо-Қарахониён дар Ҳафтрӯд, ки дар он даҳҳо шаҳрҳои суғдӣ мавҷуд буданд, ки дар он ҷо синтези суғдию туркӣ дар тӯли садсолаҳо инкишоф ёфта, дар замони Сомониён ба синтези тоҷикӣ-туркӣ табдил ёфт;

-дувум, қабилаҳои бодиянишин бо давлати мутамаркази Сомониён ба муносибатҳои зич ва мутақобилан судманди тиҷоративу иқтисодӣ ҷалб карда шуданд, ки ин, бешубҳа, ба сатҳи зиндагии қабилаҳои бодиянишин ва ташаккули иҷтимоию сиёсии онҳо таъсири назаррас расонд[2];

-сеюм, на танҳо ҳаракати ғозиён (муборизони имон) аз Варорӯд ба Ҳафтрӯд рафт, балки бисёр мубаллиғони (миссионерҳои) ислом, ки дар қабилаҳои бодиянишини гуногунмазҳаб фаъолият мебурданд, роҳнамоӣ мекарданд, ки онҳо ба ҷаҳони ислом пайваст шаванд. Бешубҳа, ақлҳои кунҷков (чун Абунасри Форобӣ) аз ин бодиянишинҳо низ буданд, ки

[1] Basworth C.E. The political and dynastic History of Iranian World (A.D. 1000-1217)// Gambridge History of Iran. Volume V. - Cambridge University Press, 1968, s. 93-94

[2]Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв.- Ашхабад, «Ылым», 1969, с. 93-103.

ҷустуҷӯҳои илмҳои диниву дунявӣ ва ҷаҳонбинии худро дар мадрасаҳои Бухоро, Самарқанд ва дигар шаҳрҳои бузурги Варорӯд ва Хуросон қонеъ гардонда, бо бағоҷи нави динӣ ба мавзеъҳои худ бармегаштанд;

-чорум, бо зиёд шудани шумораи мусулмонон дар қаламрави давлати Қарахониён, бешубҳа, ашрофони анъанавии онҳо (ябғу, шод, тегин ва хонҳо) низ ҳарчи бештар ба сӯйи ислом моил шудан гирифтанд. Тадриҷан, дар тӯли даҳсолаҳо, дар байни нухбагони бодиянишин ва садрҳои Бухорои Варорӯд муносибатҳои ҳомиён-мизоҷон (муносибатҳои «пир-мурид»), ки хоси исломи анъанавӣ буданд, ташаккул ёфт, ки дар он на ҳокимони бодиянишин, балки рӯҳониёни бумӣ дар мавқеи бартаридошта қарор доштанд.

Рӯҳониёни Бухоро, ки замоне Исмоили Сомониро ба тахти шаҳр даъват карда буданд ва баъдтар таъсири худро ба онҳо низ паҳн карданд, ба туфайли сиёсати мутамаркази амирони Сомониён, таъсири худро натанҳо дар тамоми қаламрави давлат, балки ба сарзаминҳои ҳамсоя низ тадриҷан боло бурданд, муносибаташонро бо ин сулола сард намуданд. Сабаби ин сардӣ дар он буд, ки амирони Сомониён натанҳо ба паҳн кардани исломи суннитабор, балки ба инкишофи илмҳои муосир таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекарданд ва аз ҳар ҷиҳат дастгирии аҳли илму фарҳангро амалӣ мекарданд. Мо медонем, ки норозигии аввалини қисми ифротии руҳониёни давлат ва иғво барангехтани онҳо бо нухбагони ҳарбии горди Сомониён бар зидди тафаккури озодонаи Насри II равшанфикр аз ҷониби писари ӯ, амири оянда Нӯҳ саривақт хомӯш карда шуда буд.

Дафъаи дигар рӯҳониёни Бухоро, ки қалб ва зеҳни табааи давлати Сомониёнро, ба ҷуз аз дарбор, девонҳои давлатӣ ва «аҳли қалам» ба даст оварда буданд, ба густариши қудрати худ дар сохторҳои давлатӣ низ оғоз карданд. Акнун, онҳо боз ҳам пеш

рафта, ҳокимони давлати ҳамсояи бодиянишин (аз лиҳози динӣ мутеъ)-ро ба юриши ҳарбӣ алайҳи Ватани худ, ба «қалби» Варорӯд даъват карданд. Ҳатто ғамхории Сомониён нисбат ба дину мазҳаб ва намояндагони он дар шакли коркарди дастурамали динии исломи суннитабор алайҳи мутазилиён ва қарматиҳо (аз ҷониби диншиноси маъруфи маҳаллӣ Матуридӣ), ки дар боло ишора карда шуд, онҳоро аз хиёнат ба Ватан ва нисбат ба сарпарастони худ – амирони соҳибмаърифати Сомониён бознадошт. Тавре муҳаққиқи муътабар дуруст таъкид мекунад: «бодиянишинони хурофотпараст, ки ба қарибӣ исломро қабул карданд, нисбат ба ҳукумат фарҳангӣ, мухлисони ғайратманди дин ва хидматчиёни он буданд»[1]. Аз ин рӯ, вақте ки рӯҳониёни расмӣ (имом-хатибҳо)-и Сомониён аҳолиро барои ҳимояи давлат ба сафарбарӣ даъват карданд, онҳо дар навбати худ ба руҳониёни ғайрирасмӣ (ба истилоҳ «фақеҳон») рӯ оварданд. Онҳо, ин муборизаи ду давлатро на «барои имон», балки барои «баракатҳои ин ҷаҳон» маънидод карда, ба онҳо тавсия намедиҳанд, ки «худро барои куштор омода кунанд»[2] ва аҳолии як давлати бузург дар соати тақдирсоз (сарфи назар аз он, ки мардони Варорӯд доимо силоҳ доштанд), ақибнишинӣ кард. Мо доир ба бо ришва харида шудани ин гурӯҳи рӯҳониён аз ҷониби Қарахониён далелҳо надорем[3], аммо имкон дорад, ки дар афкори онҳо на ғояҳои миллӣ (мансубияти худ бо Сомониён ба як халқу миллат), балки арзишҳои фаромиллӣ («ҳама мусулмонон бародаронанд») ҳукмфармо буд, зеро онҳо бештар аз мулоҳизакорӣ ва маърифати баланди амирону вазирони бузург ва «аҳли қалам» нороҳат буда, баҳонаи пахши онҳоро ҷустуҷӯ доштанд.

Акнун «аҳли салла» ба сабаби кӯтоҳбинии ватандӯстӣ ва табиати ифротӣ, аз давлатдории қавмии худ даст кашида, ба халқи

---
[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.329.
[2]Ҳамон ҷо, с.329.
[3]Ҳамон ҷо, с.329.

тоҷик, ки ба қатори яке аз мардумони камшумори пешрафтаи олами он даврон, ки ба ҷаҳон қисми асосии «ренессанси исломӣ» шомил шаванд, хиёнат карда, онро «қурбон»- оташи таърих карданд. Акнун Варорӯд ва Хуросони боҳашамат тадриҷан зери ҳокимони хурофотпарасти аҷнабӣ ба гӯшаи рушди умумиҷаҳонӣ мубаддал гаштанд.

Баръакси Ғазнавиён, ки анъанаҳои расмиятчигии мутамаркази Сомониёнро ҷорӣ карда буданд, «дар байни Қарахониён, монанди дигар империяҳои бодиянишин, мафҳуми моликияти авлодӣ аз соҳаи муносибатҳои хусусии ҳуқуқӣ ба соҳаи ҳуқуқи давлатӣ интиқол дода шуд»[1].

Бо вуҷуди бартарии хусусияти бодиянишини ташаккули давлати нави Қарахониён, онҳо ба минтақае, ки аксар маскунонро аҳолии бумӣ (таҳҷой) ташкил медоданд, дохил шуда, наметавонистанд унсурҳои стратегияи Сомониёнро комилан сарфи назар кунад.

Забони тоҷикӣ мақоми худро ҳамчун забони расмии давлат нигоҳ дошт, гарчанде давлат хусусияти полисентрӣ (бисёрмарказӣ) дошт, вақте ки пойтахти давлат, тибқи анъанаҳои бодиянишинон, аз Баласағун, Узганд то Қошғар ва баръакс зуд-зуд иваз мешуд, тоҷикон қисми асосии хизматчиёни мулкии онро ташкил медоданд. Агарчи сарвари олии давлат унвони бодиянишинон «хон»-ро дошт, аммо намояндагонаш дар шаҳрҳои муқимӣ (Бухоро, Самарқанд ва ғайра) унвони Сомониён «амир» доштанд, ки дар ҳар фурсат кӯшиш мекарданд аз маркази сиёсӣ ҷудо шаванд.

Сарфи назар аз он, ки Қарахониён мазҳаби ҳанафии исломи суннитаборро аз Сомониён ва руҳониёни расмии онҳо, ба монанди аксарияти мутлақи аҳолии Варорӯд ва Ҳафтрӯд қабул карданд, муносибатҳои онҳо бо рӯҳониёни ғайрирасмӣ (садрҳо), ба гуфтаи муаррихон, дар тӯли ҳукмрониашон мураккаб буд. Ба назари мо,

---
[1]Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.330.

чунин табиати муносибатҳои шадид байни ҳукумати нав ва рӯҳониёни анъанавӣ, ки ба ҳокимони ҳаммиллати худ хиёнат карданд, сабабҳои зерин дошт:

-аввалан, бо даъват кардани ҳокимони нав ба тахти Бухоро (Вароруд) бодиянишинҳои итоаткор ва ба таври осоишта ба онҳо супурдани қудрати олӣ, рӯҳониёни Бухоро мехостанд ба ҳайси мураббиёни («пирони») динии онҳо амал кунанд ва онҳоро ба «роҳи ҳақ» равона созанд. Ба ибораи дигар, онҳо мехостанд, ки бо иштироки фаъолона дар тақсимоти «неъмати»-и қудрат як пораи «калони серравғантар»-ро насиба намоянд. Вале Қарахониён қудрати олиро аз пойтахтҳои қадимӣ ба Бухоро ва Самарқанд интиқол надода, ба онҳо фаҳмонданд, ки онҳо қудрати олиро бо онҳо тақсим карданӣ нестанд ва бо ин онҳоро ҳамчун хоинони эҳтимолии ватан ва сулолаи худ дар назди "аробаи шикастаашон" бенасиб монданд;

-дуввум, исломро ҳақиқатан пазируфта, Қарахониён, ки бодиянишинҳои маъмулии гузашта ва ҳозира буданд, наметавонистанд аз мероси худ комилан даст кашанд. Истифодаи хӯрок ва нӯшокиҳои «ғайриқонунӣ» (ё ҳаром), иштироки ошкорои занони онҳо дар корҳои давлатӣ, муносибати қабилавию авлодӣ, на инфиродӣ ба сохтори ҳокимияти давлат ва дигарон бештар ин рӯҳониёни суннатиро, ки бо арзишҳои дигар тарбия ёфтаанд, хиҷил карда, норозигиҳоро ба миён меовард;

Дар ин миён, дар давоми чил соли аввали даргириҳои дохилӣ, бо ҳам шомил шудани ҳам султонҳои Ғазнавиён ва ҳам пешвоёни Салҷуқиён ба ин даргириҳо, ки дар натиҷаи он амирони варорӯдии (Бухоро ва Самарқанд) Қарахониён аз сарварони ҳафтрӯдӣ ва тарим истиқлоли худро ба даст овარданд, дар ин таҳаввулотҳо нақши руҳониёни маҳал ночиз буд[1].

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.332-348, 356-364.

Вале ҳангоме, ки ҳокими мустақили Қарахониён Буритегин, ки дар соли 1046 унвони Тамгачхон Иброҳимро гирифт (бо қароргоҳаш дар Бухоро ва Самарқанд), пас муносибати ӯ бо рӯҳониёни анъанавӣ, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи аҳоли бартарияти мутлақ ба даст оварда буданд, наздик шуд ва, дар айни замон, мураккаб монд.

Таърихнигорон, ки ин минтақаи дугоникро (Варорӯд ва Хуросон) бодиққат таҳқиқ кардаанд, тамоюлҳои афзояндаи ифротгарой ва таҳаммулнопазириро дар аввал (Варорӯд) нисбат ба намояндагони илм қайд кардаанд. Ба унвони мисол, онҳо аз зиндагии шайхи бонуфуз, асосгузори тасаввуфи хуросонӣ Абусаид Майҳонӣ ёдовар мешаванд, ки дар оғози мубоlisзаи шадиди худ бо султонҳои Ғазнавиён Салҷуқиён ба вай саҷда мекарданд. Ин шайх инчунин бо таҳаммулпазирии худ нисбат ба аҳли дониш машҳур шуда буд.

Шайх бо Абуалӣ Сино суҳбате дошт, ки пас аз он ӯ таъкид намуд: «он чизе, ки ман мебинам, ӯ медонад» ва файласуф дар ҷавоб гуфт: «Он чизе, ки ман медонам, ӯ мебинад». Ин муносибати фақеҳи маъруф бо файласуф, ки онро намояндагони рӯҳониёни суннатӣ бад медиданд (Низомулмулк таълими фалсафаро дар Низомия манъ кардааст)[1], тавре ки муаррих қайд мекунад, аҷиб аст. Он шайхҳое, ки Қарахониён бо онҳо ихтилоф доштанд, зоҳиран, ба ақидаи таърихнигорон, чунин хислати таҳаммулпазириро надоштанд [2].

Мувофиқи маълумоти муаррихони асрҳои миёна (Ибни Асир), Тамгачхон Иброҳим ҳокими парҳезгоре буд, ки бидуни тасдиқи фақеҳони исломӣ ягон чораи андозбандиро роҳандозӣ намекард. Ҳатто чунин як ҳокими парҳезгор бо рӯҳониён бархӯрд дошт, ки дар натиҷа шайх, имом Абулқосими Самарқандӣ, сарфи назар аз

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с.380.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.373-374.

норозигии аҳолии маҳаллӣ аз ин иқдоми шадиди хон, қатл карда шуд, вале мардум дар канори ҳокимон ва мақомоти дунявӣ буданд[1].

Коршиносон муносибати давлатӣ ба идоракунии корҳои кишвар, ғамхорӣ нисбат ба зертобеон ва кӯшиши таъмини адолати иҷтимоии ин хони Карахониро бахусус, қайд кардаанд. Чун намуна қазияи қассобонеро меоваранд, ки бо шикоят аз фоидаи ночизе аз фурӯш ба назди хон омада, бар ивази болобарии нархҳо ба вай 1000 динор пешниҳод менамоянд. Хон бо пешниҳоди онҳо розӣ шуда, пас аз болоравии нархи гӯшт хариди онро бо ҷазои қатл манъ мекунад. Қассобҳо зарари калон мебинанд ва мардум гӯштро дастаҷамъона харида, дар байни худ тақсим мекунанд. Акнун онҳо боз ба хон муроҷиат карда, розӣ мешаванд, ки ба нархи аввала баргардад, аммо бо пардохти  навбатӣ ба хазина (1000 динори дигар), ки хон розӣ мешавад. Дар натиҷа, хон қайд кард: «Агар ман тамоми зертобеонамро ба нархи  1 000 динор мефурӯхтам, бисёр кори нохуб мешуд»[2]. Чунин рафтори давлатдори ҳақиқӣ нисбат ба идораи давлат ва ғамхори фақат нисбати қишри доро не, балки тамоми аҳолии оддӣ имрӯз ҳам яке аз масъалаҳои ҳалталаб мебошад. Ба ин ҳоким инчунин як мубориза муваффақонаро бар зидди роҳзанон, ки аз номӯътадилии даврон истифода бурда, низои дохилиро  ташкил ва паҳн мекарданд, мансуб медонанд. Тибқи маълумоти муаррихон: «вай як бор дар қалъаи Самарқанд навиштаҷотро дид «Мо ба пиёз монандем, ҳар қадаре бештар буриданд, ҳамон қадар зиёдтар мешавем». Хон амр дод, ки дар посух  нависанд: «Ман дар ин ҷо мисли боғбон истодаам: чӣ қадаре, ки шумо калон шавед, ман шуморо решакан менамоям». Дере нагузашта хон роҳи « аз решааш баркандани» ин мушкилотро пайдо намуд[3].

---

[1] Ҳамон ҷо, с.375-376.

[2] Ҳамон ҷо, с.375.

[3]Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия.Сочинения.Т.I.-М.:Восточная литература, 1963, с.374-375.


Қарахитоиён
Кимакҳо
Салчукҳо
Давлати Қарахониён
Помир
Ғазнавиҳо
Солмӣ
Куча
Иллик
Ичивук
Барскоон
Баласағун
Талас
Узганд
Ош
Фарғона
Тошкент (Чачӣ)
Сайрам
Ӯтрор
Хуҷанд
Самарқанд
Чизах
Нурота (Нур)
Иштихон
Шахрисабз
Дехнав
Нахшаб
Термиз
Бухоро
Хетӣ
Аму
Марв
Балх
Бағлон
Талуқон
Ғазна
Барчук
Хотан
Шул
Ёркант
Каркон
Керия

Писар ва ҷонишинаш – Шамс-ул-Мулук Наср, ки пас аз истеъфои падараш ба тахт нишаст (с.1068), сиёсати падарашро дар бобати ғамхорӣ нисбат ба мардум идома дод. Хон тарзи зиндагии бодиянишини худро идома дода, зимистон бо лашкараш дар наздикии Бухоро қарор мегирифт. Ҳамзамон, ӯ фармон медод, ки сарбозонаш бедодгарӣ накунанд ва фазои сокинони маҳаллиро танг нанамоянду зулм накунанд ва пас аз ғуруби офтоб ягон сарбоз набояд дар ҳудуди шаҳр монад. Бо вуҷуди ин, бархурди мақомоти дунявӣ ва динӣ дар давлати Қарахониён идома меёфт ва дар ибтидои ҳукмронии худ хон имом Абуиброҳими Сафорро дар Бухоро, ки «хонро ба иҷрои дастурҳои дин водор сохта ва ӯро аз ҳаром нигоҳ медошт», ба қатл расонд [1].

Дар замони ҳукмронии вориси ӯ Хизрхон (аз соли 1080), тибқи маълумоти муаррихони асрҳои миёна ва муосир, анъанаи сарпарастии Сомониён ба шоирон қариб пурра барқарор карда шуд. Онҳо ба унвони мисол одати ҳоким ва ашрофзодагони Варорӯдро меоваранд, ки дар толорҳои қабули меҳмонон табақҳои тилло ва нуқра мегузоштанд; дар дарбори худи хон чунин чор табақча буд ва дар болои ҳар яки онҳо 250 динор буд; боре ҳамаи ин чор табақча насиби як шоир гашт[2].

Дар давраи ҳукмронии вориси ин хон–Аҳмадхон бошад, муқовимати мақомоти дунявӣ ва динӣ ба авҷи аълои худ расид. Дар ибтидои ҳукмронии ин хон вазир Абунасри Косонӣ, ки дар назди хони гузашта қозикалони давлат буд, қатл карда шуд. Хони ҷавон ба зулми аҳолии кишвар шурӯъ кард ва фақеҳи шофеӣ Абутоҳир ибни Илк аз номи мардум султони салҷуқӣ Маликшоҳро ба кишвар даъват кард. Дар соли 1089 султон Бухоро ва сипас Самарқандро ишғол карда, хони асиргаштаро ба пойтахти худ (Исфаҳон) фиристод ва то

[1] Ҳамон ҷо, с.378.

[2] Ҳамон ҷо, с.378-379.

ба Узганд (собиқ пойтахти ҷанубии Қарахониён) расид. Хони Қошғар бо ибрози итоаткорӣ ба ин ҷо омад ва розӣ шуд, ки хутба ба номи ӯ хонад ва тангаро бо номи ӯ сикка занад. Султони салҷуқӣ волиашро дар он ҷо таъин намуда, ба пойтахти худ баргашт. Пас аз чанд вақт, Маликшоҳ Аҳмадхонро ба Варорӯд ба тахт баргардонд, ки дар он ҷо руҳониён ва як қисми нухбагони низомӣ, ки ба онҳо ҳамроҳ шуданд, бар зидди ӯ баромаданд. Соли 1095 фақеҳону қозиҳои самарқандӣ хонро дар иртибот бо бидъатпарастони дайламӣ (шиаҳо) дар замони дар Эрон буданаш айбдор карда, дар бораи сарнагун кардани ӯ фатво доданд. Дере нагузашта, Аҳмадхони аз тахт барканоршуда, бори аввал дар таърихи Варорӯд, дар назди додгоҳи фақеҳон истода, гуноҳашро эътироф накард. Қозиён далелҳоро раднопазир дониста, ӯро (бо тарзи бо камон буғӣ карда куштан) ба қатл маҳкум карданд[1].

Ҳамин тариқ, руҳониёни суннатӣ дар тӯли тақрибан сад соли таърих, баъди гузашти давраи Сомониён, ба як нерӯи тавоное табдил ёфтанд, ки натанҳо бо даъвати ҳокими давлати ҳамсоя, балки инчунин бо содир кардани ҳукми қатл, ҳатто ба ҳокими олии дунявии давлат низ қудрати тағйир додани ҳокимиятро доштанд. Ба андешаи мо, ин ҳолатро тавозуни қудрати дунявӣ ва динӣ дар Варорӯд номидан мумкин нест, балки таназзули шадиди таҳаммулпазирӣ ба тафаккури озод ва муносибати оқилона дар ҳаёт номидан мумкин аст. Натиҷаи чунин ҳолат аст, ки мо дар замони Қарахониён танҳо гуруҳи кӯчаки олимон ва мутафаккирони бузургро мушоҳида мекунем, ки дар давраи Сомониён хеле зиёд буданд.

Аммо парвози баланди афкори илмии даврони Сомониён ба пуррагӣ қатъ нашуда, баъзе аз намояндагони «аҳли қалам» ба дарбори султони Ғазнавӣ рафтанд ва афкори зеҳнии маҳаллӣ ҳанӯз ҳам дар он ҷо эҷодиётро идома медод. Илова бар ин, дар адабиёти тоҷик дар баробари назм рушди наср низ оғоз ёфт. Ба ин навъи осори пурарзиш

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.379-380.

«Синбоднома»-и Зоҳирии Самарқандӣ ва «Чаҳор мақола» («Чаҳор суҳбат»)-и Низоми Арӯзии Самарқандӣ тааллуқ доранд [1].

Шукӯҳи дувуми маърифати Варорӯд танҳо баъд аз 300 сол дар даврони Темуриёни бузург, вақте ки шуълаи он қабл аз хомӯшии тӯлонӣ ва пурмашаққат то замони нав баланд шуд, ба даст омад.

Сарфи назар аз мухолифати Қарахониёни Варорӯд бо рӯҳониёни суннатӣ (мазҳаби ҳанафии исломи суннитабор), шохаҳои ҳафтрӯдӣ ва қошғарии онҳо дар таҳаввули тадриҷии ҳавзаи буддоии Тарим ба ҷаҳони канории ислом саҳми назаррас гузоштанд. Дар сатҳи маҳаллӣ эҷодиёти ду намояндаи шоистаи халқи турк Маҳмуд Қошғарӣ ва Юсуфи Баласағунӣ беҳтарин анъанаҳои мутафаккирони тоҷику арабро идома додааст.

Муҳаққиқон, хусусан, тадриҷан паҳн шудани унсурҳои фарҳанги мусулмониро дар байни ин сулола қайд кардаанд. Академик В. В. Бартолд баъзе унсурҳои фарҳангиро дар шеъри туркии «Қутадғу билик»-и Юсуф Баласағунӣ қайд мекунад (калимаи «битикчи» ба маънои «котиб», «мансабдор»)[2]. Муҳаққиқи дигари муосир дар ин асар, ки маънояш «Донишҳои муборак»-ро ифода мекунад, дарк кардани тарғиби анъанаи (Сомониён) «вазирро ҳамчун дастгири ягонаи ҳоким ва аз ин рӯ, ҷомеаро мебинад. Бале, ашроф, артиш, ҳуқуқи динӣ мавҷуд бошад ҳам, аммо ҳеҷ яке аз онҳо сулҳ ва амнияти ҷомеаро таъмин намекунанд. Танҳо ҳузури як вазири ботаҷриба ва пурқувват ба хон имкон медиҳад, ки самаранок ҳукмронӣ кунад ва ҷомеа обод шавад»[3].

Ин мутафаккири турнажод соҳиби мақоли ибратомӯз аст: «давлат бо шамшер сохта мешавад, аммо бо ҳикмат нигоҳ дошта мешавад»[4], ки дар қатори дигар чизҳо ба муносибати байни султони бадхашм Маликшоҳ ва вазири бузурги хирадманди ӯ – Низомулмулк

---

[1] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна.К.І., с. 590-591
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.374.
[3] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с.314.
[4] Ҳамон ҷо, с.317.

ишора мекунад. Ин мақол дақиқтар ба «тақсимоти меҳнат» байни халқҳои турк ва тоҷик дар Осиёи паҳновар ишора мекунад, ки аввалинҳо бо «зарбаи шамшер» давлатҳои нав ба нав таъсис дода, тоҷикон ба он ҷо меоянд ва бо ёрии «қалам» ин давлати тозабунёдро ба низом медароранд. Таърихи Шарқ то замони муосир даҳҳо мисол доир чунин ҳамкориҳоро медонад.

Муҳаққиқи дигари муосир, бо натиҷагирӣ аз таҳлили асари («Луғат-ат-турк»)-и мутафаккири навбатии туркии давраи Қарахониён Маҳмуд Қошғарӣ, ки дар харитаи он он ҷо, ҳатто Ҷопони дурдаст қайд шуда буд, таъкид менамояд: «асари ал-Қошғарӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун тавсифи ангезаи сиёсии ҳама туркҳо ба назар мерасад, ки барои ҷамъияти форсу арабҳо навишта шудааст, ки онҳо акнун дарк мекунанд, ки аз ин баъд онҳоро туркҳо идора менамоянд. Ал-Кошғарӣ, ба таҳқиқоти васеи саҳроӣ ва мероси худ такя карда, онҳоро бовар мекунонд, ки ҳама чиз хуб хоҳад буд ва барои онҳо имкониятҳои васеътар фароҳам оварда мешаванд. Вале онҳо бояд воқеиятҳои навро ба хубӣ дарк кунанд. Ал-Кошғарӣ изҳор дошт, ки гӯё худи Паёмбар ба афзалияти фарҳанги туркҳо ва худи туркҳо ишора карда бошад. Агар касе, то дараҷаи беақл бошад, ки инро инкор кунад, «худро зери тирҳои камон мемонад»[1]. Агар Паёмбари бузурги мо, воқеан, дар «Қуръон»-и муқаддас далели онро овардааст, ки «фарзандони Салмон (эронӣ) ҳатто дар кайхон дониши нав бошад, онро хоҳанд ёфт», акнун намояндаи ҷаҳони онвақтаи туркнажод бартарии фарҳанги худро (бо такя ба «тирҳои камон»), бо такя ба қудрати сиёсӣ асоснок мекунад.

Аммо, ғояҳои бузурги ин ду мутафаккири турк, ки дар забон ва адабиёти туркӣ далерона ба муҳити зеҳнии Варорӯд, Ҳафтрӯд ва Тарим (кулли Турон) (ҳатто бо «тири камон» дар даст) ворид шуданд, мутаассифона, идомаи худро пас аз онҳо пайдо накарданд. Шояд ба ин як қатор ҳуҷумҳои пайдарпаи харобиовар ба Турон аз канори шарқии Дашти Бузург монеа эҷод карда бошад.

[1] Ҳамон ҷо, с.303.

Аз тамоми рӯйхатти стратегияи Сомониён Қарахониён ба ғамхорӣ барои фаъолияти муътадили Шоҳроҳи абрешим муваффақ гашта, онҳо дар ҳама ҷо, аз ҷумла, дар ағбаҳои кӯҳӣ корвонсаройҳо барои тоҷирон бунёд карданд[1]. Онҳо инчунин истифодаи забони тоҷикиро ҳамчун забони коргузории давлатӣ идома дода, унвони онҳо (хон) ба унвонҳои дунявии исломӣ – амир/султон нисбат ба унвонҳои динӣ (имом) наздиктар буданд, онҳо мазҳаби ҳанафии исломро аз Сомониён қабул карданд, инчунин синтези тоҷикӣ-туркиро, ки пештар амирони Сомониён пеш мебурданд, дастгирӣ карданд. Агар амирони Сомониён сарбозони туркро бо теъдоди зиёд ба сафи артиши худ ҷалб мекарданд, акнун, Қарахониён, ки худашон аз ашрофони низомии турк баромада буданд, дар навбати худ ба бюрократияи мулкӣ ва тоҷирони тоҷик ниёзи сахт доштанд. Коршиносон инчунин садоқати онҳоро ба сиёсати молиявии Сомониён қайд мекунанд, вақте ки онҳо сикка задани дирҳамҳои тиллоӣ ва нуқрагии Сомониёнро, ки ба ҷаҳони онвақта маълуму маъруф буд, идома медиҳанд[2].

Тавре коршиносон қайд мекунанд, Қарахониён дар меъморӣ низ суннати Сомониёнро пайравӣ мекарданд, зеро мақбараи Сомониён дар Бухоро ҳамчун намуна барои сохтани мақбараҳо барои ҳокимони онҳо дар Узганд, ки яке аз пойтахтҳои хонҳои Қарахониён буд, хизмат кард. Бояд тазаккур дод, ки дар давлатҳои пас аз Сомониён натанҳо суннати мавқеи баланди шоири дарборӣ ҳифз карда шуд, балки идомаи мантиқии худро ёфт. Султон Маҳмуд Ғазнавӣ бори аввал унвони «*малик-уш-шуаро*» («*сарвари шоирон*»)-ро барои шоири тавонои дарбории худ Абулқосим Унсурӣ ҷорӣ кард. Ин унвон, ба гуфтаи коршиносон, дар байни арабҳо мушобеҳ надошт; ин на танҳо унвони фахрӣ, балки унвони расмии давлат низ буд. «*Шоҳи шоирон*» Абулқосим Унсурӣ роҳбари он асарҳои бузурге буд, ки дар дарбори Ғазнавиён оид ба ҷамъоварии ривоятҳои қадим, тасниф ва ороиши

[1] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с.298-299.
[2] Ҳамон ҷо, с. 299.

онҳо анҷом дода мешуданд[1]. Баъдтар дар аҳди Салҷукиён «*малик-уш-шуаро*» ба як навъ мудири шуъбаи назми дарбор табдил ёфт. Тибқи маълумоти коршиносон, «малик-уш-шуаро» Муиззӣ (с. 1049-1125) дар назди султони Салҷуқиён Маликшоҳ ҳамчун сензор, муҳаррир ва мушовир хизмат мекард, шеърҳо фармоиш медод ва ислоҳ мекард, тамоми асарҳо пеш аз он, ки ба султон пешниҳод карда шаванд, аз дасти ӯ мегузаштаанд. Вай инчунин ҳамчун пайванди байни шоирон ва хайрхоҳон масъули қабул ба кор ва пардохти маош буд[2]. Мутахассиси маъруфи рус оид ба адабиёти тоҷику форс Е. Э. Бертелс чунин мешуморад, ки нақши пешбаранда ва муҳарририи «малик-уш-шуаро» ба андозае назаррас буд, ки ба таҳияи самти ягонаи адабӣ барои тамоми шоирони зертобеъ аз рӯи мавзуот ва услуби адабӣ таъсир гузошт, ки асосан барои даврони пеш аз муғулҳо хос аст[3].

Муаллифи «Чаҳор мақола» Низомии Арӯзӣ, ки муҳимияти будубоши чор касб дар дарбор (котиб, шоир, мунаҷҷим ва табиб)-ро тасдиқ кардааст, чанд унвонҳои фахриро барои шоирони дарбор номбар кардааст, ки дар он илова бар «*малик-уш-шуаро*», инчунин «*амир-уш-шуаро*» («ҳокими шоирон»), «*хоҷа аш-шуаро*» («сарвари шоирон»), «*сайид-аш-шуаро*» («оқои шоирон»). Дар ин ҷо вай ба ғайр аз шоироне, ки дар хизмати доимии дарбор буданд, инчунин шоирони «оянда раванда»-ро низ номбар кардаааст[4]. Мавқеъ ва нақши шоир дар дарбор, инчунин, дар асарҳои маъруфи асрҳои миёна, аз қабили «Қобуснома»[5] ва «Сиёсатнома» тасвир шудааст.

[1] Ворожейкина З.Н. Литературная служба при средневековых дворах.// Очерки культуры средневекового Ирана.-М.: «Наука», 1984,с. 142.

[2]Ҳамон ҷо, с. 143.

[3] Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы.— Избранные труды. М.: «Наука», 1960,с.125

[4] Низами Арузи Самарканди. Собрание редкостей или Четыре беседы, с. 74-78.

[5] Кей Кабус. Кабус-наме./Пер. Бертельса. Гл. 35 «О правилах поэзии».

## 3.3. Салҷуқиён – шогирдони серғайрати Сомониён

Амир Исмоили Сомонӣ бо аввалин юриши ҳарбии худ ба шимол (ба Тароз), соҳили рости дарёи Сир, ба ғайр аз вазифаҳои дигар, инчунин баҳсҳоро дар бораи ҷойгир кардани кӯчманчиён ва тақсими чарогоҳҳо дар байни қабилаҳои бодиянишин- оғуз-туркманҳо, ки ба даштҳои назди миёноб ва поёноби Сирдарё, даштҳои гирду атрофи он кӯч баста буданд, ва қарлуқҳо, ки дар биёбонҳои дар болооби ин дарё ва Ҳафтрӯд зиндагӣ мекарданд, ҳал намуд.

Мутахассисон ба асарҳои ҷуғрофии муаллифони асрҳои миёна («Нуҳат-ал-муштак»-и Идрисӣ ва дигарон) такя намуда, ҳудуди сукунати қабилаҳои оғузро «дар минтақаи даштии Осиёи Миёна (Осиёи Марказӣ.- М. А.) аз Балхаши ҷанубӣ то ба минтақаи поёноби Волга муайян кардаанд. Кӯчманчиёни оғуз дар саросари Иргиз, Урал, Эмба, Уил, дар соҳили кӯли Аралсор пароканда буданд. Оғузҳо, инчунин, дар минтақаи баҳри Арал, водии Сирдарё, доманакӯҳҳои Қаратоғи назди Сирдарёӣ, дар водии Чу, Алатоғи Талас ва поёноби дарёи Илӣ зиндагӣ мекарданд»[1].

Ин муаллиф имконпазир мешуморад, ки дар ин қаламрави васеъ натанҳо қабилаҳои оғуз будубош доштанд: «онҳо зиёдтар ва зичтар дар минтақаҳои баҳри Арал, Каспии Шимолӣ, дар поёноби Сирдарё иқомат мекарданд. Дар Ҳафтрӯд дар асри Х гурӯҳҳои алоҳидаи оғузҳо низ зиндагӣ мекарданд, қарлуқҳо дар байни аҳолии маҳаллии туркзабон бартарӣ доштанд. Қабилаҳои оғуз, ки дар ҷануби Балхаш ва соҳили дарёи Чу зиндагӣ

[1] Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв.- Ашхабад, «Ылым», 1969, с. 72.

мекарданд, мустақил буда, пешвоёни худро доштанд»[1]. Дар асари маъруфи ҷуғрофии асримиёнагии «Ҳудуд-ул-олам»-и муаллифи номаълум, дар рӯйхатти минтақаҳои маъруф ва муфассали он замон, ду минтақаи қабилаҳои оғуз-вилояти «Токузгуз ва (тоторҳо)» ва вилояти ғуз (оғуз)[2], дар қатори дигар вилоятҳо алоҳида таъкид мешавад. Ин ҳолат низ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар асри X қабилаҳои оғузҳо дар қаламравҳои васеъ дар қисмати биёбонӣ – даштии Осиёи Марказии муосир зиндагӣ мекарданд.

Бешак, қабл аз паҳн шудани таъсири фарҳангии дини ислом аз ҷониби Сомониён, ин қабилаҳо эътиқоди гуногуни худро доштанд, аз ин рӯ, дар ибтидо ин қаламравҳо байни аҳолии бумӣ (исломӣ, асосан, тоҷикнишин) ва бодиянишин ба майдони муқовимат табдил ёфтанд. Тавре Истахрӣ менависад: «тамоми марзҳои Мовароуннаҳр (Варорӯд -М.А.) макони амалиёти ҳарбӣ: аз Хоразм то канори Исфиҷоб (вилояти Чимкенти ҳозираи Қазоқистон) бо туркҳои оғуз, аз Исфиҷоб то ҷойҳои дурдасти Фарғона бо туркҳои карлуқ, мебошанд»[3]. Ин иқтибос аз паёми ҷуғрофидони маъруфи асрҳои миёна, аз он шаҳодат медиҳад, ки минтақаи Исфиҷоб ҳамчун як марз байни қабилаҳои оғузҳо ва қарлуқҳо хидмат кардааст. Маҳз тавассути ҳамин минтақа амир Исмоили Сомонӣ бо лашкараш ба Тароз гузашт (с.874) ва дар он ҷо калисои маҳаллиро ба масҷиди ҷомеъ табдил дод. Ин далели таърихиро метавон ҳамчун марҳилаи ибтидоии ҷорӣ ва густариши ислом ва фарҳанги мусулмонӣ дар байни қабилаҳои бодиянишини соҳили рости Сир шуморид. Бешубҳа, қабл аз он корвонҳои тиҷоратӣ бо тоҷирони тоҷик (мусулмонон), инчунин мубаллиғони алоҳида ё гурӯҳҳои онҳо, аз ин чарогоҳҳои

---

[1] Ҳамон ҷо, с.72.

[2] Ҳудуд-ул-олам, Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз, Муҳаммад Обиди Иршод. Чаҳорбоғи гулҳо.- Душанбе, «Адиб», 2008, с.50-57.

[3] Ниг. Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв.- Ашхабад, «Ылым», 1969,76.

кӯчманчиён ва шаҳрҳои Ҳафтрӯд мегузаштанд. Аммо, эҷоди як масҷиди ҷомеъ дар як шаҳри тиҷоратии калидӣ дар масири шимолии Шоҳроҳи Абрешим ҳамчун такони тавоное барои гузариши тадриҷии аҳолии маҳаллӣ (ҳам бумӣ ва ҳам бодиянишин) ба дини нав- ислом мусоидат намуд. Коршиносон эътироф мекунанд, ки баъзе аз оғузҳо ва дигар туркҳое, ки бо насли аҳолии қадимаи ҳиндуаврупоӣ (тоҷикон) дар минтақа омехта буданд, туркманҳо номида мешуданд. Худи номи «туркман», асосан, дар минтақаи ҷойгиршавии оғузҳо, ки исломро қабул кардаанд, пайдо мешавад[1]. Тибқи тафсири академик В. В. Бартолд, мафҳуми «туркман» бори аввал дар адабиёти мусулмонӣ аз нимаи дуюми асри X дар осори ҷуғрофидони арабизабон, ал-Макдисӣ пайдо шудааст, ки дар нигоштаҳои худ онҳоро ҷойгузини минтақаҳои наздисарҳадии мулкҳои мусулмони Осиёи Марказӣ нишон медиҳад[2]. Филолог-суғдшиноси маъруфи рус В. А. Лившитс дар асоси таҳлили ҳуҷҷатҳои аз кӯҳи Муғ пайдошудаи ҳуқуқии суғдӣ эътироф мекунад[3], ки калимаи «туркман» нахустин бор дар яке аз ин ҳуҷҷатҳо оварда шуда, метавонад решаи суғдӣ дошта бошад. Ҳамзистии нисбатан осоиштаи ниёгони халқҳои тоҷику туркман (дар қатори дигар халқҳои туркӣ), вақте ки нуқтаҳои аҳолинишини тоҷикон ва урдугоҳҳои бодиянишин дар ҳамсоягӣ қарор доштанд, ба эҳтимоли зиёд он воқеияти таърихист, ки туркманҳо (мисли туркҳои қаблӣ) номи худро аз суғдиён гирифта, дар ин мавзеъҳо аз замонҳои пешин зиндагӣ мекунанд.

Ҳукумати олии ин минтақа баъди лашкаркашиҳои Сомониён ба онҳо тааллуқ дошт, ки онро ҳокими Исфиҷоб мустақиман дар

[1] Ҳамон ҷо, с. 76.

[2] Бартольд В.В. Очерки истории туркменского народа. Сочинения. Т. II. Ч.I. –М.: Восточная литература, 1963, с. 548

[3] Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. Юридические документы и письма./ Чтение, перевод и комментарии В.А. Лившица.-М.: «Восточная литература», 1962, с. 177, прим.4.

маҳал амалӣ мекард ва ягон хел хироҷ пардохт накарда, ба Бухоро танҳо ҳамчун хироҷи рамзӣ туҳфаҳо мефиристод[1]. Ин вазъ, яъне озодкунӣ аз хироҷ ба ин минтақаи наздисарҳадӣ (Исфиҷоб), эҳтимолан, аз он сарчашма мегирад, ки андозҳо ва пардохтҳои ҷамъовардашуда барои нигоҳ доштани артиш (иборат аз муборизони эътиқоди динидошта-ғозиён), истеҳкомоти қалъаҳо ва инчунин, корвонсаройҳо пешбинӣ шуда буданд. Ба ибораи дигар, Сомониёни дурандеш, хатари эҳтимолии қабилаҳои бодиянишини ғайримазҳабӣ ба минтақаҳои муқимии давлати худро дарк карда, ин минтақаи марзии шимолиро аз фиристодани андоз ба маркази кишвар озод карданд. Ин вазифаи стратегӣ барои таҳкими қисми шимолии анъанавии осебпазири қисми Варорӯд боиси кам шудани ҳамлаҳои ғоратгарона аз тарафи қабилаҳои бодиянишин гардид.

Ҳам муаллифони асрҳои миёна ва ҳам муосир аз мавҷудияти тиҷорати пурҷӯшу хурӯши байни қабилаҳои оғуз (туркман) бо ҳамсоягони наздик ва дури худ, инчунин бо аҳолии муқими Ҳафтрӯд ва Суғд, ки ба мулкҳои Сомониён шомил шуданд, шаҳодат медиҳанд. Истахрӣ хабар медиҳад, ки «қисми зиёди сарвати хоразмиён натиҷаи тиҷорати онҳо бо туркҳои атроф мебошад. Гурганҷ анбори моли оғузҳо буд. Корвонҳои тиҷоратӣ аз он ҷо ба Хуросон, Гургон ва Хазар фиристода мешуданд. Мақдисӣ қайд мекунад, ки «майдони шаҳри Урганҷ макони бузурги хариду фуруши чорвои воридотӣ буд».[2]

Ғайр аз таъмин намудани тиҷорати корвонгард бо нақлиёти ҷонӣ, ки он низ манбаи даромади иловагии қабилаҳои оғуз ва туркман мебошад ва аз қаламрави васеи он мегузашт, онҳо, инчунин тиҷорати ғуломдориро низ ба роҳ монданд. Манбаи

[1] Бартольд В.В. Очерки истории туркменского народа. Сочинения.Т.II. Ч.I. –М.: Восточная литература, 1963, с. 548

[2] Ниг. Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв.- Ашхабад, «Ылым», 1969, с.100.

асосии тиҷорати ғуломдорӣ, ки пас аз таъсиси хилофати мутамаркази Аббосиён ва аморати мутамаркази Сомониён низ минбаъда дар он фаъолона ширкат варзиданд, ин ҷангҳо, ҳамлаҳо ва асир гирифтани аскарон буданд. Асирони ҷангӣ ба ғуломон табдил ёфта, дар бозорҳои васеъ аз Мисри дур то Варорӯд фурӯхта мешуданд. Аз аксари ин асирони ҳарбӣ, ки дар солҳои минбаъда ба хизмати горди сохторҳои давлатҳои гуногун мегузаштанд, давлатҳои ғуломон (мамлюкӣ) - аз давлати султон Маҳмуд Ғазнавӣ то давлати ғуломии (мамлюки) Миср таъсис дода буданд. Тибқи маълумоти В. В. Бартолд, аввалин асосгузори давлати Тулуниён дар Миср Тулун буда, аз қабилаи тоқузогуз, ки ба эҳтимоли зиёд ҳангоми ҳамлаи ин қабила дар Варорӯд (с. 820-821, Табарӣ) аз тарафи амири Сомониён Нӯҳ ибни Асад, ҳокими вақти Самарқанд асир гирифта шуда, ба дарбори халифа Маъмун ҳамчун туҳфа фиристода шуда буд[1].

Коршиносон иттилоъ медиҳанд, ки дар байни оғузони кӯчманчӣ ва тоҷирони тоҷик (мусулмонон) амалияи мукаммали хушмуомилагии мусбат вуҷуд дорад. Дар байни онҳо як низоми хоси «меҳмоннавозӣ» (туркӣ “қӯноқ”) мавҷуд буд, ки шабеҳи низоми «проксенияи» Юнони қадимаро дошт. Вақте ки тоҷирон ба урдугоҳҳои бодиянишинии оғузҳо меомаданд, меҳмони фахрӣ маҳсуб меёфтанд. Ҳар як тоҷир дар назди дӯсти худ – «мизбон» мемонд, ки ӯ барои «меҳмон» (туркӣ “қӯноқ”) як юртаи (чодарӣ) алоҳида месохт ва дар вақти будубошаш ӯро бо ғизо таъмин мекард. «Меҳмон», дар навбати худ, ба «мизбон» ва ҳамсараш тӯҳфаҳои гуногун тақдим мекард. Вақте ки худи оғузҳо ба аёдати дӯсти бумии (тоҷики) худ чун «меҳмон» меомаданд, ин амал такрор мешуд[2]. Аз ин рӯ, тавре ки В. В. Бартолд таъкид менамояд:

[1] Бартольд В.В. Очерки истории туркменского народа. Сочинения. Т.II.Ч.I.– М.:Восточная литература, 1963, с. 555.

[2] Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв.- Ашхабад, «Ылым», 1969, с.102.

«Дар энсиклопедияи чинии Туньдянь дар асри VIII гуфта мешавад, ки кишвари Суй ё Суде (Суғд -М. А.), ки аллакай дар асри V мелодӣ мавҷуд буда, бо Чин равобити тиҷоратӣ ва сиёсӣ дошт, боз чун To-ku-mong номида мешавад»[1]. Дар ин ҷо мавҷудияти муносибатҳои гуногунҷанбаи байни ниёгони халқҳои тоҷику туркман, ки ҳатто барои мардуми дур аз минтақа маълуманд, мушоҳида карда мешавад.

Дар девони «Луғат ат-турк» рӯйхатти зерини қабилаҳои оғузҳои нимаи дуюми асри XI мавҷуд аст: қиниқ (қабилаи Султон Санҷар. – М.А.), қайиг, баяндур, йива, салур, афшар, бектили, букдуз, баят, язгир, эймур, қара-булақ, алқа-булақ, игдыр, урегир, тутырка, ула-ёндулуг, тюгер, ҷеби, печенег, ҷувалдур, ҷаруклуғ[2].

Аммо, бо тафовут аз ривоятҳои достонӣ дар бораи этногенези маҳаллии қабилаҳои оғуз, илми таърих дар бораи муҳоҷирати онҳо аз минтақаи наздик ба марзҳои Муғулистон ва ҳавзаи Тарим шаҳодат медиҳад. Академик В. В. Бартолд чунин иттилоъ додааст: «дар катибаҳое, ки дар Муғулистон ҳифз шудаанд, калимаҳои *огуз* ва *тоқуз-огуз* зери як маъно истифода шудаанд; тибқи истилоҳоти ҷуғрофидонҳои арабӣ, *огуз* ва *тоқуз огузҳо* халқҳои мухталиф буданд ва дар минтақаҳои мухталиф зиндагӣ мекарданд: *огузҳо* ҳамсоягони мулкҳои мусулмонон аз соҳили шарқии баҳри Каспий то Исфиҷоб буданд, *тоқуз-огузҳо* дар Туркистони Чини имрӯза (ҳавзаи Тарим -М.А.), аз Куча ба самти шарқ, дар ҳоле, ки маркази минтақаи онҳо минтақаи назди Турфон буд. Тибқи гуфтаи муаррихи асри XIII Ибн ал-Асирӣ «*огузҳо* замоне ҷузъи *токуз-огузҳо* буданд ва дар давраи халифа Маҳдӣ (с.775-785) аз онҳо ҷудо шуданд»[3].

---

[1] Бартольд В.В. Очерки истории туркменского народа, с. 550-551.

[2] Ниг. Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв.- Ашхабад, «Ылым», 1969, с.102.

[3] Бартольд В.В. Очерки истории туркменского народа. Сочинения. Т.II. Ч.I. –М.: Восточная литература, 1963, с. 554.

Дар мавзеи нави истиқоматӣ (канори шимолии Варорӯд) оғузҳо дар таҳаввулоти сиёсии минтақа иштироки фаъолона намуда, шӯришҳои Муқаннаъро бар зидди арабҳо дастгирӣ карданд ва дере нагузашта, ин қаламравҳо низ ба марзҳои мулкҳои ҳудуди давлати тоҷикон, ба давлати Тоҳириён ҳамсарҳад гаштанд[1]. Яке аз намояндагони маъруфи хонаводаи Тоҳириён Абдулло (с. 828-844), ки ҳокими Хуросон буд, писари худро ба маъракаи ором кардани ҳамсояҳои нав мефиристад ва вай «ба ҷое мерасад, ки касе то ба ҳол ба ин ҷо нарасидааст». Сарлашкар дар ин ҷои нав ишғолкардашуда шабакаи иншоотҳои мудофиавӣ (работҳо) эҷод мекунад, ки аҳолии маҳаллиро аз ҳамлаҳои ногаҳонии оғузҳо муҳофизат мекарданд[2].

Муҳаққиқон иттилоъ медиҳанд, ки дар баробари бунёди қалъаҳои мудоифавӣ аз ҷониби давлат дар сарҳади байни мардуми бумӣ ва бодиянишин, инчунин раванди аз ҷониби тоҷирон ва муҳоҷирони осоиштаи тоҷик бунёд кардани як қатор шаҳрҳои мулкҳои оғуз низ ба амал омадааст. Ба унвони мисол, онҳо аз бунёди шаҳр – «Деҳнав» («Деҳаи нав») ёдовар мешаванд, ки баъдтар бо қароргоҳи ҳокимони (ябғу)-и оғузҳои назди Сирдарё табдил ёфта, номи туркии «Янгикант»-ро гирифт[3]. Ин далели таърихӣ нишон медиҳад, ки анъана ва амалияи суғдиён дар бунёди шаҳрҳои нав дар Ҳафтрӯд дар замонҳои гузашта, дар ин давра, дар ҳавзаи дарёи бузурги Сирдарё, акнун дар самти ғарбӣ ба маҷрои поёнии он идома ёфт.

Иштироки фаъоли оғузҳо дар муборизаи аҳолии маҳаллӣ (тоҷикон) бо арабҳо (шӯриши Муқаннаъ) ва бемамониат сохтани як қатор шаҳрҳои тиҷоратӣ дар ҳудуди маҳалҳои маскуни

---

[1] Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв.- Ашхабад, «Ылым», 1969, с.128.

[2] Бартольд В.В. Очерки истории туркменского народа. Сочинения.Т.II.Ч.I. –М.: Восточная литература, 1963, с. 561.

[3] Бартольд В.В. Очерки истории туркменского народа. Сочинения. Т.II. Ч.I. –М.: Восточная литература, 1963, с. 559-560.

кӯчманчиёни оғуз аз тарафи аҳолии маҳаллӣ (тоҷикон) нишон медиҳад, ки ташаккули синтези суғдӣ-туркӣ дар наздикии кӯҳҳои Олтой (замони ташаккулёбии этногенези туркӣ ва Хоқони туркӣ), дар шароити нав ва маҳалли наве, ки ба синтези тоҷикӣ-туркӣ табдил ёфтааст, инчунин қабилаи оғузро фаро гирифтааст, расидааст. Онҳо, ки дини исломро қабул кардаанд, ба эҳтимоли зиёд аз суғдиҳо номи «туркманҳо»ро гирифтаанд.

Дар бораи афзоиш ва болоравии нуфузи туркманҳои салҷуқӣ дар маҷрои миёнаи Сирдарё Ибни ал-Асир муфассал маълумот додааст: «Аҷдоди салҷуқиён Тукак, ки маънои номаш «камони нав» аст, хеле бомаҳорат, дорои андешаи мустақил, оқилона ва қобилияти идоракуниро соҳиб буд. Вай пешвои туркҳо-ғузҳо буд, ки ба ӯ (барои корҳои гуногун) рӯ меоварданд, на дар сухан ва на дар амал бо ӯ мухолифат намекарданд. Чунин шуд, ки рӯзе шоҳи туркҳо бо номи Ябғу аскарони худро ҷамъ овард ва хост ба сарзамини ислом равад. Тукак ӯро аз ин роҳ баргардонд. Музокироти байни онҳо дар ин бора тӯл кашид. Шоҳи туркҳо нисбат ба Тукак дағалӣ намуд, ки вай ба руи шоҳ торсакӣ зада, сарашро кафонд. Хизматгорони шоҳи туркҳо ӯро иҳота карда, хостанд, ки дастгир намоянд. Вай ҷасурона меҷангид ва онҳоро аз пеши худ дур кард. Пайравонаш ба кӯмак расида, ӯро ҳимоят карданд ва онҳо (одамони ябғу) ақибнишинӣ карданд. Сипас ин мунoқишаи онҳо бо сулҳ ба поён расид. Тукак бо ӯ (Ябғу) монд ва (писараш) Салҷуқ таваллуд шуд. Он чӣ ба Салҷуқ нисбат дорад, вақте ки ӯ калон шуд, нишонаҳои ҷавонмардӣ ва далели он, ки вай ба пешрафт муваффақ мешавад, дар вай аён буданд. Шоҳи туркҳо ӯро яке аз наздикони худ гардонда, ба мартабаи баланд баровард ва ба ӯ унвони «сюбаши» дод, ки маънояш фармондеҳи лашкар мебошад. Зани шоҳ аз пешрафти муваффақонаи Салҷуқ, ки мардум ба ӯ содиқ ва мутеъ буданд, ба ҳарос омада, шавҳарашро тарсонд ва ба куштанаш таъкидан маҷбур мекард. Салҷуқ ин

овозаҳоро шунид ва дар якҷоягӣ бо аҳли авлод ва пайравонаш аз мамлакати кофирон ба мамлакати ислом рафт ва бо қабули имон (ислом) ва наздик шудан ба мусулмонон худро хушбахт гардонд. Эътибори вай боз ҳам баландтар шуд ва кораш бо афзоиши итоат ба ӯ тақвият ёфт. Вай дар наздикии Ҷанд ҷойгир шуд ва ҷангро бо туркони беимон, ки шоҳи онҳо аз мусулмонони он минтақаҳо хироҷ мегирифт, идома дод. Салҷуқ андозгирандагони шоҳи турконро аз он ҷо ронд ва (он ҷойҳо) барои мусулмонон тоза карда шуд»[1].

Мурочиати онҳо ба дини ислом, ки дар қаламрави давлати Сомониён буданд, на танҳо барои дастгирӣ ёфтан аз тарафи табааи мусулмонон, балки инчунин бо ин роҳ ба даст овардани чарогоҳҳо барои чорвои сершумори онҳо низ буд. Муборизаи устуворонаи онҳо дар ин минтақаи наздимарзӣ (Ҷанд) бо туркҳои ғайридин, ки ният доштанд аз мусулмонон андоз ситонанд ва пирӯзӣ бар онҳо, эътибори онҳоро дар назди аҳолии маҳаллӣ баланд бардошт.

Бешубҳа, қабули ихтиёрии ислом ва инчунин, ҳимояи табааи маҳаллии давлати Сомониён байни онҳо ва ҳукумати олии давлат заминаи мустаҳкам гузошт, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани хатар истифода мешуд. Ҳангоми аввалин муқовимати ҷиддии Сомониён ва Қарахониён дар соли 992, вақте ки Ҳорун Боғрахон Бухороро забт кард, пас ба ёрии амири Сомониён Нуҳи II салҷуқиён аз Ҷанд омаданд, ки то онҳоро аз Варорӯд ронанд.

Баъди гузаштани чанд соли дигар, вақте ки охирин амири Сомониён Исмоили II (Мунтасир) барои барқарор кардани қудрати сулолаи худ мубориза мебурд, салҷуқиён, асосан, ҳамчун пуштибонашон дар ин муборизаи шадид баромад мекарданд. Ибни Ал-Асир дар бораи мавҷудияти «илтифоти салҷуқиён нисбат ба Сомониён маълумот медиҳад. Ҳисси садоқат онҳоро ба ҳаракат

[1] Ибн ал-Асир. Издание Торнберга. 322.

овард; онҳо бо вай муттаҳид шуданд ва ӯ ҳамроҳи онҳо бар зидди Илекхон (Қарохониён- М.А.) рафтанд»[1].

Аммо норасоии ин «садоқат»-и пешвоёни салҷуқӣ, ки дар васвасаи ғаниматҳои бузурги низомӣ ва фидяи эҳтимолии саркардагони асирони ҳарбӣ ифода ёфтааст, яке аз омилҳои шикасти амир Исмоили II буд. Тақсимоти давлати Сомониён дар байни Қарахониён (Варорӯд) ва Ғазнавиён (Хуросон), ки қишри салтанатдошта дар ҳардуяшон, асосан, аз қабилаҳои қарлуқ иборат буд, дар навбати худ барои салҷуқиён дурнамои номуайян ба вуҷуд овард, зеро онҳо ниҳоят хоҷагони тавонои худ (Сомониён)-ро аз даст доданд.

То даврони тағйир ёфтани қудрати олӣ дар Варорӯд, қабилаҳои салҷуқӣ аз марзи Ҷанд ба пойтахти Бухоро наздиктар ва дар наздикии кӯҳҳои Нурато ҷойгир шуданд. Бешубҳа, ҳузури бодиянишинони ноором дар наздикии шаҳри калидии Қарахониён, ки метавонист фавран ба артиши савораи зудамал табдил ёбад, ба нақшаи амирони Қарахонӣ дар Бухоро мувофиқат карда наметавонист. Тағйироти қудрат, инчунин, боиси аз Ҳафтрӯд ва ҳавзаи Тарим ба Вароруд кӯч бастани қабила ва халқиятҳои бодиянишин, ки масъалаи таъмин намудани онҳо, аз ҷумла, бо чарогоҳҳоро, ки дар замони Сомониёни бумӣ бомуваффақият ҳалли худро ёфтааст, боз ҳам душвор гардонд.

Аммо, дар байни мутахассисон вақти дақиқи кӯчонида омадани қабилаҳои салҷуқӣ ба наздикии Бухоро, пеш аз ба тахт нишастани Қарахониён ё пас аз бозгашти онҳо аз хизмат дар ҳузури ҳокими олӣ Боғрахони Қарахонӣ дар Ҳафтрӯд (ё Қошғар) ҳамфикрӣ мавҷуд нест[2].

---

[1] Ҳамон ҷо, 111.

[2] Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв.- Ашхабад, «Ылым», 1969, с.184-187.

Дар ин вақт, салҷуқиён ду гурӯҳи мустақилро ташкил доданд - гурӯҳи аввал бо роҳбарии писари калонии Салҷуқ- Исроил, ки унвони «байғу-арслон»-ро дошт, ки як замонҳо ба кӯмаки амирони Сомониён омада буд, ки баъдтар дар наздикии кӯҳҳои Нурато (назди Бухоро) ҷойгузин шуд. Гурӯҳи дувум бо роҳбарии бародарон - Мӯсо, Довуд (Ҷағрибек) ва Муҳаммад (Туғралбек), пас аз чандин муҳоҷирати худ боз ба Ҷанд баргаштанд[1].

Дере нагузашта, пешвои гуруҳи аввали салҷуқиён Исроил, як иттифоқчии ҳокими Қарахониёни Бухоро, қурбони ҳамлаи Маҳмуд Ғазнавӣ дар Варорӯд шуд (с. 1025), ки султон ба он ҷо бо дархости Қарахони Бузург Қодирхон Юсуф алайҳи амири саркаши маҳаллӣ (бухорӣ) Алптегин юриш карда буд. Султон Маҳмуд, пас аз фирори Алп-тегин аз Бухоро, иттифоқчии ӯ Исроилро ба асирӣ гирифт ва ба Ғазна, сипас ба Ҳиндустон фиристод, ки ӯ дар асорат даргузашт[2]. Маҳрум гардидан аз пешво, бешубҳа, ба пароканда шудани қабилаҳои салҷуқӣ ба қисмҳои хурд оварда расонд. Яке аз ин гурӯҳҳои салҷуқиён, ки аз 4 000 оила иборат буд, ба султон Маҳмуд мурочиат карда, бар ивази пардохти андозҳо ва иҷрои вазифаҳои ҳарбӣ барояшон дар Хуросон манзил ва чарогоҳ дархост намуданд. Султон, сарфи назар аз норозигии ҳокими худ, амр дод, ки онҳо тавассути Амударё интиқол дода шуда, ба Сараҳс, Абиверд ва Фарава кӯчонида шаванд[3]. Пешвоёни онҳо Яғмур, Бука, Қизил ва Кӯктош ва дигар қабилаҳои парокандашудаи Исроил, бинобар даъво ва зулми хешовандони Туғралбек ва бародаронаш ба Хуросон рафтанд ва ё ба артиши султон пайвастанд ва ё ба ҳокимони ғазнавӣ дар манзилҳои нав мушкилотҳо эҷод мекарданд, ки дар натиҷа аз хешовандони худ дар Варорӯд дур афтоданд.

---

[1] Ҳамон ҷо, с.186-187.

[2] Бартольд В.В. Очерки истории туркменского народа. Сочинения. Т.II. Ч.I. –М.: Восточная литература, 1963, с. 569.

[3] Ҳамон ҷо, с. 570.

Дар ҳамин ҳол, пас аз шикасти гурӯҳи пешвои Исроили салҷукӣ, муносибати гурӯҳи дуюми онҳо бо сардории Ҷағрибек ва Туғралбек бо Алптегин, ки бар тахти Бухоро ва Самарқанд барқарор шуд, беҳбудӣ наёфт, балки, баръакс мураккабтар гардид. Ҳатто кӯшиши ҷалби Юсуф, писари фавтидаи Мӯсо ибни Салҷуқ, аз ҷониби Алптегини Қарахонӣ, натавонист иттифоқи қабилавии Салҷуқиёнро раҳна кунад. Қатли ин пешвои салҷуқиён Юсуф боиси задухӯрдҳои хунин байни салҷуқиён ва амири Қарахонӣ Алптегин гардид. Дар зери фишори артиши доимии Алптегин ва мухолифони суннатии онҳо дар шахси Ябғуи оғузҳо Салҷуқиён ҷангро бохта, ба Хоразм ақибнишинӣ намуданд. Дар ин ҷо, ҳокими маҳаллӣ Хоруни Алтунтош, ки тасмим гирифта буд, салтанати султон Масъуд Ғазнавиро (вориси султон Маҳмуд)-ро сарнагун созад, мехост иттифоқчиёни навро барои ҳадафҳои худ истифода барад. Акнун, аз соли 1030 то 1034, давраи калавиши қабилаҳои салҷуқӣ дар байни ҳокимони Варорӯд ва Хоразм оғоз ёфт, ки баъзан ба силоҳи дасти онҳо дар мубориза бо султонҳои Ғазнавиён табдил меёфтанд[1].

Пас аз марги ду сарпарасти онҳо, амири Қарахониён Алптегин (1034) ва Хоразмшоҳ Ҳорун Алтунтош (1035) ва муноқишаҳои минбаъдаи дохилии ворисони онҳо пешвоёни Салҷуқиёнро маҷбур карданд, ки аз чарогоҳҳои Варорӯд ва Хоразм дур шуда, ба ҳудуди Хуросон кӯч банданд. Ҳамзамон, яке аз омилҳои муҳоҷирати онҳо ҳамлаи харобиовар ба урдугоҳҳои онҳо аз ҷониби хешовандон-душманони онҳо-оғузҳои Сирдарё бо сардории Шоҳмалики Баронӣ буд[2]. Дар ин ҷо, байни ду шохаи қабилаҳои оғуз хусумати амиқе мавҷуд буд. Оғузҳои Сирдарё, ки ба суннатҳои бодиянишини худ содиқ monданд ва хешовандони онҳо (туркманҳои салҷуқӣ), ки дини исломро қабул карда, барои ҳимояти аҳолии марзии

[1] Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв., с.197-200.

[2] Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв., с.201.

мусулмон баромад карда, бо хешовандони худ рақобат доштанд. Аз ин рӯ, оғузҳои Сирдарё ба анъанаҳои қассосгирии даштӣ содиқ монда, баъди 80 сол барои шикасти пешинаашон аз онҳо бераҳмона интиқом гирифтанд.

Дар Хуросон, ки дар масофаи андаке дуртар аз марказҳои сиёсии Варорӯд ва Хуросон (Бухоро ва Ғазна) ҷойгир буд, марҳилаи нави ҳукмронии пешвоёни Салҷуқиён оғоз меёбад, ки онҳо дар кӯчи бузурги худ, дигар қабилаҳои бодиянишинии туркҳо (қипчоқҳо ва ғ.)-ро бо худ гирифтаанд ва дар ин ҷо, бо қабилаҳои оғузҳое, ки даҳ сол қабл султон Маҳмуд аз наздикии Бухоро кӯчонида буд, муттаҳид шуданд.

Тибқи иттилои В. В. Бартолд: «Вақте ки наберагони Салҷуқ дар соли 1035 ба султон Масъуд, писари Маҳмуд, бо дархости гузашти вилоятҳои Нисо ва Фарава ба онҳо муроҷиат намуда, бар ивазаш ваъда доданд, ки аз самти Балхан, Деҳистон, ҳудудҳои Хоразм ва соҳилҳои Амударё ба исёнгарон имкони воридшавӣ намедиҳанд ва туркманҳои ироқӣ ва хоразмиро меронанд»[1]. Дар ин ҷо оғози даъвоҳои пешвоёни Салҷуқиён, ки дар даврони давлати мутамаркази Сомониён вориди ҷаҳони ислом шуда, орзуи барқарор кардани чунин як давлати абарқудратро пайгирӣ карданд ва пас аз рафтани ҳомиёни содиқи худ (Сомониён), аз сиёсати маҷбурии каловидан дар байни қудратҳо даст кашида, ба бунёди ҳокимияти олии худ натанҳо бар тамоми қабилаҳои оғуз (туркман), балки инчунин дар қаламравҳои васеъ бо аҳолии бумӣ ба мушоҳида мерасад.

Аз ин рӯ, мо босуръат пеш рафтани пешвоёни Салҷуқиёнро дар саҳнаи ҳарбиву сиёсии Хуросон ва Эрон (аз ҷумла Ироқ) бо заиф шудани Ғазнавиён ва идомаи низои дохилӣ дар Варорӯд мушоҳида менамоем: вуруди Туғралбек ба Нишопур (с. 1037-1038) ва худро чун султони Хуросон эълон намудан ва таъин шудани

[1] Бартольд В.В. Очерки истории туркменского народа. Сочинения.Т.II Ч.I., с. 570.

Чағрибек ва Мӯсо аз тарафи ӯ ба ҳайси ҳокимони Сараҳс ва Марв; ташкили дастгоҳи бюрократӣ бо сарварии вазирон (монанди Сомониён); фиристодани сафир ба халифаи аббосии Қоим, ки аз қудрати Оли Бӯйяи шиамазҳаб нороҳат буд (1038). Инчунин шикасти шадиди султон Масъуди Ғазнавӣ дар муҳорибаи Дандонакон ва фавран дар майдони ҷанг ба тахти Хуросон нишастани Туғралбек (1040); юришҳои ҳарбӣ дар ғарб ва шарқ ва паҳн шудани қудрат аз Балх то ба Ироқ (1040-1060); шикасти душманони пурқуввати онҳо - оғузҳои Сирдарё бо роҳбарии Шоҳмалик Боронӣ дар Кят (Хоразм) дар иттифоқ бо қипчоқҳо (1042-1043); вуруди Туғралбек ба Бағдод ва гирифтани унвони «ҳокими шарқу ғарб» аз халифа (1055); саркӯб кардани исёни пурқудрати дукаратаи як фармондеҳи қавии салҷуқиён Иброҳим Инал (1050,1059) шаҳодати ин даъвоянд[1].

Муҳаққиқон муҳорибаи Дандонаконро, ки дар майдони он давлати Салҷуқиён ба миён омадааст, муфассалтар тасвир мекунанд: «Масъуд ба майдони ҷанг бо фили азим ва бо 50 000 аскарони пиёдаи мусаллаҳ бо яроқи вазнин ворид шуд. Салҷуқиён борҳои худро дар роҳи ду рӯза гузошта, ҳамагӣ бо 16 000 савораи сабуки мусаллаҳ (аммо зудамал) омаданд. Лашкари Султон шикаст хӯрд, Масъуд ва ҳамроҳонаш тахтеро, ки ҳамроҳи худ ҳама ҷо мебурд, дар майдони ҷанг партофта, шитобкорона ба Ҳиндустон фирор карданд. Пешвои ғолибон Туғралбек дар ин тахт нишаста, худро амири тамоми Хуросон эълон кард» [2].

Шоёни диққат аст, ки дар соли 1035 ҳангоми ба сарварони Салҷуқиён барои соҳибии чарогоҳҳо дар қаламрави нави Хуросон (Нисо ва Фарава) иҷозатнома додан, султони Ғазнавиён Масъуд ба онҳо унвонҳои сомонии «*деҳқон*» («соҳибони калони замин») низ дода буд. Ин «*деҳқонон*», вақте ки андаке қавитар шуданд, ба худ

[1] Бартольд В.В. Очерки истории туркменского народа,с. 570-573; Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв., с.211-219.
[2] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 362-363.

унвонҳои қадимии тоҷикон «*шоҳаншоҳ*»-ро гирифтанд, онро баъдтар ба тариқи сомониён – ғазнавиён бо унвони «*султон*» иваз карда, унвонҳои пешини подшоҳии худ «*малик*» (арабӣ) ва «*шоҳ*» (тоҷикӣ)-ро ба зердастони худ медоданд[1].

Тақлиди минбаъдаи онҳоро ба суннатҳои Сомониён дар фаъолияти дарозмуддати (30-солаи) арбоби барҷастаи давлатӣ Низомулмулк («Низоми давлат») дар давлати бузурги Салҷуқиён, ки вазири бузурги ду султони маъруф – Алп-Арслон (с.1063-1072) ва Маликшоҳ (с. 1072-1092) буд, бараъло мушоҳида мегардад. Хизмати асосии ин вазири барҷаста бо тафаккури давлатӣ на танҳо дар он аст, ки забони тоҷикӣ дар ин давлат ҳамчун забони расмӣ боқӣ монд ва бюрократияи мутамарказ (девонҳои давлатӣ) бо сардории вазири бузург барқарор карда шуд ё ҳукмронии мазҳаби ҳанафии ислом идома ёфта, «синтези тоҷикӣ-туркӣ» идома ёфт. Муҳимтар аз ҳама, вазири бузург бевосита дар як кишвари азим бо расмиятчигии мутамаркази шаҳрвандӣ дар устувории нисбӣ дар давоми сеяки аср ҳукмронӣ мекард. Яке аз омилҳои ҳалкунандаи ба низом даровардани корҳои давлатии азим ва сермиллати салҷуқӣ татбиқи бомуваффақияти як мулоҳиза буд, ки онро, баъди зиёда аз 100 сол Элюй Чутсай (мушовири машҳури Чингизхон) таҳия карда буд: «Ба асп нишаста кишварро забт кардан мумкин, аммо болои асп нишаста онро идора карда ғайриимкон». Аз ин рӯ, пас аз забти кишварҳои гуногун дар таркиби як давлати абарқудрат (аз Шарқи Наздик то ба сарҳади Шарқи Дур), расмиятчигии тоҷикон бо сардории ин арбоби нобиға, ворисי корҳои вазирони бузурги Аббосиёну Сомониён Бармакиёну- Балъамиён, то корҳои воқеии ҳамарӯзаро ба низом дароварда, назорати худро ба ҳамаи соҳаи фаъолияти мардум устувор намуданд.

Анъанаҳои Сомониён ва Ғазнавиёнро идома дода, Ғӯриён ва ворисони онҳо дар Ҳиндустон тарафдорони қавии шакли суннитабори ислом буданд. Ғайридинҳои дирӯзаи сулолаи Шансабонӣ зуд омӯхтанд ва дере нагузашта мусулмонони тақводор гаштанд. Гарчанде ки мубаллиғони исмоилия аз шимоли Эрон низ дар замони Алоуддини Ҳусайн ба ин ҷо омада, нуфуз пайдо карда, аз султон баъзе дастгириҳо ёфтаанд. Чун писари амири Насри Сомонӣ Нӯҳ қарматияро дар мулкҳои Сомониён решакан кард, дар Ғӯр писари султон Сайфиддин Муҳаммад, ба гуфтаи Ҷузҷонӣ, низ барои решакан кардани он чораҳои қатъӣ андешид. Ду султони маъруфу машҳури Ғӯр Ғиёсиддин Муҳаммад ва бародари ӯ Муаззиддини Муҳаммад ҷонибдори мазҳаби ҳанафия буданд ва муносибатҳои баробарҳуқуқро бо халифаи Бағдод доштанд.

Ҷанбаи дигари саҳми Ғӯриён  дар таблиғи стратегияи Сомониён ин аст, ки агар туркҳои салҷуқӣ- ёварони Сомониён, самти ғарбиро ҳамчун самти асосии пешрафти худ интихоб намудаанд, пас ҳамчун «шарикони хурдӣ»-и Сомониён, онҳо ҳудуди Ҳиндустонро ҳадафи асосии худ интихоб карданд.

Сарфи назар аз ҷангҳо ва бархурдҳои сершумор байни сулолаҳои гуногун, барои таъсис ва нигоҳ доштани назорати онҳо бар як минтақаи мушаххаси Осиёи Марказиву Осиёи Ҷанубӣ ва Ховари Миёнаву Шарқи Наздик, синтези тоҷику турк бенуқсон кор мекард. Сулолаҳои туркӣ, ки ҷойгузини Сомониён буданд, стратегияи ҷолиби онҳо – бунёди салтанати бомаърифатро идома доданд. Онҳоро дар навбати худ сулолаҳои дигари тоҷикон (Ғӯриён) иваз карданд, ки ҳамзамон онҳо ин анъанаи равшанро пазируфтанд.

Сулолаи тоҷикони Ғӯриён, ба монанди сулолаҳои туркҳои Ғазнавиён ва Салҷуқиён, ворисони содиқи сиёсати сарпарастии Сомониён  ба «аҳли қалам» буданд. Султонҳои Ғӯриёни аз

канори Хуросони дурахшон баромада низ, сарпарастони саховатманди суннатҳои адабии форсии Хуросон ва Варорӯд шуданд.

Ғӯриёни тоҷиктабор ҳамчун интиқолкунандагони мероси Сомониён ба заминҳои тозабунёди шимоли Ҳиндустон нақши муҳим бозиданд ва ба таҳаввулоти тоҷикофония (ҳавзаи истофодаи забони тоҷикӣ) асос гузоштанд, ки он то нимаи асри XIX дар Ҳиндустон боқӣ мондааст.

Ғайр аз ин, воқеияти таърихист, ки гунаҳкори оташи бузург дар Ғазнӣ малик Алоуддин Ҳусайн Ҷаҳонсӯз низ шоири хуб буд; ашъори ӯ, ки аз он танҳо чанд сатр боқӣ мондааст, дар Афғонистон ва шимоли Ҳиндустон баҳои баланд гирифт[1].

Мутаассифона, дар тафовут аз даврони Ғазнавиён, ки аз он чанд девони назмии нисбатан пурраи шоирони барҷастаи онҳо боқӣ мондааст, дар давраи Ғӯриён асарҳои шеърӣ ва илмӣ хеле кам аст. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти мутафаккири маъруфи ин давр Низомии Арузии Самарқандӣ шаҳодат медиҳад, ки майдони тоҷикофония то чӣ андоза васеъ шудааст, вақте ки намояндаи «аҳли қалам», ки дар як минтақа ба дунё омадааст, натанҳо оромона сафарҳои тӯлонӣ карда метавонанд ва дар дигар минтақаҳои ҷаҳони ислом таҳсилоти олӣ мегиранд, бахусус, барои машғулиятҳои эҷодӣ ҷойи аз хона дурро низ пайдо карда метавонанд.

Низоми Арӯзӣ, ки дар Самарқанд (дар яке аз марказҳои Варорӯд) таваллуд шудааст, дар Балх (дар маркази шарқии Хуросон) таҳсил карда, то охири умр дар дарбори сулолаи Ғӯриёни тоҷик дар Фирӯзкӯҳ, ки дар он ҷо дафн карда шудааст, хизмат кардааст. Вай дур аз ватани худ мероси бузурги

[1]Lobāb, ed. Browne, I, pp. 38-39, ed. Nafīsī, pp. 39-40; Jūzjānī, pp. 343-45; afā, Adabīyāt II, pp. . 53-55

асосгузори адабиёти тоҷик аз ҳамлаҳои бадхоҳон (шоир Хоқонӣ)-ро шадидан дифоъ карда, навиштааст:

Эй он кӣ таън кардӣ дар шеър Рӯдакӣ,
Ин таън кардани ту зи ҷаҳлу кӯдакист.
Он кас, ки шеър донад, донад, ки дар ҷаҳон
Соҳибқирони шоирӣ устод Рӯдакист[1].

Дар асари машҳури ӯ «Чаҳор мақола» гузориш дода мешавад, ки муаллиф бисёр илмҳои замонашро аз худ карда, китобҳои зиёдеро хондааст, аммо бо ин қаноат накарда, барои шиносоӣ бо шахсиятҳои таърихӣ ва намояндагони илм ва адабиёт кӯшиш кардааст. Дар натиҷа, маводи кофӣ ҷамъоварӣ карда шуданд, ки барои ин асари машҳур асос гузоштанд. Тибқи ин асар, ӯ солҳои 1110-1111 дар Самарқанд буда, аз як деҳқон (ашрофи маҳаллӣ) Абуризо сафари машҳури устод Рӯдакиро бо амир Насри II ва бозгашти онҳоро ба Самарқанд шунидааст. Дар солҳои 1112-1113 вай аз Балх дидан карда, дар он ҷо бо Умари Хайём вохӯрдаст, ки таассуроти худро дар он тасвир кардааст. Солҳои 1116-1117 вай аз Ҳирот ба урдугоҳи низомии султон Санҷар дар наздикии шаҳри Тус сафар кардааст. Дар ин ҷо бо шоири дарборӣ Муиззӣ вохӯрда, дар бораи тарҷумаи ҳоли ӯ маълумот ёфтаст. Дар ин шаҳр, вай мақбараи Абулқосим Фирдавсиро зиёрат карда, дар бораи ӯ ҳикояҳо ҷамъ овардаст. Солҳои 1118-1123, ҳангоми дар Нишопур буданаш, ӯ аз Муиззӣ дар бораи Фирдавсӣ ва Султон Маҳмуд ҳикояҳоро шунидааст. Дар солҳои баъдӣ (1135-1136), бори дувум ба Нишопур ташриф оварда, мақбараи Умари Хайёмро, ки зиёда аз бист сол пеш бо ӯ мулоқот карда буд, зиёрат кардааст. Солҳои 1152-1153, дар давраи ҷанг, султони Санҷар бо султони Ғӯри Аллоуддин ҳамроҳ

[1] Мирзозода Холиқ. Таърихи адабиёти точик (аз давраи кадим то асри XIII), с. 30

бо Ғӯриён дар биёбони наздикии Ҳирот буд. Пас аз шикасти Ғӯриён, вай муддате дар ин шаҳр аз тарафдорони султон Санҷар, ки мағлубшудагонро таъқиб мекарданд, пинҳон шудааст. Сипас ба Фирӯзкӯҳ баргашта, солҳои 1155-1156 ин асарро навиштаст. Мувофиқи анъанаҳои муқарраршуда, ин асар ба амири маҳаллии Ғӯр бахшида шуда буд.

Тавре, хатсайри ин мутафаккири варорӯдӣ-Низомии Арӯзии Самарқандӣ нишон медиҳад, дар ибтидои асри XII байни Варорӯд ва Хуросон, сарфи назар аз муқовимати шадиди байни давлатҳои мухталиф (Қарахониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Қарахитоиҳо, Ғӯриён), дар ин ҷо ба шарофати анъанаи Сомониён як майдони васеи эҷодиёти мутафаккирони мусулмон, ки аксарияти онҳо тоҷикон буданд, ташаккул ёфт. Сарфи назар аз шумораи зиёди ин давлатҳо ва рақобати ҳарбии онҳо ба якдигар, бартарияти забони тоҷикӣ ва фарҳанги ягонаи мусулмонӣ, ки то ҳол илм ва бунёдкориро дастгирӣ мекунад, заминаи мусоид барои эҷодиёти садҳо мутафаккирони Осиёи Марказиро фароҳам овард.

Шиносоии наздик бо эҷодиёти ин мутафаккир нишон медиҳад, ки вай донишманди гуногунсоҳа буда, бо бисёр шахсиятҳои маъруфи он давра, шахсан гуфтугӯ кардааст. Дар ин асар, ки аз чор қисм иборат аст, ҳар яке ба таҳлили чаҳор илми зарурӣ, ба гуфтаи муаллифаш, барои идоракунии давлатӣ: коргузорӣ (илмӣ дабирӣ), назм (илми шеър), ситорашиносӣ/астрономия (илми нуҷум) ва тиббиёт (илми тиб) бахшида шудааст[1]. Сатҳи баланди ҳаёти фарҳангии Ғӯриёни охиринро маълумоти Ибни Асир дар бораи шоир Фахриддин Муборакшоҳ (вафоташ с. 1206), ки дар дарбори Султон Ғиёсидин эҷод кардааст, равшан инъикос мекунад. Ин шоир меҳмонхонае сохтаст, ки дар он ҷо китобҳо ва шоҳмот ва «олимон (ки меҳмонхонаро дидан карданд) китоб мехонданд ва нодонҳо

[1]Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. К.I. Таърихи қадимтарин, қадим ва асримиёна, с. 591.

шатранҷбозӣ мекарданд. Ҳамин тариқ, олимон ҳатто дар меҳмонхонаҳо барои худ ғизои маънавӣ пайдо карданд»[1].

Чунин таҷҳизоти «ақлонӣ»-и меҳмонхонаҳо, натанҳо дар асрҳои миёна, балки дар ҷаҳони муосир низ аҳамияти худро гум накардааст. Аз тарафи дигар, он ҳамчун далели хуб оид ба сатҳи баланди ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии кишварҳо ва халқҳои Варорӯд ва Хуросон дар давраи пеш аз муғулҳо хизмат мекунад.

[1] Ниг. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.496.

## 3.5. Салтанати Бангола ва Қуния ҳамчун ду қутби ҳавзаи паҳншавии «Ҷаҳони Тоҷикон»

Тавре ки дар боби қаблӣ (3.4. Ғӯриён) қайд карда шуд, забти Ҳиндустон ва ҷорӣ намудани ҳукмронии Ғӯриён ибтидои паҳншавии пайдарпаи стратегияи Сомониён дар ин нимҷазираи сераҳолӣ гардид. Султон Муиззидин (Муҳаммад) Ғӯрӣ ва ғулом-сарлашкари ӯ Қутбиддин Айбак, пас аз чанд юриши низомӣ, дар соли 1193 Деҳлиро забт карданд. Ин шаҳр баъдтар аз маркази вилоятии давлати Ғӯриён ба пойтахти нахустин салтанати исломии Деҳлӣ табдил ёфт. Султони Ғӯриён, ки диққати худро ба Хуросон ва Варорӯд равона кард, ба зиммаи ғуломи боэътимоди худ, сарлашкари ботаҷриба Айбак муттаҳидсозии Ҳиндустони шимолӣ зери итоати Деҳлӣ гузошт. Тактикаи султон дар бораи васеъ сафарбар намудани ғуломони ҷангӣ (мамлюкҳо), асосан, аз туркҳо барои ҷавонони зирак ва шуҳратпараст муфид буд, ки аз мақоми нороҳати худ бархоста, ба мартабаи баланди ҳарбӣ мерасиданд[1]. Айбакро, ки эҳтимолан, дар минтақаи ҳамном (Айбак-маркази вилояти Самангон) дар оилаи яке аз қабилаи туркман-халаҷ таваллуд шудааст, ки дар кӯдакӣ асир афтода ва ба ғуломӣ фурӯхта шуда буд, як қозии Нишопур харидааст. Қозӣ ба ӯ маълумоти олӣ дода, ба вай, инчунин, асосҳои идоракунӣ, камонварӣ ва муҳорибаи аспсавориро омӯхтааст. Пас аз вафоти қозӣ, писарони ӯ боз Айбакро фурӯхтанд, ки онро султони ояндаи Ғӯриён Муиззидин харидааст. Миннатдорӣ аз султони Ғӯриён ва садоқат нисбат ба ӯ барои ин сарлашкари муваффақ ва наздиктарин шарикони ӯ, ки худро «муиззӣ» - «фарзандони султон Муиззидин» (Босворт) меномиданд, беҳамто буд. Аз ин рӯ, ин султон Айбакро дар Лоҳур муовини худ дар

[1] Slave Dynasty and the Beginning of the Delhi Sultanate// http://www. thenagain. Info / Web Chron/ India/ Slave Delhi. Html санаи мурочиат 14.02.2021.

Ҳиндустон эълон кард ва ба ӯ унвони тахтнишини “Қутбиддин” («Меҳвари дин») дод.

Агар султони оянда (туркӣ) Маҳмуд Ғазнавӣ аз муҳити ҳарбии Сомониён бархоста бошад, пас аз муҳити султонати Ғӯриён ду султони оянда (туркӣ)-асосгузори салтанати Деҳлӣ Қутбиддин Айбак ва асосгузори салтанати Бангола Бахтиёр Хилҷӣ ба майдон омаданд. Онҳо пас аз марги пешвои (хоҷаи) худашон султон Муиззидин Ғӯрӣ (с. 1206) дар мубориза бо дигар даъвогарони тахт давлати мустақили худро таъсис доданд. Дар як вақт, онҳо ба саъю кӯшиши султон барои паҳн кардани стратегияи Сомониён дар саросари Ҳиндустон комилан содиқ монданд. Султон Муиззидин Ғӯрӣ, аксаран, дурбинона қайд мекард: «Ман писарони зиёд– ғуломони турк дорам, ки онҳо заминҳои маро мерос мегиранд ва хондани хутбаро ба номи ман идома медиҳанд»[1].

Султон Қутбиддин Айбак ҳамчун ҳомии худ пайрави содиқи стратегияи Сомониён буд. Лашкари ӯ аз тоҷикон (Хуросон ва Ғӯр) ва туркҳо (ва туркманҳои хилҷӣ) иборат буд. Роҳбарияти салтанати эҷодкардаи ӯ низ аз намояндагони ин қавмҳо буданд: «туркҳои хуни пок ва тоҷикони ашрофзода»[2], яъне анъанаи «синтези тоҷикӣ-туркӣ» бомуваффақият идома меёфт. Дар баробари лашкаркашиҳо, вай, инчунин, суннатҳои сарпарастӣ аз болои «аҳли қалам»-и Сомониён-Ғӯриёнро идома дода, лақаби фахрии «Лакхбахш» (бахшидани “лак” – «сад ҳазор танга»)-ро аз ҳама суннимазҳабони исломӣ ба даст овард. Мазҳаби ҳанафӣ ба таври васеъ истифода мешуд, ки дар шарқи ҷаҳони паҳновари ислом ба шарофати Сомониён, ки анъанаҳои онҳоро тамоми ворисони онҳо, аз ҷумла, султонҳои Деҳлӣ ва Бангола, бомуваффақият идома доданд, васеъ паҳн гардид. Забони давлатии ин салтанатҳо забони тоҷикӣ (дарӣ) буд[3].

---

[1] Ниг. Ашрафян К.З. Делийский султанат в XIII в. //История Востока.Т II.-М.: «Восточная литература», 1995, с. 419

[2] Ҳамон ҷо, с. 419.

[3] Ҳамон ҷо, с. 420-421.

Бояд тазаккур дод, ки тасаввуф аз Варорӯд ва Хуросон ба Ҳиндустон васеъ паҳн шудан гирифт. Рад кардани сарват ва зоҳирии ихтиёрӣ (бо маҳкум кардани нобаробарии моликият) ва инчунин нақши фаъоли иҷтимоӣ, таблиғи тасаввуф, дар ин ҷо, пайравони чандмиллионаи худро пайдо карданд. Ниёзи бузург ба ақидаҳо ва арзишҳои сӯфиён дар хоки ҳинд боис гардид, ки дар баробари мактабҳои тасаввуфи варорӯдӣ ва хуросонӣ, мактабҳои маҳаллии орифон (чун суҳравардия, чиштия, деобандия ва ғ.) бо мурури замон пайдо шуданд. Мувофиқи маълумоти мутахассисон, яке аз аввалин воизони тасаввуф дар Ҳиндустон Дата Ганҷбахш мебошад, ки дар нимаи аввали асри XI бо артиши Ғазнавиён ба Лоҳур омадааст. Дере нагузашта мактабҳои тасаввуф ба қишрҳои махсуси иҷтимоии Ҳиндустони асрмиёнагӣ равона шуданд. Суҳравардия ба табақаҳои ашрофзодагон диққат доданро сар кард ва пешвои рӯҳонии он Баҳоуддин Захариа Мултонӣ мегуфт, ки «бо мардуми оддӣ ҳеҷ иртиботе надорад» ва Чиштия, баръакс, аз дастгирии мардуми оддӣ баҳраманд шуд, ки сарвари он Хоҷа Муиниддин ба Деҳлӣ аз Систон (с.1192) омада буд[1]. Навъҳои тасаввуфи ҳиндуӣ дар марҳилаи минбаъдаи ҳаёти маънавии нимҷазираи васеъ нақши муҳим доштанд.

Ҳукмронии асосгузори салтанати Деҳлӣ Қутбиддин Айбак бо сабаби фалокат дар чавгонбозӣ қатъ гашт ва домодаш Шамсиддин Илтутмиш (с. 1211–1236) тахти ӯро ба мерос гирифт. Илтутмиш, ҳамчун султони барҷастаи ин сулолаи мамлюк (ғуломон) маъруф аст. Дар давраи ҳукмрониаш вай шакли шоҳигарии идоракунии давлатро таъсис дода, артиш тақвият гирифта, ислоҳоти пулӣ анҷом ёфт. Вай, инчунин, сохтмони Қутби Минорро дар Деҳлӣ, ки чун иншооти ифодакунандаи ғалабаи ҳукмронии мусулмонон маъруф аст, ба итмом расонид. Дар соли 1225 вай Лакҳнавро, ки он замон пойтахти султонати Бангола буд, ишғол кард ва онҳоро ба супоридани хироҷ маҷбур кард.

[1] Ашрафян К.З. Делийский султанат в XIII в., с.421.

Султон Илтутмишро солноманависон ва шоирони салтанаташ, ҳамчун як пешвои хеле тақводор ва роҳбари донишманд эътироф кардаанд. Таърихи салтанати ин султони қобилиятнок ва ворисони ӯ дар яке аз солномаҳои машҳури дарборӣ «Табақати Носирӣ» аз ҷониби таърихнигори маъруф Минҳоҷ Сироҷиддин Ҷузҷонӣ муфассал тасвир шудааст. Пеш аз маргаш, вай духтари қобилиятнокаш Розияро (1236-1239) ворисӣ худ таъин кард ва чунин назар дошт, ки писаронаш қобилият надоранд ва наметавонанд ҳукмронӣ кунанд. Ягона заифии Розия дар он буд, ки вай бону буд. Ҳукмронии Розия бо оғози мубориза барои қудрат дар байни тарафдорони салтанати шоҳӣ ва пешво-мушовирони туркҳо қайд карда мешавад. Аз тарафи Султон бону Розия, ягона ҳокимзан дар тахти Деҳлӣ, таъин шудани африқоӣ (сиёҳпӯст) ба вазифаи муҳимми давлатӣ, мушовирони ӯро сахт ранҷонд. Пас аз он, исён сар зад ва султонбону кушта шуд. Ғиёсиддини Балбан (с. 1266-1287), маъруфтарин аз мушовирони Розия, ба ҳайси султони оянда ба тахт нишаст. Балбан бештар дар ташкили ҳукумати мутамаркази қавӣ маъруф аст. Султон Балбан мардумро бо шукӯҳу шаҳомати шоҳона ва муносибати бераҳмонаю беғаразона ба атрофонаш шод мегардонд. Бо марги Балбан дар соли 1287 сулолаи ғуломон ба поён расид, ҳарчанд, дарвоқеъ, мунокишаҳои дохилӣ дар сулола боз се сол давом кард[1].

Гарчанде ки ҳукмронии туркҳо дини буддоиро дар Ҳиндустон то ба дараҷаи нестӣ бурд, аксари ҳиндуҳо зарар надиданд; баъзеҳо ҳатто забткорони нави худро истиқбол карданд. Қишрҳои миёна, хусусан, қоидаи навро хуб қабул карда, ба вазифаҳои гуногуни роҳбарии маъмурияти нав таъин карда шуданд. Умуман, ҳиндуҳо аз Айбак ва султонҳои минбаъдаи ин сулола миннатдор буданд, ки ҳадди аққал, як сабаби хеле муҳим: қобилияти дифоъ аз муқобили истилогарони муғули сарсахт бо сардории Чингизхон, ки ба давлатҳои ҳамсоя фалокатҳо ва ранҷҳои бешумор кошта буданд. Ин муҳофизат, ки беш

[1] Ҳамон ҷо, с. 424-426.

аз як аср идома дошт, барои Ҳиндустон хеле арзишманд буд[1]. Бешак, тоҷикон дар ташкили бюрократияи мулкӣ дар салтанати Деҳлӣ, ки забони расмии он тоҷикӣ буд, нақши калидӣ доштанд. Ин омилҳо ба паҳншавии пайдарпаи тамоми ҷузъҳои стратегияи Сомониён дар тӯли асрҳои дароз дар қаламрави васеъ мусоидат карданд.

Эътимоднокии нисбии салтанати Деҳлӣ, бархилофи ҳуҷумҳои сершумори муғулҳо, ба мавҷудияти нисбатан устувори салтанати Бангола, дар канораи дурдастарини ҷанубу шарқии минтақаи паҳншавии стратегияи Сомониён таъсири судманд расонд. Дар айни замон, ҳаракати муҳоҷират аз Варорӯд ва Хуросон ба ин салтанатҳо бо сабаби ҳуҷуми муғулҳо ва ваҳшигариҳо, ҳамлаҳо ва ғоратҳои бепоёни бо он алоқаманд, то андозае афзоиш ёфт. Ба ин муҳоҷирони маҷбурӣ, аммо таҳсилкарда дар дастгоҳи бюрократии мулкии ин салтанатҳо ва қаламравҳои зердастӣ ва музофотҳои сершумори онҳо талабот зиёд буданд. Ин ҳаракати муҳоҷират қаламравҳоро аз шаҳри Бухорои Варорӯд то музофоти Бихари дар шимолу шарқи Ҳиндустон ва қаламравҳои ҳамсоя фаро гирифтааст.

Ҳанӯз дар соли 1203, фармондеҳи Қутбиддин Айбек, муовини султон Муиззидини Ғӯрӣ, Ихтиёриддин Бахтиёр Хилҷӣ минтақаҳои Надия ва Гаударо, ки дар ҳавзаи дарёи Ганг дар шарқи Ҳиндустон ҷойгиранд, забт кард. Баъдтар, вай ҳукмронии худро дар саросари Банголаи шимолӣ васеъ кард. Ҳукмронии мусулмонони Бангола тамоми ҷараёни таърихро тағйир дод. Аксарияти аҳолии Бангола, алалхусус, Банголаи шарқӣ, дини исломро қабул карданд. Аҳамияти қишри анъанавии ҳукмрон - брахманҳо дар якҷоягӣ бо забони санскритии онҳо тадриҷан поён рафт ва забони тоҷикӣ ҳамчун забони расмӣ ҳам дар Бангола, алалхусус, ва ҳам дар шимоли Ҳиндустон ба бонуфузтарин забон табдил ёфт.

[1]Slave Dynasty and the Beginning of the Delhi Sultanate. // http://www.thenagain.info/WebChron/India/SlaveDelhi.html санаи мурочиат14.02.2021




Низоми таълими исломӣ дар ҷойҳое, ки пайравони дини ислом маскан гирифтаанд, ҷорӣ карда шуд. Афзудани марказҳои таълими анъанавӣ, яъне масҷидҳо, мадрасаҳо ва мактабҳо, барои рушди осори адабӣ ба забони арабӣ ва тоҷикӣ фазои мусоид фароҳам овард. Ба ғайр аз сарпарастӣ ва дастгирии саховатмандонаи нависандагон ва шоирон, худи шоҳони ҳукмрони онвақта дар машғулиятҳои зеҳнӣ ширкат меварзиданд. Дар байни марказҳои тадқиқот ва таҳсилҳои илмӣ марказҳо дар Гаур ва Пандуа, Дарасбари, Рангпур, Сонаргаон, Дакка, Силхет, Богра ва Читтагонг ҷойгир буданд. Шумораи мадрасаҳо дар Бангола то ибтидои ҳукмронии Британиё (с. 1757) қариб ба 80 000 расида буд.

Дар муддати беш аз 630 сол (солҳои 1206-1837) забони тоҷикӣ вазифаи забони давлатии Банголаро иҷро мекард. Дар ин давраи

тӯлонӣ ҳазорҳо китобҳо бо забони тоҷикӣ навишта шуданд ва садҳо шоирон шеърҳои худро дар он забон навиштанд.

Аввалин асари тоҷикӣ, ки дар Бангола тартиб дода шудааст, тарҷумаи Амртакунда (китоби йога) аз санскрит ба тоҷикӣ аз ҷониби фақеҳи маъруфи ҳанафӣ, сӯфӣ ва қозӣ Рукниддин Абуҳамид аз Самарқанд дониста мешавад.

Насириддини Маҳмуди Буғрахон (с. 1283–1291), писари бузурги султони Деҳлӣ Ғиёсиддин Балбан, ҳокими Лакҳнав, пас аз вафоти падараш истиқлолро ба даст овард[1]. Вай, аз рӯйи анъанаҳои Сомониён- Ғӯриён, як сарпарасти саховатманди санъат ва адабиёт буд ва маъракаҳояш макони маъмули мулоқоти шоирон буданд. Бисёр нависандагон, ба мисли Шамсуддин Дабир ва Қозӣ Асир, аз Деҳлӣ ба Бангола кӯч бастанд ва таҳти сарпарастии ӯ дар рушди адабиёти тоҷику форс дар Бангола нақши назаррас доштанд.

Шайх Шарофуддин Абу Таввама, устод ва хусури шайхи машҳури Бихар Шарофуддин Яҳё Мунярӣ, дар солҳои 1282-1287 ба Сонаргаон (яке аз марказҳои салтанати Бангола) омадааст. Он замон, вай бо истифода аз имконоти молиявии худ, фаъолияти мадрасаҳои пешрафта ва хонакоҳ (хобгоҳ)-и шогирдонашро дастгирӣ кардааст. Китоби ӯ дар бораи тасаввуф «Мақомот», аллакай, дар замони ҳаёти муаллиф эътибори беандоза дошт.

Дар давраи ҳукмронии Рукниддин Кайковус (с.1291–1301), писар ва вориси султон Насриддини Боғрахон, дар Сонаргаон (пойтахти онвақтаи Бангола) китобе дар бораи фиқҳ дар назми шевои тоҷикӣ навишта шудааст. Он аз 10 ҷилд иборат буда, 180 номгӯи шеърро фарогир мегирад.

Дар замони ҳукмронии султон Ғиёсиддини Аъзамшоҳ (с.1390–1409) Сонаргаон ҳамчун маркази адибони машҳур ва фақеҳон (ҳуқуқшиносон), ки қонунҳои исломиро хуб медонистанд, рушд кард. Дар ин давра, он қадар намунаҳои наср ва назми тоҷикӣ-форсӣ навишта шуданд, ки ин замонро дар Бангола «давраи тиллоӣ»-ии он

[1] Ашрафян К.З. Делийский султанат в XIII в., с.426.

номидан мумкин аст. Оиди шукуфоии забони тоҷикӣ дар ин кишвар дар он замон як ҳодисаи маъруфи таърихӣ шаҳодат медиҳад: худи султони Бангола Ғиёсиддини Аъзамшоҳ бо риояи анъанаҳои умумӣ кӯшиш ба харҷ дод, ки шеър нависад, аммо тавонист танҳо нимаи авали онро ба анҷом расонад муқобили:

*Эй соқӣ! Ҳадиси сарви гулу лола меравад…*

Султон натавонист байтро ба анҷом расонад ва ба шоири бузург Ҳофизи Шерозӣ нома навишта, ӯро ба Бангола даъват намуда, хоҳиш кардааст, ки матни шеърро ба итмом расонад. Шоири бузург бо эътирофи бузургии дарбори шоҳ ва сифатҳои адабии шоирони тоҷику форсии Бангола шеърро хотима додааст. Дар қисми давоми ғазали шоир, ки дар девони он низ ҳаст, чунин омадааст:

*Шакаршикан шаванд ҳама тӯтиёни Ҳинд,*
*З-ин* ***қанди форсӣ****, ки ба Бангола меравад.*

Дарбори Рукниддини Барбакшоҳ (с. 1459-1474) макони ҳузури олимону шоирони сершуморе чун Амир Зайнуддини Ҳаравӣ, шоир Амир Шиҳобуддин Ҳаким Кирмонӣ, табиб ва мураттиби луғати тоҷикӣ-форсӣ Амир Шиҳобуддин Кирмонӣ ва инчунин, шоирон Мансур Шерозӣ, Малик Юсуф Ҳамид, Сайид Ҷалол, Сайид Муҳаммад Рукан ва бисёр дигарон буд.

«Фарҳанги Иброҳимӣ», қадимтарин ва шояд муҳимтарин феҳристи тоҷикиву форсии нимҷазира аз ҷониби Мавлоно Иброҳим Қаввоми Фаррухӣ дар ин давра тартиб дода шудааст. Ин маҷмӯаи пурарзиш пешрафти назаррасро дар рушди омӯзиши забони тоҷикӣ-форсӣ дар Бангола нишон медиҳад. Дар давраи ҳукмронии Алоуддин Ҳусайншоҳ (с.1493-1519) истифодаи забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ дар Бангола васеъ паҳн шудааст. Дар ин вақт Муҳаммад Будай, зиёдтар маъруф бо номи Сайид Мир Алавӣ, китоберо дар бораи камонварӣ бо номи “Ҳидоят-ур-Румӣ” навишт, ки бисту ҳафт бобро дарбар мегирад.

Ҳамин тариқ, давраи султонҳои Бангола аз соли 1203 то 1576, ки давлатро  султонҳои хайрхоҳ ва бофарҳанг идора мекарданд, барои рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ ва таҳқиқот дар ин забон  заминаи устувор гузошта шуд.

Тавре ки дар боло ишора кардем, дар давраи сулолаи Салҷукиён дар Осиёи Хурд аз нимаи дуюми асри XI  қабилаҳои туркӣ, аз  ҳавзаи баҳри Арали Варорӯд ва баҳри Каспии Хуросон ба ин ҷо омадаанд ва муқимӣ гардиданд. Ин муҳоҷирони бузурги қабилаҳои бодиянишин, натанҳо боиси пайдоиши юришҳои салибии сершумори кишварҳои аврупоӣ, балки ташаккули салтанати Қуния (Рум) ва баъдан таҳдиди доимии ҳарбӣ ба Рум ва тамоми Аврупои ҷанубу шарқӣ гардид. Дар ибтидо, ҳама ҳокимони маҳаллӣ ба давлати пурқудрати Салҷуқиён норозиёна итоат мекарданд ва пас аз салтанати султон Санҷар (с.1118-1157), дар ин ҷо равандҳои марказгурезӣ ҳукмрон мегардад.

Яке аз давлатҳои кӯчаки ғарбии Осиёи Хурд, ки ба анъанаҳои сомониён-салҷуқиён  содиқ монд, ин салтанати Қуния (ё Рум) ба ҳисоб меравад. Бисёр анъанаҳои стратегияи Сомониён дар ин ҷо, чун  дар шарқтарин кунҷи он (салтанати Бангола), алалхусус, забони тоҷикӣ ҳамчун забони коргузорӣ, мазҳаби ҳанафии ислом, сарпарастии «аҳли қалам» ва, албатта, «синтези тоҷикӣ-туркӣ» ва дигарон бараъло намоён шуданд.

Ин салтанат дар сечоряки охири асри XI дар заминҳои аз империяи Рум (Византия) забткарда гирифташуда таъсис ёфта, дар таърихи минтақа нақши муҳим бозид. Аҳолии масеҳии маҳаллиро ба ақибнишинӣ маҷбур карда ё қисми онро азхуд намуда, ҳудуди давлатро ба тартиб даровarda, сохторҳои онро устувор намуд. Маълум аст, ки то охири асри XI  Салҷуқиён Рум (Византия)- ро дар ҳудудҳои шарқӣ (дар Осиё) ба ақибнишинӣ маҷбур карда, тақрибан тамоми Анатолияро пас аз мағлуб кардани онҳо дар ҷанги ҳалкунандаи Мансикерт дар соли 1071 ишғол карданд. Асосгузори воқеии салтанати Қуния пешвои низомии Салҷуқиён Сулаймон Қутулмиш, ҷияни султони машҳури Салҷуқиён Маликшоҳ мебошад. Соли 1075 ӯ

шаҳрҳои румӣ – Никея ва Никомедияро забт кард. Пас аз ду сол, вай худро султони давлати мустақил аз Салҷуқиён бо пойтахташ дар Никея эълон кард[1].

То соли 1081 Салҷуқиён тамоми шаҳрҳои Румро дар Осиёи Хурд забт карда (ба истиснои Гераклии Понт), ба гулугоҳи Босфор ва Дарданелл расиданд.

Асосгузори салтанати Қуния Сулаймон, аз тарафи волии Салҷуқиён дар Сурия (марказаш дар ш. Антиохия) Тутуш, дар соли 1086 кушта шуд ва писари ӯ Қилич Арслон ба зиндон партофта шуд. Пас аз вафоти охирин султони пурқудрати салҷуқӣ Маликшоҳ (с.1092), писари асосгузори салтанат Қуния Қилич-Арслон озод карда шуд ва заминҳои падариаш ба ҳукумат баргардонида шуд. Аммо дере нагузашта султон зери фишори салибдорони якумии юриши салибӣ ба ҷануби Анатолияи марказӣ, ақибнишинӣ кард ва дар он ҷо давлати худро бо пойтахт дар Қуния барқарор кард[2]. Дар охири ҳукмронии писар ва вориси Қилич-Арслон султон Масъуд (с. 1156), салтанат, тақрибан, дар тамоми Анатолияи марказӣ ҳукмронӣ мекард. Писар ва вориси Масъуд султон Қилич-Арслони II дар набарди назди Мириокефал дар соли 1176 артиши Румро бо сардори император Мануил I Комнин мағлуб карда, зарбаи асосиро ба қудрати Византия дар минтақа зад. Бо вуҷуди ишғоли муваққатии Қуния дар соли 1190 аз ҷониби иштирокчиёни юриши салибии севум, салтанат зуд онро бозпас гирифта, қудрати худро мустаҳкам кард.

Пас аз фурӯпошии воқеии давлати абарқудрати Салҷуқиён дар байни асрҳои XI-XII, вақте ки султон Санҷар дар шарқ амал мекард, султонҳои Румӣ ягона намояндагони хонаводаи ҳукмрони ин сулола дар ғарб шуданд. Пас аз суқути муваққатии империяи Рум (Византия) дар соли 1204, султон Кайхусрав I Қунияро дар соли 1205, аз салибдорон кашида гирифт. Дар даври ҳукмронии ин султон ва ду

[1] Агаджанов С.Г. Сельджукское завоевание и государства Сельджукидов. // История Востока. Т II.-М.: «Восточная литература», 1995, с. 271.

[2] Большаков О.Г. Ближний Восток в эпоху крестовых походов. // История Востока. Т II.-М.: «Восточная литература», 1995, С.241

вориси ӯ- Кайковуси I ва Кайқубоди I, қудрати салҷуқиён дар Анатолия ба авҷи аълои худ расид. Муҳимтарин дастоварди Кайхусрав, ин забти бандари Анталия дар соҳили баҳри Миёназамин, дар соли 1207 буд. Писари ӯ Кайковуси I Синопро (шаҳр-бандар дар соҳили ҷанубии баҳри Сиёҳ) забт кард ва муддате (с.1214) империяи Трапезундро зердасти худ кард, аммо дар соли 1218 ӯ маҷбур шуд, ки шаҳри Ҳалабро аз даст диҳад. Кайқубоди I аз соли 1221 то 1225 азхудкунии заминҳоро дар соҳили баҳри Миёназамин идома дод. Дар солҳои 1220 аскарони экспедитсионии худро тавассути Баҳри Сиёҳ ба Қрим фиристод.

Султони Қуния дар замони ҳукмронии Султон Алоуддин Кайқубоди I (с.1219-1236) ба шукуфоии бузургтарини худ ноил гашт, вақте ки ӯ дар соли 1222 ҳатто, шаҳри сарватмандтарини бандарии Судаки Қримро низ забт кард[1]. Дар он замон, мутафаккири маъруфи тоҷик Ҷалолиддини Балхӣ, ки унвони олии «Румӣ»-ро аз туркҳои салҷуқӣ гирифта буд, бо даъвати султон бо падари маъруфаш ба пойтахти он омада, мавқеи хосси худро ишғол намуд. Вай натанҳо дар фароҳам овардани ҳамоҳангӣ байни ҳукумат ва ҷомеаи динии султонати Қуния, балки дар коркарди як идеологияи диниву давлатӣ нақши калиди бозид, натанҳо дар ин салтанат, балки дар давлатҳои минъбада низ, аз ҷумла, дар империяи пурқудрати Усмонӣ, нақши идеологияи давлатиро бозид.

Дар ин давра, натанҳо яке аз мутафаккирони барҷастаи асрҳои миёна Ҷалолиддини Балхӣ/Румӣ аз шарқ зери фишори муғулҳо омада буд, балки ҳамлаҳои бевоситаи муғулҳо ба қаламрави султон низ оғоз ёфтанд. Дар соли 1236 муғулҳо аз султон Алоуддин Кайқубоди I фиристонидани сафоратҳои доимиро бо хироҷ талаб карданд. Ба султон муяссар шуд, ки бо хони бузург Ӯктой аҳдномаи сулҳ бандад ва муддате амнияти кишварашро таъмин кунад.

[1] Агаджанов С.Г. Сельджукское завоевание и государства Сельджукидов. // История Востока. Т II.-М.: «Восточная литература», 1995, с. 282


САЛТАНАТИ ҚУНИЯ
(асри XIII)
БАХРИ СИЁХ
Трапезунд
Трапезунд
САЛТАНАТИ
ҚУНИЯ
Қуния
Константинопол
Никея
Империяи
Никей
Булғористон
Империяи Лотинӣ
Фессалоника
Эпир
БАХРИ МИЁНАЗАМИН
0
120
240

Дар аввали солҳои 40-уми асри XIII, дар аҳди султон Кайхусрави II, давлате, ки аз зиддиятҳои дохилӣ заиф шуда буд, ҳамлаи густурдаи муғулҳоро аз сар гузаронд. Моҳи июни 1243 артиши муғул артиши Кайхусрав ва ҳампаймонони ӯро дар назди Кёседаг шикаст дод. Пас аз забт кардани як қатор шаҳрҳо, аз тарафи муғулҳо султон Кайхусрави II маҷбур шуд, ки вазири худро ба муғулҳо фиристад. Ин сафир-вазир Байҷу нойон, фармондеҳи муғулҳоро бовар кунонд, ки забти минбаъдаи кишвар душвор хоҳад буд, зеро дар он сарбозон ва қалъаҳои зиёд мавҷуданд. Тибқи шартномаи сулҳ, Кайхусрав мебоист ҳар сол ба Қарақорум (қароргоҳи хони бузург дар Муғулистон) хироҷи калонҳаҷм мефиристод. Султон ҳокими қисми давлати худ буд, ки он аз тарафи муғулҳо забт карда нашуда буд. Пас аз як сол, ин шартномаро бо фармони (ёрлиқи) худ Ботухон, сардори Улуси Ҷӯчӣ, ки, дарвоқеъ, султон Кайхусрав ба зердасти ӯ табдил ёфта буд, тасдиқ кард[1]. Мағлубият дар назди Кёседаг дар таърихи салтанати Қуния як гардише буд, ки пас аз он равандҳои таназзули давлат ба таври назаррас суръат гирифтанд. Бухрони сиёсӣ пас аз вафоти султон Кайхусрави II дар охири соли 1245 шиддат гирифт. То ин вақт, ҳукмронии муғулҳо дар Эрон ва дар минтақа бо сардории Ҳулагухон (давлати Илхонҳо) таъсис дода шуда буд. Султонҳои бо ҳамдигар рақобаткунандаи Қуния - Кайковус ва Килич-Арслон ба қароргоҳи Ҳулагу дар наздикии Табрез омаданд, ба гуфтаи Рашидаддин, ин воқеа моҳи августи соли 1258 рух додааст. Ҳулагухон аз муқовимати Кайковус алайҳи Байҷу нойон шадидан норозӣ буд, аммо бо дархости ҳамсараш Докуз-хотун ӯро бахшид. Ҳар ду бародарон дар лашкаркашиҳои муғулҳо дар шимоли Сурия ширкат варзиданд ва вақте ки Ҳулагухон ба шарқ ақибнишинӣ кард, онҳо ба ватани худ ба Рум баргаштанд. Дар натиҷаи мунокишаҳои дохилӣ ва ҳуҷуми муғулҳо, салтанати Қуния то соли 1307 ба як қатор

[1] Ҳамон ҷо, с. 282-283.

бейликҳо тақсим шуд, ки яке аз онҳо бейлики Усмонӣ оқибат ба давлати азими абарқудрат мубаддал гашт.

Дар ин замон (асрҳои XII-XIII) салтанати Қуния шукуфоии фарҳангиро аз сар гузаронд, ки бо намунаҳои барҷастаи меъморӣ ҷудошуда меистод. Ба он меҳмонхонаҳои калон, корвонсаройҳо дохил мешуданд, ки ҳамчун нуқтаҳои интиқол ва мубодилаи молҳо ва нуқтаҳои тиҷоратии корвонгард истифода мешуданд. Дар замони Салҷуқиён садҳо чунин биноҳо сохта шуда буданд, ки ин низ аз пайравӣ ба ҷузъи дигари стратегияи Сомониён –сарпарастӣ дар Шоҳроҳи Абрешим шаҳодат медиҳад. Шаҳрҳои асосии салтанати Қуния – Қуния, Қайсари, Сивас ва дигарон ҳамзамон марказҳои ҳунармандӣ низ буданд. Тиҷорати Рум - Салҷуқиён иқтисоди Осиёи Хурдро эҳё карда, ба он такон дод ва то охири асри XIII он назаррас боқӣ монд. Сарфи назар аз муносибатҳои хеле хуби байнидавлатии ҳокимони воломақоми Рум ва Салҷуқиён, кӯшиши азхудкунии аҳолии давлати Салҷуқиён аз тарафи Рум, дар маҷмӯъ, бинобар ҷараёни бепоёни муҳоҷират аз Варорӯд ва Хуросон ба нокомӣ анҷом ёфт. Аз ин минтақаҳои суннатии тоҷикнишин ва туркнишин ба ғарб, бар асари ҳуҷуми муғулҳо мавҷҳои нави кӯчманчиёни туркҳои мусулмон, инчунин хонаводаи зиёди бумӣ пайваста ҷараён мегирифт. Аз ин рӯ, дар ниҳояти кор, салтанат таҳти таъсири қавии фарҳангии Руми тамаддуни володошта устувор монд, вақте ки фарҳанги тоҷик бо он бо муваффақият рақобат карда тавонист.

## 3.6. Чингизиёни бодиянишин зери таъсири стратегияи Сомониён

Агар арабҳои қурайшӣ дар асоси салоҳияти Қуръони Карим ва ҳадисҳои Паёмбар Муҳаммад (с), бо вуҷуди шумораи ками худ, хилофати васеъ ба вуҷуд оварда, онро дар тӯли чандин садсола бомуваффақият идора карда бошанд, пас муғулҳо дар асоси мақоми *яса* (ҳуқуқи даштии муғулҳо), *биликҳо* (гуфторҳои) Чингизхон ва сохти низомии давлати ӯ, сарфи назар аз шумораи ноқиси худ, дар тӯли асрҳо дар Дашти Бузург ва минтақаҳои шафати он дар Авруосиё ҳукмфармо буданд. Ин як давраи воридшавӣ ва рақобати шадиди Қуръони Карим ва Ясаи бузурги Чингизхон бо омезишҳои аҷиб ва печишҳои ғайричашмдошт (баъзан зишт) буд.

Хиёнати яке аз волиёни давлати паҳновари Хоразмшоҳиён, ки ворисони давлати Салҷуқиён буданд, нисбат ба корвони осоишта, вале бениҳоят бойи тиҷоратии бодиянишинон дар шаҳри ободи Ӯтрор ғазаб ва ташнагии интиқоми ҳокими салтанати Дашти Бузург ва фармондеҳони ҷангҷӯяш (нойонҳо)-ро ба миён овард. Дере нагузашта, онҳо ба монанди малахҳо ба ҳудуди ин давлати азим, лекин дохилан фарсудашуда, рехта, онро сарнагун карданд. Дар натиҷа онҳо низ, тадриҷан афсуни стратегияи Сомониён гаштанд. Ноустувории давлати Хоразмшоҳиён аз он иборат буд, ки онҳо аҳамияти стратегияи Сомониёнро дар идоракунии давлат нодида гирифтанд. Тавре ки академик В. В. Бартолд менависад: «Сохтори сиёсии мусулмонони шарқӣ, ки онро Аббосиён эҷод кардаанд ва дар замони Тоҳириён ва Сомониён боз ҳам рушд ёфт, акнун ба таназзули комил расид. Тамоми мундариҷа аз бюрократия гирифта шуд; қишри низомӣ бо сарварии модари ҳоким, бо дорандаи қудрати олӣ дар душмании ошкоро буд; рӯҳониён шоҳро барои куштори Маҷдаддин (шогирди шайх Наҷмиддини Кубро, асосгузори таълимоти тасаввуфи «кубравия» -М. А.) ва фатвои маҷбурӣ алайҳи халифа бахшида наметавонистанд; мардуме, ки аз тарафи Муҳаммад


ДАВЛАТИ ХОРАЗМШОҲИЁН
дар асрҳои XIII-XIV
АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ
Гурганч шаҳрҳои калонтарин
Марв дигар шаҳрҳо
ХОРАЗМ номи вилоятҳо
сарҳадди давлат
самтҳои алоқа
0 100 200
ВАРОРУД
ХУРОСОН
ХОРАЗМ
НИШОПУР
ФАРҒОНА
ЧОЧ
ИСФИҶОБ
СУҒД
ХАТЛОН
ВАХОН
БАЛХ
МАРВ
ҲИРОТ
СИИСТОН
ГУРГОН
ТАБАРИСТОН
ҶИБОЛ
БАҲРИ ХОРАЗМ
БАҲРИ ХАЗАР
БАҲРИ ФОРС
Рӯди Сир
Ҳарирӯд
Ҳилманд
Гурганч
Бухоро
Нишопур
Зарранг
Ғазна
Бағдод
Балосоғун
Ахсикат
Хуҷанд
Фароб
Самарқанд
Хулбук
Кубодиён
Балх
Замм
Омул
Тохирия
Миздахқон
Марв
Марврӯд
Ҳирот
Фирузкӯҳ
Кобул
Ишкошим
Пешовар
Лоҳур
Кошғар
Ёрканд
Нисо
Фарова
Гургон
Рай
Исфаҳон
Язд
Шероз
Кирмон
Ҳурмуз
Захидон
Бодкуба
Ардабил
Табрез
Абҳар
Ҳамадон
Дабил
40°
50°
60°
70°
30°

(Хоразмшоҳ-М.А.) аз юғи кофирон (қарахитоиён -М. А.) озод карда шудааст, бар зидди озодкунандагонашон исён бардоштанд ва бо ҷараёни хун пахш

карда шуданд. Пас Муҳаммад наметавонист ба ягон унсури низоми ҳукумат ва ба ягон табақаи аҳолӣ такя кунад»[1]. Тавре аён гардид, ҳеҷ яке аз ҳафт ҷузъи стратегияи Сомониён аз ҷониби Хоразмшоҳиён пурра риоя карда нашуда, ҳамлаи хиёнаткорона ба корвони тиҷоратии осоишта онҳоро ба роҳзанони нафратангез дар роҳҳо монанд кард. Ба ибораи дигар, Хоразмшоҳиён, дар тафовут аз дигар давлатҳои Варорӯд ва Хуросон, ки бо вуҷуди қаламрави бепаҳнои худ ба стратегияи Сомониён беэътиноӣ карданд, ба осонӣ қурбони ҳамлаҳои муғулҳо шуданд. Аз як тараф, ҳамлаи хиёнаткорона ба корвони осоиштаи тиҷоратӣ аз ҷониби мансабдорони воломақоми давлати Хоразмшоҳ ва, аз ҷониби дигар, қасосгирии (вендеттаи) даштӣ, ки аз ҷониби асосгузори империяи бузурги кӯчманчиён-Чингизхон, ба дараҷаи сиёсати давлатӣ баланд бардошта шуд, ки дар ибтидои асри XIII ба балоҳо, душвориҳо ва талафоти бебозгашти моддӣ ва, алахусус, мероси маънавӣ ва фарҳангии халқи тоҷик оварда расонд. Мутахассиси пешбар академик В.В. Бартолд дар бораи ин шахсият тавсифи дақиқ додааст: «Ҷаҳонбинии Чингизхон ҷаҳонбинии саркардаи роҳзанҳо буд, ки рафиқони худро ба сӯйи пирӯзиҳо мебарад ва ба онҳо ғанимат медиҳад, тамоми мушкилиҳоро бо онҳо паси сар мекунад, дар рӯзҳои бадбахтӣ ӯ омода аст, ҳама чизро, ҳатто либос ва аспашро ба онҳо бидиҳад, дар рӯзҳои хушбахтӣ, вай бо онҳо лаззати аз ҳама бузургро– ба аспи душманони кушташуда нишастан ва занони онҳоро бӯсиданро эҳдо мекунад. Ваҳшии фавқулода малакаҳои нодири ташкилотчигии худро дар доираи васеътари одамон татбиқ карда, байни сифатҳое, ки барои сардори

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. с.444-445

гурӯҳи даҳнафарӣ ва сифатҳои идоракунии империя заруранд, тафовутро намедид»[1].

Акнун Варорӯд ва Хуросон ва инчунин, дигар кишварҳои Авруосиё маҷбур буданд, ки, асосан, ба «*майдони ҷанг, вақте ки ғолиб аспи душмани кушташударо савор шуда, ҳамсари ӯро бӯса кунад*» табдил ёбанд.

То ба замони ҳамла ба давлатҳои Хоразмшоҳиён, Чингизхон ва атрофиёнаш, аллакай,  мустақилона амал кардани яке аз ҷузъҳои стратегияи Сомониён – сарпарастӣ бар Шоҳроҳи Абрешимро шуруъ карда буданд. Дар ин бора мутахассиси соҳа маълумоти медиҳад, ки Хоразмшоҳ оид ба сарвати бузурги Чин ва ҳамлаи муғулҳо ба ин кишвар огоҳӣ ёфта, ба Чингизхон бо роҳбарии Баҳоуддин Розӣ сафорат мефиристад, ки вай бо хон дар Пекин мулоқот мекунад. Чингизхон, шимоли Чини сарватмандро забт карда, то ҳол дар бораи юриши ғарбӣ фикр намекард ва изҳори хоҳиш менамояд, ки «тоҷирон озодона аз як кишвар ба кишвари дигар гузаранд»[2]. Дар сари ин корвони тиҷоратӣ ба Чин, бо сафири Хоразмшоҳ, ба гуфтаи Ҷувайнӣ, се тоҷир низ буд: Аҳмади Хуҷандӣ, «писари амир Ҳусайн» ва Аҳмад Балхӣ, ки матоъҳои абрешимӣ, пахтагӣ ва матоъҳои машҳури зандониро бо худ бурда буданд»[3].  Дар солҳои аввали таъсиси давлати бодиянишинҳо Чингизхонро бисёр тоҷирони уйғур, инчунин аз Варорӯд, Хуросон ва ҳавзаи Тарим (Уйғуристон)-ро иҳота мекарданд. Хони муғулҳо, қабилаҳои бодиянишин ва  давлатҳои онҳоро дар ғарб, то ибтидои асри XIII забт карда, ҳамсояи мустақими давлати бузурги Хоразмшоҳ гардид. Ин ҳолат ба мубодилаи зичи корвонҳои тиҷоратӣ дар байни ин ду ҳамсоя кишвар мусоидат кард, ки онро, пеш аз ҳама, тоҷирони ташаббускори Варорӯд ва Хуросон истифода мебурданд. Аз онҳо 450 нафар, ки ҳамашон тоҷирони

---

[1] Бартольд  В.В. Улугбек и его время. Сочинения. Т.II. Ч.II.-М.:«Наука»,1964, с.59.
[2] Бартольд  В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.461.
[3] Ҳамон ҷо, с.463.

мусулмон буданд, тавассути корвони тиҷоратии Чингизхон ба Хоразмшоҳ фиристода шуданд. Инчунин, як сафорати алоҳида бо роҳбарии Маҳмуди Яловачи Хоразмӣ (турки "яловач"- «сафир»), Алӣ Хоҷа Бухороӣ ва Юсуф Кенка аз Ӯтрор, ки бо Муҳаммад Хоразмшоҳ мулоқот намуда, сиҳату саломат ба ҷониби Чингизхон баргашт. Лекин кори корвони тиҷоратӣ, ки ба шаҳри марзӣ дар масири шимолии Шоҳроҳи абрешим (Ӯтрор) расид, барор нагирифт. Тамоми тоҷирони мусулмон аз ҷониби ҳокими ин шаҳри марзӣ, асосан, ба хотири тамаъҷӯии ӯ, ки ба сарвати аз ҳад зиёди корвони аввалини хон чашм андӯхта буд, кушта шуданд. Шутурсавори ин корвон, ки аз саркӯбии тоҷирони муғул наҷот ёфта буд, тавонист ба назди Чингизхон баргардад ва ба ӯ аз ин хиёнат хабар диҳад[1].

Рисолати сафорати муғулҳо бо сарварии тоҷири хоразмӣ Ибни Кафраҷ Боғра, ба дарбори Муҳаммади Хоразмшоҳ, барои он ки ангезаи қатли тоҷирон ва ғорати молҳои онҳоро бифаҳмад ва дар сурати имкон, ба ҷавобгарӣ кашидани гуноҳкорон муяссар шавад, низ ноком анҷом ёфт, зеро роҳбари сафорат қатл карда шуд ва иштирокчиёни он бо шармандагӣ аз кишвар ронда шуданд[2]. Маҳз вайрон кардани аввалин шартномаи байни давлатҳои абарқудрати ҳамсоя (дар бораи тиҷорати озод) яке аз ангезаҳои асосии лашкаркашии ғарбии хони Муғулистон гардид.

Дар солҳои аввали ташкили давлати бодиянишин Чингизхон даҳ мансаби аввалини дарбориро ҷорӣ кард:

1. «барандагони камон ва тир» дар таркиби 4 нафар (хорчӣ);
2. «мудирони хӯрок ва нӯшокиҳо», иборат аз 3 нафар (баковул ё баурчӣ);
3. «мудирони нигоҳдории рамаи гӯсфандон» (ахтачӣ);
4. «мудири истеҳсолоти юртаҳо» (юртчӣ)»;
5. «идоракунандаи аҳли хонавода» (чэрбӣ);

[1]Ҳамон ҷо, с.464-466.

[2] Ҳамон ҷо, с.466.

6. «барандагони шамшерҳо» дар таркиби 4 нафар;
7. «мудири омода намудани аспҳо» (ахтачӣ);
8. «мудири галаи аспҳо» иборат аз 3 нафар;
9. «тирҳои дур ва наздик» (иҷрокунандагони фармонҳои шахсии хон) дар таркиби 4 нафар;
10. куҳансолон (маслиҳатчиёни калони хон) иборат аз 2 нафар[1].

Ин даҳ мансабҳои дарборӣ, ки онҳоро Чингизхон ҷорӣ кардааст, ба ҳеҷ ваҷҳ бо девонҳои машҳури давлати Сомониён муқоисанашаванда буда, танҳо ба баъзе аз ваколатҳои *вакили* дарбори амир, табиист, ки бо хусусияти тарзи зиндагии бодиянишинони муғул мувофиқбуда, рост меояд.

Сохтори хизмати ҳарбӣ, ки асоси ин империяи бодиянишинонро ташкил медод, бо девони ҳарбии Сомониён (дар «Сиёсатнома»- Низомулмулк тавсиф шуда) муқоиса кардан мумкин мебошад. Аз ҷиҳати ташкиливу интизомӣ он хеле бартарӣ дошт, зеро қисмҳои ҳарбии муғулон ба таври возеҳ ба «даҳҳо», «садҳо» ва «ҳазорҳо» («туман») тақсим карда шуданд[2]. Мутахассиси варзида эътироф мекунад, ки намояндагони халқҳои бештар фарҳангӣ дар шахси тоҷирон метавонистанд дар ташкили горди хони муғул иштирок кунанд[3].

Коргузории хаттии байни муғулҳо, пас аз муттаҳид шудани кишвар пайдо шуд, ки мансабдорони ӯйғур, ки ба хизмати онҳо гузаштанд (аз найманҳо), хатти ӯйғурро, ки як вақт дар асоси хатти суғдӣ таҳия шудааст[4], истифода мебаранд. Яке аз натиҷаҳои аввалини қабули хатти уйғурӣ ҷамъоварӣ ва танзими қонунгузории суннатии муғулӣ (*яса*) буд, ки бо гуфтаҳои (*билик*)-и Чингизхон муддати тӯлонӣ дастурамали соҳибэътибор барои хонҳои муғул боқӣ монд[5].

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.447-448.
[2] Старр Ф. Потерянное просвещение, с. 413.
[3] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.452.
[4]Ҳамон ҷо, с.452.
[5] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.458.

Таҳлили асари хамосавии муғулӣ (соли 1240 тартиб дода шудааст) ва бо номи чинии *Юан-чао би-ши* аз ҷониби мутахассиси пешбари рус маълум аст, тамоми мундариҷаи соддаи онро нишон медиҳад, зеро он ҳадафи муттаҳид сохтани мардумро зери ҳукмронии хон, тамоми ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои хон ва ёварони ӯро танҳо дар забт ва тақсим кардани ғанимати ҷанг ё шикор муайян кардааст[1].

Яке аз ҷанбаҳои манфури ин *ясаи* дашт дар он буд, ки наздикон ё нойонҳои шоистаи хон ҳуқуқи *озодшавӣ аз нӯҳ ҷиноят* (танҳо ҷиноятҳои вазнинтарин, аз ҷумла қатли одам, ҷиноятҳои хурд ба инобат гирифта намешуданд)[2]. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, вақте ки шахсони боэътимоди сарони давлатҳои муосири минтақаи пасошӯравӣ барои ҷиноятҳо (аз ҷумла коррупсия), ҳатто аз ҷониби судҳои муосир ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд, пас ин тааҷҷубовар аст, ки маҳз чунин қоидаҳои даштии кӯҳнашуда то ба асри XXI низ расида омадааст.

Нигаҳдори асосии ясаи муғулҳо баъди марги Чингизхон, писари дуюми ӯ Чағатой буд, ки Варорӯд пас аз тақсими империя аз ҷониби хони бузург мулки ӯ гардид.

Калимаи *бахши*, ки аслан ба зоҳидони буддоӣ ишора мекунад, дар давлатҳои муғулон маънои нав «котиб, мансабдор»-ро гирифт[3].

Унвони «*бахшии бузург*», яъне сардорони маъмурияти мулкӣ дар минтақаи мушаххас, ки бо номи чинии *тайшӣ* ифода шудаанд[4].

Бо вуҷуди иштироки васеи намояндагони халқҳои фарҳангӣ дар давлати муғулон, Чингизхон то охири умр ҷодугар (шаман) боқӣ монд, аз ин рӯ, маъмурияти ҳарбӣ ва мулкии империяи нави бодиянишинро ташкил карда, мансаби *бики*-ро (мақомоти олии динӣ) дар байни худи муғулҳо нигаҳ дошт[5].

---

[1] Бартольд В.В. Улугбек и его время. Сочинения. Т.II. Ч.II.-М.:«Наука»,1964, с.28.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.451.
[3] Ҳамон ҷо, с.454.
[4] Ҳамон ҷо, с.458.
[5] Ҳамон ҷо, с.458.

Бо чунин сохтори ибтидоии идоракунии давлатӣ, муғулҳо ба Вароруд ва Хуросон наздик шуданд, ки анъанаҳои Сомониён, сарфи назар аз он, ки Хоразмшоҳиён онҳоро, муваққатан, фаромӯш карданд, мақоми раднопазир доштанд.

Офатҳои азим ва талафоти ҷуброннашавандаи сатҳи баланди ҳаёти ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ, ки бо хароб шудани шаҳрҳои сершумори Вароруд ва Хуросон ва несту нобуд кардани сокинон ё ба ғуломӣ бурда шуданашон, ба мардуми тоҷик ва дигар халқҳои минтақа зарари ҷубронопазир расонид. Он, инчунин, муҳофизати қаҳрамононаи шаҳрҳои тоҷикнишин дар асари маъруфи академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» объективона тасвир шудааст[1].

Ҳузури Қутбиддин Хабаш-Амид вазири мусулмон, тоҷик дар назди писари дуюми Чингизхон Чағатай, ки Вароруд (ба истисноӣ Хоразм) бояд ба ҳудуди вай мегузашт, нишонаи он буд, ки нухбагони олии муғул аз рӯзҳои аввали ҳуҷум ба кишвар зери таъсири бюрократияи тоҷикон афтоданд. Ба ин вазири худ, вай яке аз ду шоҳдухтари асири хоразмшоҳ, ки ғанимати бевоситаи ӯ буд, гузашт кардааст[2], ки бараъло нишон медиҳад, ки ҳокимиояндаи кишвар мақоми вазирашро ба дараҷаи баланд монда, нуфузи ӯро ба худи ҳоким баробар кардааст. Ғайр аз он, издивоҷ бо намояндаи сулолаи хориҷшаванда рамзи идома ёфтани ҳокимияти олӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар ин миён, пас аз вафоти Чингизхон (с. 1227), мувофиқи васияти ӯ, дар қурултой (анҷумани хонаводаи хон ва пешвоёни ҳарбӣ) писари сеюми ӯ Ӯқтой хони бузург интихоб шуд. Дар давраи ҳукмронии ин хони бузург, зарурати ба тартиб овардани як империяи азими бодиянишин, ки шумораи зиёди аҳолии бумиро дар кишварҳои зиёд (Чин, Вароруд, Хуросон, Эрон ва ғ.) дошт, ба миён омад. Дар ин ҷо бори дигар он муносибати авлодиву қабилавӣ ба сохтори давлат дар байни империяҳои бодиянишин ошкор карда шуд (чун дар байни

[1] Ғафуров Б. Г. Тоҷикон. К.I. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна, с. 600-616
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.540.

Қарахониён ва дигарон), вақте ки ҳар як шоҳзода аз чор улус (чор кишваре, ки ба чор писарони Чингизхон тақсим карда шуд) ба юришҳои муғулон якҷоя мерафтанд. Намояндагони ҳамаи ин чор улус дар назди волии мулкии Хуросон Чин-Темир қарор доштанд[1].

Вақте ки мушовири хони бузург Елюй Чутсай натавонист тақсимоти кишварҳои забтшударо дар байни писарон-шоҳзодаҳои Чингизхон пешгирӣ кунад, вай ба он муваффақ шуд, ки як мансабдори хони бузургро ба ҳар кадоме аз ин кишварҳо фиристонад, то ки барои ин шоҳзодаҳо, ки аз ҳуқуқи андоз ситондан маҳрум карда шуда буданд, хироҷ ҷамъоварӣ намояд[2]. Ин як роҳи ҳалли хеле хуби рақобатҳо байни намуди хоҷагидории халқҳои бодиянишин ва бумӣ ва механизми мӯътадили нигоҳ доштани қудрати хони бузург дар тамоми вилоятҳои империяи паҳновар буд. Ин шоҳзодагон, асосан дар Варорӯд, тадриҷан ба қабули унвонҳои Сомониён «*амир*» шурӯъ карданд. Ин шакли идоракунии кишварҳои бумӣ аз ҷониби империяи бодиянишин дар солҳои аввал самаранокии худро нишон дод, зеро равандҳои марказгаро дар империяи паҳновар дарозтар боқӣ монданд. Қавмҳои гуногуни бодиянишиноне, ки аз Муғулистон ё аз дигар даштҳо ба Варорӯд кӯч бастаанд, ки дар даштҳо, биёбонҳо ва нишебиҳои кӯҳҳо зиндагӣ мекарданд, асосан, ҳамчун савораи сайёр ва хуб мусаллаҳкардашудаи онҳо, чун кафили ҳифзи қудрати чингизиён баромад мекарданд. Идораи аҳолии бумии ин империяи бодиянишин ба дасти бюрократияи маҳаллӣ (асосан, тоҷикон) дода шуд.

Яке аз се мансабдори олирутбаи аршади андоз (муғулӣ-«*танмачӣ*») Маҳмуд Яловаҷи маъруф буд, ки, воқеан, Варорӯдро аз номи хони бузург бо қароргоҳаш дар шаҳри Хуҷанд идора мекард. Вале, вақте ки бародари хони бузург Чағатой, ҳокими кишвар, Маҳмуд Яловачро худсарона ба Қароқорум даъват кард, Ӯқтой ба вай муқобилат нишон надод, балки баъдтар ӯро ба ҳамон мансаб ба Чин фиристод. Дар Варорӯд, ки ба ихтиёри Чағатай дохил карда шуда

---
[1] Ҳамон ҷо, с.533.
[2] Ҳамон ҷо, с.534.

буд[1], ин мансаб (мансаби падарӣ)-ро Масъудбек, писари Маҳмуд ишғол кард. Бояд қайд кард, ки ин хонаводаи маъруфи тоҷирони сарватманди (сартҳо)-и Хоразм, ки дар Хуҷанд маскан гирифтаанд, сарфи назар аз хусуматҳо ва бархӯрди гуруҳҳои чингизиёни арбадакор, яке аз нақшҳои асосиро дар идоракунии устувори Варорӯд бозидааст. Идоракунии Варорӯд-заифтарин улуси (кишвари) империяи паҳновари муғулон, дар байни ҳамсоягони пурқудрат: Муғулистон ва сипас Чин таҳти ҳукмронии бевоситаи хони бузург, «Ӯрдаи Тиллоӣ»-и (қароргоҳаш дар назди дарёи Волга) тавсеъталаб ва давлати пурқудрати Ҳулагуиён (Илхонҳои Эрон) малакаҳои фавқулодаи созиш ва тағйири самти ҳаракатро, ки намояндагони ин оила доштанд, талаб мекард. Дар вақти идораи бевоситаи мулкии кишвар (улуси Чағатай) ба Маҳмуд Яловоҷ (с. 1221-1238), писараш Масъудбек (с.1238-1289) ва се писари ӯ (с. 1289-1303)[2], муяссар шуд, ки онҳо якчанд маротиба шаҳрҳои мушаххасро аз ғорат наҷот диҳанд, бисёр иншоотҳо, аз ҷумла, мадрасаҳоро бунёд кунанд, инчунин, ислоҳоти пулиро гузаронанд, яъне азнавсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, молиявию иқтисодӣ ва маънавии кишварро анҷом диҳанд.

Аммо, ақидаи дигаре низ мавҷуд аст, ки ин хонавода танҳо як восита дар дасти истилогарон буд, ки ба тарзи ҳаёти бодиянишинон содиқ монда, намехостанд, ба ҳаёти тарзи муқимӣ (шаҳрӣ) гузаранд, ҳангоми ситондани андозҳои аз ҳад зиёд таҷрибаи мавҷудаи бюрократияи мулкӣ истифода мешуд[3].

Ба ибораи дигар, истилогарони муғули Варорӯд бартариҳои анъанаҳои Сомониёнро ҷиҳати муваффақона идора кардани кишвар нисбати низоми ибтидоии қабилавии худ эътироф карданд, аз ин рӯ, дар тӯли асри XIII онҳо бо ҷамъоварии андозҳо маҳдуд шуда, ба он мустақиман дахолат накарданд .

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. Т.I.-М.: «Восточная литература», 1963, с.535.

[2] Ҳамон ҷо, с.262.

[3] Старр Ф. Потерянное просвещение, с.433.


РАВАНДИ ИСТИЛО ВА ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ МУҒУЛ (асри XIII)
АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ
Нарисовать

«Аз б*олои асп*», яъне муғулҳо бидуни шикастани тарзи ҳаёти бодиянишиниашон маҷбур шуданд, ки барои идоракунии қаламравҳои васеъ бо аҳолии бумӣ ба таҷрибаҳои пешрафтаи он муроҷиат кунанд. Дар Чин, азбаски муғулҳо истилогар буданд, онҳо наметавонистанд, пурра аз хизмати мансабдорони чинӣ истифода баранд, аз ин рӯ, мансабдорони уйғур ва тоҷикро ба таври оммавӣ ҷалб карданд. Маҳмуд Яловоҷ, ки аз ҷониби хони бузург Ӯқтой аз мансабдори калони андоз дар улуси Чағатой ба волии (губернатори) Пекин таъин карда шуда буд, аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо аз хизматҳои мансабдорони мулкии тоҷикон, аллакай дар солҳои аввали ишғоли Варорӯд ва ба империяи муғулон ворид кардани он васеъ истифода менамуданд. Ин таҷриба дар замони ҳукмронии хони тавонои Ҳубилай, ки ба зудӣ ба императории Чин табдил ёфт, васеъ истифода мешуд.

Мукотибаи байни вазири чағатоӣ Қутбиддин Ҳабаш-Амид ва сӯфии машҳур Сайфиддини Бохарзӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки аввалин ҷонибдори қудрати дунявӣ ва дувумӣ як қудрати мазҳабӣ буд, ки беш аз сад сол пеш, тавонистааст, хони Қарахонӣ (Аҳмадхон)-ро ба суди динӣ кашад. Дар ифодаи дувум: «вақте ки қаср *минбар* шавад, беҳтар аст, ки *минбар* тамоман набошад», мо мавҷудияти норозигии шадидро байни рӯҳониёни маҳаллӣ нисбат ба таъсиси давлати дунявии бо қудрати аҷнабиён мушоҳида менамоем. Сарфи назар аз он, ки рӯҳониёни мусулмон, ба мисли дигар пешвоёни дин, аз андоз ва пардохтҳо озод карда шуданд, онҳо аз даст рафтани нуфуз ва мақоми худро дар ҳаёти ҷамъиятии аҳолӣ қабул надоштанд[1].

Боз оид ба ҳолати дигари рақобати шадиди амалдорони дунявӣ ва пайравони сеҳру ҷоду Хондамир маълумот медиҳад. Олим Абуюсуф Саккокӣ, мутахассиси ситорашиносӣ, тавассути қобилиятҳои фавқулодаи худ, ба яке аз шахсони боэътимоди

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.541-542.

Чағатой табдил меёбад. Пас аз он, ӯро аз тирандозӣ ба муқобили турнаҳои паррон боздошта, бо интихоби ҳоким Варорӯд тавассути афсун баъзеи онҳо ба замин меафтанд, Чағатой «шогирд ва пайрави ӯ шуд ва дар наздаш бо хушмуомилагӣ ба зону нишаст». Ин баландшавии ӯ, наметавонист боиси рақобаташ бо вазир, барои таваҷҷӯҳи ҳоким гардад ва пешгӯӣ мекунад, ки «неъмати илоҳӣ» вазирро тарк мекунад ва метавонад ба сари ҳоким бадбахтӣ оварад. Ҳокими ба эҳсосотдодашуда Қутбиддинро аз мақоми вазирӣ барканор мекунад ва пас аз як сол кишвар ба бенизомии идоракунӣ ва молия рӯбарӯ мешавад. Чағатой маҷбур шуд, ки Қутбиддинро ба вазифаи вазирии кишвар баргардонад ва вай ба вазифааш барқарор шуда, саъй мекунад, ки «бадномкунандаи» ӯ ба зиндон партофта шавад, ки баъд дар он ҷо вафот кард[1]. Ин идомаи рақобати абадии вазирони бузурги тафаккури давлатидошта бо намояндагони рӯҳониёни ифротӣ буд, ки дар замони Сомониён оғоз ёфта, «аҳли салла» барои ноил шудан ба ҳадафҳои ғаразноки худ аз истифодаи сеҳру ҷоду низ ҳазар намекарданд.

Тавре ки дар зербобҳои қаблӣ баррасӣ шуда буд, муғулҳое, ки дар кишварҳои бумӣ аз рӯи ҳикмати мушовири маъруфи Чингизхон (Елюй Чутсай): «аз болои асп нишаста, кишварро забт кардан мумкин, лекин аз болои асп кишварро идора кардан номумкин» амал карда, кишварҳои бумии забткардашудаи худро тавассути намояндагони қобилиятноки мардуми муқимӣ идора мекарданд. Тоҷири маъруфи Маҳмуд Яловаҷ ва писараш Масъудбеки номбаршуда амалдорони олирутбаи қобилиятнок будани худро бараъло собит карданд. Таърихнигори асримиёнагӣ Ҷувайнӣ, дар бораи маъмурияти мардумсолории Маҳмуд Яловаҷ дар Варорӯд, ки аллакай аз ҳуҷум ва ғорати муғулҳо нисбатан

[1] Ниг. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. Т.I.- М.:«Восточная литература», 1963, с.543-544.

барқарор шуда буд, гузориш медиҳад[1]. Ба ин маълумот нигоҳ накарда, пас аз бист соли истилои муғулҳо, кишварро яке аз қавитарин шӯришҳои мардумӣ, таҳти роҳбарии косиб Маҳмуд Торобӣ фаро гирифт. Ба вай муяссар шуд, ки тавассути баъзе қобилиятҳои ғайритабии худ шумораи зиёди тарафдоронро ҷалб кунад, ки дар яке аз ҷангҳо беш аз 10 ҳазор муғулҳоро нобуд карданд. Вақте ки қувваҳои бузурги муғулҳо расида омада, шӯришро пахш карданд ва мехостанд шаҳри Бухороро, ки қаблан ба номи Маҳмуди Таробӣ хутбае хонда шуда буд, ғорат кунанд, танҳо ба кӯшишҳои боғайрати Маҳмуд Яловаҷ, ки барои пешгирии тороҷи шаҳр ба хони бузурги муғулҳо, ки қароргоҳаш дар шаҳри Қарақоруми Муғулистон чойгир буд, муроҷиат намуд ва бо дахолати бевоситаи Ӯқтойхон (1239-1240) шаҳри азим аз ғоратгарии бодиянишинони ғосиб эмин монд[2].

Пас аз интиқол ёфтани Маҳмуд Ялавоҷ ба идораи шаҳри Пекини Чин, писари ӯ Масъудбек беш аз ним аср ба идоракунии Варорӯд ва ҳавзаи Тарим (аз ҷумла Уйғуристон) шурӯъ кард. Муаррих Ҷувайнӣ Масъудбекро барои бунёди мадрасаҳо дар Бухоро тавсиф мекунад, вақте ки яке аз мадрасаҳо (Хония) ба маблағгузории ҳамсари Тулуй (писари чоруми Чингизхон) ва дувумӣ (Маъсудия) бо пули худи ин амалдори олимақом сохта шуда буд. Ҷудо намудани маблағи ҳаҷман калон барои сохтани мадраса аз ҷониби ҳамсари яке аз писарони бонуфузи Чингизхон, бо эътиқоди масеҳӣ, аз он шаҳодат медиҳад, ки як қисми ашрофзодагони чингизиён ба аҳолии мусулмонии давлати азимашон муносибати нарм доштанд. Дар ҳар як мадраса 1 000 донишҷӯ буд ва ин биноҳо зиннати Бухорои онвақта дониста мешуданд. Ҷолиби диққат аст, ки Сайфиддини Бохарзии дар боло зикршуда, ки бо вазир Қутбиддин Ҳабаш-Амид мукотиба дошт,

[1] Ҳамон ҷо, с.538.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия с.545-547.

мударриси мадрасаи Хония буд[1]. Ҳамин тариқ, яке аз ҷузъҳои стратегияи Сомониён-сарпарастӣ аз болои «аҳли қалам», дастгирии як мансабдори воломақоми маҳаллӣ (бо дастгирии молиявии ашрофзодагони муғулҳо) хусусияти институтсионалӣ пайдо кард, зеро даҳҳо намояндагони онҳо барои фаъолият дар ин муассисаи таълимӣ ҷалб карда шуданд.

Пас аз марги Чағатой, ҳамсари ӯ, вазири ӯ Қутбиддин ва наздикони хон наберааш (писари Мутуген) Ҳарахулагуро ба тахти Варорӯд (Улуси Ҷағатой) шинонданд.

Дере нагузашта пас аз марги хони бузурги муғулҳо Ӯқтой, писараш Гуюк тахти ӯро гирифт. Дар анҷумани шоҳзодаҳои чингизиён (с.1246) волиён ба се кишвари бумӣ –Чин, Варорӯд ва Эрон таъин карда шуданд, ки ду нафари онҳо тоҷикон буданд – Маҳмуд Ялавоҷ, писари ӯ Масъудбек ва ойрат Аргун (ба Эрон). Дар айни замон, Гуюкхон ҳокими Варорӯд Ҳарахулагуро бо суханони «дар зинда будани писар, набера тахтро мерос гирифта наметавонад» аз мансаб сабукдӯш карда, писари Чағатой Есу-Мункэро ҳокими салтанати «улуси Чағатой» таъин кард. Шогирди вазир Қутбиддин Баҳоуддин Марғилонӣ, писари шайхулисломи Фарғонаро вазир таъин кард[2]. Бо назардошти он, ки ҳокими нави улуси Чағатой шавқу завқи беандоза ба майпарастӣ дошт, пас идоракунии давлат дар дасти ҳамсараш ва вазири давлат буд. Таърихнигор Ҷувайнӣ, ки мустақиман бо Баҳоуддин вохӯрдаст, хабар медиҳад, ки манзили вазир ба маркази ҷамъшавии олимони барҷастаи зиндамонда табдил ёфта, илм аҳамияти пешинаи худро бозпас гирифтааст[3]. Ин маълумот аз он шаҳодат медиҳад, ки пас аз ҳамлаи харобиовари муғулҳо дар Варорӯд ва Хуросон анъанаи сарпарастӣ ба "аҳли қалам" аз

[1] Ҳамон ҷо, с.549-550.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.549-550.
[3] Ҳамон ҷо, с.556

байн нарафтааст, балки дар аввалин шароити мусоид аз нав эҳё шудааст.

Салтанати кӯтоҳи Гуюкхон (с. 1246-1251), дар маҷмӯъ, барои мусулмонони империяи бодиянишин мусоид набуд, чунки хони бузург ба масеҳиён афзалият медод[1]. Тибқи анҷумани с. 1251, яке аз писарони Тулуй Мункэ, ки бо таҳаммулпазирии мазҳабии худ маъруф буд, хони бузург интихоб шуд ва Эргене-Хатун (ҳамсари амири даргузашта Ҳарахулагу), ба ҷои писари хурдии Мубораkшоҳ, аввалин чингизӣ, ки исломро қабул кардааст, ҳокими улуси Чағатой таъин шуд. Ин таъинот маънои ба қудрат баргаштани вазир Қутбиддин Хабаш-Амид ва писари ӯ Насириддинро дошт. Вай шогирди худ Баҳоуддини Марғилонӣ, ки вазифаи ӯро дар замони ҳокими пешин гирифта буд, набахшид ва ваҳшиёна ба қатл расонд[2]. Ба номи ҳокимзани кишвар илова шудани унвони «хотун» (унвони суғдии «хон бону») ва номи мусулмонии шоҳзодаи ҷавон бо унвони қадимаи тоҷикон («шоҳ») аз он шаҳодат медиҳад, ки пас аз як насли ҳукмронии муғулҳо дар Варорӯд онҳо зери арзишҳо ва анъанаҳои маҳаллии тоҷикӣ-мусулмонӣ қарор гирифтанд[3].

Дар амал ҳокими кишвар Масъудбек боқӣ монд, ки аз номи хони бузург Мункэ ва Батухон (сарвари улуси Ҷӯчӣ, бо қароргоҳаш дар соҳили Волга) амал мекард, ки дар тирамоҳи соли 1255 ба лашкари зиёди муғулон, ки ба суи Бағдод ҳаракат мекарданд, зиёфати калон ороcт[4]. Ин ҳолат маънои сешохагии ҳокимиятро (қудрати хони бузург, намояндаи ӯ дар кишвари бумӣ ва сарвари як улуси алоҳида) не, балки аз тарафи муғулҳо эътироф гардидани бартариҳои анъанаи идораи Сомониёнро

[1] Ҳамон ҷо, с.556.
[2] Ҳамон ҷо, с.560-561.
[3] Ҳамон ҷо, с.565-566.
[4] Ҳамон ҷо, с.566.

нишон медод, ки бюрократияи мулкӣ дар иттифоқ бо уламои суннитабори ҳанафӣ як кишвари паҳноварро идора мекард.

Дар давраи ҳукмронии Мункэхон, Ботухон низ қудрати худро ба Варорӯд расонд, зеро Мункэ, ба дуализми эҷодшудаи қудрати олӣ муқобилат накард. Ин вазъ ба паҳншавии мазҳаби ҳанафии суннитабор аз тарафи рӯҳониён ва тоҷирони тоҷик дар байни натанҳо табааи «Ӯрдаи Тиллоӣ»-и Наздиволга, балки дар байни ҳокимони он низ мусоидат кард. Пас аз вафоти Ботухон дар соли 1255 ва салтанати кутоҳмуддати писарони ӯ Сартак (номи «тоҷикони тоҷир» аз ҷониби муғулҳо) ва Улакчӣ, бародари мусулмони ӯ, Баракхон дар яке аз кишварҳои паҳновари ғарбии муғулҳо ба қудрат расид. Тибқи гузориши нависандаи асримиёнагӣ Ҷузҷонӣ, хони оянда дар шаҳри Хуҷанди тоҷикон Қуръонро азхуд кардааст[1], ки дар давраи зиндагии Ботухон мусулмон буд ва суннатҳои исломӣ (аз ҷумла, манъи истеъмоли хук) дар урдугоҳи ӯ риоя карда мешуд. Пас аз ба тахти «Ӯрдаи Тиллои» нашастанаш вай ба шаҳри Бухоро ташриф оварда, иззату эҳтироми худро ба уламои барҷастаи шаҳру кишвар баён кардааст[2]. Ин хони мусулмони «Ӯрдаи Тиллоӣ» ҳамчун ҳимоятгари мусулмонон дар «қалби» ислом (Ироқ ва Эрон) алайҳи Ҳулагу, хони масеҳии кишвар, ки фуқарои мусулмони кишварашро таъқиб мекард, баромад мекард[3].

Ин ахбороти муаллифони асрҳои миёна ва муосир аз он шаҳодат медиҳанд, ки пас аз ҳаёти як насл, пас аз истилои Варорӯд, мазҳаби ҳанафии исломи суннитабор, ки аз ҷониби Сомониён мақоми баланди давлатиро ишғол карда, аз ҷониби давлатҳои минбаъда риоя карда мешуд, баъди истилои муғулҳо натанҳо аз нав эҳё гардид, балки боз дар самти нав-дар байни

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.568.
3. Ҳамон ҷо, с.569.
4. Ҳамон ҷо, с.576.

аҳолии кишвари Наздиволга (аз ҷумла, дар байни тоторҳои бодиянишин, бошқирдҳо ва дигарон) васеъ паҳн гардид. Агар корвонҳои тиҷоратии тоҷирони Варорӯд ва Хуросон дар паҳн шудани ислом ва фарҳанги мусулмонӣ дар байни қавмҳо ва қабилаҳои кишвари Наздиволга ( ба улуси Ҷӯчӣ –Баракхон табдил ёфта) нақши калидӣ дошта бошанд, дар байни ашрофони ҳукмрони он нақши асосиро уламои тоҷик бозиданд. Паҳншавии ислом ва фарҳанги мусулмонон ба шимол (дар кишвари Наздиволга), на мустақиман аз Бағдод (тавассути Қафқоз), балки аз Варорӯд далели таърихии он аст, ки сафорати халифа ба Булғористони назди Волга дар солҳои 921-922 созмон дода шуда буд ва муфассал аз ҷониби Ибни Фазлан тасвир гардидааст, мустақиман, ба шимол (тавассути Қафқоз) не, балки ба воситаи Бухоро ва Хоразм сафар кардааст[1]. Агар дар давраи Сомониён ба паҳн шудани ислом ва фарҳанги мусулмонон ба шимол (Русияи муосир) Хоқонии Хазар бо дини яҳудӣ монеъ шуда бошад, пас дар замони муғулҳо хилофати Бағдод аз байн рафта, Ҳулагуи масеҳӣ, ҳокими Эрону Ироқ дар муқовимати шадид бо улуси Ҷӯчӣ қарор дошт. Аз ин рӯ, Варорӯд кишвари асосии паҳн ва нигоҳ доштани ислом ва фарҳанги мусулмонон дар шимол, шимолу ғарб, шимолу шарқ ва ҷануби шарқ (то Дашти Бузург, Қафқоз, Русия, Муғулистон, Чин ва Ҳиндустон) боқӣ монд.

Пас аз вафоти хони бузург Мункэ ҳангоми юриши ҳарбӣ дар Чин (с. 1259), мубориза шадид боз байни довталабони тахт (дар байни писарони хурди Чингиз- Тулуй Хубилай ва Ариқ-Буқа), ки намояндагони ҳарбии онҳо  дар Варорӯд низ амал мекарданд, оғоз ёфт. Дар ин солҳо, набераи Чағатой Алгуй дар Варорӯд пайдо шуд, ки ба ӯ писари вазир Қутбиддин Сафарбек ҳамчун як

---

[1] Бартольд В.В. История Туркестана. Сочинения. Т.II. Ч.I.-М.:«Восточная литература»,1963, с.124.

мансабдори мулкӣ ҳамроҳ шуд[1]. Ин ҳокими нави Вароруд, пас аз як ҳолати хуб ва эътирофи шикасти бародари хурдиаш Ариқ-Буқаа, ба хонбону Эргенэ-Хатун издивоҷ кард ва ҳукмронии худро қонунӣ кард. Ӯ амалдори ботаҷрибаи олимартаба Масъудбекро боз ҳокими Самарқанд ва Бухоро таъин кард[2]. Хон Ариқ- Буқа соли 1264 кушта шуд ва Эргене-Хатун бо ризояти амирон ва вазирон писараш Муборакшоҳро ба тахт шинонд. Ин тасмим ба хони бузург Ҳубилай маъқул нашуд ва ба ӯ ҳамчун ҳамҳокими амир Муборакшоҳ ҷияни ӯ Боракро фиристод, ки ӯ мавқеи устувори амирро омӯхта, ба Чағониён рафт. Аз он ҷо, қувва ҷамъ карда, тахти улуси Чағатойро ба даст гирифт[3]. Ин хони нави Вароруд ба паҳн кардани қудрати худ ба ҳавзаи Тарим кӯшиш кард, ки кишвар қаблан ба моликияти хони бузург тааллуқ дошт. Вақте ки хони бузург Ҳубилай ба императори Чин табдил ёфт, Вароруд ҳамчун як улуси Чағотай ба як давлати мустақил табдил ёфт.

Хони бузург Ҳубилай, ки ҷонибдори муосиркунонии анъанаҳои муғул аст, пас аз шикаст додани ҷонибдори суннатҳои сирф муғулӣ Ариқ-Буқа, фаъолона барои ҷалби намояндагони халқҳои гуногун ба идораи империяи худ оғоз кард. Дар ин раванд, мансабдорон ва олимони мулкии тоҷикон, ки аз пойтахти собиқ Қароқорум ва Вароруд ба пойтахти нави ӯ (Пекин) даъват карда шудаанд, мавқеи махсусро ишғол карданд. Бояд қайд намуд, ки фаъоляти чандсолаи Маҳмуд Яловач дар ин шаҳр, аллакай, мавқеи амалдорони тоҷикро устувор намуда буд. Хони бузург дар тақлид ба хонҳои улуси Чағатой, Аҳмадро вазири худ таъин кард, ки ба гуфтаи муҳаққиқони муосир, вай дар дарбори хони бузург дар тӯли бист сол чунин мақоми баланде дошт, ки

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.574.
[2] Ҳамон ҷо, с.576.
[3] Ҳамон ҷо, с.579-580

вазири бузург Низомулмулк дар назди султони машҳури Салҷукӣ Маликшоҳ ин эътиборро дошт[1]. Намояндаи дигари барҷастаи бюрократияи мулкии тоҷик, Саид Шамсиддин Умар, аз ашрофони Бухоро буд, ки ба Чингизхон таслим шуда, баъдтар мансабҳои калонро ишғол намуда, дар музофоти ҷанубии Чин-Юнънан ба мақоми волӣ таъин шуд[2]. Ӯ ба ин вилояти канораи Чин дар иҳотаи руҳониёни сершумори ҳамроҳони тоҷик, ки ба хизмати давлатӣ ворид шуда буданд, омад. Бояд қайд намуд, ки ин гуруҳи амалдорони баландрутбаи тоҷик нуфузи худро дар ин музофот чунон боло бурданд, ки мақоми худро баъди пошхӯрии ҳукумати муғулон низ ҳифз намуданд. Аз байни онҳо, баъди сад сол, адмирали машҳури чину-тоҷик Чжен Хэ ба майдон омад. Ин адмирали сулолаи Мин, хеле пеш аз баҳрнавардони аврупоӣ, аз Чини дур ба Африқои ҷанубӣ расида буд.

Дар ҳамин ҳол, ба саҳнаи сиёсии Варорӯд, дар шахси шоҳзода Хайду, набераи Ӯқтой, довталаби нав ба тахти Улуси Чағатой баромад. Бо дастгирии низомии улуси Ҷӯчӣ, ӯ ба Боракхон фишор овард ва дар ниҳоят, аз ҷониби ӯ ба гузашт ноил гардид. Дар қурултои с. 1269 водии Талас, ки дар он Хайду роҳбарӣ мекард, улуси Чағатой (Варорӯд) ду тақсим карда шуд, ки аз се ду ҳиссаи он ба Боракхон, боқимондаш Хайду ва хони бузурги хонаводаи улуси Ҷӯчӣ (Менгу-Темур) расид. Мисли гузашта, шоҳзодаҳо ваъда додаанд, ки дар кӯҳу дашт зиндагӣ мекунанд, ба шаҳрҳо ва боғҳо наздик намешаванд ва идоракунии аҳолии муқимиро, маъмулан, ба зиммаи вазир Масъудбек вогузор мекарданд[3]. Ин қурултой (анҷумани муғулон) бидуни иштироки хони бузург нишон дод, ки акнун Варорӯд бо минтақаҳои ҳамсоя (ҳавзаи Тарим, як қисми Хуросон ва ғ.) ҳаёти мустақили сиёсӣ

---

[1] Старр Ф. Потерянное просвещение, с.419.
[2] Ҳамон ҷо, с.419.
[3] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, с.583.

хоҳад дошт. Ҳамзамон, зиндагии ҷудогонаи бодиянишинон аз аҳолии бумӣ, ки аз замони хони бузург Ӯқтойхон ҷорӣ шуда буд, нигоҳ дошта шуд. Чунки онҳо манфиатдор буданд, ки даромадҳо ва андозҳо аз аҳолии бумӣ доимо ворид шавад ва барои ҳамин онҳо ба ҳаёти рӯзмарраи аҳолии деҳот ва шаҳрҳои кишварҳои зердаст, дахолат намекарданд.

Дар шароити нави зиндагӣ, вақте ки нерӯҳои беруна ба ҳаёти ҳамарӯзаи сокинони Варорӯд чандон дахолат намекарданд, Масъудбек тавонист ислоҳоти пулиро анҷом диҳад, ки боиси эҳёи ҳаёти тиҷоративу иқтисодии кишвар гардид.

Дар охири асри XIII аз ҷониби хонҳои Хайду ва Тува шаҳри нави Андиҷон бунёд гардид, ки пас аз як садсола мақоми маркази кӯҳнаи вилоят Узгандро коста карда, ба шаҳри асосии вилояти Фарғона табдил ёфт[1]. Сохтмони як шаҳри нисбатан калон дар Варорӯд, дар охири он аср, ки дар ибтидои он бисёр шаҳрҳои кишвар хароб карда шуданд, аз ҷумла, нишон медиҳад, ки бесарусомониҳо тадриҷан бо раванди мутамарказгардонии кишвар иваз шуданд.

Баъди гузаштани панҷ даҳсола, пас аз қурултои Талас, мо аз байн рафтани анъанаи ҳаёти ҷудогонаи байни бодиянишинҳо ва аҳолии бумии Варорӯдро мушоҳида мекунем. Писари хони Тува Кабакхон (с. 1318-1326) барои худаш дар водии Қашқадарё қасре (муғулӣ “қаршӣ”) сохт, ки дар атрофии он шаҳри ҳамном ба вуҷуд омад. Ин амали хони чағатоӣ маънои барҳам додани суннатҳои зиндагии кӯчманчигӣ ва пеш аз ҳама, бо ясаи Чингизхон буд. Вай, инчунин ислоҳоти пулӣ гузаронида, тангаҳои нуқраро бо номаш (динорҳо ва дирҳамҳо) баровард, ки онҳо солҳои тӯлонӣ дар гардиши молӣ буда, баъди сари вай ҳам “кабакӣ” номида мешуданд. Ворис ва бародари ӯ Тармаширин (с. 1326-1334) дини исломро қабул кард, ки дасткашии шадид аз

[1] Бартольд В.В. Улугбек и его время. Сочинения. Т.II.Ч. II.-М.: «Наука», 1964, с.32.

суннатҳои кӯчманчигӣ ба шӯриши амирони муғул оварда расонд, ки дар натиҷа хон сарнагун гашт ва қатл карда шуд. Ҳавзаи дарёи Илӣ (дар ҷанубу шарқи Қазоқистони муосир) дубора қароргоҳи ашрофзодагони бодиянишини кишвар гардид[1].

Дар ибтидои асри XIV ду раванди мувозӣ мушоҳида карда мешуд – муқимӣ гаштани қабилаҳои туркӣ-муғулӣ дар водиҳои Варорӯд: қабилаи барлос дар водии Қашқадарё, қабилаи ҷалоир дар наздикии Хуҷанд (дарвозаи водии Фарғона), қабилаи арлат дар соҳили чапи Амударё мустақар гаштанд. Аз тарафи дигар, хонҳо низ ба сохтмони қасрҳои доимии худ ба зиндагии бумӣ майл намуданд. Дар аввали солҳои 40-уми асри мазкур, хони нави Қазонхон низ дар наздикии Қаршӣ қасри худро сохта буд. Кӯшиши ӯ барои таъсиси ҳокимияти мутамарказ боз норозигӣ ва исёни пешвоёни қабиларо ба миён овард, ки яке аз онҳо Қазаған буд, ки солҳои 1346-1347 ӯро мағлуб кард ва ба қатл расонд. Пас аз он, қудрат дар Варорӯд ба ихтиёри Казаған гузашт, ки ӯро ва ҳокимони минбаъдаи аҳолии бумӣ *амирон* меномиданд (анъанаи Сомониён), ки онҳо барои қонунигардонии қудрати худ, хонҳои воқеӣ ё тахайюлии чингизиёнро ба тахт бароварданд. Ин анъана аз ҷониби амирони дуғлатӣ ҳавзаи Тарим низ қабул карда шудааст. Дере нагузашта дар байни Варорӯд ва ҳавзаи Тарим, ки онро тоҷикон «Муғулистон» меномиданд, фарқияти фарҳангӣ ба вуҷуд омад: сокинони якум аҳолии дувумро «ҷете» («роҳзанон») меномиданд ва бараъкс, худашон номи «караунас» («метисҳо»)-ро аз онҳо гирифтанд[2].

Салтанати ин амир Қазаған, ки то соли 1358 идома ёфт, комилан мувофиқи анъанаи бодиянишинон гузашта, тобистон ӯ дар атрофии Балҷувон (Тоҷикистони муосир) ва дар зимистон ба ҷануб Саройкамар (Панҷи Тоҷикистон) дар дашт зиндагӣ карда,

---

[1] Ҳамон ҷо, с.32-33.
[2] Бартольд В.В. Улугбек и его время. Сочинения. Т.II.Ч. II.-М.: «Наука», 1964, с.35-36.

бе муқобилистӣ бо “роҳзанон”давлатро идора мекард. Пас аз маргаш писараш Абдуллоҳ, ки аллакай дар Самарқанд муддати тӯлонӣ зиндагӣ мекард, ба тахт омад. Амири нав мехост пойтахти худро ба ин шаҳри бузург интиқол диҳад, ки амирон–ҷонибдорони тарзи зиндагии бодиянишин ба он муқобилати сахт нишон доданд. Дар ин муборизаи “даштҳо ва шаҳрҳо” амири Варорӯд фавтид ва кишварҳо дубора ба солҳои даргириҳои дохилӣ ва ҳамлаҳои беруна аз Муғулистон гирифтор гардиданд. Мушкилоти барқарор кардани субот ва мутамарказгардонии қудрат дар Варорӯд, масъалаи хеле муҳим буд, ки амир Темур аз ӯҳдаи он ба хубӣ баромад.

Тавре ки маълум шуд, дар Варорӯд анъанаҳои империяи бодиянишинон тадриҷан, мавқеи худро дар назди фарҳанги мусулмонон ва дар маҷмӯъ, анъанаҳои Сомониён аз даст додан гирифтанд. Аммо ин гузариш, ки мустақиман аз набераҳои Чингизхон оғоз ёфт, хеле дарднок гузашта, онро бенизомиҳои зиёди сиёсиву низомӣ ва муқовимати шадиди ҷонибдорони анъанаи бодиянишинон ҳамроҳӣ мекард. Анъанаи бодиянишинии муғулҳо дар Варорӯд муддати тӯлонӣ муқовимат кард, ки хонҳои чингизиён, сарфи назар аз он, ки намояндагони алоҳидаи онҳо ба тарзи ҳаёти шаҳрӣ (бумӣ) майл доштанд, натавонистанд онро комилан шикананд. Дар натиҷа, шаҳрҳои сершумори Ҳафтрӯд, ки ба туфайли хатсайри шимолии Шоҳроҳи Абрешим дар гузашта сарватманд шуда буданд, ба як марзи байни се улуси (кишвари ) муғулӣ гашта ва мувофиқан, ба майдони муҳоҷират, бархӯрд ва ҷанги дохилии тӯлонӣ мубаддал гашта буданд, хароб гаштанд.

Ин даври муборизаи шадиди стратегияи Сомониён ва ясаи Чингизхони ҷангҷӯ буд, ки дар он аввалин ғалаба кард, лекин дувумин дар шуури ҷамъиятии мардуми минтақа то замони нав «доғҳо» боқӣ гузошт.

Дастовардҳои илми муосир имкон медиҳад, ки ба баъзе аз лаҳзаҳои таърихи асрҳои миёна, ба вижа вазъи илм дар даврони Чингизхон ва ворисони ӯ бо назари тоза бингарем. Қаблан, муҳаққиқон ба хароб кардани Бағдод, пас аз қатли ваҳшиёнаи халифаи охирин (барои гирифтани маълумот дар бораи хазинаи афсонавии ӯ) ва муҳосира ва хароб кардани қалъаи «ғасбнашавандаи» исмоилиҳои Аламут диққати махсус доданд. Дар айни замон, пас аз истилои харобиовари муғулҳо аз Шарқи Дур то Шарқи Наздик, таҳқиқот оид ба масъалаҳои рушди шаҳр ва муносибат ба илмҳои гуногун аз тарафи онҳо пайдо шуданд. Ҳоло мо метавонем фаъолияти ду хонро аз хонаводаи Чингиз-асосгузори давлати Илҳонҳо Ҳулагу (дар Эрон) ва императори муғулу чинӣ Хубилай (дар Чин) ҳамчун ҳомии ду донишманди барҷастаи тоҷик – хуросонӣ Насириддини Тусӣ ва бухороӣ Ҷамолиддини Бухорӣ баррасӣ кунем.

Донишманди барҷастаи тоҷик Насириддини Тусӣ (с. 1201-1274), ба монанди бисёр шоирон, олимон ва арбоби давлатии барҷаста (Фирдавсӣ, Низомулмулк ва бисёри дигарон) аз деҳаи машҳури Тус буд. Ӯ дар оилаи исмоилиҳо ба воя расида, ҳанӯз пеш аз забти Варорӯд ва Хуросон аз ҷониби муғулҳо, аллакай бисёр илмҳоро (химия, биология, математика ва мантиқ) аз худ кардааст. Ҳангоме ки муғулҳо ба Нишопур наздик шуданд, ӯ ба яке аз қалъаҳои исмоилия дар қисмати кӯҳии (назди баҳри Каспий) Эрон кӯчид, ки аз замони мухолифат бо қудрати расмӣ бунёд карда шуда, фаъолият мекард. Дар солҳои охир ӯ дар қалъаи мағлубнашавандаи Аламут бо китобхонаи бузург ва расадхонаи ӯ ба илм машғул буд. Дар ин ҷо, пас аз муҳосираи қалъа аз ҷониби сарбозони муғул бо роҳбарии Ҳулагухон, вай ба асорат афтид. Ин хон, ки ба монанди Арӯзи Самарқандӣ, ки ситорашиносиро яке аз рукнҳои муҳими ҳукумат медонист, ин нуҷумшиноси маъруфро аз асорат раҳо кард. Хон, инчунин, ба ӯ

мушоҳидаи мушаххаси астрономӣ ва назорати масъалаҳои диниро супорида, ӯро ба манбаъҳои зарурии молиявӣ таъмин намуд. Ба ин маблағи хон, дар мавзеи Мароға, дар наздикии шаҳри Табрез, ки ба пойтахти давлати нави муғулҳои Илхонҳо табдил ёфта буд, як расадхонаи нави сангин сохта шуд, ки ба он китобхонаи Аламут (40 ҳазор китоб !) интиқол дода шуда, бо ходимони илмӣ таъмин карда шуд[1].

Дере нагузашта, ин расадхона дар Мароға, ки ба фаъолияти он бисёр олимони маъруфи замон ҷалб карда шуда буд, ба шарофати таҳқиқоти илмии Тусӣ ва шогирдони вай-ворисон, ки дар байни онҳо Садр Шариаи Бухорӣ (ваф. 1347) мавқеи хосро дошт, ба макони илмии он замон табдил ёфт. Тибқи иттилои мутахассис, маҳз вай дар такмили низоми ҷисмҳои осмонии Птолемей ба муваффақиятҳои чашмрас ноил гашта, аз ӯ низ пеш гузашт[2].

Ҳамин тариқ, Насириддин Тӯсӣ ва шогирдони ӯ аз «мактаби Мароға», ба мисли дигар мактабҳои «нашъунамои маърифати тоҷику исломӣ» ( ренессанс), дар нигоҳдорӣ, такмили афкори илми замони антиқӣ ва интиқоли онҳо ба Аврупо, ки дар он ҷо ба зудӣ пешрафти илмӣ ва техникӣ оғоз ёфт, саҳм гузоштанд.

Агар дар Ховари Миёна Насириддин Тусӣ пурсамар фаъолият карда бошад, пас дар пойтахти Хубилай таҳқиқоти илмиро Ҷамолиддин аз Бухоро анҷом додааст. Аз рӯи маълумоти коршиносон, хон ба ӯ дастур дод, ки донишгоҳи астрономии исломиро таъсис диҳад, ки мебоист дар баробари донишгоҳҳои чиниҳои суннатӣ фаъолият мекард, ки дар байни онҳо муҳити рақобат ба вуҷуд меовард. Олим-ситорашинос, ки қаблан дар Муғулистон кори илмӣ мебурд, бо нақшаи муфассали асбобҳои астрономӣ: устурлоби комил, глобуси осмон бо ситораҳо,

[1] Старр Ф. Маърифати гумшуда, с. 506-508.

[2]Ҳамон ҷо, с.506-508.

глобуси курраи Замин ва ғайра, ки аз ҷониби як устои чинӣ тарроҳӣ шудааст, ба пойтахти нави Хубилай омада, онҳоро ба хон тақдим кард. Глобуси куррашакли Ҷамолиддин дарёҳо, уқёнусҳо ва ҳатто дарозии роҳҳоеро, ки дар асоси модели гурганҷии глобуси Абурайҳони Берунӣ сохта шуда буданд, инъикос мекард[1].

Ин коршиноси муосир гузориш медиҳад, ки «дар тӯли як аср ин Донишгоҳи астрономии исломӣ ва расадхонаи он мутафаккиронро аз Осиёи Марказӣ ба Пекин ҷалб мекард. Расадхона то ба имрӯз боқӣ мондааст. Дар солҳои 1360 якчанд тарҷумон аз Қундуз (Афғонистон), ки ба Шамсиддин хизмат мекарданд, барои тарҷумаи асарҳои астрономии юнонӣ ва арабӣ ба чинӣ, аз ҷумла асарҳои Евклид ва Птолемей, инчунин «Солномаи халқҳои қадим»-и Берунӣ ва асарҳои нисбатан нави Насириддини Тусиро истифода карданд. Дар ҳамон солҳо, боз як зодаи дигари Самарқанд Абумуҳаммад Ато Аҳмад Хоҷа Санҷуфинӣ ҷадвалҳои астрономӣ омода кардаст ва барои ҳокими муғул гирифтани офтобро дар Тибет пешгӯӣ кардааст»[2].

Агар як қатор илмҳоро хонҳои чингизӣ дастгирӣ мекарданд, пас адабиёти тоҷик, ба туфайли васеъ гардидани майдони стратегияи Сомониён дар давраҳои гузашта, алалхусус, берун аз Варорӯд ва Хуросон самараи фаровон дод. Мулоқоти фоҷиабори шоири бузурги суфиён Фаридаддин Аттор (с. 1145-1221) бо як аскари муғули бесавод, ки дар шаҳри забтшудаи Нишопур ба ғорати оддӣ машғул буд, бараъло нишон медиҳад, ки ин ду ҷаҳон ба як дигар мувофиқат намекунанд. Шоири бузурги тасаввуф Аттор, ки идеали ниҳоии он инкор кардани худ ва ваҳдати маънавӣ бо Офаридгор буд («ваҳдати вуҷуд»), чунон ноумед шуд,

[1] Старр Ф. Потерянное просвещение. Золотой век Центральной Азии от арабов до Тамерлана./ пер. с анг. яз.-М.: Альпина Паблишер, 2017, с. 420-421.
[2] Ҳамон ҷо, с. 421.

ки як аскари оддии муғул ба сари ӯ нархи ночиз гузошт. Аз ин рӯ, ӯ чандин маротиба пешниҳодҳои фидяи ҳамватанонашро рад кард, ки аскари ҷангҷӯи руҳафтода чун дид, ки фоидаи моддӣ (на нобиғаи тафаккур) аз дасташ меравад, бо ноумедӣ ва кина ӯро бо шамшер ба қатл расонид[1].

Агар ҳуҷуми муғулҳо боиси қатъ гардидани парвози баланди тафаккури яке аз суфиёни барҷастаи халқи тоҷик гардад, пас нобиғаи дувуми андеша Ҷалолиддини Балхӣ/Румӣ (с.1207-1272) маҷбур шуд, ки таҳқиқоти адабӣ ва маънавии (илоҳии) худро берун аз ватани худ, идома диҳад. Зодаи яке аз водиҳои Тоҷикистони муосир (Вахш) Ҷалолиддин, пас аз гирифтани маълумоти ибтидоӣ дар Варорӯд (Вахш, Самарқанд), дар арафаи ҳуҷуми муғулҳо Варорудро бо оилааш тарк кард[2]. Пас аз саргардонӣ дар шаҳрҳои Нишопур, Бағдод, Ҳиҷоз, Димишқ, Ҳалаб ва Макка, ки Ҷалолиддин таҳсилашро дар ин шаҳрҳо низ (таҳти роҳбарии падараш) идома додааст, вай бо оилааш, ниҳоят, дар шаҳри Қуния маскун шуданд[3]. Дар ин ҷо, пас аз фурӯпошии давлати Салҷуқиён, сарварони мухталифи оғузҳо-туркманҳо давлатҳои хурди бейликҳо ташкил карданд, ки дар байни дигар чизҳо «синтези тоҷикӣ-туркӣ»- ро гиромӣ медоштанд.

Ривоятҳо нишон медиҳанд, ки Ҷалолиддини ҷавон дар шаҳри Нишопур бо суфии бузург Фаридаддин Аттор мулоқот кардааст, ки дар қатори дигар чизҳо, дар фалсафаи динии ӯ нақши фаромӯшнашаванда гузоштааст. Вай натанҳо суннатҳои суфиёни пешгузаштаи бузурги худро идома дод (дар яке аз ашъор худро пайрави ӯ меномад), балки онҳоро эҷодкорона боз ҳам такмил дод:

---

[1] Ҳамон ҷо, с. 430.
[2] Старр Ф. Потерянное просвещение. Золотой век Центральной Азии от арабов до Тамерлана./ пер. с анг. яз.-М.: Альпина Паблишер, 2017, с. 424.
[3] Гафуров Б. Тоҷикон. Китоби I. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна.-Душанбе, Ирфон,1998, с.635.

Аттор рӯҳ буду Санои ду чашми ӯ,
Мо аз пайи Саноию Аттор омадем[1]
(Румӣ)

Дере нагузашта, пас аз эҷоди мактаби суфиёни маҳаллӣ («мавлавия» аз Мавлоно Румӣ), вай таълим ва роҳбарии мустақими мактабро ба шогирдонаш (муридон) супурда, худаш бевосита ба таҳияи пояҳои ин мактаб, мустақиман, камари ҳиммат баста, асари машҳури худ «Маснавии маънавӣ» ва девони ғазалҳоро эҷод кардааст, ки ҳар ду бо забони модарии тоҷикӣ таълиф ёфтаанд[2]. Эҷодиёти Ҷалолиддин, ки аз Варорӯд (Балх) оғоз ёфта, дар Осиёи Хурд (Рум) идома ёфт, дар ниҳоят уфуқҳои стратегияи Сомониён, алалхусус, тоҷикофония ва мазҳаби ҳанафии исломи суннитаборро то соҳили гулӯгоҳи Босфор васеъ карда, онҳоро барои садсолаҳои оянда низ устувор гардонд.

Намояндаи дигари барҷастаи ин муҳоҷирати маҷбурӣ Амир Хусрав Деҳлавӣ (с.1253-1325) мебошад, ки падари ӯ зодаи шаҳри Кеш (Варорӯд) буда, дар вақти ҳуҷуми муғулҳо самти дигар, самти Ҳиндустонро интихоб кардаст. Ӯ дар яке аз шаҳрҳои шимоли Ҳиндустон таваллуд шуда, пас аз гирифтани таҳсил, шаҳри Деҳлӣ, пойтахти салтанати исломиро макони зист интихоб кард. Барои ҳамин Амир Хусрав дар дарбори ин салтанат фаъолиятро оғоз намуда, тахаллуси «Деҳлавӣ»-ро соҳиб гардид. Вай анъанаи шоирони бузурги тоҷик ва тоҷикзабононро дар навиштани «Хамса» (девони шоирона, иборат аз панҷ қисмати алоҳида), ки аз Низомии Ганҷавӣ, ки дар Қафқози ҷанубӣ эҷод намудааст, идома додааст. Шеърҳои ошиқона –

[1] Мирзозода Холик. Таърихи адабиёти точик (Аз давраи кадим то асри XIII), с.126
[2] Гафуров Б. Тоҷикон. Китоби I. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна.-Душанбе, Ирфон,1998, с.636.

қаҳрамононаи ӯ, аз матолиби маҳаллӣ (ҳиндӣ), имкон доданд, ки навои тоҷикӣ дар сарзамини бостонии Ҳинд мустаҳкам карда шавад[1].

Ба ин зумра эҷоди муаллифи асари назмӣ (тазкира), ки то замони мо омада расидааст, «Лубоб-ул-албоб» («Мағзиз-ар-раҳо»)-и Муҳаммад Авфӣ, ки зодаи Марв ва тарбиятдидаи Бухоро дохил мешавад, ки ҳангоми ҳуҷуми муғулҳо дар Ғӯр буда, ин вилояти тоҷикнишинро маскани доимии худ интихоб намудааст. Вай ин асари худро ба вазири султони маҳаллӣ бахшидааст (соли 1221). Баъдтар, ба Ҳиндустон кӯч баста, вай асари нав «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавоме-ур-ривоёт» («Маҷмӯаи ҳикояҳо»)-ро навишт, ки онро ба вазири султони Деҳлӣ Илтутмиш Низомулмулк Ҷунайдӣ бахшидааст. Дар ин асар, инчуни рӯйдодҳои пурарзиши таърихӣ то соли 1230 инъикос гардидаанд[2].

Сарфи назар аз набардҳо ва бесарусомониҳои дохилии замони ҳукмронии муғулҳо, анъанаи таърихнигории тоҷикӣ-мусулмонӣ қатъ нагардид, балки бомуваффақият рушд кард. Ба ин се намунаи асари ҷолиби таваҷҷуҳро месазад ворид намуд.

Яке аз сарчашмаҳои муҳимми он давра «Табақоти Носирӣ», ки соли 1260 аз ҷониби Абуумар Ҷузҷонӣ навишта шудааст, ба шумор меравад, ки таърихи ҳокимони Ғазна, Ҳиндустон ва ҳукмронии муғулҳоро тавсиф кардааст. Ин яке аз беҳтарин асарҳои таърихии минтақаи Ғӯр дар давраи асрҳои миёна мебошад[3]. Ду асари дигар дар Эрон эҷод шудаанд: аввалин «Таърихи Ҷаҳонкушо» («Кашфкунандаи ҷаҳон»)-и Алоуддин Ҷувайнӣ (ваф. 1283) ва «Ҷомеъ-ут-таворих» («Маҷмӯаи солномаҳо»)-и Фазлулоҳ Рашидадин (вафоташ с. 1318)[4].

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки мухолифати фаросат (интуитсия) ба илмҳо, ки аз замони диншиноси тасаввуф Ғаззолӣ оғоз

[1] Гафуров Б. Тоҷикон. Китоби I. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна.-Душанбе, Ирфон,1998, с.637.

[2] Ҳамон ҷо, с.637.

[3] Ҳамон ҷо, с.637-638.

[4] Ҳамон ҷо, с.638.

ёфта буд, ки бо дастгирии тахт ҳамлаҳои худро бар зидди намояндагони мулоҳизакор (ратсионалистон) ва ҳама «аҳли қалам» оғоз кард, босуръат тақвият ёфт. Мувозинати классикии байни «аҳли қалам» ва «аҳли салла», ки ба шарофати вазирони бузурги хонаводаи Бармакиён ба вуҷуд омадааст ва аз ҷониби Сомониёни баландмаърифат то ба дараҷаи сиёсати давлатӣ расонида шуда буд, оҳиста- оҳиста дар замони давлатҳои баъди Сомониён мақом ва маъруфияти худро аз даст додан гирифт. Аз як тараф, «аҳли салла» (дар иттифоқ бо зоҳидон-сӯфиён) ва шоирони сершумори мадҳияхон аз тарафи дигар, иттифоқи тахтро бо «аҳли қалам» суст намуда, онро ба бӯҳрон бурданд. Мисоли барҷастаи ин рӯзгори олими маъруф Насириддин Тусӣ мебошад, ки эҷодиёти асосии ӯ (пеш аз муғулон), аллакай, дар мухолифат ба ҳукумати марказӣ дар қалъаҳо бо китобхонаи бой мегузашт.

Ташаккулли чор равиши тасаввуф (ясавия, кубравия, мавлавия ва нақшбандия) бо решаҳои варорӯдӣ-хуросонӣ (ва тоҷикӣ-туркӣ) пеш аз замони муғулон ба таври равшан шаҳодат медиҳад, ки мушоҳидаи бидуни иҷтимоӣ (ба ҷойи фаъолиятҳои шаҳрвандӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ) дар ҳаёти ҳаррӯзаи иҷтимоии халқҳои ин кишварҳо мақоми худро соҳиб гардид.

Ҳангоми эътирози ақлонӣ, барои интихоби бартарият байни мушоҳидаи сӯфӣ (интихоб бо «қалб») ва ҷустуҷӯи фаъоли илмӣ (интихоб бо «ақл»), ба кишвар ба монанди «малахи гурусна» ворид шудани муғулҳо ин интихоби оммавию иҷтимоиро боз ҳам мушкилтар гардонд. Муғулҳо танҳо ба ҳунармандони моҳире, ки таҷҳизоти муҳандисӣ ё ҳарбӣ-техникиро барои ишғоли қалъаҳо сохта метавонистанд ва барои пешрафти минбаъдаи артиши сайёр мусоидат мекарданд, раҳм менамуданд. Онҳо, инчунин, ҳимояи қисматҳои руҳониёни анъанавӣ ва тоҷирони сарватманд, ки ба ҳукумати нав садоқат изҳор менамуданд ва аз байни онҳо мансабдорони мулкиро барои саривақт ситонидани андозҳо ҷалб мекарданд, ба дӯши худ

гирифтанд. Доираи ҷаҳонбинии онҳо, ки бо сеҳру ҷодугарии даштӣ маҳдуд буд, наметавонист дар он ҷо донишҳои астрономӣ ва дигар донишҳои амиқи илмиро ҷойгир кунад.

Дар натиҷа, баҳси донишманд Абуалӣ Сино («ман медонам!») ва шайхи тасаввуфи хуросонӣ («ман мебинам!»), ки дар минтақа дусад сол пеш аз ҳуҷуми муғулҳо, ба миён омада буд, бо фаъолияти омӯзгории рӯҳонии самти тассавуф Ғаззолӣ (бо дастгирии Низомулмулк) боз ҳам печидатар гашта, дар «замонҳои торик»-и муғулҳо  бо ғоратгарӣ, зӯроварӣ ва ҷангҳои дохилии онҳо «мардуми салла» аз «аҳли қалам»  мавқеи баландтар гирифтанд.

Дере нагузашта кӯшиши пурғайрати қудрати султонҳои темурӣ (Улуғбек ва Ҳусайн Бойқаро) барои эҳёи фаъолияти илму маърифат ба амал омад, аммо онҳо охирин «шӯълаҳо» пеш аз «хомушшавӣ»-и давомнок ва дарднок буданд.

## 3.7. Темуриён ҳамчун ворисони маърифатноки стратегияи Сомониён

Агар орзуи деринаи мутафаккирони антиқа дар бораи он, ки як олими донишманд ба сари қудрати олии давлат бархезад, дар Ғарб (дар Аврупо) дар симои император-файласуфи Рим Марк Аврелий таҷассум ёфта бошад, пас дар Шарқ (дар Варорӯд) он дар шахси олим-амир Улуғбек, набераи асосгузори давлати Темуриён, таҷассум ёфтааст.

Калимаи маъруфи «тамоми қисмати маскунии ҷаҳон ба доштани ду шоҳ арзанда нест»[1] бунёдкори охирин давлати абарқудрати Варорӯд, амир Темур, равшан нишон медиҳад, ки рисолати таърихии эҳёи стратегияи Сомониён дар шукӯҳи нав ба кӣ супорида шудааст. Дуюмин бор бунёд намудани як давлати азими мутамарказ дар Варорӯд ва Хуросон баъди аҳди Сомониён, аз тарафи амир Темур, аз ҷумла чизҳои дигар, мубодилаи бардавоми афкор, ғояҳо ва навовариҳоро дар як минтақаи фароҳи маркази Авруосиё таъмин кард, ки ба ин ҷо на танҳо аз минтақаҳои ҳамсоя, балки аз Аврупои дур ва эҳёшудаистода низ, намояндагон ташриф оварданд.

Пас аз якуним садсолаи воруди Варорӯд ба империяи васеи бодиянишини Чингизиён ва дар зери таъсири шадиди фарҳанги мусулмонон, дар маҷмӯъ, ва таъсири стратегияи Сомониён, аз ҷумла, қарор ёфтани бодиянишинҳо дар он дигаргунии куллӣ сурат нагирифта наметавонист. Стратегияи пурқудрати Сомониён, ки кайҳо марзҳои Варорӯд ва Хуросонро убур карда, натанҳо дар ҷанубу шарқӣ ба халиҷи Бангола ва дар ҷанубу ғарби ба гулугоҳи Босфор расидааст, балки пойтахти империяи Муғулистону Чин Юанро низ фаро гирифта буд, наметавонист дар ватани таърихии худ дубора эҳё нашавад.

---

[1] Бартольд В.В. Работы по истории Средней Азии. Сочинения. Т.II.Ч.I.-М.: «Восточная литература», 1963, с.159.

Ғайр аз ин, воқеият он аст, ки ин нақшро, на намояндаи тоҷикон ва ё яке аз халқҳои турк, балки муғули туркшуда (аз қабилаи барлос) амир Темур иҷро кардааст. Ба ақидаи мо, ин қабилаи муғулӣ (барлос), дар ҷараёни туркигардӣ, ҳамзамон яке аз ҷузъҳои асосии ҳамзистии осоиштаи халқҳои тоҷику турк – ("синтези тоҷику турк")-ро , ки аллакай таърихи 800 сола дошт, қабул кард. Ба тариқи дигар, онҳо дар раванди гузаштани қабилаҳои муғулӣ ба тарзи ҳаёти муқимӣ дар Варорӯд ва Хуросон анъанаҳои маҳаллиро қисман ё пурра қабул карданд, ки дар байни онҳо анъанаҳои Сомониён мақоми хосса доштанд. Ин як давраи фарогирӣ ва рақобати шадиди стратегияи Сомониён бо *ясаи* Чингизхони ҷангҷӯ, ки ҳаёти ҳаррӯзаи бодиянишинро ба танзим медарорад, буд, ки баъзан натиҷаҳои ғайричашмдошт медод.

Тавре ки аз зербобҳои пешина маълум шуд, Варорӯд ва ҳавзаи Тарим, бинобар ба равандҳои оммавии гузаштани қабилаҳо ва қавмҳои туркию муғулӣ ба дин ва тамаддуни исломӣ, аз ҷиҳати фарҳанг ва тамаддун аз ҳамдигар ҷудо шудан гирифтанд. Ҳавзаи Тарим, аз тарафи муаллифони тоҷику мусулмонӣ ва аҳолии он номи нав (*Муғулистон*) ва мардуми он ба сабаби тамоюл ба ҳамлаҳо ва ғоратгариҳои доимӣ номи *ҷете* (роҳзан)-ро гирифтаанд. Мардуми бумӣ ва бодиянишини Варорӯд, ки он замонҳо ҳамчун бо номи *улуси Чағатой* маълум буд ва аҳолии он дар тасаввури муғулҳо "*караунас*" (яъне метисҳо) буданд. Ин тафовути фарҳангӣ, инчунин, сабаби ҳуҷуми сершумори хонҳои Муғулистон ба Варорӯд ва ғорат шудани шаҳрҳо ва аҳолии он, бо сабаби парокандагии кашмакашиҳои хонҳои амирон ва пешвоёни қабилаҳои маҳаллӣ буд. Замони ин берабтиҳо ва бесарусомониҳо пешвои нави як давлати бузурги обод ҳамчун амир Исмоили Сомонӣ талаб мекард, ки метавонист қудратро дар тамоми минтақаи Варорӯд ва минтақаҳои атрофи он мутамарказ кунад ва бо ин ба парокандагӣ ва низоъҳои дохилӣ хотима бахшад ва субот ва рушди минбаъдаи онро таъмин кунад.


ДАВЛАТИ САРБАДАРОН
асри XIV
АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ
НИШОПУР шаҳрҳои калонтарин
Сорӣ дигар шаҳрҳо
БАЙҲАҚ номи вилоятҳо
сарҳадди давлат
самтҳои алоқа
0 150 300
БАХРИ ХАЗАР
ТАБАРИСТОН
ИРОҚ
ГУРГОН
КУМИС
БАЙҲАҚ
НИШОПУР
ЗОБУЛИСТОН
Дашти Кавир
кӯли Намак
Ҳилманд
Балх
Тирмиз
Карки
Андхой
Маймана
Фирузкӯҳ
Қандаҳор
МАРВ
Марворуд
ҲИРОТ
Исфизор
Фарах
Чувайн
Зарранг
Зобул
Зоҳидон
Яздон
Бирчанд
Нисо
Хабушон
Тус
НИШОПУР
Сабзвор
КИРМОН
Рафсанчон
Серчон
Язд
ГУРГОН
Домғон
Сорӣ
Симнон
Омул
Рай
Кошон
Исфаҳон
Қум
Қазвин
Гулпойгон

Ин рисолати таърихиро навомадаҳо аз шарқ – қабилаи барлос, ки дар замони хонҳои Чағатой, аз даштҳои муғул ба Варорӯд куч баста, соҳили рости гардиши миёнаи Амударёро барои зисти нави худ интихоб кардаанд, бомуваффақият ба анҷом расониданд.

Фаъолияти даҳсолаи намояндаи барҷастаи ин авлоду қабила амир Темур аз соли 1360 то 1370, натанҳо сатҳи бесарусомонӣ ва мунокишаи дохилиро, балки дар канор гузоштани ғояҳо ва арзишҳои даштиро дар зери таъсири фарҳанги мусулмонон дар Варорӯд ба таври возеҳ нишон медиҳад: исён натанҳо алайҳи хонҳои чағатоӣ, балки бар зидди амирони улус низ; бунёди қасрҳо ба ҷойи идома додани кӯчбандии мавсимӣ; ба Самарқанд баргаштани қароргоҳи ҳоким; эҳтиром ба рӯҳониёни исломӣ ва ғ. [1].

Амири нав ба тахтнишаста Темур, аввалин офарандаи давлати нав аз ғайричағатоиҳо, балки аз намояндагони муваффақи амирони кишвар (улус), ки қудрати худро тавассути дипломатияи никоҳӣ (издивоҷ бо намояндаи хонадони чағатоиҳо – духтари Қазонхон) қонунӣ гардонид, аз *ясаи* Чингизхон комилан даст кашида натавонист. Дар тӯли якуним садсолаи ҳукмронии чингизиён дар қаламрави васеи Авруосиё ин *ясаи* Чингизхон, натанҳо дар Дашти Бузург, балки дар кишварҳои забтшуда низ эътибору нуфузи бебозгашт пайдо кард, ки дар он ҷо бо анъанаҳои сиёсиву фарҳангии маҳаллӣ бомуваффақият рақобат карданд. Аз ин рӯ, амири нав (унвони Сомониён), инчунин унвони нави даштӣ *гургон* (*домод*)[2]-ро гирифт, то наздикии худро ба хонадони чингизиён (дар байни бисёр довталабони қудрат) нишон диҳад. Воситаи дигари қонунигардонии қудрати худ аз ҷониби Темур амалияи ба тахт шинондани хонҳои лӯхтакмонанд аз чингизиён мебошад. Акнун хонҳои қалбакӣ халифаҳои Аббосиро барои муассисони воқеии давлатҳои нав иваз карда буданд.

---

[1] Бартольд В.В. Работы по истории Средней Азии. Сочинения. Т.II.Ч.I.-М.: «Восточная литература», 1963, с.157-158.

[2] Бартольд В.В. Работы по истории Средней Азии. Сочинения. Т.II.Ч.I.-М.: «Восточная литература», 1963, с.157.

Вале воситаи муассиртарини таъсиси як давлати азим, ба мисли даврони Сомониён, воситаҳои зерин, ба монанди *шамшер* ва *хутба* боқӣ монданд, вақте ки асосгузори давлат ба шарофати қувваи мусаллаҳи худ, як қатор шаҳрҳоро забт карда, ба масҷиди бузурги онҳо даромада, талаб мекард, ки дар он *хутба* ба номи ӯ хонда шавад, ки он тасдиқи таъсиси як давлати навро муқаррар менамуд. Ин вазъият, ба монанди панҷсад соли пеш, маънои тағйири қудрат ва бунёди сулолаи навро дошт.

Дар ин ҷо мо бо андешаи коршиноси барҷаста, ки тасдиқ мекунад, ки дар рафтор ва коргузории амир Темур анъанаҳои урфу одатҳои муғулӣ нисбати суннатҳои мусулмонӣ (аз ҷумла, стратегияи Сомониён) афзалият пайдо кардаанд, розӣ шуда наметавонем[1], зеро як қатор мисолҳои бартарияти дувум вуҷуд доранд:

-унвони *амир,* ки онро худи Темур қабул кардааст (мусулмон-Сомониён), на *хон* ё *гурхон* (унвонҳои даштӣ);

-идомаи суннати хонҳои мусулмоншудаи пешгузаштагон, сарфи назар аз муқовимати шадиди нигоҳдорони суннатҳои даштӣ, ки кӯчманчигии доимиро афзал медонанд;

- дар марз бо дашт (ба истисноИ Шаҳрисабз ва Самарқанд) бунёди мақбараи боҳашамат ба авлиёи машҳур дар байни халқҳои дашти Аҳмад Ясавӣ (дар наздикии Туркистони Қазоқистони муосир), инчунин машваратҳо ба меъморон ва бинокорон дар ҷараёни банақшагирӣ ва сохтмони иншооти азими мусулмонон;

-мубоҳисаҳои оммавӣ дар мавзӯъҳои динӣ бо рӯҳониёни пешбари давлати исломӣ ва эҳтиром ба намояндагони маъруфи онҳо, ҳифзи масҷидҳо ва дигар сохторҳои мусулмонӣ, дар вақти муҳосира ва забти шаҳрҳо ва кишварҳо;

-ҳифз ва истифодаи васеи забони тоҷикӣ дар коргузорӣ ва истифодаи васеи амалдорони мулки (тоҷики)-и давлати худ;

[1] Ҳамон ҷо, с.158.

-ҷалби олимон ва шоирони кишварҳо ва шаҳрҳои забтшуда ба пойтахти давлат (Самарқанд), суҳбат бо онҳо дар мавзӯъҳои таърихӣ, шатранҷбозӣ ва ғ.;

-ба ҳадди зиёд васеъ намудани назорат аз болои хатсайрҳо ва шаҳрҳои калидии хушкигарди Шоҳроҳи абрешим ва ғ.[1].

Яке аз ҷанбаҳои барҷастаи фарогири фаъолияти серсоҳаи амир Темур дар он аст, ки ӯ холигии шаҳрсозиро дар Варорӯд ҷуброн кард. Маълум аст, ки муғулҳо дар замони забти Варорӯд ва Хуросон, аҳолии бисёр шаҳрҳои онро бо истисноии қисми руҳониён, ки ба истилогарони нав изҳори садоқат мекарданд, инчунин, ҳунармандон, қатли ом мекарданд. Даҳҳо ҳазор ҳунармандон ҳангоми бунёди қалъаҳо ё сохтани як пойтахти нав (Қарақорум) дар Муғулистон ва (Ханбалик-Пекин) дар Чин барои иҷрои корҳои сохтмони иҷборӣ сафарбар шуданд. Аз ин рӯ, дар Варорӯд ва Хуросон норасоии ҳунармандони дорои анъанаи пайвастаи ҳазорсола, ки онро Амир Темур, ки анъанаи рабудани ҳунармандонро ин дафъа, бараъкс ба Осиёи Марказӣ идома дод, пур кард. Бунёди «иншоотҳои пирузӣ», ки дар замони Қарахониён оғоз ёфта буд, дар доираи амири Темур ва ворисони ӯ миқёси азимеро ба даст овард. Дурахш ва шукӯҳи чунин иншооти бошукӯҳ, ба монанди Гӯри Амир, Бибихонум, Шоҳи Зинда ва бешубҳа, мадрасаи Улуғбек (ҳамчун қисми якуми маҷмааи Регистон), имрӯз аз бузургии биносозиии онҳо шаҳодат медиҳад. Бисёр соҳаҳои марбут ба шаҳрсозӣ, ба монанди ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, сафолсозӣ, кандакорӣ, оҳангарӣ ва ойнасозӣ бо шукӯҳу шаҳомати нав эҳё шуданд. Ҳамзамон, як пажӯҳишгари муосири амрикоӣ иқрор мешавад, ки ин «забткори ҷаҳон» аз пешгузаштагони худ бо он фарқ мекард, ки бештар ба ҷустуҷӯи «ғояҳо» не, балки ба «чизҳо» таваҷҷӯҳ дошт, аз ин рӯ, барои меъморӣ пулро дареғ намедошт[2].

---

[1] Бартольд В.В. Работы по истории Средней Азии. Сочинения. Т.II.Ч.I., с.157-160.
[2] Старр Ф. Утраченное Просвещение, с. 446.

Чун коршиноси сохаи китобдорӣ таъкид менамояд: «Дар шахрҳои Осиёи Миёна, алалхусус, дар Самарқанд дар давраи амир Темур ва Темуриён китобхонахои бузург фаъолят доштанд. Чун санъатшинос М.М. Ашрафӣ таъкид менамояд, аз давлатҳои дар ҷанг маглубшуда дар якчояги бо хунармандон дастхатҳои зиёд ба Самарканд оварда мешуд». Амир Темур соҳиби бузургтарин китобхона гардида, дар китобхонаи он бехтарин мутахассиони соҳаи китобдорӣ фаъолият доштанд.. Китобхонаи амир, ки китоб ва хуччатхои нодирро доро буд, берун аз Осиёи Миёна маъруфу машхур буд. Сафири испанӣ Гонсалес де Клавихо, ки соли 1404 ба Самарканд ташриф оварда буд, ин китобхонаи бузургро батафсил шарх додааст. Тасдики ин гуфтахоро дар асари муаррих Камолиддин Абдураззок дарёфтан мумкин аст. Тибки навиштахои таърихнигорони арманӣ, ҳангоми лашкаркашиҳои амир Темур ба Арманистон ва Гурчистон кулли китобҳои форсиву арманиро, ки ба даст даровардааст, ба Самарканд равона карда, дар як бинои алохида чамъ намудааст[1]

Қудрати иқтисодии давлати нави мутамаркази Темуриён яке аз анъанаҳои дигари Сомониён – сарпарастӣ бар Шоҳроҳи Абрешим буд. Амир Темур ба он бо ду роҳ расид:

-аввалан, бо интиқоли пойтахти давлати канории Қаршӣ (Шаҳрисабз) ба Самарқанд, шаҳри калидии Варорӯд;

-дувум, аз байн бурдани тамоми давлатҳои рақиби худ, дар хатсайрҳои хушкигард ва нуқтаҳои гиреҳии ин роҳи тиҷоратии байналмиллалӣ, аз шимоли Ҳиндустон то «Ӯрдаи Тиллоӣ» дар даштҳои ҷанубии Русия ва бандарҳои соҳилии шарқи баҳри Миёназамин.

[1] Мамадазимова М. Национальная библиотека Республики Таджикистан: история становления и развития (1933-1993 гг.). Под общ. ред. С.Р. Мухиддинова.- Душанбе, 2012.- С.10-11.

Пас аз ин талошҳои фавқулода, вай мехост, ки худи кишвари истеҳсолкунандаи абрешим-Чинро забт кунад, ки дар оғози ин лашкаркашии бузург вафот кард.

Эҳёи минбаъдаи суннатҳои Сомониён пас аз даргузашти асосгузори давлат идома ёфта, ҳокимияти олӣ, бо писараш Шоҳрух ба пойтахти Ҳирот гузашт ва дар Варорӯд писари амири нав Улуғбек, бо пойтахташ дар Самарқанд, чун волии падар ҳукмронӣ мекард. Агар дар даврони Сомониён дар байни бисёр шаҳрҳои ободи Варорӯд ва Хуросон, Бухоро ва Самарқанд, ки дар мавқеи аввал ҷойгир буданд, пас дар давраи Темуриён Ҳирот ва Самарқанд, ба мадди аввал баромаданд, ки ҳар яке дар ду минтақаи аслии тоҷикон – Осиёи Марказӣ воқеъ буданд. Дар айни замон, Ҳирот, ки аз Нишопур ва Балх мақоми шаҳри асосии Хуросонро ба даст овард, ҳамчун маркази тиҷорати байналмилалӣ бештар ба Ҳиндустон ва Самарқанд ба Чини суннатӣ нигаронида шуда буд.

Амири нав Шоҳрух (с. 1405-1447), аз падари худаш, бо фарҳанги мусулмонӣ ва урфу одатҳои парҳезгории онҳо бештар бархурдор буд ва дар ниҳоят аз анъанаҳои даштӣ пурра даст кашид. Ӯ анъанаи падари худро бо дар симои намояндагони чингизиён пешбарӣ кардани хонҳои лӯхтакмонанд идома надод. Ду писари ӯ Улуғбеку Бойсунқор ва баъдтар охирин султони маърифатпарвар (Ҳусайн Бойқаро), ба мисли панҷсад соли пеш (давраи пуршарафи Сомониён) дар эҳёи «асри тиллоӣ»-и ҳақиқӣ дар Варорӯд ва Хуросон саҳми назаррас гузоштанд. Истеъдоди онҳо на дар тақлид ба лашкаркашиҳои таҷовузкоронаи бобои пуркудрат ва на дар сиёсат, балки дар корҳои илмиву фарҳангӣ зоҳир мешуданд.

Аз рӯи маълумоти коршиносон, худи амир Шоҳрух ифтихор дошт, ки ӯ ду писари боистеъдод дорад, ки яке аз онҳо (Бойсунқор) ба ӯ дар таъмини шукуҳ ва шаҳомати давлат дар худи пойтахт (Ҳирот) ва Улуғбек дар пойтахти Варорӯд (дар Самарқанд), ки боз канори

шарқии давлатро аз ҳамлаҳо ва ҳуҷуми ҳамсоягони ноором нигоҳ медоштанд, мусоидат мекунанд.

Писари хурдии амир Шоҳрух Бойсунқор Мирзо ва модари ҳукмфарои ӯ Гавҳаршод Бегим ҳамчун ҳаммаслакони содиқи ӯ дар табдил додани Ҳирот ба шаҳри боҳашамати тамоми давлат баромад карданд. Дар пойтахт, дар байни бисёр масҷидҳо ва мадрасаҳо, инчунин як мадрасаи духтарона (Мусалла)[1] сохта шуд, ки ин як падидаи нодирест барои ҷомеае, ки рӯҳониёни иртиҷоӣ бартарӣ доштанд. Бойсунқор Мирзо бо ташкили хазинаи китоб дар шакли китобхона бештар маъруф аст.

